ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
МАКТАБИ ОЛИИ РУШД

# ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ:

## НАҚШ, МАҚОМ, СИМО ВА ЧОЛИШҲО ДАР ҶАҲОНИ ТАҒЙИРЁБАНДА

РОҲНАМО БАРОИ ОМӮЗГОРОН



ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

МАКТАБИ ОЛИИ РУШД

# ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: НАҚШ, МАҚОМ, СИМО ВА ЧОЛИШҲО ДАР ҶАҲОНИ ТАҒЙИРЁБАНДА

РОҲНАМО
БАРОИ ОМӮЗГОРОН

Бишкек, Душанбе, Алмаато

2026

УДК 378
ББК 74.58
А 50

**ТАҲИЯГАРОНИ РОҲНАМО
БАРОИ ОМӮЗГОРОН:**

1. Алимбоев А. (Қирғизистон)
2. Зиёӣ Х. (Тоҷикистон)
3. Қурбонхонов О. (Тоҷикистон)
4. Мамбетова Р. (Қирғизистон)
5. Масалиева Н. (Қирғизистон)
6. Раҳимов М. (Тоҷикистон)
7. Салморбекова Р. (Қирғизистон)
8. Удербаева С. (Қазоқистон)
9. Шамбеталиева Х. (Қирғизистон)
10. Шозимов П. (Тоҷикистон)

**А 50** ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: НАҚШ, МАҚОМ, СИМО ВА ЧОЛИШҲО ДАР ҶАҲОНИ ТАҒЙИРЁБАНДА. РОҲНАМО БАРОИ ОМӮЗГОРОН. – Алмаато, 2026. – 209 с.

**ISBN 978-601-382-317-1**

Роҳнамо барои омӯзгорон дар асоси антологияи таълимии «Занҳо дар Осиёи Марказӣ: накш, мақом, симо ва чолишҳо дар ҷаҳони тағйирёбанда» бо мақсади мутобиқ кардани он ба раванди таълим аз тарафи Барномаи инсоншиносии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ таҳия шудааст. Дар он усул ва равишҳои таҳқиқи педагогӣ барои гузаронидани дарсҳо аз рӯйи мавзуъҳои гуногуне, ки дар антологияи таълимӣ, аз ҷумла бахшҳои иловагӣ барои иншои академикӣ ва мубоҳисаҳо пешниҳод шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Барои омӯзгорони донишгоҳҳо ва муаллимони синфҳои болоӣ.

УДК 378
ББК 74.58

**ISBN 978-601-382-317-1**

© ДОМ- Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон

# МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР** .......... 4

БОБИ I
**ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МАҚОМИ ИҶТИМОИИ ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ** .......... 5

БАСТИ 1.1
**ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ ЗАНОН ДАР ТАЪРИХИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ** .......... 7

БАСТИ 1.2
**САРНАВИШТИ ЗАНОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ГУЗАШТА ВА ҲОЗИРА** .......... 15

БАСТИ 1.3
**ИНШОИ АКАДЕМИКӢ (6 СОАТ – 3 ДАРС)** .......... 24

БАСТИ 1.4
**ҚОЛАБИ МУБОҲИСАВИИ БАЙНИ ТАРАФҲО (ҚМТ) (4 СОАТ – 2 МАШҒУЛИЯТ)** .......... 38

БОБИ I
**ЗАНОН ВА СИМОИ ОНҲО ДАР ФАРҲАНГ ВА ҲУНАРҲОИ ЗЕБО** .......... 50

БАСТИ 1
**ФОЛКЛОР (4 СОАТ – 2 МАШҒУЛИЯТ)** .......... 50

БАСТИ 2
**КИНО (4 СОАТ – 2 МАШҒУЛИЯТ)** .......... 59

БАСТИ 3
**МУСИҚӢ (4 СОАТ – 2 МАШҒУЛИЯТ)** .......... 67

БАСТИ 4
**ГЕНДЕР (4 СОАТ – 2 МАШҒУЛИЯТ)** .......... 78

БОБИ III
**ЗАНОН ВА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ** .......... 94

БАСТИ 1
**МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ЗАНОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ** .......... 94

**БАСТИ 2** .......... 115

БОБИ IV
**НАҚШИ ЗАНОН ДАР МУҲИТИ ОИЛАВӢ ВА ДИНӢ** .......... 138

БОБИ V
**ЗАНОН ВА ҲУҚУҚ: АКТИВИЗМ ВА ФЕМИНИЗМ** .......... 175

**ЗАММИМА** .......... 201

# ПЕШГУФТОР

Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон Роҳнамои мазкурро барои гузарондани курсҳои омӯзишӣ барои омӯзгорон дар асоси антологияи «Занҳо дар Осиёи Марказӣ: нақш, мақом, симо ва чолишҳо дар ҷаҳони тағйирёбанда», ки аз ҷониби Шуъбаи осори фарҳангӣ ва илмҳои инсоншиносии Мактаби олии рушди Донишгоҳи Осиёи Марказӣ пешниҳод гардидааст, таҳия намудааст.

Дар таҳияи Роҳнамо барои омӯзгорон Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон шарикони хешро аз Қирғизистон, Тоҷикистон ва Қазоқистон, ки дар ин самт таҷрибаи омӯзгорӣ доранд, ҷалб намудааст. Дар Роҳнамо, дар ҳамаи бахшҳои иншои академикӣ қолаби навоваронаи байнимубоҳисавӣ (ҚНБ)*-ро ворид намуда, ки он иншои академикӣ воситаи педагогӣ ҳам барои рушди салоҳияти нави андешаронии донишҷӯён ва ҳам барои санҷишу арзёбии донишу малакаҳои онҳо дар антологияи мазкур ба кор меравад.

Роҳнамо барои омӯзгорон аллакай дар Қирғизистон (Бишкек), Тоҷикистон (Душанбе) ва Қазоқистон (Алмаато) миёни донишҷӯён ва омӯзгорон озмуда шудааст. Роҳнамо бо назардошти эродҳо ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи гузарондани назарсанҷии онлайнӣ ва бомуваффақият гузаронидани саволномаҳои санҷишӣ дар байни донишҷӯён ва омӯзгороне, ки раванди баҳодиҳии онро мушоҳида кардаанд, таҳия шудааст.

Ҳадаф аз таҳияи Роҳнамои мазкур кумак расондан ба омӯзгорон дар интихоби воситаҳои самараноки омӯзгорӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз рӯи чунин маводи ҳаҷман бузурги таълимӣ, мебошад. Албатта, ин воситаи таълимӣ ҷойи дидгоҳи хос ва беназири омӯзгорро нисбат ба таълим гирифта наметавонад, вале ба андешаи мо, дар ҳар гуна ҳолат, дастури омодашуда барои омӯзгор баҳри дуруст ташаккул додани стратегияи муассири рушди дониш, салоҳият ва малакаҳои зарурии донишҷӯён кумак хоҳад расонд.

---

* Муаллифи ҚНБ (қолаби навоваронаи байнимубоҳисавӣ) доктори илмҳои фалсафа Пулат Шозимов мебошад.

# БОБИ I

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА МАҚОМИ ИҶТИМОИИ ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ



**Миқдори умумии соатҳо барои боби якум:** 2 кейс-стади ва 8 матн (10 соат ё 5 машғулияти дарсӣ)

## МУҚАДДИМА

Омӯзгорони азиз! Дар қисми аввали машғулияти таълимӣ шумо бо матнҳое сару кор хоҳед дошт, ки онҳо ба ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии мушкилоти занон дар Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд. Рӯйхати пурраи матнҳои пешниҳодшуда даҳ номгӯйро дар бар мегирад:

1. Зан-нахуստволид дар ҷомеаҳои туркӣ.
2. Тазоди дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷик.
3. Вазъи занони Осиёи Марказӣ дар асри XX ва яке аз сарнавиштҳои онҳо.
4. Симо, нақш ва мақоми зани даврони туркӣ дар таърихи Осиёи Марказӣ.
5. Нақши васоити ахбори умуми тоҷик дар ташаккули мақоми иҷтимоии занон (дар солҳои 20-уми асри XX).
6. Се навъи ҳаёти Саодат: коммунист, ӯзбек, наҷотёфта.
7. Таърихи занони Бадахшон дар аксҳои тасвирии асри XX.
8. Таъсири таҳаввулоти иҷтимоию фарҳангӣ ба занони пасошуравии Осиёи Марказӣ: мушоҳидаҳои алоҳида.
9. Занон-сарварони ҷомеа дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳангоми бӯҳрон дар Қирғизистон.
10. Нақши занон дар ҷомеаи муосири Қирғизистон.

Барои бароҳатии кори омӯзгорон ва ҳам донишҷӯён матнҳои дар боло зикршуда ба ду баст тақсим шудаанд ва мувофиқан, дарсҳо низ тибқи ин нақша гузаронида мешаванд: басти 1.1 «Вазъи иҷтимоии занон дар таърихи Осиёи Марказӣ» ва басти 1.2 «Сарнавишти занони Осиёи Марказӣ дар гузашта ва дар замони муосир».

**Басти 1.1** «Вазъи иҷтимоии занон дар таърихи Осиёи Марказӣ» 1 кейс-стади ва 4 матнро дар бар мегирад (ҳамаи онҳо аз 4 соат ё 2 машғулият иборатанд). Матни «Нақши васоити ахбори умуми тоҷик дар ташаккули мақоми иҷтимоии занон (дар солҳои 20-уми асри XX)» ба унвони кейс-стади пешниҳод шудааст. Матнҳое, ки ба басти 1.1 ворид гардидаанд, инҳоянд: «Тазод дар дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷик»; Индекси консептуалии муаллимон ба забони тоҷикӣ»; «Симо, нақш ва мақоми зани даврони туркӣ дар таърихи Осиёи Марказӣ»; «Нақши занон дар ҷомеаи муосири Қирғизистон»; «Таъсири таҳаввулоти иҷтимоию фарҳанги ба занони пасошуравии Осиёи Марказӣ: мушоҳидаҳои алоҳида».

**Басти 1.2** «Сарнавишти занони Осиёи Марказӣ дар гузашта ва да замони муосир» 1 кейс-стади ва 4 матнро дар бар мегирад (барои ин баст 6 соат ё 3 машғулияти дарсӣ ҷудо карда шудааст). Матни «Таърихи занони Бадахшондар аксҳои асри XX» ҳамчун

кейс-стади тавсия дода мешавад. Матнҳои басти 1.2 чунинанд: «Зан-нахуստволид дар ҷомеаҳои туркӣ»; «Занон-сарварони ҷомеа дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳангоми бӯҳрон дар Қирғизистон»; «Се навъи ҳаёти Саодат: коммунист, ӯзбек, наҷотёфта»; «Вазъи занони Осиёи Марказӣ дар асри XX ва яке аз сарнавиштҳои онҳо».

Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки дар раванди таълим ҳамаи матнҳои дар боло зикршударо истифода баранд ва дар сурати нокифоя будани вақт ғояҳои асосиро ба кор баранд.



Дар охири қисми якум дарсҳо барои ду басти дигари зерин алоҳида гузаронида мешаванд:

**Басти 1.3** – Иншои академикӣ (4 соат – 2 машғулият)

**Басти 1.4** – Қолаби навоваронаи байнимубоҳисавӣ (4 соат – 2 машғулият).

## Басти 1.1

# Вазъи иҷтимоии занон дар таърихи Осиёи Марказӣ



**Миқдори умумии соатҳо барои Басти 1.1:** 1 кейс-стади ва 8 матн (4 соат ё 2 машғулият)

▼

## МАШҒУЛИЯТИ ДАРСИИ 1 (2 соат)

**КЕЙС-СТАДИ 1: «Нақши васоити ахбори умуми тоҷик дар ташаккули мақоми иҷтимоии занон (солҳои 20-уми асри XX)».**

**Матнҳо:**

Матни 1. «Тазоди дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷик»;
Матни 2. «Симо, нақш ва мақоми зани даврони туркӣ дар таърихи Осиёи Марказӣ».

**Ҳадафи дарс:**

1. нишон додани зарурати ислоҳоти мақоми иҷтимоии занон, ки дар ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ ба миён омада, бо вазъи воқеии занони ин минтақа аз замонҳои қадим ва асрҳои миёна то ибтидои замони нав пайвастагӣ дорад;
2. дар тафаккури донишҷӯён ташаккул додани малакаи арзёбии замони гузашта.

## Машғулияти дарсӣ бо кейс-стадии 1

**Саволҳо барои муҳокимаи кейс-стадии 1:**

1. Шумо таҳти мафҳуми мақоми шахс, мақоми зан чиро дар назар доред?
2. Мақоми занро дар ҷомеа ба кадом омилҳо вобаста кардан мумкин аст?
3. Васоити ахбори умуми солҳои 20-уми тоҷик бо кадом сабабҳо (таърихӣ ё дигар) бо адабиёт ва матбуоти туркзабон робита дошт?
4. Нақши империяи Росия дар ангезиши зиёиёни тоҷик доир ба масъалаҳои гендерӣ чӣ гуна аст?
5. Муносибати шумо ба баёнияи яке аз муаллифон – публисистҳои ибтидои садаи XX дар бораи он, ки «истинод ба Қуръон наметавон ба қадри кофӣ боварибахш арзёбӣ гардад» ва он дар замони дигар, дар шароити дигар танҳо бо қонунҳои динӣ танзими муносибатҳоро ба ҷо оварда наметавонад, чӣ гуна аст?
6. Оё меъёрҳои масеҳию аврупоӣ дар замони муосир ба мавқеи занони мусалмон дар ибтидои садаи XX мувофиқ буда метавонанд?
7. Оё вазъи ҳуқуқии занони мусалмон, беҳуқуқӣ ва ширкат наварзидани онҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ, ҳамчун яке аз омилҳои ақибмондагии мусалмонон аз сатҳи

рушди ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XX арзёбӣ кардан мумкин аст? Кадом омилҳои дигар, ба назари шумо, ба он таъсир расонда метавонанд?

8. Оё ҳаракатҳои озодихоҳии занонро, ки бо фаъолияти васоити ахбори умуми туркзабон, маорифпарварони рус ва тоторҳои Қрим дар Осиёи Марказӣ иртибот доранд, дар таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ падидаи мусбат ҳисоб кардан мумкин аст?



9. Публисистҳои ибтидои асри XX масъалаи нақши занон дар оила, пӯшидани фаранҷӣ, соҳибмаълумот шудан ва фаъолияти иҷтимоии онҳоро муҳимтарин масъалаи гендерии он давра донистаанд. Кадом масъалаҳои дигарро (бо мисол аз таърихи замони он ва имрӯз) ба ин қатор илова карда метавонед?

10. Оё пешниҳоди муаллифро дар бораи баргузор намудани машғулиятҳои таълимии махсус роҷеъ ба масъалаҳои гендерӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон дастгирӣ мекунед?

***Маслиҳатҳо барои таълими кейс-стадии 1***

Кейс-стадии 1 пешниҳодшаванда бояд ҳамаи чаҳор матни дигари ин машғулияти таълимиро бо муҳтавои он пайваст намояд, яъне нишон диҳад, ки давраҳои гуногун роҷеъ ба вазъи иҷтимоии занони Осиёи Марказӣ чӣ гуна мушкилот вуҷуд доштанд ва барои ҳаллу фасли онҳо чӣ бояд кард. Аз ин рӯ, матни кейс-стадии 1 (инчунин ҳамаи матнҳои дигар) бояд пешакӣ барои хониши мустақилона дар хона ба донишҷӯён тақсим карда шаванд. Барои муҳокимаи матне, ки дар синфхона хонда шуда ва таҳлили амиқ пешниҳод карда мешавад ва аз саволҳои дар боло зикршуда дар матни кейс-стадии 1 ё худ саволҳои мустақилона тартибдодаи омӯзгори дорои хусусияти таърихӣ, этнографӣ, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ истифода бурда шаванд. Инчунин пешниҳод мегардад, ки харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили кейс-стадии 1 сохта шавад.

**Харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили кейс-стадии 1.**

Барои сарфаи вақт ҳангоми корбарӣ бо ҳамаи ҷадвалҳо дар раванди ҳамаи машғулиятҳои таълимӣ тавсия дода мешавад, ки донишҷӯён ба якчанд гурӯҳ тақсим карда шаванд.

| Омилҳои қафо мондани мусалмонон дар ибтидои асри XX аз сатҳи рушди ҷаҳонӣ | | | Роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти гендерӣ дар ибтидои асри XX | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вазъи ҳуқуқии занони мусалмон ва маҳрумияти онҳо аз ҳуқуқҳои хеш | Ширкат наварзидани занон дар ҳаёти иҷтимоӣ | Омили дигар | Баланд бардоштани нақши зан дар оила | Манъ кардани фаранҷипӯшии занон | соҳибмаълумот нардидани занон | Фаъол будани занон дар корҳои иҷтимоӣ | Омили дигар |
| Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Андешаи шахсии Шумо (дар асоси матни кейс-стадии 1 ё дигар сарчашмаҳои дигар | Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Муаллифон, сарлавҳаҳои матнҳоро номбар кунед | Андешаи шахсии Шумо (дар асоси матни кейс-стадии 1 ё дигар сарчашмаҳои дигар |

## Корбурд бо матнҳои 1 ва 2

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 1 «Тазод дар дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷикон»:**

1. Муносибати худро нисбат ба мақоми модаршоҳӣ ва падаршоҳӣ муайян кунед.
2. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии муносибатҳоро нисбат ба мақоми зан дар давраи Зардуштия номбар кунед.
3. Оё дар дини зардуштӣ (ё дар дини дигар, қонунгузории давлатҳои муосир) синни балоғат барои духтарон ва писарон ба таври гуногун асоснок карда шудааст?
4. Оё боқимондаҳои фаҳмиши зардуштии мақоми зан барои замони муосир дар ҳаллу фасли масоили гендерӣ паёмадҳои ҷиддии манфӣ дошта метавонанд?
5. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии муносибати дини ислом (бар асоси Қуръон ва ҳадис) вобаста ба мақоми занро номбар кунед.
6. Чаро мусалмонон дар ҳоле ки ихтилоф дар дин вуҷуд дорад, ба беҳтарин дастур бартарӣ намедиҳанд ва аз ду ё зиёда ақидаҳои мухолифи мавҷудбуда, намунаи мусбати онро интихоб намекунанд?
7. Оё матолиби ҳадиси зеринро бо имкони ислоҳоти таълимоти дини ислом мувофиқи талаботи ҳар давру замон рабт додан мумкин аст: «Худо дар поёни ҳар сад сол муҷаддидеро барои таҷдиди дини ислом ба ин уммат мефиристад»?
8. Кадом тафсирҳои беасоси сарчашмаҳои диниро, ки руҳониёни муосир додаанд, аз матн дарёфтед? Оё дар замони мо чунин ҳолатҳоро дар амал мушоҳида кардаед?
9. Мисоли мусбат ва манфии муносибат дар шеър ва фолклори шифоҳӣ доир ба мақоми занро номбар кунед.
10. Муаллиф тасдиқ кардааст, ки аҳолии Тоҷикистон нисбат ба ҷомеаи муосир, бештар ба ҷомеаи суннатӣ тааллуқ дошта, на дар доираи қонун, балки, ба қавли онҳо, «бо мақолу заобулмасалҳо» умр ба сар мебарад. Аз ин ҷо, саволе ба миён меояд: «То чӣ андоза ҷоиз аст дар шароити муосири Тоҷикистон мувофиқи анъанаҳо зистан, махсусан дар муносибат бо занон, модоме давлат ҳуқуқбунёд бошад?
11. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии қолабҳои фарҳангӣ ва миллиро дар дарки симои занон номбар кунед.
12. Оё дар фаҳмиши симои занон ва мақоми онҳо ҷанбаҳои манфии тазодҳоеро, ки дар фарҳанг вуҷуд доранд, истисно кардан мумкин аст ва пас, ин корро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?
13. Оё омӯзиши таҷрибаи халқҳо ва кишварҳои дигар, масалан, ислоҳоти нақши занон дар Туркия ибтидои садаи XX, ақидаҳои Симон де Бовуар, Адиб Холид, Амин Вадуд ва дигарон дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақаамон кумак расонда метавонанд?
14. Оё ҷанбаҳои мусбати фаҳмиши динии мақоми занро барои боло бурдани нақши онҳо дар ҷомеа ва аз байн бурдани дарки манфии симои онҳо дар дастурҳои мавҷудаи исломӣ истифода кардан мумкин аст?
15. Чӣ бояд кард, то қолабҳои шахшудаи сатҳи умумиинсонӣ ва миллӣ дар фаҳмиши мақоми зан ба хотири таъмин намудани мавқеи сазовори онҳо дар ҷомеа, монеъ нагарданд?
16. Масъала дар бораи он ки одамон табиатан баробаранд, то кадом дараҷа барои ҷомеаи муосир аҳамият дорад?

17. Ба фикри Шумо, оё мазмуни мақола фарзияи муаллифро дар бораи он тасдиқ карда метавонад, ки хусусияти асосии дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии вай дар фарҳанги тоҷикон дар мутазод будани он аст?
18. Муносибати Шумо ба андешаи муаллиф дар бораи он, ки зан бояд мустақилона рафтор намуда ва қолабҳои манфӣ ва таассуботи мавҷударо шикаста, ҳаёти фардию оилавӣ, фаъолияти меҳнатии худро тавассути интихоби шахсии хеш ташкил намояд, чӣ гуна аст?



**Саволҳо барои муҳокимаи матни 2 «Симо, нақш ва мақоми занони даврони туркӣ дар таърихи Осиёи Марказӣ»:**

1. Силсиламартабаҳои ҷомеаи туркӣ бо сарварии хоқони олирутба чӣ гуна буд?
2. Занони каниз ё ғулом кадом вазифаҳоро иҷро мекарданд?
3. Оё Аробаи Муқаддас – ҷомеа, шаҳр ва ё давлатро таҷассум мекард?
4. Аз ҷониби душманон ғасб шудани Аробаи Муқаддас чӣ маъно дошт?
5. Муносибати тарафайни хоқон ва хотун дар фаҳмиши маъмулии ҳокимони ҷомеаҳои дигари ғайритуркии ҳамон давра чӣ гуна буд?
6. Хотун кадом вазифаҳои давлатиро иҷро карда метавонист?
7. Вориси хоқонро кӣ ва чаро маҳз ба ин тариқ интихоб мекард?
8. Хизмати ҳокимон-хотунҳои қудратманд ҳамчун шахсиятҳои таърихӣ чӣ гуна аст?
9. Асир шудани хотунҳо ва ё бо онҳо издивоҷ кардани намояндагони қабилаву давлатҳои дигар чӣ маъно дошт?
10. Чаро нақши занҳо дар давлатҳои туркӣ ба ин андоза баланд буд?
11. Кадом тасаввуроти идеологии асрҳои миёна дар зери симои зан миёни қабилаҳои туркӣ ҷой доранд?
12. Зан дар ҷомеаи туркӣ бо кадом худоён/қувваҳои табиӣ пайвастагӣ дошт?
13. Чаро дар ҷомеаи туркӣ занро ҳамчун замин мефаҳмиданд?
14. Дар ин ҷо бо фаҳмиши зардуштӣ дар бораи зан ҳамчун сарчашмаи ҳаёт чӣ гуна шабоҳатро дарёфтан мумкин аст?
15. Чаро Томирис таклифи издивоҷ бо Куруш – шоҳи қудратманди Эронро рад кард?
16. Оё рафтори Тӯрабек-хотунро нисбат ба подшоҳи Салҷуқӣ корнома номидан мумкин аст? 16. Модар-Умай – Умай-Ана чиро ифода менамуд?
17. Мақоми занони ҷомеаи туркӣ аз мавқеи занони халқҳои ҳамсоя, ки исломро қабул карда буданд, чӣ тафовут дошт?
18. Таъсири суфӣ Хоҷа Аҳмад Яссавӣ ба дарки симо ва мақоми зан дар ҷомеаи туркӣ чӣ гуна буд?
19. Ба издивоҷи ҳокими туркҳо Қараҳон ва дӯстдоштааш Оиша-бибӣ чӣ халал расонд? Оё он асосе дорад?
20. Аз нигоҳи Шумо, се мақбара дар Қазоқистон – Айшабибӣ, Бобоҷа-хотун ва Қарахон чӣ рамз доранд?

***Маслиҳатҳо барои таълими матнҳои 1 ва 2***

Матнҳои пешниҳодшуда бояд бо мундариҷаи кейс-стадии 1 пайвастагӣ дошта бошанд, бинобар ин онҳо бояд ба донишҷӯён пешакӣ барои хониши мустақилона дар хона тақсим карда шаванд. Барои муҳокимаи матнҳои 1 ва 2 ва таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо тавсия дода мешавад, ки аз саволҳои дар боло овардашудаи вобаста ба матнҳо ва ё саволу супоришҳои мустақилона тартибдодаи омӯзгор истифода шаванд. Шумо инчунин метавонед аз харитаи консептуалӣ/кластерҳо, ҷадвали таҳлилӣ, ҷадвали таҳлили ғояҳо – омезиши ғояҳо, таҳлили муқоисавии матнҳо ва ғайра истифода баред.

**Ҷадвали таҳлилӣ барои матни 1 «Тазод дар дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷик».**

Нишон диҳед, ки кадом ғояҳо ва самтҳои дар матн овардашуда арзёбии мусбӣ ё манфии мақоми зан мебошанд.

| Самт | Баҳои мусбати мақоми зан | Баҳои манфии мақоми зан | Арзёбии шахсии Шумо) |
|---|---|---|---|
| Зардуштия | | | |
| Ислом. Қуръон | | | |
| Ислом. Ҳадисҳо | | | |
| Адабиёт | | | |
| Эҷодиёти шифоҳии мардумӣ | | | |
| Қолабҳои умумиинсонӣ | | | |
| Қолабҳои миллӣ | | | |
| Қолабҳои дигар (мустақилона муайян кунед) | | | |

**Ҷадвали таҳлилӣ барои матни 2 «Симо, накш ва мақоми зани даврони туркӣ дар таърихи Осиёи Марказӣ»**

Тарафҳои қавӣ ва заифи ниҳодҳои анъанавиеро, ки дар матн баён шудаанд, нишон диҳед.

| Ниҳод | Тарафи қавӣ | Тарафи заиф | Тарафи дигар (андешаи шахсии Шумо) |
|---|---|---|---|
| Хотун | | | |
| Зан-каниз ё ғулом | | | |
| Аробаи Муқаддас | | | |
| Интихоби вориси хоқон | | | |
| Вазъи умумии занон дар ҷомеаи туркӣ | | | |
| Издивоҷ байни ҳокимон ва занони ҳоким | | | |
| Шарҳи дигар (аз матни 2 ё аз сарчашмаҳои дигар) | | | |

**Маслиҳатҳо барои таҳлили муқоисавии матнҳо ва кейс-стади.**

Ҷадвали таҳлилӣ барои муқоисаи кейс-стади ва матнҳои 1 ва 2 (ғояҳои асосии умумиро худатон муайян кунед ва дар ҷое, ки зарур мешуморед, аломати «+» ё «-»-ро гузоред).

| **Ғояи асосӣ** | **Кейс-стадии 1** | **Матни 1** | **Матни 2** |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| … | | | |

**Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулияти 1**

Тавсия дода мешавад, ки мухтавои кейс-стадии 1 ва матнҳои 1 ва 2; ғояҳои асосии муаллифони ин матнҳо ва хулосаҳое, ки хонандагон дар натиҷа ба он расидаанд, мухтасар баён карда шаванд. Инчунин дар бораи матнҳои машғулияти дуюми басти 1.2 «Мақоми иҷтимоии занон дар таърихи Осиёи Марказӣ» маълумоти мухтасар пешниҳод карда шавад.

▼

## МАШҒУЛИЯТИ 2 (2 соат)

**КЕЙС-СТАДИИ 1: «Нақши васоити ахбори умуми тоҷик дар ташаккули мақоми иҷтимоии занон (солҳои 20-уми асри XX)» (такрор).**

**Матнҳо:**

Матни 3. Нақши зан дар ҷомеаи муосири Қирғизистон;

Матни 4. Таъсири таҳаввулоти иҷтимоию фарҳангӣ ба занони пасошуравии Осиёи Марказӣ: мушоҳидаҳои алоҳида.

**Ҳадафи машғулият:**

1. дарки мақоми зан дар Осиёи Марказии муосир дар робита бо омилҳои таърихӣ ва омилҳои дигари сершумори айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ);
2. мусоидат намудан ба касби салоҳияти донишҷӯён дар баҳодиҳии айнии мақоми одамон дар ҷомеа.

## Корбурд бо матнҳои 3 ва 4

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 3 «Нақши занон дар ҷомеаи муосири Қирғизистон»:**

1. Дар мақола дар бораи кадом гурӯҳҳои нави иҷтимоии занҳо сухан меравад?
2. Фаъолияти занони соҳибкор, занони муҳоҷир, занонеро, ки созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ), гурӯҳи махсуси занон (ГМЗ) ва ғайра таъсис медиҳанд, мухтасар тавсиф намоед.
3. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии муносибати ҷомеаро доир ба гурӯҳҳои нави иҷтимоии занон муайян кунед.
4. Сабабҳои асосии тағйирёбии нақши зану мард дар оила кадомҳоянд?

5. Оё шумо ГМЗ-ро ҳамчун як нерӯи воқеии сиёсӣ дар ҷомеаҳо мешуморед?
6. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар муборизаи занон барои баробарӣ дар кишвари Шумо чӣ гуна нақш дорад?
7. Арзишҳо ва ақидаҳои суннатиеро, ки дар мубориза барои ҳуқуқи занон кумак мекунад ва анъанаҳоеро, ки ба он халал мерасонанд, номбар кунед.
8. Принсипи сотсиологии функсионализм дар тақсимоти нақшҳо байни ҷинсҳо дар оила то кадом андоза асоснок аст?
9. Пешрафти технологӣ дар ҷомеаҳои пасоиндустриалӣ ба мушкилоте, ки ба баробарӣ ё нобаробарии мардону занон иртибот доранд, чӣ гуна таъсир мерасонад?
10. Миёни зарбулмасалҳои дар ин матн овардашуда («Зан мӯйи дароз, вале ақли кӯтоҳ дорад», «Марди қурбоқасар аз зани тиллоисар беҳтар аст», «Аспи мода дар пойгаҳо ба ҷоиза ниёз надорад» ва ғайра) ва мисолҳои монанди онҳо аз матнҳои пешина чӣ гуна робита вуҷуд дорад?
11. Моҳият ва робитаи тарафайни ду равишро барои баробарии гендерӣ дар ҷомеаи соҳибистиқлоли Қирғизистон: сиёсати гендерии давлат ва эҳёи миллию диниро шарҳ диҳед.

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 4 «Таъсири таҳаввулоти иҷтимоию фарҳангӣ ба занони пасошуравии Осиёи Марказӣ: мушоҳидаҳои алоҳида»:**

1. Давраи Шуравӣ ба вазъи занон дар Осиёи Марказӣ чӣ гуна таъсир расондааст?
2. Солҳои аввали пасошуравӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ кадом равандҳои мутазод хос буданд?
3. Дар Осиёи Марказӣ кадом таҳаввулоти иҷтимоию фарҳангӣ рух медиҳанд? Онҳо ба занон чӣ тавр таъсир мерасонанд?
4. Кадом ниҳодҳои ғарбгароиро барои ҷомеаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим мешуморед ва кадомашро на?
5. Оё ғарбгароиро барои Осиёи Марказӣ падидаи мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст?
6. Кадом соҳаҳои ҳаёти занон бештар ба ғарбгароӣ гирифтор шудаанд?
7. Муносибати Шумо ба тақвият ёфтани ислом дар Осиёи Марказӣ чӣ гуна аст?
8. Оё исломгароиро дар ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ падидаи мусбат шуморидан мумкин аст?
9. Кадом бахшҳои зиндагии занон бештар дар Осиёи Марказӣ мубталои исломгароӣ гардидаанд?
10. Исломи ифротгаро чист?
11. Масъалаи чодар, ҳиҷоб, сатр барои занони Осиёи Марказии имрӯза то кадом дараҷа аҳамият дорад?
12. Оё ғарбгароӣ ё исломгароӣ барои ҷомеаи маҳаллӣ, аз ҷумла занон, чолишҳо ё имконоти нав эҷод мекунад?
13. Кадом омилҳо ба касби дониши занон бештар таъсир мерасонанд?
14. Муносибати шумо ба падидаи бисёрзанӣ чӣ гуна аст? Оё он дар асри XXI аҳамияти хешро нигоҳ дошта метавонад?
15. Оё дар ҳаллу фасли масъалаҳои гендерӣ дар шаҳрҳо ва деҳот фарқият вуҷуд дорад?
16. Симои занро дар рушди ояндаи иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсӣ чӣ гуна тасаввур мекунед?

***Маслиҳатҳо барои таълими матнҳо***

Азбаски ҳарду матн дар бораи вазъи занони имрӯзаи Осиёи Марказӣ маълумоти зиёдро дар бар мегирад, тавсия дода мешавад, ки ба донишҷӯён супориш дода шавад, ки матнҳоро дар хона бо истифода аз усули хониши матн бо тамғаи «ИНСЕРТ» (аз ихтисораи калимаҳои англисӣ:

I – interactive (интерактивӣ);
N – noting (қайдкунӣ);
S – system for (низом барои);
E – effective (муассир);
R – reading (хондан);
T – thinking (фикр кардан) пешакӣ мутолиа намоянд.

Барои ин зарур аст, ки хонандагон матнҳоро бо аломатҳои зерин қайд кунанд: «V» — медонам, маълумот ба ман шинос аст; «+» – маълумоти нав барои ман; «-» – маълумот ба дониши ман мухолиф аст (ё дар матни таҳлилшаванда мухолифат дорад); «?» – савол дорам, нофаҳмо аст, шубҳаро ба миён меорад.
Пас аз муҳокимаи саволҳо бо усули хониши матн бо тамғаи «ИНСЕРТ» тавсия дода мешавад, ки матнҳои 3 ва 4-ро бо истифода аз саволҳои дар боло овардашуда, инчунин саволҳои мустақилона таҳиякардаи омӯзгор мавриди муҳокима қарор гирад. Бояд ҷадвали таҳлилӣ, таҳлилии муқоисавӣ ва машғулияти гурӯҳӣ (як гурӯҳ бо матни 4 кор мекунад, гурӯҳи дигар бо матни 5) аз рӯйи ҷадвали «Таҳлили ғояҳо – омезиш (синтез)-и ғояҳо» ва ғайра истифода бурдан лозим аст.

**Ҷадвали «Таҳлили ғояҳо – омезиш (синтез)-и ғояҳо» (аз ҷониби ҳар яке аз ду гурӯҳ аз рӯйи муҳтавои матни он тартиб дода мешавад)**

| Консепсияҳо ва ғояҳои матн | Хулосаҳои Шумо дар бораи консепсияҳо ва ғояҳои матн | Татбиқи мафҳумҳо ва ғояҳои матн дар замони муосир | Омезиш (синтез)-и ғояҳо (пас аз шунидани консепсияҳо ва ғояҳои матни гурӯҳи дигар тартиб дода мешавад) |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| … | | | |

### Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулияти 2

Тавсия дода мешавад, ки ба донишҷӯён мухтасар мазмуни кейс-стадии 1 ва матнҳои 3 ва 4, ғояҳои асосии муаллифони ин матнҳо ва хулосаҳоеро, ки донишҷӯён аз натиҷаи он ба даст овардаанд, баён кунанд. Инчунин, пешакӣ маълумоти мухтасарро дар бораи кейс-стади ва матнҳоро барои Басти 1.2 «Сарнавишти занони Осиёи Марказӣ дар гузашта ва имрӯз» пешниҳод кунед.

### Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулияти басти 1.1

Ба донишҷӯён мазмуни мухтасари кейс-стади ва 4 матнеро, ки дар давоми ду машғулият таҳлил карда шудаанд, хотиррасон намоед ва ба донишҷӯён пешниҳод кунед, ки муносибаташонро нисбат ба онҳо ва ба ғояҳои дар онҳо таҷассумёфта мухтасар баён кунанд. Натиҷаҳоро бо саволҳои зерин ҷамъбаст кунед: Мақоми зан дар таърихи Осиёи Марказӣ чӣ гуна буд? Мақоми занон дар кишварҳои муосири Осиёи Марказӣ чӣ гуна аст? Дар ин самт оянда бояд чиҳо тағйир ёбанд?

# Басти 1.2

## Сарнавишти занони Осиёи Марказӣ дар гузашта ва ҳозира



▼

## МАШҒУЛИЯТИ 1 (2 соат)

**КЕЙС-СТАДИИ 2: «Таърихи занони Бадахшон дар аксҳои тасвирии асри XX».**

**Матнҳо:**

Матни 5. «Зан-нахустволид дар ҷомеаҳои туркӣ»;
Матни 6. «Зан: чеҳраҳои фаромӯшшудаи таъқиботи сиёсӣ».

**Ҳадафи машғулият:**

1. нишон додани тағйироти куллӣ дар сарнавишти занони Осиёи Марказӣ, ки дар муқоиса бо асрҳои гузашта сурат гирифтаанд, вале ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфӣ доштанд;
2. дар тафаккури донишҷӯён ташаккул додани салоҳият барои муайян намудани ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати тағйироти мақоми шахс.

## Корбурд бо кейс-стадии 2

**Саволҳо барои муҳокимаи кейс-стадии 2 «Таърихи занони Бадахшон дар аксҳои тасвирии асри XX»:**

1. Кадом омилҳо ба масъалаи занон дар Бадахшон дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон таъсир расондаанд?
2. Фарқи байни маълумот дар бораи занон, ки дар аксҳо маҳфузанд ва иттилооти аз матн бардошташуда дар чист? Оё сурат маълумотро ба таври санад монанди он, ки муаллифони мақола тасдиқ мекунанд, яъне бидуни «зебу зинат» дода метавонад? Ин матлабро бо истифода аз аксҳои тасвирии дар матн ба ҳайси кейс-стади овардашуда нишон диҳед.
3. Оё аксбардории этнографӣ ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ ба кор рафта метавонад?
4. Кадом аксҳои этнографии дар мақола овардашуда ба шумо бештар писанд омад? Оё ба аксе, ки Шумо дар он нестед, таваҷҷуҳ карда метавонед?
5. Чунин унсурҳои ҳаёти иҷтимоӣ (оммавӣ)-ро ба монанди корвонсарой ва чойхонаро дар Бадахшон чӣ иваз мекард?
6. Дар ҷомеаҳои суннатӣ кумакрасонӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ (масалан, ҳашар) дар сурати гурӯҳгарой ва ҷамоатгарой чӣ гуна аст?
7. Оё донистани фарҳанги шифоҳӣ, ривоятҳо, сурудҳо, фолклор ва хондани намозро маърифат ва саводнокии занон номидан мумкин аст?
8. Пайравӣ ба мазҳаби исмоилия ба ҳуқуқ ва озодиҳои занони бадахшонӣ чӣ гуна таъсир расондааст?
9. Муаллифони мақола ҳангоме иброз медоранд, ки «табиат бо зан ва фарҳанг бо мардон мутобиқ омадааст», чиро дар назар доранд?

10. Дар Бадахшон ба зиммаи занон ва мардон кадом вазифаҳои хонаводагӣ вогузошта шуда буд?
11. Сурати «Дасти Фотима» (Фотима – духтари ҳазрати Муҳаммад (с)) чӣ гуна рамз дорад? Дар ин ҷо бо тасвири Марями католикӣ чӣ гуна шабоҳат гузоштан мумкин аст?
12. Оё шумо ба ғайр аз Фотима ягон занимуқаддаси дигари мардуми Осиёи Марказиро медонед?
13. Дар замони ҳокимияти шуравӣ ҳаёти занони Бадахшон чӣ тавр тағйир ёфта буд?
14. Занони Бадахшон мувофиқи урфу одатҳои худ ва мувофиқи конунҳои шуравӣ кадом корҳои ҷамъиятиро иҷро мекарданд?
15. Суханони нависандаи рус Павел Лукнитскийро шарҳ диҳед, ки тибқи он дар Бадахшон «он ончунон мехонанд, ки шояд дар ҷои дигар ба он андоза – бо ин қадар ҳавас одамон нахонанд. Зеро ин ягона роҳи халосии онҳо аз миёни кӯҳҳои ваҳшӣ аст...».
16. Оё клубу чойхонаҳои сурх, китобхона ва дигар муассисаҳои нави шуравӣ ниҳодҳои суннатиро иваз карда метавонистанд?
17. Кадом қолабҳои гендериро, ки дар Бадахшон кашф шудаанд, дар кишварҳои дигар ёфта метавонед?

***Маслиҳатҳо барои таълими кейс-стадии 2***

Барои фаҳмиши муфассали моҳияти ғояҳои кейс-стадии 2 вақти зиёд даркор аст. Аз ин рӯ, ин матн бояд барои хониши хонагӣ супориш дода шуда, таҳлили он дар синфхона баргузор гардад. Барои муҳокимаи кейс-стадии 2 саволҳои қаблан навишташударо истифода бурда метавонед. Омӯзгорон низ метавонанд худашон саволҳо нависанд ва ба донишҷӯён супоришҳои гуногун диҳанд. Ҳамчунин, зарур аст бо ҷадвале, ки анъанаҳои Бадахшонро бо минтақаҳои дигар муқоиса мекунад, кор бурда шавад.

**Ҷадвали таҳлилӣ барои кейс-стадии 2.**

Мутобиқати анъанаҳои бадахшониро дар дигар минтақаҳо ва фарҳангҳо пайдо кунед.

| Анъанаҳои бадахшонӣ | Ҳамтои онҳо дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон | Ҳамтои онҳо дар дигар минтақаҳо ва фарҳангҳои ҷаҳон | Хулосаҳои шумо |
|---|---|---|---|
| Мадад ва дастгирии мутақобила (ҳашар ва ғайра) | | | |
| Дониши фарҳанги шифоҳӣ, қобилияти хондани дуо | | | |
| Ба занон додани озодӣ аз рӯи анъанаҳои маҳаллӣ | | | |
| Мард набояд нон ва дигар маҳсулоти ордӣ пазад, чорво дӯшад, маҳсулоти ширӣ тайёр кунад, фарш рӯбад, гулдӯзӣ кунад | | | |
| Ба зан аз сохтани ашёи маросимӣ, афрӯхтани оташ дар муҳити муқаддаси хона, забҳ кардани чорво манъ аст. | | | |

| Анъанаҳои бадахшонӣ | Ҳамтои онҳо дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон | Ҳамтои онҳо дар дигар минтақаҳо ва фарҳангҳои ҷаҳон | Хулосаҳои шумо |
|---|---|---|---|
| Занҳо танҳо бо дасти рости худ метавонистанд доира зада, инчунин, қомуз (намуди чанг) мусиқӣ навозанд. | | | |
| Занҳо дар ҷашнҳои оилавӣ, ҷашнҳои солгард ё таваллуди кӯдак, ҷашну маросимҳои пеш ва пас аз тӯй, дар рӯзи Наврӯз, ҳангоми истиқболи меҳмони муътабар ҳунарнамоӣ мекарданд. | | | |



## Корбурд бо матнҳои 5 ва 6

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 5 «Зан-нахустволид дар ҷомеаҳои туркӣ»:**

1. Мафҳуми «ҷамоатҳои кӯчманчӣ» дар ин мақола чӣ маъно дорад?
2. Сарнавишти модар-асосгузори қабилаи муғулдор чӣ гуна аст?
3. Қирғизҳо аз рӯи анъанаашон дар насабнома ва мансубияти қавмии худ чӣ гуна ҳисобу китоби шаҷараи падариро пеш мебаранд?
4. Кадом авлод ё қабила ба номи занон гузошта шудааст?
5. Конунгузори қирғизӣ бо кадом сабабҳо интихоби матроним ё «модаргарои»-ро манъ кард?
6. Аз ҳолатҳое мисол биёред, ки дар онҳо одамон матронимҳоро интихоб мекунанд.
7. Чаро ҳисоби авлодро аз шаҷараи модарӣ дар насабнома бо манқуртшавӣ муқоиса мекунанд?
8. Чаро таърих номи занҳоеро, ки авлод ё қабилаеро наҷот додаанд, дар ёд надорад?
9. Оё дар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ кучаҳо ба номи занон гузошта шудаанд?
10. Седентаризм чист ва то кадом андоза ба воқеият мувофиқ аст?
11. Андешаҳо дар бораи модаршоҳӣ дар байни халқҳои кӯчманчӣ ва озодии занон то чӣ андоза воқеият доранд? Ин нуктаро бо вазъияти занони бадахшонӣ муқоиса кунед.
12. Байни тасвири амазонка аз афсонаҳои юнонӣ ва тасвири зани кӯчманчии озод шабоҳатҳоро дарёбед.
13. Фаҳмиши мабдаи занона дар давлати кӯчманчиён чӣ гуна аст?
14. Робитаи «мақбараҳои сарватмандон»-и занони кӯчманчӣ ва мақоми онҳо дар ҷомеа чӣ гуна аст?
15. Дар бораи зарурати шинохти аввалмодар дар баробари волидайни нахустин ақидаи шахсиатонро муайян кунед.

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 6 «Занон: чеҳраҳои фаромӯшшудаи таъқиботи сиёсӣ»:**

1. Таъқиботи сиёсӣ (репрессия) чист ва хусусияти он дар Иттиҳоди Шуравӣ чӣ гуна буд?
2. Чуноне ки маълум аст, ходимони давлатӣ, асосан, мавриди саркӯб қарор мегирифтанд, вале зану фарзандони онҳо низ муҷозот мешуданд. Ин то кадом андоза ба ахлоқи умумиинсонӣ мувофиқат мекунад?

3. Занони таъқибшуда дар муқоиса бо шавҳаронашон чӣ гуна ҷазоро таҳаммул мекарданд?
4. Чаро ашхоси таҳти таъқибот қароргирифтаи Осиёи Марказӣ, асосан, ба Украина интиқол меёфтанд?
5. Шахсони таҳти таъқибот қароргирифта дар макони нави истиқоматашон ба кадом душвориҳои фарҳангӣ рӯ ба рӯ меомаданд?
6. Дар деҳот, асосан, кулакҳо таъқиб карда мешуданд. Аз рӯи кадом меъёрҳо сокинони деҳа ба ин табақа мутааллиқ дониста мешуданд?
7. Шахсони таъқибшудаи Осиёи Марказӣ дар кадом бахшҳои хоҷагии Украина саҳм гузоштаанд?
8. Таркиби этникии таъқибшудагони Осиёи Марказӣ чиро нишон медиҳад?
9. Дар мисоли Алия Хайрова ҳаёти занони таъқибшударо тасвир кунед.
10. ГУЛАГ чист? Ин ниҳодро дар мисоли Алҷазоир тавсиф кунед.
11. Мафҳумҳои «душмани халқ», «зани душмани халқ» ва «хоини Ватан» чӣ маъно доштанд?
12. Дар мисоли оилаи Рисқуловҳо хусусиятҳои таъқиботи сиёсиро муайян кунед.
13. Ҳукми «бе ҳуқуқи мукотиба ба муҳлати 10 сол маҳкум карда шудаст» чӣ гуна оқибатро овард?

***Маслиҳатҳо барои таълими матнҳои 5 ва 6***

Барои таълими матнҳо тавсия дода мешавад, ки саволҳои қаблан навишташуда, инчунин саволҳо ва супоришҳои иловагие, ки онҳоро дар асоси матнҳо ё андешаҳои хонандагон омӯзгорон мустақилона таҳия намудаанд, мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин тавсия дода мешавад, ки корбурд аз рӯи ҷадвалҳои таҳлилӣ ва ғайра ташкил гардад ва ғайра.

**Ҷадвали таҳлилӣ (барои таҳлили матни 5)**

Моҳияти мафҳумҳо ва ғояҳои асосии ба ҳам мухолифи матнро дар асоси мисолҳо аз худи матн ё ҳаёти иҷтимоии халқҳо дар гузашта ва имрӯза шарҳ диҳед.

| Мафҳуми асосӣ (ғояи асосӣ) | Моҳият | Мисол | Хулосаҳо |
|---|---|---|---|
| Ҷамоати кӯчманчӣ ва ҷамоати муқимӣ | | | |
| Ҳисоби авлод аз шаҷараи падарӣ ва модарӣ дар насабнома | | | |
| Манқуртгароӣ ва ҳувияти миллӣ | | | |
| Амазонкаҳо аз афсонаҳои юнонӣ, зани озоди кӯчманчӣ ва зани мусалмон | | | |
| Дигарон | | | |

**Ҷадвали таҳлилӣ (барои таҳлили матн 6)**

Ба донишҷӯён супориш диҳед, ки дигар ҳодисаҳоро дар таърихи инсоният таъқиботи сиёсӣ занонро дар Иттиҳоди Шуравии собиқ ба хотир меоранд, тавсиф намоянд.

| Ҳодисаҳо | Таъсири рӯйдодҳо ба сарнавишти зан ва оилаи ӯ | Монандиҳо дар рӯйдодҳо | Хулосаҳо |
|---|---|---|---|
| Таъқиботи сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ | | | |
| «Шикори рақибон» дар таърихи Аврупо | | | |
| Вазъи занон дар баъзе кишварҳои муосири мусалмонӣ | | | |
| Дигар | | | |

**Маслиҳатҳо барои таҳлили муқоисавии матнҳои 5 ва 6 ва кейс-стадии 2**

Ҷадвали таҳлилӣ барои муқоисаи кейс-стадии 2 ва матнҳои 5 ва 6 (мустақилона ғояҳои асосиро муайян намуда, дар ҳоли вуҷуд доштан ё надоштани онҳо аломати «+» ё «-» гузоред).

| Ғояи асосӣ | Кейс-стадии 2 | Матни 5 | Матни 6 |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| … | | | |

**Ҷамъбасти дарси 1**

Тавсия дода мешавад, ки ба донишҷӯён ба таври мухтасар муҳтавои ин кейс-стадиҳо ва матнҳои 5 ва 6, ғояҳои асосии ин матнҳо ва хулосаҳое, ки хонандагон дар натиҷаи мутолиа ба даст овардаанд, баён карда шавад. Инчунин, маълумоти мухтасарро дар бораи кейс-стади ва матнҳои машғулияти 2-и басти 1.2 пешакӣ пешниҳод шавад.

▼

## МАШҒУЛИЯТИ 2 (2 соат)

**КЕЙС-СТАДИИ 2: «Таърихи занони Бадахшон дар суратҳои тасвирии асри XX» (такрор).**

**Матнҳо:**

Матни 7. «Се навъи ҳаёти Саодат: коммунист, ӯзбек, наҷотёфта»;
Матни 8. «Вазъи занони Осиёи Марказӣ дар асри XX ва яке аз сарнавиштҳои онҳо».

**Ҳадафи машғулият:**

1. нишон дода шавад, ки занони Осиёи Марказӣ дар замони муосир чӣ гуна дастовардҳо доштанд ва айни ҳол ба чӣ мушкилот дучор омаданд;
2. кумак расондан ба донишҷӯён барои касби салоҳият зимни муайян намудани дастовардҳо ва мушкилоти одамон дар ҷомеа.

# Корбурд бо матнҳои 7 ва 8

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 7 «Се навъи ҳаёти Саодат: коммунист, ӯзбек, наҷотёфта»:**

1. Муаллифи мақола қаҳрамони худро коммунист, ӯзбек ва наҷотёфта тавсиф мекунад. Ҳамаи он чӣ маъно дорад?

2. Кадом омилҳо ба тасмими Саодат Шамсиева барои даст кашидан аз фаранҷӣ таъсир расондаанд?
3. Оё Саодат иштирокдори фаъоли Ҳуҷум буд?
4. Оё Саодатро директори ҳақиқии мактаби занони Хоразм ҳисоб кардан мумкин аст?
5. Метанарратив чист ва зиндагии Саодат дар замони шуравӣ бо кадом метанолиёт алоқаманд буд?
6. Метанарративи Саодат дар мусоҳибаи ӯ дар соли 1993 чӣ фарқият дорад?
7. Шахсияти Саодат – зани ӯзбекро ҳамчун мавзуиислоҳот, тағйирот, зӯроварӣ ва ё субъекти ин фаъолиятҳо чӣ гуна тавсиф кардан мумкин аст?
8. Се навъи ҳаёти Саодат Шамсиеваро дар маҷмуъ, чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст?

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 8 «Вазъи занони Осиёи Марказӣ дар асри XX ва яке аз сарнавиштҳои онҳо»:**

1. Се давраи ҳаёти занони Осиёи Марказиро дар матн баёншуда – ибтидои асри XX, даврони шуравӣ ва даврони истиқлолияти ин кишварҳо пешниҳод карда, мухтасар тавсиф намоед.
2. Ақоиди ҷадидия нисбат ба вазъи занони Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX чӣ гуна буд?
3. Нуқтаи назар дар бораи зарурати иштироки баробарии модарон ва падарон дар тарбияи фарзандон чи маъно дорад?
4. Оё шумо ба чунин ақида розӣ ҳастед, ки таҳсилот барои духтарон нисбат ба писарон муҳимтар аст?
5. Ҷадидиён аз мусалмонон даъват мекарданд, ки ба ҷойи тӯйҳо ва маросими дабдабанок фарзандони худро барои таҳсил ба хориҷа фиристанд. Дар ин ҷо бо замони имрӯз чӣ гуна шабоҳатҳоро нишон додан мумкин аст?
6. Оё худи занон барои сарнавишти душвори худ дар ибтидои асри XX гунаҳкор буданд?
7. Дар ибтидои ҳокимияти шуравӣ барои таъмини баробарии зану мард чӣ тадбирҳо андешида шуда буданд?
8. Тадбири Ҳуҷум барои занон натиҷаҳои манфӣ ва ё мусбат овард?
9. Оё ҳангоми ҳаллу фасли мушкилот ва сарнавишти занон аз ҷониби ҳокимияти шуравӣ шароити Шарқ ба назар гирифта мешуд?
10. Мубориза и ошкорои дин, руҳониён ва ба истилоҳ Иттиҳод («Бехудоёни ҷанговар»)-ро аз дидгоҳи муосир чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст?
11. Ба хоҷагии шуравӣ, махсусан, ба пахтакорӣ ҷалб намудани меҳнати занон чӣ гуна оқибатҳо овард?
12. Ҷанбаҳои манфӣ ва мусбии сиёсати ҳукумати шӯравиро зимни ҳаллу фасли мушкилоти гендерӣ дар Осиёи Марказӣ номбар кунед.

13. Аз оилаи босавод баромадани Раҳбар Ғуломова ба ҳаёт ва сарнавишти ӯ чӣ гуна таъсир расондааст?
14. Сарнавишти Раҳбар Ғуломоваро бо ҳаёти модаркалонаш Руқия-бибӣ, Хайринисо-бибӣ ва модараш Тошхон-бибӣ муқоиса кунед.
15. Оё фарзандони Ғулом ба боварии модарашон дар бораи он, ки одами бомаърифат ҳеҷ гоҳ хор намешавад ва сари вақт сиёҳро аз сафед фарқ мекунад, сазовор гаштанд?
16. Ба воқеияти зерин аз дидгоҳи муосир баҳо диҳед: «Ҳангоме ки мо паи ҳам ба минбар мебаромадем, фаранҷиҳоямонро ба оташи алангагирифта партофтем».

***Маслиҳатҳо барои таълими матнҳои 7 ва 8***

Матнҳои пешниҳодшуда бояд бо мундариҷаи кейс-стадии 2 пайвастагӣ дошта бошанд, аз ин рӯ, онҳоро барои хониши мустақилонаи хонагӣ, пешакӣ ба донишҷӯён тақсим кардан лозим аст. Барои муҳокимаи матнҳои 7 ва 8 ва гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо, тавсия дода мешавад, ки аз саволҳои дар боло овардашуда вобаста ба матнҳо ё аз саволу супоришҳои мустақилона тартибдодаи омӯзгор истифода бурда шавад. Инчунин, аз ҷадвалҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавии матнҳо ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

### Таҳлили муқоисавии матнҳои 7 ва 8

Рафтор, фаъолият ва сарнавишти қаҳрамонон-Саодат Шамсиева ва Раҳбар Ғуломоваро муқоиса кунед.

| Соҳаи фаъолият | Хислатҳои умумии ду қаҳрамон | Хислатҳои фарққунандаи қаҳрамонон | Хулосаҳо |
|---|---|---|---|
| Оила | | | |
| Тарбия | | | |
| Фаъолияти вобаста ба масъалаҳои зан | | | |
| Дигар | | | |

### Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулияти 2-ум

Тавсия дода мешавад, ки ба хонандагон мазмуну мундариҷаи кейс-стадии 2, андешаҳои муаллифони ин матнҳоро баён намуда, инчунин, хулосаҳо бароред. Ба ғайр аз ин, дар бораи матнҳои дарси 3-ибасти 1.2 маълумоти мухтасарро пешакӣ пешниҳод кунед.

## ДАРСИ 3 (2 соат)

**Кейс-стади: «Таърихи занони Бадахшон дар аксҳои тасвирии асри XX» (такрор).**

**Матн:**

Матни 9. «Занон-сарварони ҷомеа дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳангоми буҳрони Қирғизистон».

**Ҳадафи машғулият:**

1. нишон дода шавад, ки занон бо вуҷуди он ки дар ҷомеаи бартариятдоштаи мардон зиндагӣ мекунанд, чӣ гуна сарвар мешаванд ва мушкилоти иҷтимоӣ ва гендериро ҳаллу фасл мекунанд;
2. ба донишҷӯён барои касби салоҳият барои арзёбии сифатҳои роҳбарӣ кумак расонед.

## Корбурд бо матни 9

**Саволҳо барои муҳокимаи матни 9 «Занон-сарварони ҷомеа дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар давраи бӯҳрони Қирғизистон»:**

1. Чаро сарвари ҷомеа будани зан дар Қирғизистон маънои чолишро дорад?
2. Чаро занон дар шароити муқовимати шаҳрвандӣ сарвар мешаванд? Инро дар мисоли таърихи Датка ва Бурма шарҳ диҳед.
3. Аз рӯйи шароити зисташон байни микрорайони Калинин ё маҳаллаи сераҳолии ба номи Калинин (номи ғайрирасмии он) ва маҳаллаи Черемушки ва маҳаллаҳои дигари шаҳр чӣ фарқият ҷой дорад?
4. Даргириҳои моҳи июни соли 2010 дар Ӯш ба чӣ алоқамандӣ дошт?
5. Муносибати мутақобилаи калонсолони маҳаллии ӯзбек бо намояндагони ҷамоатҳои қавмии шаҳр дар ҳаллу фасли ин муноқиша чӣ нақш бозид?
6. Аз рӯйи кадом хислатҳояш Датка ба мақоми сарвари маҳалла расид?
7. Чаро қатъ гардидани ҳама чорабиниҳо дар масҷиди маҳаллӣ ва муваққатан баста шудан аз ҷониби Датка оқибатҳои манфӣ наовард?
8. Оё рафтори Датка ва дастаи ӯ нисбат ба иғвогарон, ғоратгарон ва паҳнкунандагони овозаҳо дуруст буд?
9. Муносибати шумо ба ҳамкории Датка ва дастаи ӯ бо гурӯҳҳои ҷиноии маҳаллӣ ё афроди ҳамроҳ бо олами ҷиноӣ дар ҳаллу фасли муноқиша чӣ гуна аст?
10. Нақши сарварии Датка ва занони ҳаммонанди ӯро ҳангоми даргириҳои қавмҳо дар Ӯш соли 2010 чӣ гуна арзёбӣ кардан мумкин аст?
11. Таркиби қавмии истиқоматгоҳи навъи шаҳрӣ ба ҳаёти сокинони он чӣ гуна таъсир расонд?
12. Оё аз кор сабукдӯш кардани падари Бурма барои мансубияти ӯ ба миллати қирғиз дуруст аст?
13. Бурма мудири универмаг, коргари тиҷорат буд ва сипас ба бозфурӯшии молҳо машғул мешавад – оё ҳамаи ин ба хислати сарварии ӯ таъсир расонд?
14. Чӣ гуна ба Бурма ва ҳамкасбони ӯ муяссар гардид, ки пеши роҳи ҷавонони маҳаллиро боздошта, ифротиҳои алайҳи ақаллияти ӯзбекро дар даргириҳои қавмии соли 2010 ором созанд?
15. Маъракаҳои интихоботии маҳаллӣ ба нуфузи Бурма ҳамчун сарвар чӣ гуна таъсир расонданд?

16. Чаро муаллиф Бурмаро ҳамчун намунаи омӯзиши тамоми умр медонад?
17. Кадом умумият ва фарқиятҳо дар унсурҳои хислатҳои Датка ва Бурма ҷой доранд?
18. Оё занон қодиранд, ки дар таҳкими сулҳу субот ва рушди ҷомеа нақши пешбарро бозӣ намоянд?
19. Бо кадом сабабҳо муаллиф чунин мешуморад, ки сарфи назар аз қудрат ва саҳми назарраси занони сарвар (Бурма, Датка) дар Қирғизистон то ҳоло ҳам дар вазифаҳои роҳбарикунанда намояндагии хеле кам доранд?



***Маслиҳатҳо барои таълими матни 9***

Матни пешниҳодшуда бояд бо мундариҷаи кейс-стадии 2 пайвастагӣ дошта бошад, онҳоро барои хондани мустақилона дар хона пешакӣ ба донишҷӯён тақсим кардан лозим аст. Барои муҳокимаи матни 9 ва таҳлили ҳамаҷонибаи он пешниҳод мешавад, ки саволҳои дар матнҳо аз рӯйи матнҳои мураттабшудаи дар боло омада ё саволу супоришҳои мустақилона тартибдодашудаи омӯзгор истифода бурда шаванд. Инчунин, аз харитаҳои консептуалӣ/кластерҳо, ҷадвалҳои таҳлилӣ, ҷадвали таҳлили ғояҳо – синтези ғояҳо, таҳлили муқоисавии матнҳо ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Таҳлили муқоисавии симои Датка ва Бурма**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Датка** | **Бурма** | **Хулосаҳо** |
|---|---|---|---|
| Нишонаҳои хислатҳо | | | |
| Дастовардҳо то муноқишаи қавмӣ | | | |
| Дастовардҳо ҳангоми муноқишаи қавмӣ | | | |
| Мақом дар ҷомеа | | | |
| Сарнавишти эҳтимолӣ | | | |

**Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулияти 3-юм**

Тавсия дода мешавад, ки ба хонандагон ба таври мухтасар мазмуни мисоли кейс-стадии 2 ва матни 9, ғояҳои асосии муаллифони ин матнҳо ва хулосаҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи он ба даст овардаанд, баён намоед. Инчунин, ин матнро бо матнҳои дигари басти 1.2 муқоиса кунед.

**Ҷамъбасти натиҷаҳои машғулиятҳо барои бастҳои 1.1 ва 1.2.**

Ба хонандагон мазмуни мухтасари ду кейс-стади ва ҳамаи матнҳоеро, ки дар давоми се дарс мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, хотиррасон карда, аз онҳо хоҳиш намоед, ки муносибати худро ба ин ду кейс-стади ва ғояҳои дар онҳо баёншуда иброз намоянд. Натиҷаҳоро бо саволҳои зерин ҷамъбаст кунед: Сарнавишти зан дар таърихи Осиёи Марказӣ чӣ гуна буд? Сарнавишти занон дар кишварҳои муосири Осиёи Марказӣ чӣ гуна аст? Барои ҷамъбасти натиҷаҳои қисми 1 «Ҷанбаҳои таърихӣ ва мақоми иҷтимоии занон дар Осиёи Марказӣ» (бастҳои 1.1 «Мақоми иҷтимоии занон дар таърихи Осиёи Марказӣ» ва 1.2 «Сарнавишти занони Осиёи Марказӣ дар гузашта ва имрӯз») бояд масъалаҳо дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеаи Осиёи Марказӣ, дар оянда баррасӣ карда шаванд.

## Басти 1.3

## Иншои академикӣ
## (6 соат – 3 дарс)



▼

## Нақшаи таълимӣ барои иншои академикӣ

Бахши муқаддимавӣ– 2 соат

Машғулияти ҳамгирошудаи иншои академикӣ барои мавзуи «Занон дар Осиёи Марказӣ».

**Шарҳи умумии машғулият**

Ин машғулият малакаҳои навишти академиро тавассути омӯзиши таҷрибаи занон дар Осиёи Марказӣ рушд медиҳад. Шунавандагон қоидаҳои академикӣ, роҳ надодан ба асардуздӣ, истинод варзидан ба сарчашмаҳо, навиштани эссеҳо муқоисаро меомӯзанд ва рӯнамои шифоҳиро ба иҷро мерасонанд. Маводи мураттабёфта ба мундариҷаи асосии машғулият мувофиқ сохта шуда, таълими байнисоҳавӣ ва татбиқи амалии малакаҳои навиштро фароҳам меорад.

**Ҳадафҳои таълим**

То охири машғулият донишҷӯён ба малакаҳои зерин расида метавонанд:

- Навишт ва меъёрҳои академикӣ, аз ҷумла услуб, сохтор ва мавриди назар қарор додани шунавандагонро мефаҳманд.
- Фарқияти иншои академикӣ аз ғайриакадемикӣ мефаҳмонад.
- Аз асардуздӣ худдорӣ намуда, иқтибосҳоро дар рӯнамоиҳои хаттӣ ва шифоҳӣ дуруст ба кор мебаранд.
- Ғояҳоро мантиқан мураттаб сохта, онҳоро дар шакли эссе бо таваҷҷуҳ ба сохторҳои муқоиса ва муқобилгузорӣ пешниҳод менамояд.
- Дар бораи «Занони Осиёи Марказӣ» эссеро дар шакли муқоиса ва муқобилгузорӣ навишта ва пешкаш менамояд.
- Тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилӣ тавассути таҳлил ва инъикоси матн ташаккул медиҳад.

Сохтори машғулият (12 соати дарсӣ + 12 соати кори мустақилона).

1. **Муқаддима ба иншои академикӣ**
   Таҳлили вижагиҳои асосии иншои академикӣ, фарқ гузоштан байни матнҳои академикӣ ва ғайриакадемикӣ, баррасии доираи шунавандагон, ҳадаф ва услуб дар заминаи илмӣ.
2. **Асардуздӣ, истифода аз сарчашмаҳо ва иқтибоси APA**
   Ҷанбаҳои ахлоқии асардуздӣ, василаи муттаҳид намудан, тағйири ифодаҳо ва иқтибос овардан, дуруст ба кор бурдани иқтибосҳо ва ирӯйхати адабиёт тибқи APA.

3. **Сохтори эссе дар шакли муқоиса ва муқобилгузорӣ**
   Омӯзиши нақшаҳои ташкилӣ (аз рӯйи баст ва нуқта ба нуқта), муайян кардани шабоҳат ва фарқияти байни мавзуъҳои таҳқиқ, истифода аз бурҳонҳои академикӣ барои мураттаб сохтани далелҳо.
4. **Тасдиқҳо ба таври фишурда, сохтори сарсатрҳо (абзатс) ва ҳамбастагии онҳо**
   Эҷод кардани фишурдаҳои возеҳ ва асоснок, таҳияи ҷумлаҳои мавзуии таъсирбахш, кумакрасон ва хулосакунанда, ки ягонагӣ ва хусусияти пайвандии онро таъмин мекунанд.
5. **Навиштани муқаддима, қисми асосӣ ва хулоса**
   Тартиб додани эссеҳо бо дарназардошти қолаби APA, навиштани муқаддима ва хулосаҳои боварибахш, истифода бурдани усулҳои тақризнависӣ ва таҳрир.
6. **Рӯнамоии эссе**
   Эҷоди матнҳои рӯнамоӣ дар қолаби APA PowerPoint, машқ кардани малакаҳои баромадкунӣ дар муҳити таълимӣ, ширкат варзидан дар баҳодиҳии тарафайн ва худбаҳодиҳӣ.

### Меъёрҳои баҳогузорӣ

| Унсур | Вазн (%) | Тавсиф |
|---|---|---|
| Ҳузур ва иштирок | 30 | Иштироки фаъол дар машғулиятҳо, кори гурӯҳӣ ва муҳокимаҳо |
| Мулоҳизаҳо ва вазифаи хонагӣ | 20 | Саривақт супоридани мулоҳизаҳои хаттӣ ва вазифаи хонагӣ баъди ҳар як машғулият |
| Эссеи ниҳоӣ дар шакли муқоиса ва муқобилгузорӣ | 30 | Саривақт супоридани эссеи хуб мураттабшуда ва асил (1000-1200 калима) бо иқтибосҳои саҳҳеҳи APA |
| Рӯнамоии эссеи ниҳоӣ | 20 | Муаррифии шифоҳии эссеи ниҳоӣ бо намоиш додани возеҳият, ташкил ва ҷалби шунавандагон |
| **Ҳамагӣ** | **100** | |

### Низоми баҳогузорӣ

| Баҳо | Фоизи доманаи интишор (диапазон) | Тавсиф |
|---|---|---|
| A | 90–100% | Аъло: фаҳмиши амиқ, асолат ва маҳорати иншои академикиро нишон медиҳад |
| B | 80–89% | Хуб: дарки қавии консепсияҳо ва хатогиҳои ҷузъӣ, ширкат ва фаҳмиши кофиро нишон медиҳад |
| C | 70–79% | Қаноатбахш: ба талаботи бунёдӣ ҷавобгӯ буда, баъзе хатоҳо ҷой доранд, иштирок ва фаҳмиши кофиро нишон медиҳад. |
| D | 60–69% | Такмил лозим аст: фаҳмиши маҳдуд, хатогиҳои такроршуда, иштироки ғайрикофӣ дорад. |
| F | Ниже 60% | Ғайриқаноатбахш: ба талаботи машғулитҳо ҷавобгӯ нест, иштироки суст ё корҳои нотамом дорад |

**Сиёсати иштирок ва ҳузур**

- Иштирок дар дарс ҳатмист. Зиёда аз як бор бесабаб ба дарс ҳозир нашудан ба натиҷаи баҳо таъсир расонда метавонад.
- Иштироки фаъолона дар мубоҳисаҳо, кори гурӯҳӣ ва баррасии тарафайни дониш талаб карда мешавад.
- Ҷалби доимӣ ва саҳм гузоштан дар фаъолияти синф, ки барои иштирок ва саҳми давомдор дар фаъолиятҳои синфӣ, ки барои бомуваффақият азхуд намудани машғулият муҳиманд.

**Истинодҳо (усули APA)**

Дар зер истинодҳои интихобшуда аз барномаҳои таълимӣ ва дастури таълимие, ки бо услуби APA таҳия гардидаанд, оварда шудаанд:


- Clement, J. (2021). Academic writing for university students. Cambridge University Press.
- American Psychological Association. (2020). Publication manual of the American Psychological Association (7th ed.). American Psychological Association.
- Purdue Online Writing Lab. (n.d.). Academic writing introduction. [Сарчашмаи электронӣ] https://owl.purdue.edu/owl/general_writing/academic_writing/index.html
- University of Manchester. (n.d.). Academic phrasebank.
- [Сарчашмаи электронӣ] http://www.phrasebank.manchester.ac.uk

- Мавод ва сарчашмаҳои иловагӣ дар ҳолати зарурӣ дар давоми машғулият таъмин карда мешаванд.

***Эзоҳҳо***

1. Ҳамаи супоришҳо бояд аслӣ бошанд ва ба талаботи иқтибосҳои APA мувофиқат кунанд.
2. Дер супоридани вазифаи иҷрошуда метавонад боиси паст шудани баҳо гардад, ба шарте ки агар тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.
3. Асардуздӣ ё бевиҷдонии академикӣ мутобиқи сиёсати донишгоҳ боиси ҷазои интизомӣ мегардад.
4. Соатҳои машваратӣ: омӯзгор барои дастгирии инфиродӣ муҳлат муайян мекунад.
5. Муқарризӣ: шарҳу тафсирҳои созанда аз рӯйи сиёҳнависҳо ва рӯнамоиҳо пешниҳод карда мешаванд.
6. Ҳассосияти фарҳангӣ: муҳокимаҳо ба гуногунии дидгоҳҳо ба таҷрибаи занони Осиёи Марказӣ эҳтиром мегузоранд.

# Муқаддима ба иншои академикӣ (идома)
# Нақшаи машғулияти 1 (2 соат)



**Мавзуи машғулият**

Дар ин машғулият донишҷӯён бо иншо асосии академикӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои калидии он ва фарқияти он аз навиштаҳои ғайриакадемикӣ иттилоъ пайдо мекунанд. Дарс донишҷӯёнро ба талаботи навишт аз рӯйи машғулияти «Занони Осиёи Марказӣ» омода мекунад.

**Ҳадафҳои машғулият**

Дарс донишҷӯёнро бо меъёрҳо ва интизориҳо бо иншои академикӣ шинос намуда, дар фарқ гузоштани байни матнҳои академикӣ аз матнҳои ғайриакадемикӣ кумак мерасонад. Донишҷӯён фаҳмиши шунавандагони синф, ҳадаф, услуб, сохтор ва вижагиро дар заминаи академикӣ рушд медиҳанд, ки он малакаҳои заруриро барои иҷрои супоришҳои машғулият ташаккул медиҳанд.

**Маводҳо ва таҷҳизот**

Маводҳои зарурӣ аз порчаҳои барномаи таълимӣ ва дастури методӣ, намунаҳои матнҳои академикӣ ва ғайриакадемикӣ барои таҳлил, инчунин, тахтаи синф ё проектор барои рӯнамоиҳо иборат мебошанд. Барои муқоиса ба донишҷӯён дафтарҳо ё ноутбукҳо, варақаҳо бо машқҳо ва ҷадвалҳо лозиманд. Барои иттилоот роҳнамоии оинома дар бораи услуби иқтибосҳо дастрас хоҳад буд.

**Натиҷаҳои таълим**

То охири дарс донишҷӯён метавонанд иншои академикиро муайян кунанд, ки он чӣ гуна аст ва хусусиятҳои фарқкунандаашродарк намоянд. Онҳо тавассути таҳлил ва муқоиса малакаҳои фарқ кардани матнҳои академикиро аз ғайриакадемикӣ ҳосил хоҳанд кард. Донишҷӯён аҳамияти баррасии шунавандагон дар синф, вижагии мувофиқ, сохтори мантиқӣ ва навишти далелдорро дар муҳити академикӣ дарк хоҳанд кард. Онҳо, инчунин, таҷрибаи навишти худро таҳлил намуда, мушкилоти эҳтимолиро ҳангоми иҷрои супоришҳои таълимӣ мушоҳида хоҳанд кард.

**Усулҳои баҳогузорӣ**

Фаҳмиши маводи таълимии донишҷӯён тавассути иштироки фаъолона дар муҳокимаҳо, машқҳо ва супоришҳо баҳо дода мешавад. Омӯзгорон дурустии таснифи матн ва натиҷаи муқоисаи гурӯҳиро месанҷанд. Супоришҳои хаттӣ барои арзёбии огоҳии донишҷӯён вобаста ба малакаҳои хаттии онҳо кумак мерасонанд ва баҳогузории доимии қолабӣ тавассути саволҳо ва фикру мулоҳизаҳо дар давоми машғулият сурат мегирад.

**Раванди дарс**

Дарс бо маърузаи кӯтоҳе оғоз мешавад, ки аҳамияти иншои академикиро нишон медиҳад ва сипас хусусиятҳои асосии он тавассути ҷадвалҳои муқоисавӣ пешкаш мегарданд. Донишҷӯён як қатор машқҳоро анҷом медиҳанд: аввалан намудҳои матнҳоро

муайян менамоянд, сипас дар якҷуфтӣ иншои академикӣ ва ғайриакадемиро муқоиса мекунанд, ки баъди он супоришҳои инфиродӣ барои тасниф ва худсанҷӣ меоянд. Дарс бо дастурҳо оид ба вазифаи хонагӣ – таҳлили матн – ба анҷом мерасад.

**Муқаддима ба дарс**

Мубоҳисаи ибтидоӣ ба ошноии донишҷӯён бо иншои академикӣ мутаваҷҷеҳ аст. Омӯзгор намунаҳои гуногуни матнҳо (Матни А ва Матни В)-ро барои ангезиши таассуроти нахустин дар бораи услуб ва ҳадафҳои навишт пешниҳод намуда, сипас ҳадафҳо ва нақшаи дарсро баён месозад.

**Хулосаи машғулият**

Машғулият бо хулосаи фарқиятҳои калидӣ байни иншои академикӣ ва ғайриакадемикӣ, бо тамаркузм махсус ба шунавандагон, вижагӣ, сохтор ва пояҳои далелҳо ба итмом мерасад. Донишҷӯён хулосаҳои машқҳоро мубодила мекунанд ва омӯзгор шарҳи дарси навбатиро дар бораи асардуздӣ ва иқтибосоварӣ пешниҳод мекунад. Супоришҳои хонагӣ ҳадафҳои дарсро тақвият мебахшанд.

**Тақсими вақт:**

- Вақти умумӣ: 90 дақиқа (як машғулият)
- муқаддима ва шарҳи умумӣ: 10 дақиқа
- маъруза дар бораи иншои академикӣ ва ғайриакадемикӣ: 15 дақиқа
- машқи 1 (муайян кардани навъи матн): 15 дақиқа
- машқи 2 (муқоиса ва муқобилгузорӣ дар ҷуфтҳои корӣ): 15 дақиқа
- машқи 3 (таснифот). 10 дақиқа:
- машқи 4 (худсанҷӣ): 10 дақиқа
- машқи 5 (роҳнамоҳо барои таҳлили матн ва саволу ҷавоб): 10 дақ
- хулоса ва ҷамъбаст: 5 дақ

**Шаклҳои ташкилӣ**

Омӯзиш байни рӯнамоиҳо барои тамоми ҳозирини синф, мубоҳисаҳо дар гурӯҳҳои ҷуфт, супоришҳои инфиродии худсанҷӣ ва мубодилаи гурӯҳӣ тағйир меёбад. Чунин равиши рангоранг услубҳои гуногуни омӯзишро дар бар мегирад ва консепсияҳои калидиро тавассути шаклҳои сершумори ҷалбкунӣ ба он тақвият медиҳад.

**Вазифаи хонагӣ**

- Иҷро кардани машқи 5. Матни кӯтоҳеро интихоб кунед (аз рӯзнома, сомона ё шабакаҳои иҷтимоӣ) ва бо истифода аз саволҳои зерини роҳнамо онро таҳлил намоед:
  1. Ин чӣ гуна навъи матн аст?
  2. Шунавандагон дар синф киҳоянд?
  3. Ҳадафи машғулият чист?
  4. Вижагии он чӣ гуна аст?
  5. Сохтори он чӣ гуна аст?
  6. Ин матн аз иншои академикӣ чӣ фарқ дорад?
- Дар асоси дарси имрӯза худсанҷии кӯтоҳи хаттиро дар бораи мушкилоти эҳтимолӣ дар иншои академикӣ омода кунед.

- Ба таври ихтиёрӣ: бо намунаҳои супоришҳои академикӣ, ки ба таври онлайн дастрасанд, барои фаҳмиши беҳтар шиносоӣ пайдо кунанд.

## Машғулиятҳои амалӣ ва супоришҳои хонагӣ



### Иншои академикӣ ва ғайриакадемикӣ

### Иншои академикӣ чист?

Иншои академикӣ – як шакли махсуси навишт аст, ки дар илмҳои рафторӣ ва иҷтимоӣ (инчунин дар фанҳои дигар) истифода мешавад ва он меъёрҳо ва интизориҳои худро риоя мекунад. Ин танҳо як тарзи дигари навишт нест, он фарҳанги алоҳида бо забон, меъёрҳо ва ҳадафҳои худ мебошад.

Хусусиятҳои калидии иншои академикӣ чунинанд:

- **Огоҳии шунавандагони синф:** навишт барои шунавандагони академикӣ, ки сатҳи умумии донишро дар назар мегирад.
- **Ҳадафи далелдор** бурҳони дақиқ ё мавқеero дар назар дорад, ки аксаран чизи нав ё беназирро пешниҳод мекунад.
- **Мушкилотсозӣ** ақидаҳои мавҷударо зери шубҳа мегузорад ва хонандагонро водор мекунад, ки донишҳои муқарраршударо аз нав мавриди баррасӣ қарор диҳанд.
- **Вижагии ақлонӣ** ҳукмҳои мантиқӣ ва далелҳоро истифода бурда, аз ҳолатҳои эҳсосотӣ канорагирӣ мекунад.
- **Муҳтавои мубрам** танҳо маълумоти аз ҷиҳати илмӣ қобили эътимод ва мувофиқро дар бар мегирад.
- **Сохтори ҳамбастшуда** мантиқан ҳам дар сатҳи макро (тамоми матн) ва ҳам дар сатҳи мезо (сархатҳои матн) ташкил карда шудааст.
- **Услуби пайвандӣ** робитаҳои возеҳи байни ғояҳо, таърифҳо ва муносибатҳоро истифода мебарад.
- **Забони мураккаб ва дақиқ** лексика ва грамматикаи мураккабро истифода мебарад, аммо равшан ва дастрас боқӣ мемонад.

### Иншои ғайриакадемикӣ чист?

Иншои ғайриакадемикӣ танҳо матнҳоеро ба монанди мақолаҳои маҷаллаҳо, блогҳо, паёмҳои матнӣ, таблиғот ва номаҳои электронии шахсиро дар бар мегирад. Ин шаклҳои навишт маъмулан ғайрирасмӣ, сохтори камтар дошта, ба шунавандагони васеътар ё ғайри он нигаронида шудааст.

Хусусиятҳои асосии иншои ғайриакадемикӣ чунинанд:

1. **Шунавандагон** метавонанд доираи васеи манфиатҳоро дошта бошанд.
2. **Ҳадаф** метавонад фароғатӣ, иттилоотӣ, боварибахш ё танҳо муошираткунанда бошад.
3. **Муносибат:** маъмулан мустақим, шахсӣ ё гуфтугӯӣ аст.
4. **Вижагӣ:** ғайрирасмӣ, эҳсосӣ ё субъективӣ.
5. **Муҳтаво** метавонад андешаҳои шахсӣ, латифаҳо ё сарчашмаҳои беэътимодро дар бар гирад.
6. **Сохтор:** камтар қотеъ аст; он сохтори қотеи танзимиро пайгирӣ намекунад.

7. **Услуб:** озод (ифодаҳои хосси оммиёна, ибораҳои рехта, лексикаи гуфтугӯӣ).
8. **Забон:** захираи луғавӣ ва сохтори ҷумлаҳо нисбатан соддатар.

## Машқҳо барои машғулиятҳои 1

### Муқаддима ба иншои академикӣ

#### МАШҚИ 1. Муайян кардани навъи матн

**Роҳнамо**

Матнҳои кӯтоҳи зеринро хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед?

1. Ин ба кадом навъи хат тааллуқ дорад?
2. Шунавандагони тахти ҳадаф қароргирифта киҳоянд?
3. Ҳадафи он чист?
4. Ин иншои академикӣ аст ё ғайриакадемикӣ? Чаро?

**Матни А**

Оё барои гузашта хавотиред? Барои оянда дар ҳаяҷони шадид қарор доред? Машқи ҳушёрӣ, ки ба замони ҳозира интиқол ёфтани шумо кумак мекунад, ки он шуморо хушбахттар ва оромтар мекунад.

**Матни В**

Ин таҳқиқот робитаи байни амалияҳои ҳушёрӣ ва коҳиши ҳаяҷони шадидро дар байни донишҷӯёни донишгоҳҳо баррасӣ мекунад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки байни машқҳои мунтазами ҳушёрӣ ва паст шудани сатҳи ҳаяҷони шадид робитаи назаррас ҷой дорад.

#### МАШҚИ 2: Муқоиса ва муқобилгузорӣ

**Роҳнамо**

Дар ҷуфтҳои корӣ ҳадди аққал се фарқияти байни иншои академикӣ ва ғайриакадемикиро бо истифода аз матнҳои дар боло овардашуда, ба ҳайси мисолҳо муҳокима намуда ва номбар кунед.

#### МАШҚИ 3: Академикӣ ҳаст ё на?

**Роҳнамо**

Матнҳои зеринро ҳамчун академикӣ ё ғайриакадемикӣ тасниф намоед ва интихоби худро мухтасар шарҳ диҳед:

- Интишори хабар дар блог дар бораи сафар;
- Мақолаи илмие, ки дар маҷаллаи равоншиносӣ нашр шудааст;
- Ёддошти корӣ дар бораи сиёсати нав;
- Дастури пухтани торти шоколадӣ;
- Эссеи далелдор барои супориши донишгоҳ.

#### МАШҚИ 4: Худсанҷӣ

**Роҳнамо**

Дар бораи таҷрибаи худии навишт андеша намоед. Шумо бештар кадом матнҳо – академикӣ ё ғайриакадемикиро навиштаед? Ҳангоми омӯзиши иншои академикӣ Шумо дучори кадом мушкилотро интизоред?

### МАШҚИ 5. Амалияи таҳлили матн

**Роҳнамо**

Матни кӯтоҳро интихоб кунед (аз рӯзнома, сомона ё шабакаҳои иҷтимоӣ). Барои таҳлили он аз саволҳои зерин истифода баред:

1. Ин кадом навъи матн аст?
2. Шунавандагон киҳоянд?
3. Ҳадафи он чист?
4. Услуби он чӣ гуна аст?
5. Сохтори он чӣ гуна аст?
6. Он аз иншои академикӣ чӣ фарқ дорад?

Ҷадвали ҷамъбастӣ: иншои академикӣ ва ғайриакадемикӣ

| Хусусият | Иншои академикӣ | Иншои ғайриакадемикӣ |
|---|---|---|
| Шунавандагон | Ҳамкасбони академикӣ, коршиносон ва ғайра | Доираи васеи омма, дӯстон ва ғайра |
| Ҳадаф | Далел овардан, маълумот додан, саҳм гузоштан ба дониш | Барои фароғат, маълумот додан, бовар кунондан |
| Вижагӣ | Расмӣ, ақлонӣ | Ғайрирасмӣ, эҳсосӣ, рангоранг |
| Сохтор | Дақиқан мураттабшуда, мантиқан саҳеҳ | Чандир, дорои сохтори камтар |
| Услуб | Пайвасташуда, дақиқ | Гуфтугӯӣ, гуногунранг |
| Забон | Мураккаб, техникӣ, возеҳ | Муқаррарӣ, рӯзмарра |
| Исбот | Сарчашмаҳои академикӣ | Таҷрибаи шахсӣ, андешаҳо |

## Машғулияти 2

**Асардуздӣ, истифодаи сарчашмаҳо ва услуби иқтибоси APA*** (иттиҳодияи равоншиносони ҳирфаӣ) (2 соат)

### Ҳадафҳои дарс

Ин дарс ба донишҷӯён дар фаҳмидани оқибатҳои ахлоқии асардуздӣ ва рушд додани малакаҳои амалӣ дар истифодаи дурусти сарчашмаҳо кумак мерасонад. Донишҷӯён усулҳои иқтибосҳои APA-ро ҳам барои иқтибосҳо дар дохили матн ва ҳам дар рӯйхати адабиёт меомӯзанд ва салоҳиятҳои асосии навишти академиро касб мекунанд.

### Мавод ва таҷҳизот

Ба машғулият порчаҳо аз асари Клемент (2021) ва сарчашмаҳои дигари илмӣ барои намоиш додани истифодаи дурусти сарчашмаҳо талаб карда мешавад. Омӯзгорон бояд намунаҳои муассир ҷамъкунӣ, ба ибораи дигар баён кардани матн ва иқтибосоварӣ, инчунин, қолабҳои иқтибосҳои APA-ро омода кунанд. Маводҳои зарурӣ маводи таълимии тақсимшаванда барои машғулиятҳо, ноутбук ва ё дафтарҳои донишҷӯён барои

* Услуби APA – шакли қолабишудаи навиштан ва иқтибос овардан аст, ки аз ҷониби иттиҳодияи равоншиносии Амрико таҳия шуда, асосан, дар илмҳои иҷтимоӣ барои таъмини возеҳият, пайдарпайӣ ва саҳеҳ таҳия намудани манбаъҳо истифода мешавад

таҷрибаи нависондан ва роҳнаморо аз рӯйи услуби APA дар қолабҳои чопӣ ва рақамӣ дар бар мегирад. Барои намоиш проектор ё тахтаи синф истифода мешаванд.

**Натиҷаҳои таълим**

Бо анҷоми дарс донишҷӯён дақиқан муайян карда метавонанд, ки асардуздӣ чист ва шаклҳои гуногуни онро шинос мешаванд. Онҳо қобилияти ҷамъбаст кардан, бозшарҳ додан ва аз сарчашмаҳо иқтибос оварданро бо ҳамгироии дурусти ин унсурҳо дар матнҳояшон нишон медиҳанд. Донишҷӯён услуби иқтибосоварии APA-ро барои истинодҳои дохили матн ва рӯйхати адабиёт дуруст истифода мебаранд ва инчунин метавонанд, ки нишонаҳои асардуздиро ҳам дар кори худ ва ҳам ҳангоми тақризнависӣ ба матнҳои дигарон муайян ва пешгирӣ кунанд.

**Усулҳои баҳодиҳӣ**

Пешравии донишҷӯён тавассути иштироки фаъолона дар чорабиниҳои гуногуни синфӣ, аз ҷумла машқҳо барои ошкор намудани асардуздӣ ва кори иқтибосоварӣ баҳо дода мешавад. Омӯзгорон машқҳои иҷрошударо барои муайян намудани ҷамъбасткунӣ, бозшарҳи матн ва иқтибосро месанҷанд. Вазифаи хонагӣ, ки истифодаи дурусти сарчашмаҳо ва таҳияи онро тибқи талаботи APA талаб мекунанд, барои санҷиш супурда мешавад. Баҳогузории ҷории ғайрирасмӣ тавассути ҷаласаҳои баррасии тарафайни донишҷӯён ва санҷиши омӯзгор, дар давоми дарс таъмин карда мешавад.

**Раванди машғулият**

Дарс бо маърузаи мухтасар оғоз мешавад, ки мафҳуми «асардуздӣ» ва оқибатҳои академии онро шарҳ медиҳад. Сипас омӯзгор усулҳои ҷамъбасткунӣ, бозтафсири матн ва иқтибосро ҳамроҳи шарҳи қоидаҳои иқтибосоварӣ қадам ба қадам нишон медиҳад. Донишҷӯён дар амалияи роҳнамошаванда бо мисолҳо аз асари Клемент (2021), ба гурӯҳ ё дунафарӣ ҷудо шуда ҳолатҳои эҳтимолии плагиатро муайян мекунанд ва форматкунии иқтибосҳоро тамрин менамоянд. Машғулият намоиши дуруст мураттаб сохтани саҳифаи сарлавҳавиро тибқи APA дар бар мегирад ва бо муҳокимаи таҷрибаҳои беҳтарин ва шарҳи хатогиҳои маъмули иқтибосоварӣ ба анҷом мерасад.

**Муқаддимаи машғулият**

Машғулият бо саволҳо дар бораи асардуздӣ ва аҳамияти иқтибоси дуруст оғоз меёбад. Мисоли воқеии рафтори нодурусти академикӣ оқибатҳои ҷиддии асардуздиро нишон медиҳад. Омӯзгор ҳадафи дарс ва чорабиниҳои банақшагирифтаро барои муайян кардани интизориҳои возеҳ муайян менамояд.

**Хулосаи дарс**

Омӯзгор дар охири машғулият навъҳои асосии асардуздиро такрор намуда, аҳамияти дуруст ба кор бурдани иқтибосҳоро дар кори академикӣ қайд менамояд. Марҳилаҳои асосии ҷамъбаст, бозтафсир, иқтибос ва мураттаб сохтани истинод, ҷамъбаст ва барои саволҳои донишҷӯён аз рӯи услуби APA вақт ҷудо карда мешавад. Машғулият бо эълони дарси оянда, ки ба сохтори эссе ё усулҳои пешрафтаи корбарӣ бо сарчашмаҳо бахшида мешавад, анҷом меёбад.

**Равиши созмондиҳӣ**

Таълим аз маъруза барои тамоми синф оғоз шуда, баъд ба кори муштарак дар гурӯҳҳои хурд ва ҷуфт барои иҷрои супоришҳои амалӣ идома еёбад. Донишҷӯён машқҳои инфиродиро дар бораи малакаҳои иқтибос ва қолабсозӣ ва пас аз он ҷаласаҳои тақризи тарафайн ва муҳокимаҳои гурӯҳиро барои тақвият додани дониши онҳо тавассути фикру мулоҳиза ва худсанҷиш анҷом медиҳанд.

**Вазифаи хонагӣ**

Барои вазифаи хонагӣ донишҷӯён ягон сарчашмаи илмиеро, ки ба мавзуи «Зан дар Осиёи Марказӣ» иртибот дорад, пайдо мекунанд. Барои онҳо зарур аст, ки се василаи гуногуни ҳамгироии сарчашмаро омода кунанд: як бозтафсири матн, як хулоса ва як иқтибоси мустақим, ки ҳар кадоме бо иқтибосҳои мувофиқи дохили матн, тибқи APA оварда мешавад. Донишҷӯён сабти пурраи рӯйхати адабиётро тартиб дода, асолат ва дақиқии иқтибосҳоро бо истифода аз дастури APA ё абзорҳои махсуси иқтибос месанҷанд. Ба таври ихтиёрӣ донишҷӯён метавонанд намунаҳои худро барои муҳокима дар дарси оянда омода созанд.

**Сарчашмаҳои иловагӣ**

Дар дарс мисолҳои сершуморе, ки усулҳои дурусти ҷамъбасткунӣ, бозтафсири матну иқтибосҳо, инчунин, тарзи дуруст мураттаб сохтани иқтибосҳоро мувофиқи услуби APA нишон медиҳанд, ворид карда мешаванд. Барои маълумот намунаи саҳифаи сарлавҳавии APA дар мавзуи дахлдор пешниҳод карда мешавад. Машғулият дарсҳои гуногуни синфиро дар бар мегирад, ки онҳо ба навиштани хулоса, амалияи бозтафсири матн, ҳамгироии иқтибосҳо ва машқҳои барои қолабсозӣ аз рӯйи APA мутамарказанд. Нӯҳ сарчашма, аз ҷумла матни замимашуда ва маводи иловагии илмӣ, замина ва қолабҳои амалияҳои беҳтаринро барои донишҷӯён пешкаш мекунанд.

## Амалия ва вазифаи хонагӣ

**МАШҒУЛИЯТИ 2: Асардуздӣ, истифодабарии сарчашмаҳо ва иқтибосоварӣ (услуби APA)**

**Ҳадафҳои таълим:**

- фаҳмиши он, ки асардуздӣ чист ва чаро он хилофи ахлоқ аст;
- ёд гирифтани истифодаи дуруст ва ҳамгироии сарчашмаҳо;
- таълими усулҳои иқтибосоварӣ аз рӯи услуби APA дар иншои академикӣ.

1. **Фаҳмиши асардуздӣ.**

   **Таъриф.** Асардуздӣ – ин пешниҳоди калимаҳо, ғояҳо ё тасвирҳои шахси дигар ҳамчун кори шахсӣ бидуни ишораи дақиқ ба сарчашмаи онҳо аст. Он нусхабардории матн, бозтафсири матн бидуни истинод ва ё истифодаи ғояҳои каси дигарро дар бар мегирад (American Psychological Association, n.d.-a).

   **Намудҳои асардуздӣ:**

   - **Асардуздии матнӣ** – нусхабардории дақиқи калимаҳо бидуни гузоштани нохунакҳо ва истинодҳо.

- **Асардуздии ғоявӣ** – истифода аз ғояҳо ё сохторҳои ягон каси дигар бе эътирофи муаллифи он.
- **Асардуздии худӣ** – истифодаи дубораи кори қаблии худ бидуни истинод ба онҳо.

**Чаро аз асардуздӣ бояд худдорӣ кард?**
- Он мухолифи ахлоқ аст ва метавонад боиси муҷозоти академикӣ гардад.
- Он эътибори муаллифони аслиро аз байн мебарад.
- Обрӯи Шуморо ҳамчун муаллиф паст мекунад.

**2. Истифодаи дурусти сарчашмаҳо**

**Ҳамгироии сарчашмаҳо:**
- **Ҷамъбаст кардан** – бо суханони худ такроран баён намудани ғояҳои асосӣ. Ҳатман бояд сарчашмаро нишон дод.
- **Бозтафсири матн** – бо ифодаҳои дигари худӣ баён намудани маълумоти мушаххас. Ҳатман бояд сарчашмаро нишон дод.
- **Иқтибос овардан** – истифода аз калимаҳои дақиқи сарчашма дар нохунак ва дар истинод ба он.

**Маслиҳатҳо:**
- ҳангоми бозтафсири матн ҳам калимаҳо ва ҳам сохтори ҷумларо тағйир диҳед.
- иқтибосҳои мустақимро ба ҳадди муътадил ва танҳо ҳангоми зарурат истифода баред.
- ҳангоми истифодаи маълумот аз сарчашма ҳамеша иқтибосро нишон диҳед.

**3. Усулҳои иқтибос** (услуби APA)

**Иқтибосҳои дохили матн:**
- барои ботафсири матн – муаллиф, сол.
- барои иқтибосҳои мустақим – муаллиф, сол, шумораи саҳифа.

**Намунаи қайдҳо дар рӯйхати адабиёт:**
Clement, V. (2021). Femininity in Turkmen wedding rituals and family values. In *Women of Central Asia* (pp. xx–xx). APAX.

**4. Намунаҳо аз матни заммимашуда**

**А. Ҷамъбаст кардан.**

*Матни аслӣ*:

«Дар Туркманистон, ҳатто, дар байни бегонагончунин одат шудааст, ки аз занон бипурсанд: «Чанд фарзанд доред?». ...Ҳар дафъае, ки дар Туркманистон бо касе вомехӯрдам, онро бароям маълум мекарданд. Ҳатто, ронандагони тақси низ чунин саволро мепурсиданд. Чунин саволҳо арзиши олии оила ва фарзандонро дар Туркманистон нишон медиҳад. Дар он ҷо занҳо на ҳамчун духтари кӯчак ва ё фарзанд-духтар, балки ҳамчун ҳамсар ва модар арзиши иҷтимоӣ доранд» (Clement, 2021, с. xx).

*Ҷамъбандӣ:*

Дар Туркманистон арзиши иҷтимоии занон бо нақшҳои онҳо, ҳамчун занон ва модарон робитаи зич дорад, ки дар муносибатҳои ҳаррӯза инъикос меёбад (Clement, 2021).

**Б. Бозтафсири матн:**

*Матни аслӣ*:

«Духтар – дар хонаи падараш меҳмон аст ва танҳо баъди издивоҷ зан маҳсуб меёбад. Ҳангоми ба ақди никоҳ даромадан духтар аз хонаи падар ба оилаи шавҳараш мегузарад, ки бо маросимҳои мураккаб, аз ҷумла пардохти қалин барои арӯс дунболагирӣ мешавад» (Clement, 2021, с. xx).

*Бозтафсири матн*:

Духтарони туркман аъзои муваққатии оилаҳои худ ҳисобида мешаванд ва танҳо пас аз издивоҷ ва гузариш ба хонаи шавҳар, ки бо урфу одатҳо ва пардохти қалини арӯс ҳамроҳӣ мешавад, мақоми пурраи иҷтимоӣ мегиранд (Clement, 2021, с. xx).

**В. Иқтибос**

*Матни аслӣ*:

«Ба ибораи дигар, зан то издивоҷ ва соҳиби фарзанд шуданаш ба қадри комил мавриди қадрдонӣ қарор намегирад» (Clement, 2021, с. xx).

*Иқтибос*: Тавре (Clement, 2021) қайд мекунад, «зан то издивоҷ ва соҳиби фарзанд шуданаш ба қадри комил мавриди қадрдонӣ қарор намегирад»

**Г. Қайд дар рӯйхати адабиёт (услуби APA)**

Clement, V. (2021). Femininity in Turkmen wedding rituals and family values. In *Women of Central Asia* (pp. xx–xx). APAX.

5. **Намунаи саҳифаи сарлавҳавӣ (услуби APA)**

**Мавзуъ:**

Аҳамияти иҷтимоии маросимҳои арӯсии туркманӣ ва нақши занон

**Саҳифаи сарлавҳавии APA**

*The Social Significance of Turkmen Wedding Rituals and Women's Roles*

[Номи Шумо]

[Номи донишгоҳи Шумо]

Women in Central Asia

[Номи омӯзгор]

Рӯз, моҳ, сол

- Ҳамаи матн дар ду фосилаи байни сатрҳо ва дар маркази саҳифа ҷойгир карда мешавад.
- Шрифти Times New Roman, андозаи шрифт 12
- Рақами саҳифа дар кунҷи рости боло.

6. **Машқҳо дар синф**

**Ошкор намудани асардуздӣ**

*Роҳнамоҳо*:

порчаҳои зеринро хонед. Муайян кунед, ки кадоми онҳо асардуздӣ буда, кадомашон дуруст иқтибос карда шудаанд.

*Асардуздӣ:*

«Зан то издивоҷ накунад ва соҳиби фарзанд нашавад, ба пуррагӣ қадрдонӣ намегардад».

*Саҳҳеҳ:*

Тавре Clement (2021) қайд мекунад, «зан то издивоҷ ва соҳиби фарзанд шуданаш ба қадри комил соҳибэҳтиром намегардад».

**Фаъолияти ҷамъбасткунӣ ва бозтафсири матн**

*Роҳнамо*:

сархати аввалро бихонед. Маълумотномаи мухтасар ва бозтафсири матнро нависед. Бо ҳамсинфон онро мубодила кунед ва аслолату дурустии иқтибосро бисанҷед.

*Матни аслӣ*:

«Калимаи gelin аз феъли gelmek («даромадан») дар феъли амрии шахси дуюм бармеояд. Онро метавон озодона ҳамчун «даромадан» тарҷума кард. Этимологияи ин истилоҳ нишон медиҳад, ки ҳувияти зани ҷавон бо вуруди ӯ ба хонаи шавҳараш муайян карда мешавад, ки дар он ҷо бояд корҳои хоҷагиро пеш барад, ғизо омода созад ва фарзанд таваллуд кунад». ((Clement, 2021), с. xx).

**Фаъолияти иқтибосоварӣ тибқи талаботи APA**

*Роҳнамо*:

қайдҳоро барои рӯйхати адабиёт ислоҳ кунед.

*Нодуруст:*

Victoria Clement. Femininity in Turkmen wedding rituals and family values. APAX, 2021.

*Дуруст:*

Clement, V. (2021). Femininity in Turkmen wedding rituals and family values. In Women of Central Asia (pp. xx–xx). APAX.

**Фаъолияти иқтибосоварӣ:**

*Роҳнамо*:

ҷумлаеро аз матни заммимашуда интихоб кунед ва онро ҳамчун иқтибоси мустақим дар сархати кӯтоҳ бо иқтибоси дурусти тибқи APA дар матн дохил кунед.

**Ба қолаб овардани варақи сарлавҳагӣ аз рӯйи талаботи APA:**

*Роҳнамо*:

саҳифаи сарлавҳагиро барои эссеи худ дар мавзуи «Continuity and Change in Turkmen Wedding Rituals and Women’s Social Status» ба қолаб дароред.

7. **Вазифаи хонагӣ**:
   - аз рӯйи мавзуи «Занони Осиёи Марказӣ» ягон сарчашмаи илмӣ ёбед.
   - бозтафсири матн, хулоса ва иқтибосеро аз ягон сарчашма ёбед.
   - иқтибосҳои дохилии матнро аз рӯйи талаботи APA ва қайдеро барои рӯйхати адабиёт пешниҳод кунед.
8. **Маслиҳатҳои иловагӣ:**
   - ҳамеша бозтафсирҳо ва хулосаҳои худро тафтиш кунед
   - барои тафтиши иқтибосҳо барангезандагони иқтибосҳо ё дастурҳои расмии APA-ро истифода баред
   - ҳангоми шубҳа пайдо карданатон ҳамеша сарчашмаро нишон диҳед.

**9. Иқтибосҳо:**

Clement, V. (2021). Femininity in Turkmen wedding rituals and family values. In Women of Central Asia (pp. xx–xx). APAX.

American Psychological Association. (n.d.-a). Plagiarism. APA Style. [Электронный ресурс] https://apastyle.apa.org/style-grammar-guidelines/citations/plagiarism

American Psychological Association. (n.d.-b). Title page setup. APA Style. [Электронный ресурс] https://apastyle.apa.org/style-grammar-guidelines/paper-format/title-page

University of Manitoba. (2022).37. Integrating sources in academic writing. [Электронный ресурс
https://umanitoba.ca/student/academiclearning/media/Integrating_Sources.pdf

Singh, A. A., & Lukkarila, L. (2017). Successful academic writing: A complete guide for social and behavioral scientists. Guilford Press.

American Psychological Association. (2020). Publication manual of the American Psychological Association (7th ed.). APA.

Avoiding Plagiarism Guide, APA Style 7th Edition. (n.d.). [Электронный ресурс] https://libguides.usc.edu/APA7th/plagiarism

Purdue Online Writing Lab. (n.d.). APA formatting and style guide. [Электронный ресурс ]
https://owl.purdue.edu/owl/research_and_citation/apa_style/apa_formatting_and style_guide/ general_ format.html

Clement, V. (2018). Learning to become Turkmen: Literacy, language, and power, 1914–2014. University of Pittsburgh Press.

***Эзоҳо***

1. «xx–xx» -ро дар қайди рӯйхати адабиёт бо рақамҳои воқеии саҳифаҳо ҳангоми маълум шудани онҳо иваз кунед.
2. Агар шумо матнҳои иловагиро истифода мебаред, онҳоро ба рӯйхати адабиёт дар ҳамон қолаби APA илова кунед.

## Басти 1.4

# Қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо (ҚМТ) (4 соат – 2 машғулият)

▼

## МАШҒУЛИЯТИ 1 (2 соат)

Қолаби навоваронаи мубоҳисавии байни тарафҳо (ҚМТ)–и Барномаи «Инсоншиносӣ» – Оғохон дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи устувор ва эътирофшуда дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҚМТ на танҳо як навъи бозӣ барои ташаккули малакаҳои мубоҳисавӣ, балки ҳамчун воситаи ниҳоят хуби баҳогузорӣ ба дониш ва малакаҳои илмии донишҷӯён, махсусан ҳангоми ба итмом расидани ягон давраи мавзуии раванди таълим мебошад.

Дар ин қисми Роҳнамо барои омӯзгорон ҚМТ ҳам дар ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Қисми назариявӣ ба ғайр аз ифшои консепсия ва методологияи ҚМТ, инчунин ба ошкор кардани ҳадафҳо ва салоҳиятҳои он нигаронида шудааст. Албатта, дар ин замина мо мубоҳисагарони ҳирфаӣ омода намесозем, балки шароит фароҳам меорем, ки дар он донишҷӯёну омӯзгорон сатҳи дарк ва азхудкунии ин маводи таълимиро баҳогузорӣ карда тавонанд.

Бояд қайд кард, ки қисми назариявӣ на танҳо барои ширкат дар бозӣ муҳим аст, балки имкон медиҳад, ки дар оянда чунин бозӣ мустақилона эҷод карда шавад. Дар ин замина донишҷӯён бо консепсияи фалсафӣ, ки бар асоси он ҚМТ ташаккул меёбад, қоидаҳо ва сохтори ин қолаби мубоҳисавӣ, аз ҷумла омӯзиши принсипҳои таҳияи нақшҳои мубоҳисавӣ, қоидаҳои доварӣ ва ғайра шинос карда мешаванд. Он ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ин бозиро мувофиқи ҳадафҳои педагогии матраҳшуда амалӣ намуда, худи донишҷӯёнро ба ташкили ҳамаи ҷузъҳои бозии мубоҳисавии ҚМТ ҷалб намояд.

Дар охири ҳар як панҷ боби мавзуии Роҳнамо барои омӯзгор ба қисми назариявии он дар бораи гузаронидани мусобиқаҳои кӯчаки вобаста ба ҚМТ аз рӯи қарордодҳои мавзуии қаблан таҳияшуда роҳнамоҳои иловагӣ барои омӯзгорон дохил карда мешаванд. Ҳамаи қарордодҳо шаклҳои худро доранд, ки тартиби баромади нотиқонро дар назар мегирад. Вобаста ба ин дар қисми назариявии ин масъала муфассалтар сухан хоҳад рафт

Анҷоми ҳар як басти мавзуӣ бо қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо пеш аз ҳама ба он иртибот дорад, ки ҚМТ ҳамчун абзори педагогии баҳогузории дониши хонандагон аз рӯи мавзуи «Занони Осиёи Марказӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳим он аст, ки донишҷӯён метавонанд мустақилона ва мувофиқи манфиатҳои худ аз маҷмуи қарордодҳои пешниҳодшуда қарордодҳоеро, ки бар пояи он мехоҳанд бозӣ кунанд, интихоб намоянд ё мустақилона намунаи қарордоди мавзуии худашонро барои бозӣ

эҷод кунанд. Ман чунин мешуморам, ки дар ду боби аввал бояд қарордодҳои пешниҳодшуда риоя гардида, баъд тадриҷан ба муҳокимаи қарордодҳои пешниҳодшуда ва тартиби таҳияи қарордоди худ (донишҷӯӣ) ба муҳокимаҳо гузашт.

Ҳадафи асосии педагогии ҚМТ на танҳо баҳодиҳии саводи донишҷӯён, балки дар тафаккури онҳо ташаккул додани салоҳиятҳои нави мубоҳисавӣ мебошад, ки ба онҳо имкон медиҳад, то мустақилона мубоҳисаро дар донишгоҳи худ гузаронанд.



**Ҳадафҳои педагогии қолаби мубоҳисаи байни тарафҳо (ҚМТ)**

1. **Рушди салоҳиятҳои академикӣ ва таҳқиқотӣ**
   *Маҳорати таҳлилӣ*:
   - таълим додани донишҷӯён дар бораи таҳлили ҷанбаҳои мураккаби иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихии мавзуъ бо истифода аз равиши байнифаннӣ;
   - ташаккул додани маҳорати донишҷӯён барои муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа, баҳодиҳии далелҳо ва далелҳои муқобил.

   *Малакаҳои таҳқиқотӣ*:
   - рушд додани қобилияти корбарӣ бо сарчашмаҳои илмӣ, аз ҷумла мақолаҳои антологӣ, омор, хулосаҳои коршиносон;
   - таълим додани усулҳои примордиализм (аслинахустингароӣ), инструментализм (абзоргароӣ) ва конструктивизм (сохторгароӣ) барои таҳлили мавзуъҳо.

2. **Ташаккули тафаккури интиқодӣ ва низомнокӣ**
   *Дарки интиқодӣ:*
   - ҳавасманд кардани қобилияти таҳти шубҳа гузоштани қолабҳои суннатӣ ва тафсири анъанавии мақоми занон дар Осиёи Марказӣ;
   - рушд додани малакаҳо дар арзёбии иттилоот барои эътимоднокӣ, мувофиқат ва номутазолии мантиқӣ.

   *Равиши низомнокӣ:*
   - таълим додани баррасии масъала тавассути таҳлили робитаҳои байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои фарҳанг, иқтисод ва сиёсат (мувофиқи намунаи консептуалии ҚМТ).

3. **Такмили малакаҳои муоширатӣ ва мубоҳисавӣ**
   *Далеловарӣ ва далелҳои муқобил:*
   - машқ додани изҳори мавқеъҳои муназзам такя ба далелҳо;
   - рушд додани қобилияти ҳозирҷавобӣ ба эътирозҳо ва мутобиқ кардани стратегияи муҳокима барои ҳаллу фасли мушкилот.

   *Гузоришҳои оммавӣ:*
   - такмил додани малакаҳои нутқи боварибахш, назорати вақт, муоширати ғайришифоҳӣ;
   - таълими мутобиқ кардани услуби баёни андешаҳо барои шунавандагон (академикӣ, оммавӣ).

4. **Рушди салоҳияти байнифарҳангӣ ва иҷтимоӣ**
   *Фаҳмиши гуногунрангии фарҳангӣ:*
   - ташаккул додани эҳтиромгузорӣ нисбат ба нуқтаи назари гуногун, аз ҷумла динӣ, қавмӣ ва гендерӣ;

- омӯхтани паёдо кардани тавозун миёни арзишҳои универсалӣ ва анъанаҳои маҳаллӣ.

*Эҳсоси ҳамдилӣ ва таҳаммулпазирӣ:*

- рушд додани қобилияти ҳимояи мавқеъҳое, ки аз эътиқоди шахсӣ фарқ мекунанд (масалан, тавассути иваз кардани нақшҳо дар мубоҳисаҳо).



**5. Истифодаи ҚМТ ҳамчун абзори баҳодиҳӣ**

*Арзёбии фаҳмиши мавод:*

- санҷиши умқи азхудкунии мақолаҳои антология тавассути далелҳо дар мубоҳисаҳо;
- муайянсозии қобилияти пайваст намудани консепсияҳои назариявӣ бо мушкилоти воқеии иҷтимоӣ.

*Вокуниш ва худсанҷӣ:*

- таҳлили ҷанбаҳои қавӣ ва заифии суханрониҳо тавассути протоколҳои додгоҳӣ;
- истифода аз мубоҳисаҳо барои ислоҳи раванди таълим (масалан, пур кардани нуқсонҳои дониш).

**6. Омода кардани донишҷӯён барои ташкили мустақилонаи ҚМТ**

*Маҳорати муаллимӣ:*

- ба донишҷӯён таълим додани таҳияи қарордодҳо, тақсими нақшҳои сухангӯён, гузарондани мусобиқаҳои хурд;
- омода кардани онҳо ба роҳбарии маҳфилҳои мубоҳисавӣ дар донишгоҳҳояшон.

*Саводнокии методологӣ:*

- таълим додани тарзи татбиқи намудҳои ҚМТ (примордиализм (аслинахустингароӣ), инструментализм (абзоргароӣ) ва конструктивизм (сохторгароӣ) дар заминаҳои матни нав.

**7. Ҳавасмандгардонии малакаҳои роҳбарӣ ва корбарии гурӯҳӣ**

*Корбариҳо дар гурӯҳ:*

- рушд додани малакаҳо дар тақсими нақшҳо (сухангӯ, таҳлилгар, вақтшинос) ва ҳамкорӣ зери фишори вақт.

*Сарварӣ:*

- машқи тасвиби қарордодҳо дар шароити номуайянӣ (масалан, ҳангоми тағйир додани стратегия ҳангоми мубоҳисаҳо).

***Эзоҳҳо барои омӯзгорон***

1. Ҳадафҳо ба сатҳи гурӯҳ (бакалавр/магистратура) мувофиқ карда мешаванд.
2. *Таваҷҷуҳ ба татбиқи амалӣ – масалан, донишҷӯён дар асоси маводи антология қарордодҳо эҷод мекунанд.*
3. *Тавсия дода мешавад, ки ҚМТ бо супоришҳои хаттӣ (иншо, таҳлили баҳсҳо) барои муттаҳид намудани онҳо ҳамоҳанг карда шавад.*

Ин ҳадафҳо ба рисолати Барномаи «Инсоншиносӣ»/ДОМ дар бораи рушди тафаккури интиқодӣ, муколамаи байнифарҳангӣ ва малакаҳои академикӣ тавассути абзорҳои навоваронаи педагогӣ мувофиқанд.

## Бахши консептуалӣ ё назариявии қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо дар Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон

### Асоснокқунӣ

Барнома дар бораи рушди малакаҳои методологии таҳқиқоти илмӣ бар пояи истифодаи абзории ҚМТ



Асоси консептуалии қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо дар конфронсҳои байналмилалие, ки дар ИМА, Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон баргузор шудаанд, бомуваффақият мавриди санҷиш қарор гирифт. Чаҳор мусобиқаи байналмилалии минтақавӣ дар шакли офлайн бо ширкати мубоҳисагарон аз Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Покистон ва Сурия ба забони англисӣ баргузор гардид. Аз соли 2012 инҷониб Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҚМТ-ро дар тренингҳо, чорабиниҳо ва мусобиқаҳои зиёд дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон бо забонҳои англисӣ ва русӣ санҷидааст. Тадбирҳои таълимӣ ва мусобиқаҳо бо ин шакл дар ҳафт минтақаи Қазоқистон (дар чаҳорчӯби гранти давлатӣ), панҷ минтақаи Тоҷикистон ва се минтақаи Қирғизистон баргузор гардиданд. Дар тӯли 8 сол (2012-2019) Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон барои ҚМТ 18 тренер (дар се дараҷа)-ро дар 3 кишвар таълим дод. Ҳамзамон тренерони Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон барои донишҷӯён дар ин шакли таълим дар Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон семинарҳо гузаронида, 1020 нафар донишҷӯёни шаҳодатномадорро дар доираи ҚМТ омода намуданд.

Аз моҳи ноябр то декабри соли 2020, Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон бори аввал маводи таълимии электрониро барои ҚМТ таҳия намуд, ки давоми солҳои 2020-2021 тавассути тренингҳои онлайнӣ ва мусобиқаҳои хурд 80 иштирокдорон аз Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон бомуваффақият мавриди санҷиш қарор гирифта, бори аввал дар доираи он Мусобиқаи панҷуми минтақавии онлайнӣ доир ба ҚМТ гузаронида шуд, ки хеле хуб баргузор гардида, аз ҷониби иштирокдорони мусобиқа баҳои мусбат гирифт.

ҚМТ на танҳо дар маҳфилҳои мубоҳисавӣ ва мактабҳои се кишвар (Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон) бомуваффақият мавриди корбарӣ қарор гирифт, балки дар худи раванди таълим ҳамчун воситаи баҳодиҳии дониши донишҷӯён ва ташаккули малакаҳои методологияи таҳқиқоти илмӣ, махсусан барои барномаи магистрӣ истифода мешавад. Соли 2021 ҚМТ дар Мактаби байналмилалии тобистонаи Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон мавриди истифода қарор гирифт, ки он дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи Ҳумболдт (Олмон) баргузор гардид. Дар Мактаби тобистонаи мазкур зиёда аз 20 нафар иштирокдорон/магистрантҳо аз Олмон ва ИМА ширкат варзиданд. Онҳо ба ҚМТ баҳои баланд дода, дар мавзуъҳои таҳқиқотии худ методологияи илмиро самаранок истифода бурданд, зеро ин қолаби таълим имкон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати гуногун, аз ҷумла воситаҳои мухталифи методологӣ, масалан, усули примордиализм, инструментализми ратсионализм ва конструктивизми иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад. Ҳамзамон, ин қолаби таълим муносибатҳои байнисоҳавӣ ва байнифарҳангиро фаъолона истифода мебарад, ки барои муҳаққиқони ҷавони Осиёи Марказӣ хеле муҳиманд.

Имрӯзҳо мо тамоюли афзояндаро дар ҷаҳон мушоҳида карда метавонем, ки ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба таҳқиқоти бисёрсоҳавӣ, байнисоҳавӣ ва фаросоҳавӣ ҳам дар ҷанбаҳои илмӣ ва ҳам таълимӣ нигаронида шудааст. Дар айни ҳол, ин тамоюл ба тамоми қисматҳои ҷаҳон: Аврупо, ИМА, Амрикои Лотинӣ, Осиёи Марказӣ ва ғайра хос аст. Мо дар ҷаҳони глобалӣ зиндагӣ мекунем, ки дар он фарҳангҳо ва динҳои гуногун ба ҳам наздик мешаванд, ки ҳамаи онҳоро ба фазои ҳамзистӣ интиқол медиҳанд.

Чаро он имрӯзҳо муҳим аст? Мо дар ҷаҳони воқеиятҳои ба ҳам пайвастшавандаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ умр ба сар мебарем. Тамоюли асосӣ дар ҷаҳони муосир зарурати таҳияи абзорҳо ва рамзҳо барои ифшо ва фаҳмиши меъёрҳое, ки мо дар онҳо қарор дорем, инчунин самтгирӣ ба ҷаҳони арзишҳо, фарҳангҳо ва амалияҳои иҷтимоӣ, ки мунтазам бо ҳам мепайванданд, мебошад.

Албатта, ин тамоюл ба таври ғайримустақим ба зарурати ташаккули як мубоҳисаи умумии консептуалӣ, фалсафии марбут ба таҳқиқоти байнисоҳавӣ ва байнифаннӣ иртибот дорад ва он ба мо имкон медиҳад, ки низоми бисёрмаъногии муносибатҳоро муайян кунем. Эҷоди фарҳанги муштараки муколама байни онҳо ва дарки сарҳад ва нуқтаҳои тамос имкон медиҳад, ки на танҳо мавзуи фанҳои илмӣ рушд ёбад, балки фарҳанги умумии гуфтугӯи инсонӣ дар фазои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ташаккул ёбад.

Ин қолаби таълимӣ барои барқарор кардани ҳамоҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни низомҳои гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавассути усулҳои таҳқиқотие, ки барои ҳама гурӯҳҳо бештар умумианд, нигаронида шудааст. Мубоҳисаи умумӣ бо он таъмин мегардад, ки усулҳо ва категорияҳои истифодашаванда («примордиализм» (нахустаслгароӣ), «инструментализми ратсионализм» (абзоргароии ақлгароӣ) ва «конструктивизм» (сохторгароӣ) бо табиати ягонаи тафаккури инсонӣ пайвастаанд. Ин усулҳои таҳқиқ дар фанҳои гуногун, сарфи назар аз истифодаи истилоҳоти гуногун, дар бораи ҳамон як чиз сухан мегӯянд.

**Намунаи консептуалии ҚМТ, ки бар пояи он ин қолаби таълимӣ ва тартиби гузориши суханрониҳо аз рӯи се шакл сохта шудаанд**

| Сатҳи мантиқи (уфуқӣ ва амудӣ)-и тафаккури инсонӣ | Куллӣ | Хос | Ҷузъӣ |
|---|---|---|---|
| Куллӣ | U – U = U<br>**Куллӣ**<br>(Ҷамоат) | P – U = S<br>**Ҷузъӣ**<br>(Ҷомеаи кушод) | S – U = P<br>**Хос**<br>(Давлат) |
| Хос | U – P = S<br>**Ҷузъӣ**<br>(Иттиҳодияҳои фаромиллӣ) | P – P = P<br>**Хос**<br>(СММ) | S – P = U<br>**Куллӣ**<br>(иттиҳодияҳои ҷаҳоншумулӣ, ки бар арзишҳои нахустасл: форсӣ, туркӣ, русӣ, аврупоӣ ва ғайра асос ёфтаанд) |
| Ҷузъӣ | U – S = P<br>**Хос** | P – S = U<br>**Куллӣ** | S – S = S<br>**Ҷузъӣ** |

Агар барои қолабҳои таълимии мубоҳисаи классикӣ, аз қабили бритонӣ, Линколн-Дуглас, Мактаби ҷаҳонӣ, Карл Поппер муқобилгузории қотеи ду мавқеъ (мавқеъ – тасдиқ ва мавқеъ – инкор) хос бошад, ҚМТ бар пояи усулҳои байнисоҳавӣ ва байни-фарҳангӣ асос ёфта, майдони мубоҳисаи сеченака, аз ҷумла се дастаи донишҷӯёнро, ки ҳар кадоми он аз 3 сухангӯ иборат аст, дар бар мегирад. Тартиби суханронии ҳар як сухангӯ аз он вобаст аст, ки кадом шакли сохтор дар асоси он гирифта мешавад. Дар ин қолаби таълими мубоҳисавӣ се шакли он пешниҳод карда мешавад, ки интихоби онҳо аз мавзуи қарордоди мавриди баррасӣ вобаст аст.

Дар ин замина, мо таносуби зеринро дар бораи интихоби шакли сохторӣ вобаст ба мавзуи қарордоди интихобшуда тавсия медиҳем:

| **Шакли сохтор** | **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|---|
| Мавзуи қарордод | Фарҳанг (дин) | Иқтисод | Сиёсат |

Тартиби суханронии сухангӯён дар се шакли сохтор:

1. Шакли сохтори 1. Примордиализм – реализм – конструктивизм;
2. Шакли сохтори 2. Реализм – конструктивизм –примордиализм;
3. Шакли сохтори 3. Конструктивизм – примордиализм – реализм.

Шакли сохтори аввал, ки мавзуи фарҳангро баррасӣ мекунад, аз ҷузъи фарҳангӣ (арзишҳо ва меъёрҳо) оғоз мешавад, ки ҳам тасдиқи он (сухангӯи 1-ум) ва ҳам асоснок-кунии он (сухангӯи 2-юм) ва татбиқи онро (сухангӯи сеюм) талаб мекунад. Дар шакли сохтори дуюм, ки мавзуи иқтисодро баррасӣ мекунад, тартиби рӯнамоӣ тағйир мeёбад. Агар дар шакли сохтори аввал арзишҳои фарҳангӣ бояд асоснок карда шаванд, пас дар дуюм қолаби иқтисодӣ (сухангӯи 1) бояд бо бунёди сохтор ва таҳлили тарҳрезиҳои гуногуни бозӣ ба контексти фарҳангӣ мутобиқ карда шавад (сухангӯи 3).

Дар шакли сохтори сеюм, ки мавзуи сиёсатро баррасӣ мекунад, тартиби рӯнамоӣ низ тағйир мeёбад. Рӯнамоӣ аз баррасии тарҳрезиҳои сохташуда оғоз ёфта, ҳар як даста қолаби муассиртарин (ҳимояшаванда)-ро (сухангӯи 1-ум) пешниҳод мекунад, ки пас аз он бояд аз раванди мутобиқшавӣ ба контексти иҷтимоӣ-фарҳангӣ (сухангӯи 2) гузарад, ва баъдан ба сатҳи таҳлил дар робита бо таъсирнокӣ ва муфид будани он дар воқеият расонида шавад.

Ин имкон медиҳад, ки на танҳо хусусияти рақобатии хосси қолабҳои мубоҳисаи классикии шакли сохтории 1 ва 2-юми қолаби мубоҳисавӣ, балки ҳамоҳангсозии ҳам дохили як даста ва ҳам байни мавқеъҳои дастаҳо, ки аз ҷониби сухангӯи 3-юм амалӣ карда мешавад, нигоҳ дошта шавад.

Хусусияти қолаби таълимии Линколн-Дуглас – тамаркузи он ба воситаҳои боварибахш тавассути ҷудо кардани арзишҳои муайяне мебошад, ки ҷониби пуштибон аз онҳо дифоъ мекунад. Дар ин замина, арзиш ҳадафи тарафи тасдиқкунандаро муайян намуда ва барои он далелҳои мантиқие пешниҳод мешаванд, ки арзишҳоро дастгирӣ ва ҳимоят мекунанд.. Яъне, дар ин ҳолат мо ду сатҳи гузориш – арзишҳо ва далелҳои ақлониро мушоҳида мекунем. Дар айни замон нақшаи чорабиниҳо ва иҷрои онҳо дар сатҳи татбиқшавӣ, ки барои мубоҳисаҳои сиёсӣ хос аст, аз назар дур мемонад.

Хусусияти баҳсҳои сиёсӣ дар он ифода меёбад, ки дар ин қолаби таълимӣ таъкид ба далелҳои ақлонӣ ва нақшаи амал мегузарад. Дар ин замина, мубоҳисаҳои сиёсӣ бо арзишҳои додашуда ё собитшуда оғоз меёбанд, ки онҳо набояд асоснок карда шаванд.

**Хусусияти фарқкунандаи қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо аз мубоҳисаҳои дигар**



Қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо омехтаи якчанд қолабҳои дигар мебошад. Ин қолаб як ҷузъи қолаби арзишии Дуглас-Линколн аст, ки барои он сухангӯи пайрави примордиализм дар ҚМТ масъул аст; мубоҳисаҳои сиёсӣ, ки дар онҳо ба нақшаи роҳҳои амалӣ гардондани ғояҳо амаҳияти калон дода мешавад ва барои онҳо дар доираи Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон сухангӯ-пайрави конструктивизм масъул аст (бо самтгирӣ ба офаридани тарҳрезии бозиҳо, яъне нақшаи амалӣ гардондани ғояҳо); инчунин, ҷузъи мубоҳисаҳои парлумонӣ ва Карл Поппер, ки дар он ба сатҳи ақлонӣ-абзори (инструментали)-и мубоҳисаҳо таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Онро тавассути сохтори консептуалии зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1. Қолаби арзишӣ (Дуглас-Линколн);
2. Қолаби Карл Поппер ва қолаби парлумонии британӣ – ратсионалӣ-абзорӣ (инструменталӣ);
3. Қолаби мубоҳисаҳои сиёсӣ (нақшаи амал – ё тарҳрезиҳои бозӣ).

ҚМТ се ҷузъро дар бар мегирад: арзишӣ, ақлонӣ-абзорӣ (инструменталӣ) ва сиёсӣ. Андозаи сеченакаи формат имкон медиҳад, ки се сатҳ нигоҳ дошта шавад: тасдиқи арзиш, далелҳои ақлонии он ва нақшаи татбиқи он дар воқеият.

Барои дастгирии тезиси боло, ман алгоритми фалсафии зеринро пешниҳод мекунам, ки андозаи сеченакаи мубоҳисаҳои мухталифи такроршаванда ва бо ҳам пайвастаи тафаккури инсониро дар шакли сохторҳои гуногуни ҳамгиро дар байни категорияҳои куллӣ, хос ва ҷузъӣ инъикос мекунад.

**Қобили зикр аст, ки ин усул ба таври навоварона нукоти зеринро ошкор мекунад:**

1. хусусияти робитаҳои байни муносибатҳои усулии бисёрфаннӣ, байнифаннӣ ва фарофаннӣ тавассути бунёди низоми байнифаннӣ, ки робитаи онҳоро тавассути мафҳумҳо ва истилоҳоти илмии мухталиф нишон дода, сарфи назар аз фарқиятҳои фаннӣ барои мо ҳамон як чизро баён мекунад, зеро ҳамаи онҳо сохтори ягонаи тафаккури инсониро инъикос мекунанд;
2. робитаи консептуалии фарҳанг, иқтисодиёт ва сиёсат;
3. робитаҳои байни сармояи иҷтимоӣ, инсонӣ ва ниҳодӣ;
4. рушди низоми иҷтимоию фалсафӣ дар се шакли сохтории он: метафизикӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ;
5. дарки асарҳои мураккаби фалсафии оламшумул, ки дар онҳо ин усул «Риштаи Ариадна» буда метавонад ва ба воситаи онҳо андешаҳои амиқ ва мураккаби муаллифон ошкор карда мешаванд;
6. сатҳи дониши донишҷӯён дар бораи мавзуи муайян, ки дар он таълимоти додашуда дар шакли қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо метавонад ҳамчун воситаи баҳодиҳии дониши донишҷӯён ба кор равад (он аллакай дар яке аз донишгоҳҳои пешқадами Қазоқистон дар Алмаато ва донишгоҳҳои Тоҷикистон бомуваффақият санҷида шудааст).

**Тавсия:** беҳтар аст омӯзгорон презентатсияи электронии КДФ-ро дар шакли PPP, ки тавассути платформаи рақамии ДОМ (бо истинод: https://akhp.ucentralasia.org/storage/files/1/AKHPppt1.pdf) дар доираи Мактаби байналмилалии тобистона, дар шаҳри Алмато соли 2024 нашр шудааст, истифода баранд.* Дар ин презентатсия, ки дар шакли PPP таҳия шудааст, ҳамаи унсурҳои асосии КДФ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла конфигуратсияҳои гуногун, тартиби суханронии баромадкунандаҳо, таҳияи қарордод, варақаҳои доварӣ (яъне низоми баҳогузории суханронии донишҷӯён). Миқдори вақт барои суханронии гузоришгарон зимни мубоҳиса дар ин машғулият кам карда мешавад, зеро ин мусобиқаи мубоҳисавии касбӣ набуда, балки таълимӣ мебошад. Бо дарназардошти маҳдудияти вақт, баромадкунандагон барои суханронӣ дақиқаҳои камтар доранд, ки дар чунин зовияи таълимӣ ҳолати муқаррарӣ ба ҳисоб меравад.

**Бунёди заминаи матн (контекст).**

Ҳар яке аз панҷ боби антологияи «Занҳо дар Осиёи Марказӣ» бо бахши фаъолияти мубоҳисавии байни тарафҳо анҷом меёбад. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар рафти мубоҳиса дараҷаи тайёрии донишҷӯёнро ба ин ё он боб фаҳмида, ба салоҳият ва маҳорати хонандагон баҳогузорӣ намоянд.

Дар охири боби аввал дар мавзуи «Ҷанбаҳои таърихӣ ва мақоми иҷтимоии занон» барои ҚМТ 4 соат ё 2 машғулият ҷудо карда мешавад. Як машғулият бояд танҳо ба қисми назариявӣ ва консептуалӣ бахшида шавад. Қисми дуюм – ба амалия бахшида мешавад, яъне ба мубоҳиса дар бораи яке аз қарордодҳое, ки барои ҳар як қисми антология ба шумо пешниҳод карда мешаванд.

## Машғулиятии дуюми ҚМТ (2 соат) дар бораи бахши 1-уми антологияи «Ҷанбаҳои таърихӣ ва мақоми иҷтимоии зан»

Чунон ки дар яке аз бахшҳои муқаддимаи ҚМТ гуфта будем, дар охири ҳар як қисми антология бояд як бахши амалии баҳсҳо ҷой дода бошад. Дар ин ҳолат, намунаҳои қарордод бояд бо боби муайяни антология пайвастагӣ дошта бошанд. Барои ҳар як қисм қарордоде пешниҳод карда мешаванд, ки онҳо барои мубоҳиса мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Ба ҳайси тавсия пешниҳод менамоем, ки шумо якҷоя бо донишҷӯён барои мубоҳиса қарордоди ҷолибтарин ва аз ҷиҳати мавзуӣ марбутро интихоб кунед. Дар ин замина, ба дарси назариявии нахустин дар бораи мубоҳисаҳо, яъне чӣ гуна сохтани қарордод таваҷҷуҳ додан муҳим аст. Он муҳим аст, зеро иҷрои супоришҳо аз ҷониби донишҷӯён барои таҳияи қарордод ба онҳо имкон медиҳад, ки 70% -и моҳияти ҚМТ-ро дарк кунанд.

Барои машғулияти дуюми қисми якуми антология шумо метавонед дар бораи қарордоди қаблан пешниҳодшуда мубоҳисаҳо гузаронед, аммо тадриҷан бояд кӯшиш кард, ки онҳоро худи донишҷӯён эҷод кунанд. Шояд пас аз таҷрибаи аввалини мубоҳисавӣ

* Шозимов П. Инновационный кросс-дебатный формат (КДФ) как концептуальный инструментарий для достижения педагогических целей. – Материалы 3-й международной летней школы для педагогов стран Евразии. – Алматы, 2024. – С.14-22.

дар бораи ҚМТ ба донишҷӯён вазифаи хонагӣ барои эҷоди қарордоди иловагӣ дар бораи қисми якуми антология супориш дода шавад, ки беҳтарини онҳо метавонад барои бозиҳои минбаъда дар бораи қарордоди донишҷӯён заминаи захиравӣ гардад. Ин барои онҳо як ангезаи хубе хоҳад буд, инчунин, иштироки фаъолонаро дар эҷоди қарордодҳои нав барои қисмати навбатии антология ташвиқ месозад.



Инак, қарордоди зеринро пешниҳод менамоем, ки барои мубоҳисаҳо дар бахши аввали антологияи «Занони Осиёи Марказӣ» дар мавзуи «Ҷанбаҳои таърихӣ ва мақоми иҷтимоии занон дар Осиёи Марказӣ» интихоб шуда метавонад.

1. **Қарордод**
   **Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки ба вазъи иҷтимоии муосири занон дар Осиёи Марказӣ, асосан, омилҳои зерин таъсир мерасонад:**
   - анъанаҳои таърихӣ;
   - омилҳои иқтисодӣ;
   - қонунҳои ниҳодӣ.

   Ин қарор ду моддаи аввали боби якумро дар бар мегирад. Дар ин ҷо донишҷӯён метавонанд аз маводи Элери Битикчи дар мавзуи «Занон-нахустволид дар ҷомеаҳои кӯчманчӣ» ва Зиёӣ Хуршед дар мавзуи «Тазоди дарки симои зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар фарҳанги тоҷикон» истифода баранд. Масалан, дар нисбати он ки ба кадом насаб – аз тарафи модарӣ ё падарӣ ва ё нишондоди дигар интихоб кардан лозим аст. Дар интихоб омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ чи гуна нақш мебозанд. Дар ин ду асар тафсири гуногуни ҳувияти зан ва мақоми вай на танҳо дар таърихи иҷтимоию сиёсии минтақа, балки дар тафсирҳои зиддунақзи осори адабии классикӣ ва маъхазҳои динӣ низ инъикос ёфтааст. Муҳим он аст, ки дар мубоҳисаҳо онро аз мавқеъҳои гуногун дида баромадан зарур аст ва он имкон медиҳад, ки аз ҳимоя ё фаҳмиши ин масъала дар қарордод далели боэътимодтар муайян карда шавад.

2. **Қарордод**
   **Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки занон дар Осиёи Марказӣ мақоми воқеии иҷтимоии худро дар давраҳои зерин пайдо кардаанд:**
   - таърихӣ (давраи пеш аз шуравӣ);
   - давраи шуравӣ;
   - давраи истиқлолияти кишвар (давраи пасошуравӣ).

   Қарордоди мазкурро, асосан, ҳамчун таҳлили мақолаҳои Алимова Д., Алагоз қизи Гулзат, Торланбоева Кенҷе, Соҳибназарбекова Райҳон, Лариса Додхудоева, Нелли Минасян, Мариан Кемп, Шайдуллоева Топчугул истифода бурдан мумкин аст, ки дар онҳо ба ин ё он шакл қарордоди пешниҳодшуда инъикос меёбад.

   Мақолаи Жолдон Курманалиеваро дар мавзуи «Занҳо – сарварони ҷомеа дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар давраи бӯҳрони Қирғизистон» метавон ба мубоҳисаи умумӣ дар бораи қарордоди дуюм дохил кард ва ё онро ҳамчун як қарордоди алоҳида барои мубоҳиса сохтан мумкин аст.

3. **Қарордод**
   **Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки сарварии занон, махсусан, дар ҳолатҳои зерин зоҳир мешавад:**
   - бӯҳрони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеа;

- баланд бардоштани мақоми иқтисодии ӯ дар ҷомеа;
- баланд бардоштани мақоми сиёсии вай дар ҷомеа.

Дар ин ҳол омӯзгор се стратегияи мубоҳисавӣ дорад:

1. Қарордодеро интихоб кардан лозим аст, ки доираи васеи мавзуъҳои боби якумро дар бар гирад.
2. Ҷанбаи мубрамтарини ин боброро интихоб кардан лозим аст, то ки тавассути он ғояҳои дигари мақола барои баррасӣ пайваст шаванд.
3. Мавзуеро интихоб кунед, ки барои худи донишҷӯён бештар ҷолиб бошад. Дар ин ҳолат худи донишҷӯён бояд мавзуи мавриди омӯзишро интихоб кунанд ва ё дар бораи мавзуи омӯхташаванда қарордод эҷод кунанд.
4. Қарордоди иловагии пешниҳодшуда (махзани маълумот) барои қисми якуми антология низ метавонанд ҳамчун мавзуи мубоҳиса ҳам дар вақти дарс ва ҳам берун аз дарс, масалан, дар маҳфилҳои мубоҳисавӣ, истифода шаванд.



**Мисолҳо**

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки ҳувияти қабилавии оилавӣ дар Осиёи Марказӣ бояд ба нукоти зерин асос ёбад:**

- пайванди насаб аз тарафи падар;
- пайванди насаб аз тарафи модар;
- интихоби инфиродӣ.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки модаргароӣ (пайванди насаб аз тарафи модар) дар Осиёи Марказӣ маънои зеринро дорад:**

- падидаи айнӣ (объективӣ)-ест бо решаҳои таърихӣ;
- сохтори иҷтимоию сиёсӣ барои фаъолшавии занон;
- интихоби инфиродии инсон.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки ҳувияти халқҳои Осиёи Марказӣ имрӯзҳо ба омилҳои зерин асос ёфтааст:**

- шакли анъанавӣ-қабилавии ҳувият (волидайнии аз пушти падарӣ ё модарӣ);
- шакли динии ҳувият;
- шакли миллӣ-давлатии ҳувият.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки модаршоҳӣ чунин маъниро дорад:**

- афсонаи таърихии халқ;
- далели таърихӣ;
- сохтори иҷтимоии сиёсӣ барои сафарбар намудани занон дар рафти сохтмони давлатӣ.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки вазъи иҷтимоии занон дар Осиёи Марказӣ аз омилҳои зерин вобаста аст:**

- дин/суннатҳои фарҳангӣ;
- ниҳодҳои давлатӣ;
- сифатҳои инфиродӣ ва салоҳиятҳои касбӣ.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки мақоми баробарии занонро нисбат ба мардон дар Осиёи Марказӣ дини зерин таъмин кардааст:**

- Ислом

- Зардуштия
- Ойини тенгрианӣ

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки қолабҳои маъмулии вайронкунанда дар нисбати зан аз омилҳои зарин бармеояд:**

- динҳо;
- адабиёти бадеии классикии миллӣ;
- қонунгузории давлатӣ ва конститутсия.



**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки занон дар Осиёи Марказӣ мақоми мустақили иҷтимоии худро, асосан, дар давраҳои зерин ба даст овардаанд:**

- давраи пеш аз ислом, ки бо анъанаҳои фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоӣ иртибот дошт;
- давраи исломии рушд;
- давраи рушди шуравӣ.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки қолабҳои маъмулии гендерӣ дар Осиёи Марказӣ инҳоянд:**

- умумӣ (ки бо дин, фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоӣ муайян карда мешаванд);
- гуногун;
- дар сатҳи сиёсати давлатӣ созмон дода шудааст.

***Тавзеҳот***

Барои бозӣ, ҳадди ақкал 9 нафар- дар ҳар як даста 3 нафарӣ лозим аст. Мавқеъҳо дар қисми назариявӣ ва рӯнамоӣ инъикос ёфтаанд. Агар дар синф, масалан, 20 нафар бошад, бозиро ба таври зайл ташкил кардан мумкин аст: дар ҳар як даста 3 нафар, ки барои нутқ ва мавқеи худ дар мубоҳиса масъуланд. Ба ҳар як даста боз ду нафарро илова кардан мумкин аст, ки онҳо метавонанд аз номи ду дастаи дигар барои саволу ҷавоб масъул бошанд. Ба ҳар як даста як донишҷӯи дигарро метавон ҳамчун танзимгари вақт илова кард. Ва ниҳоят, ду ё се донишҷӯи беҳтаринро якҷоя бо омӯзгор ҳамчун довар интихоб кардан мумкин аст. Ин тарзи корбарӣ ҳамаи донишҷӯёнро ба машғулият ҷалб мекунад ва на танҳо дониши онҳо, балки сатҳи салоҳият ва малакаҳои онҳо, ки дар қисми назариявӣ зикр шудаанд, мавриди санҷиш қарор мегирад. Ҳатто, агар онҳо ин сифатҳоро ба қадри кофӣ рушд надода бошанд ҳам, имкони рушд додани онҳо дар давоми дарсҳо ва бозии ҚМТ пайдо хоҳад гашт.

**Нақша:**

- интихоби қарордод – овоздиҳӣ (5 дақиқа);
- муайян кардани ҳайати доварон (аз рӯи интихоби омӯзгор);
- муайян кардани номҳои 3 дастаи дар мубоҳиса иштироккунанда.

Сипас барои омода шудан вақт ҷудо карда мешавад (20 дақ).

Дастаҳои дохили гурӯҳ нақшҳои сухангӯёнро барои рӯнамоӣ тақсим мекунанд ва ҳайати доварон бошанд, варақаҳои доваронро бояд пешакӣ чоп кунанд. Ҳайати доварон бояд рақами тоқ бошад. Масалан, омӯзгор ва ду шогирди беҳтарин.

Доварон бояд тартиби нутқи сухангӯёнро барои ҳар як даста бо такя бар он ки кадом шакли сохтори мубоҳисавӣ барои мубоҳиса интихоб шудааст, қайд намоянд (ниг. ба қисми назариявӣ).

Довар аз рӯи тартиб сухангӯёнро тибқи қоидаҳои бозӣ даъват мекунад (ниг. ба қисми назариявӣ).

**Бозӣ**

Вақт. Назорати вақт бояд ба доварон ё ба донишҷӯ вогузор карда шавад. Вай бояд вақтро назорат кунад. 5 сония пеш аз бозӣ танзимгари вақт бо ҳисоб кардани сонияҳоро бо ангуштонаш шуруъ мекунад. Агар сухангӯ қоидаҳоро риоя накунад, доварон баҳои ӯро паст мекунанд.

Вақти суханронӣ барои ду сухангӯи аввал аз ҳар як даста 3 дақиқа аст. Вақти нутқи сухангӯи охирин 5 дақиқа аст.

Пас аз ҳар як суханронӣ аз дигар гурӯҳҳо саволҳои байниҳамдигарӣ (на бештар аз ду савол) гузошта мешаванд – барои савол 15 сония ва барои ҷавоб 45 сония. Саволҳо танҳо ба сухангӯи охирини 3 дода намешаванд.

Пас аз бозӣ ба бозигарон танаффус дода мешавад. Дар ин муддат доварон ба ҳар як даста мустақилона холҳо медиҳанд. Сипас холҳо ҷамъбаст шуда, дар сурати пайдо шудани саволҳо, дар байни худи онҳо дақиқ карда мешаванд. Холҳоро тағйир додан мумкин нест, хусусан, агар онҳо аллакай ҳисоб карда шуда бошанд, ба истиснои хатогиҳои техникӣ. Сипас натиҷаҳо хонда мешаванд. Аввал натиҷаҳои ҷои сеюм қироат мешаванд. Сипас байни ҷойҳои 1 ва 2 фитна эҷод карда, натиҷаҳои ҷои аввалро эълон мекунанд.

Пас аз ин тартиби кор, доварон ҳатман бояд дар бораи бозӣ шарҳ дода, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи мубоҳисонро нишон диҳанд ва сабаби натиҷаҳои эълоншударо тавзеҳ диҳанд.

**Тағйир додани қарордоди доварон ғайри қобили қабул аст!**

**Дар хотир нигоҳ доштан лозим аст**, ки ҳар як қарордод метавонад мазмуни қариб ҳамаи мақолаҳоро дар ин ё он бахши антология дар бар гирад. Муҳим он аст, ки онҳоро аз нигоҳи консептуалӣ ба масъалаҳои мубоҳисавӣ дохил карда тавонед.

Фаромӯш накунед, ки мубоҳисагарон бояд маълумот ва омори захираҳои интернетиро барои таҳкими далелҳои худ истифода баранд, бахусус дар мавриди сухангӯён-пайравони реализм.

## БОБИ II

# ЗАНОН ВА СИМОИ ОНҲО ДАР ФАРҲАНГ ВА ҲУНАРҲОИ ЗЕБО



## Басти 1

## ФОЛКЛОР
## (4 соат – 2 машғулият)

1. Элмира Кочумкулова «Зан дар зарбулмасалҳои қирғизӣ. Кейс-стади» (Қирғизистон).
2. Айтпаева Гулнора «Эпоси қирғизии “Жанил Мирза”: таваллуди гендерӣ дар умқи сохтори падаршоҳӣ» (Қирғизистон).
3. Курбонхонова Нуриҷаҳон «Симои зан дар фолклор» (Тоҷикистон).
4. Абдулҳамидова Парвина «Инъикоси мавқеи нақшофари зан дар гуфтори шуғнонӣ» (Тоҷикистон).

### Элмира Кочумкулова
### «Зан дар зарбулмасалҳои қирғизӣ»

Дар ин мақола хусусияти мураккаб ва аксаран зиддиятноки зарбулмасалҳои қирғизӣ, ки ба зан иртибот дорад, таҳқиқ меёбад. Ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ муаллиф ду мақоли маъруфро таҳлил мекунад: «Кыздын кырк чачы улуу» («Чил кокул сарваре дорад») ва «Кызга кырк үйдөн/жактан) тыюу» («Маҳрумият барои духтар бояд аз чил хона/тараф бошад»). Ин зарбулмасалҳо ҳам мақоми баланд ва ҳам меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқи духтаронро дар ҷомеаи Қирғизистон инъикос мекунанд. Дар ҳоле ки аввалӣ ба мавқеи эҳтиром ва имтиёздори духтарони бешавҳар таъкид мекунад, дуввумӣ ба назорат ва маҳдудиятҳои густурдаи онҳо мутамарказ аст. Ин мақола тавассути таҳлили ин ва дигар зарбулмасалҳо нишон медиҳад, ки чи гуна забон арзишҳои гуногунро инъикос мекунад ва меъёрҳо ва ҷаҳонбинӣ дар фарҳанг чи гуна ба ҳам мепайванданд ва дар аксари вақтҳо дар рақобат қарор мегиранд.

Муаллиф тавассути мусоҳибаҳо бо заноне, ки дониши анъанавиро дар Қирғизистон ҳифз мекунанд ва асарҳои фолклоршиносони пешқадам тафсирҳои нозук ва мусбати ин зарбулмасалҳоро ошкор намуда, ба тафсирҳои манфии бартаридошта чолиш нишон медиҳад. Ҳамин тавр, дар мақола бархӯрдҳои тағйирёбанда ва гоҳе муносибатҳои мухолиф нисбат ба занон дар ҷомеаи Қирғизистон таъкид шудааст. Таҳлили зарбулмасалҳо, ҳамчунин, нишон медиҳад, ки зарбулмасал на танҳо арзишҳои фарҳангиро инъикос мекунад, балки воситаҳои ташаккули рафтор ва татбиқи меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад. Масалан, ин таҳқиқот консепсияи зарбулмасалҳои муқобилро меомӯзад, ки гуфторҳои анъанавиро ба намунаҳои нави онҳо табдил дода, тағйироти иҷтимоии имрӯза ва чолишҳо ба ғарази таърихиро инъикос мекунанд. Ин таҳаввулот ва тазодҳо

дар зарбулмасалҳо хусусияти мутаҳаррикӣ ва мураккаби нақшҳо ва интизориҳои ҳувияти ҷинсиро дар фарҳанги қирғизӣ нишон дода, андешаи интиқодиро дар масоили гендерӣ, ҳувияти шахсӣ ва баробарӣ ташвиқ мекунад.

**I. КЕЙС: Мақоми зан дар зарбулмасалҳои қирғизӣ.**

Маънии ин ифода чунин аст, ки зарбулмасалу мақолҳо муносибати ҷомеаро нисбат ба зан, нақш ва мавқеи онҳоро дар зиндагӣ инъикос мекунанд.



**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Зарбулмасалҳои қирғизӣ дар бораи зан ва мавқеи онҳо дар ҷомеа чӣ мегӯянд?
2. Ин гуфторҳо имрӯзҳо то кадом андоза мубраманд? Чаро?

**Вазъият**

Шумо дар фаъолияти мизи мудаввар дар мавзуи «Чил қоида барои духтари ҷавон» ширкат меварзед. Бароятон зарур аст, ки аз рӯи зарбулмасалу мақолаҳо таҳқиқот гузаронед: ба зан чӣ гуна симо, хислат ва нақшҳо нисбат дода шудаанд? Ин гуфторҳои фолклорӣ чиро ифода мекунанд: дастгирӣ, ҳикмат ё қолабҳои шахшуда?

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд:**

**Дар бораи занони Осиёи Марказӣ 5-7 зарбулмасал интихоб кунед.**

1. Маъно ва арзишҳои ин гуфтаҳоро таҳлил кунед.
2. Аз рӯи мақомҳои зерин тасниф кунед: модар, арӯс, духтар, зан.
3. Муҳокима кунед: имрӯзҳо ин зарбулмасалҳоро чӣ гуна қабул мекунанд?

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Рӯнамоиҳо.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоби омӯзгор)**

**Усулҳои таҳқиқ:**

- Таҳлили зарбулмасалҳо – ошкор намудани мазмун, зерматн, моҳияти ахлоқӣ.
- Мубоҳиса/баҳс – нуқтаи назари гуногун дар бораи як зарбулмасал.
- Усули таҳқиқи муқоисавӣ – нақши анъанавӣ ва муосири занон.

**Василаҳо:**

- «Абри семантикӣ» – тартиб додани харитаи консептуалӣ: модар, арӯс, духтар, зан.
- «Зарбулмасали замонавӣ дар бораи зан» – тарҳи намоиш ё расмкашӣ барои зарбулмасал. Шунавандагон тасмим мегиранд, ки зарбулмасал дар замони мо то чӣ андоза мубрам аст.
- «Интихоби беҳтарин» – ҳар як гурӯҳ зарбулмасалеро интихоб мекунад, ки дар зиндагӣ роҳнамоии онҳо хоҳад гашт. Чаро?

# Айтпаева Гулнора
# «Эпоси қирғизӣ «Жанил Мирза»: таваллуди гендерӣ дар умқи низоми падаршоҳӣ»

Дар мақолаи Г. Айтпаева таҳлили амиқи эпоси «Жанил Мирза» – яке аз симои қадима ва нодири мероси фолклории халқи қирғиз аз нуқтаи назари забоншиносӣ ва гендерӣ мебошад,. Муаллиф дар мақола таҳқиқи симои занонро дар эпос, бахусус, Жанил Мирза тавассути мақоми зан дар ҷомеаи суннатии қирғизӣ, хислатҳои қаҳрамонӣ ва баёни шоиронаи ӯ мавриди баррасӣ қарор додааст. Жанил Мирза ҳамчун қаҳрамонзани далер, хирадманд ва мустақил тасвир шуда, вай ҳамчун рамзи симои зани қавӣ муаррифӣ шудааст.

Ғайр аз ин қайд карда мешавад, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар эпос – сифатҳо, ташбеҳҳо, муқоисаҳо на танҳо таъсироти бадеӣ эҷод мекунанд, балки барои кушодани олами ботинии персонаж ва мавқеи ӯ дар ҷомеа хизмат мерасонанд. Дар мақола ҷанбаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва идеологии падидаи зан дар фолклори қирғиз тавассути симои Жанил Мирза шарҳ дода шудааст. Дар таҳқиқот, инчунин, симои зан дар эпоси қирғизӣ ва аҳамияти он дар ташаккули шуури миллӣ таъкид мегардад.

Дар ин мақолаи илмӣ барои омӯзиши матнҳои ҳамосавӣ аз дидгоҳи назарияи гендерӣ ва равиши лингвопоэтикӣ дурнамои наверо пешниҳод мекунад, ки дар ҳамбастагии фолклори қирғизӣ ва гендершиносӣ саҳми муҳим дорад.

### I. КЕЙС: «Жанил Мирза: ихтилофи гендерӣ дар ҷомеаи падаршоҳӣ»

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Дар эпоси «Жанил Мирза» мубоpизаи зан барои ҳуқуқи сарварӣ дар ҷомеаи падаршоҳӣ чӣ гуна инъикос ёфтааст?
2. Чӣ тавр эпоси «Жанил Мирза»-ро барои баррасии масъалаҳои муосир, аз қабили сексизм ё монеаи ба мартабаҳои боло баромадани занон истифода бурдан мумкин аст?

**Вазъият**

Дар донишгоҳ семинар дар мавзуи «Гендер дар фарҳангҳои анъанавӣ» баргузор мегардад. Шумо бояд кейсеро аз рӯи эпоси «Жанил Мирза» пешкаш кунед, то нишон диҳед, ки фолклори шифоҳии мардуми қирғиз дар асрҳои 17-18 чӣ гуна масъалаҳои нобаробарии гендерӣ ва ҳақи сарварии занонро ба миён мегузорад. Шунавандагони шумо – донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқоне мебошанд, ки ба фолклор, гендершиносӣ ва таърихи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ доранд.

### II. Супориш

**Кор дар зергурӯҳҳои хурд:**

**A.** Дар такя бар матни ҳамосавӣ нуктаҳои асосиеро ҷудо кунед, ки munоқишаи гендериро нишон медиҳад (масалан, зиддияти байни номи зан ва мақоми мард, интизориҳои ҷомеа ва талошҳои шахсии Жанил).

**Б.** Байни масъалаҳои ҳамосавӣ ва чолишҳои муосири баробарии гендерӣ (масалан, қолабҳои маъмулӣ дар бораи зан-сарвар, мувозинати байни ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ) монандиҳо гузоред.

**С.** Пешниҳод кунед, ки чи гуна ҳамосаро дар барномаҳои таълимӣ, ки барои бартараф намудани қолабҳои шахшудаи гендерӣ дар ҷомеаи муосир нигаронида шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Рӯнамоӣ омода кунед ё иншое (ихтиёрӣ) нависед, ки дар он шумо бояд маводи зеринро инъикос намоед:

- интихоби ҳамоса ҳамчун мисол барои омӯзиши гендер асоснок карда шавад;
- мунокишаи Жанил Мирза ва маҳдудиятҳои иҷтимоӣ барои занон ошкор карда шавад.

**III. Таъмин бо усулҳои таҳқиқотӣ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

1. **Усули герменевтикӣ**

   Хониши даврии матн. Иштирокдорон лаҳзаҳои асосиро мехонанд (масалан, таваллуди Жанил, муҳорибаҳои ӯ, асирӣ) ва муҳокима мекунанд, ки чи гуна онҳо мунокишаи гендериро ошкор мекунанд. Саволҳо: «Номи Жанил чӣ маъно дорад?» ё «Чаро Мирза ба ҷузъи ҳувияти шахсии ӯ табдил меёбад?»

2. **Тафсири матни адабӣ**

   Таҳлили мунокиша тавассути «дарахти мушкилот». Иштирокдорон диаграммаеро месозанд, ки дар он мушкили марказӣ – мунокишаи гендерӣ ва шохаҳо интизориҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои падаршоҳӣ ва орзуҳои шахсии Жанил мебошанд.

3. **Аёнисозӣ**

   Эҷоди коллаже, ки дар он иштирокдорон Жанилро ҳамчун рамзи мубориза бо нобаробарӣ тасвир мекунанд. Иқтибосҳо аз матн ва тасвирҳои ҷанговарзан истифода мешаванд.

## Қурбонхонова Нуриҷаҳон
## «Тасвири зан дар фолклор»

Дар мақола нақши зан дар фолклор ва дар бораи он ки чи гуна дар ривоятҳо ба ҳикмат, заковат, фазилат ва шаъну шарафи зан таъкид шудааст, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ривоятҳои қадим симои зан ҷои намоёнро ишғол мекунанд. Ривоятҳо нишон медиҳанд, ки занон метавонанд бо зеҳни худ мушкилоти мураккабро ҳаллу фасл намоянд. Онҳо ҷони хешро қурбон кардаанд, то шаъну шарафи худро нигоҳ доранд ва меҳрубонии онҳо, ҳатто, ба девҳо низ таъсир расондааст. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки занон дар ривоятҳо ҳамчун олиҳаи хайрхоҳ, зебо ва хеле муҳтарам таҷассум ёфтаанд.

Ҳамин тавр дар вуҷуди насли наврас ахлоқ тарбия меёфт. Ҳамзамон занон офарандагони асосии фолклор буданд. Тавассути ин эҷодиёти шифоҳӣ онҳо кӯшиши тафсири

онро ба харҷ медоданд, ки зан дар ҷомеа сазовори мақоми баланд аст ва бидуни зан зиндагӣ вуҷуд надорад. Вақте ки дар ибтидо одамон пайдо шуданд, байни мардон ва занон фарқият вуҷуд надошт. Ҳарду ҷинс ҳуқуқҳои баробар доштанд. Занон ҳам мисли мардон бо тамоми қувваашон меҳнат мекарданд. Дар давраи модаршоҳӣ занон мақоми иҷтимоӣ пайдо карданд. Онҳо, ҳатто, дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият мебурданд.



Аз мазмуну мундариҷаи афсонаву ривоятҳои мардумӣ маълум мешавад, ки зан дар тамоми давру замон мавқеъ ва мақоми баландро ишғол мекардааст. Дар як бахши ин мақола мо аз маҳорату хиради онҳо, дар боби дигар дар бораи корнамоиҳои қаҳрамононаи занон сухан хоҳем ронд. Чунин корнамоиҳо дар таърихи халқ нақши хешро бозида, барои насли нав намунаи беҳтарин барои пайравӣ аз онҳо дониста мешаванд.

### I. КЕЙС: «Нақши зан дар ташаккули ахлоқи ҷамъиятӣ тавассути фолклор дар фарҳанги тоҷик»

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Оё фолклорро як василаи тасдиқи ғояи баробарии гендерӣ арзёбӣ кардан мумкин аст? Чаро?
2. Кадом ҷанбаҳои афсонаҳои халқиро дар барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ барои дастгирии нақши зан ҷой додан мумкин аст?

**Вазъият**

Машғулияти лоиҳавӣ дар мавзуи «Ҷомеаи муосир аксаран саҳми занонро дар мероси фарҳангӣ ва маънавӣ кам арзёбӣ мекунад». Барои иштирок дар ин машғулияти лоиҳавӣ, шумо бояд саволҳои зеринро омӯзед: Чӣ тавр фолклор ин фикро тағйир дода, ҳамчун василаи тарбияи эҳтироми фазилати зан, хирадмандӣ ва сарварӣ шуда метавонад? Таҳқиқ намоед, ки симои фолклории занон чи гуна ба ташаккули муносибатҳои ахлоқӣ, адолати иҷтимоӣ ва мувозинати гендерӣ таъсир мерасонанд. Баррасӣ намоед, ки интиқоли ин сужаҳо дар соҳаи маориф, корҳои ҷамъиятӣ, сиёсати фарҳангӣ чи гуна истифода шуда метавонанд.

**Маълумот ва мавод (матни аз рӯи интихоб):**

- Афсонаҳо дар бораи модари Қурбонҷонбек ва духтари Давлатшо (занҳо ҳамчун стратегҳои ҳарбӣ).
- Қиссаи Лолабегим (вафодории зан, овоз ҳамчун силоҳ).
- Афсонаи Пома (қурбонӣ ва шараф болотар аз ғаризаи модарӣ аст).
- Тасвири симои Рухшона (зан ҳамчун ҳоким ва ҷанговар).
- Ривоятҳо дар бораи посбонзанони оташ ва накӯаҳволӣ (суботи иҷтимоию маънавӣ тавассути тасвири симои занона).
- Рубоӣ дар бораи модарон ва ҷудоӣ аз фарзандон (тасвири эҳсосии сарнавишти зан).

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд:**

Ташкил ва гузаронидани мубоҳиса, ҷавоб додан ба саволҳои зерин:

- Ин ривоятҳо кадом хислатҳои занонро ошкор мекунанд?

- Симои фолклории занони тоҷикро бо симои занони муосири Осиёи Марказӣ муқоиса кунед.
- Байни симои Жанил Мирза ва Рухшона чӣ монандӣ вуҷуд дорад?

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Дар мавзуи «Симои зан дар фолклори тоҷик» иншо нависед.
- Дар бораи симои зан дар фолклор рӯнамоӣ омода созед.
- Диаграммаи Веннро бо муқоисаи симои Жанил Мирза ва Рухшона омода созед.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор аст)**

**1. Хониши таҳлилӣ:**

- Матнро ба қисмҳои маъноӣ (ҳикмат, қаҳрамонӣ, садоқат ва ғайра) ҷудо кунед.
- Калимаҳо ва ибораҳои калидиеро, ки симои занро тавсиф мекунанд, ҷудо кунед.
- Ғояҳо ва далелҳои асосии муаллифро муайян кунед.
- Нақшаи мухтасари мақоларо тартиб диҳед.

**2. Таҳлили муқоисавӣ:**

- Симои занонро дар жанрҳои гуногуни фолклорӣ (қиссаҳо, афсонаҳо, сурудҳо) муқоиса намоед;
- Симои тасвирии занро дар фолклори тоҷик бо симои зан дар фолклори халқҳои дигар муқоиса кунед.
- Симои занеро, ки дар мақола тасвир шудаанд, бо симои тасвирии зан дар ҷомеаи муосир муқоиса кунед.

**3. Корбарӣ бо сарчашмаҳо:**

- Матнҳои фолклории дар мақола зикршуда (ривоёт, рубоӣ)-ро омӯзед.
- Сарчашмаҳои иловагиро дар бораи мавзуъ (мақолаҳои илмӣ, китобҳо) ҷустуҷӯ намоед.
- Заминаҳои таърихию фарҳангиеро таҳлил кунед, ки бар пояи онҳо фолклор эҷод шудааст.

## Абдулҳамидова Парвина
## «Инъикоси мавқеи нақшофари зан дар луғати шуғнонӣ»

Ҳадафи ин пажӯҳиш посух ба суолест, ки мавқеи нақшофари зан дар забони шуғнонӣ то чи андоза тағйир ёфтааст. Объекти таҳқиқот дар асар луғати шуғнонӣ буда, мавқеи нақшофари занро дар гузашта ва имрӯз инъикос менамояд. Интихоби мавзуъ ба он вобаста аст, ки омӯзиши нақши иҷтимоии зан бояд ба пажӯҳишҳои соҳаҳои гуногун асос ёбад. Ҷанбаи забоншиносии он бошад, фаҳмиши мушкилотро мукаммал намуда, дар раванди беҳбуди олами занон саҳм мегузорад. Бесабаб нест, ки барои баррасии ин масъала забони хурди шуғнонӣ сарчашма интихоб шудааст. Аввалан, луғати шуғнонӣ мисли забонҳои зиёди дигар, як навъ инъикоси ақидаҳо дар бораи мавқеи нақшофари зан аст. Сониян, ба қайд гирифтани луғати ин гурӯҳи луғавӣ-семантикӣ барои ба

расмият даровардани маълумоти забонии забони шуғнӣ, ки тадриҷан воҳидҳои луғавии худро гум мекунад, муҳим аст. Усули асосии таҳқиқот дар асар усули этнолингвистӣ бо таҳлили семантикӣ-мотиватсионии ин вожа мебошад. Муқоисаи лексикаи мақоми нақшофари дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ва лексемаҳои муосир таҳаввули нақшҳои мақомии занро инъикос мекунад. Тасвири лингвистии мавқеъҳои нақшофари гузашта ва имрӯза дорои нуктаҳои умумӣ ва фарқиятҳо мебошад. Луғати мавқеъҳои нақшофари машғулият дар муҳити хонагӣ ҳифз шудааст, зеро ин фаъолият то ҳол вуҷуд дорад. Дар гузашта зани шуғнонӣ танҳо дар муҳити хонавода истеъдоди худро нишон дода метавонист. Мавқеи вай духӯра буд. Барои зани муосир, ба ғайр аз супоришҳои хонагӣ, теъдоди вазифаҳои нақшофаре меафзоияд, ки онҳо берун аз хона амалӣ карда мешаванд. Зани муосири шуғнонӣ дар интихоби роҳи худ озод аст, аммо масъулиятҳои зиёде бар дӯши ӯ бор аст. Майли рушд додани хеш, ба даст овардани истиқлолияти молиявӣ, таъмини оила дар баробари нигоҳ доштани хоҷагӣ ва тарбияи кӯдакон, имкониятҳои ҷисмонии ӯро барои дастрасӣ дар ин бахшҳо маҳдуд мекунад.



**I. КЕЙС: «Инъикоси мавқеи нақшофари зан дар луғати шуғнонӣ»**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Дар таркиби луғавии забони шуғнонӣ таҳаввули нақшҳои зан аз рӯзгордорӣ то фаъолияти касбӣ чӣ гуна инъикос ёфтааст?
2. Кадом лексемаҳо мавқеи духурагии занро дар гузашта ва имрӯз бештар нишон медиҳанд?
3. Мавқеи нақшофари занони шуғнонӣ аз дигар халқҳои Осиёи Марказӣ чӣ тафовут дорад?
4. Барои беҳбуди мавқеи занон дар ҷомеаҳои муосир аз маълумотҳои забоншиносӣ чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст?
5. Барои ҳифзи забони шуғнонӣ кадом тадбирҳо самараноктаранд?

**Вазъият**

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои донишҷӯёни забоншиноси факултаи филология дар мавзуи «Саҳми забоншиносӣ дар дарк ва баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа» баҳси илмӣ баргузор гардид. Дар доираи он саволҳое мавриди муҳокима қарор гирифтанд, ки чи гуна маълумоти забон нақшҳои иҷтимоии занонро инъикос намуда, ба озодии онҳо мусоидат карда метавонад. Дар натиҷаи мубоҳиса ба донишҷӯён супориш дода шуд, ки мақолаи муҳаққиқи мустақил, номзади илмҳои филологӣ Парвина Абдулҳамидова «Инъикоси мавқеи нақшофари зан дар луғати шуғнонӣ»-ро омӯхта, гузориши таҳлилӣ омода намоянд.

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд:**

1. Луғатҳои дар мақолаи Парвина Абдулҳамидова овардашударо таҳлил ва муайян кунед, ки забони шуғонӣ чӣ гуна тағйироти мавқеи нақшофари занонро аз охири асри XIX то имрӯз инъикос мекунад.
2. Мавқеи нақшофари занони шуғнониро бо занони халқҳои дигари Осиёи Марказӣ (қазоқҳо, қирғизҳо, туркманҳо, уйғурҳо) дар асоси маълумотҳои луғавии дар мақола овардашуда муқоиса кунед (ҳар як зергурӯҳ гузориши таҳлилӣ ва рӯнамоӣ омода мекунад).

**Вазифаи хонагӣ**

Дар мавзуи «Забон ҳамчун нишондиҳандаи тағйироти иҷтимоӣ: мавқеи нақшофари занон дар ҷомеаи шуғнонӣ» гузориш омода кунед.

**Тавсияҳо:**

1. Луғати онлайни забони шуғнониро бо бахши луғати гендерӣ мураттаб созед.
2. Барои ҷамъоварии луғатҳои муосир аз ҳомилони забон таҳқиқоти саҳроӣ ташкил карда шавад.
3. Таҳияи дарсҳои маърузавӣ дар бораи нақши занон дар ҷамоатҳои шуғнонӣ бо истифода аз маълумоти забоншиносӣ.
4. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои таблиғи забон ва фарҳанги шуғнонӣ маҳфилҳо ташкил карда шаванд.

**III. Таъминоти методӣ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Муҳокима**

Ташкили мубоҳиса дар бораи масъалаҳои асосии дар матн овардашуда. Ин ба рушди малакаҳои баҳскунӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти гӯш кардани дигарон мусоидат мекунад.

**Усули «Jigsaw» (мозаика ё тиккапайвандҳо)**

Матнро ба қисмҳо тақсим карда, ҳар як гурӯҳ қисми худро меомӯзад, сипас намояндагони ҳар як гурӯҳ мубодилаи маълумот мекунад. Ин ба ҳамкорӣ ва таълими ҳамдигар мусоидат мекунад.

## БОЗИИ ЭТИКӢ

**БОЗИИ 1:** «Овози зан – нури хирад аст».

**Ҳадаф:**

- фаҳмидани муқаррароти ахлоқие, ки дар зарбулмасалҳо рамзгузорӣ шудаанд;
- бо муқоисаи замони гузашта ва имрӯза мавқеи худро ташаккул диҳед.

**Шакли бозӣ:** «Оё ҳоло ҳам ҳамин тавр аст?»

**Рафти бозӣ:**

1. Омӯзгор зарбулмасалеро мехонад. Масалан: «Модар муқаддас ва мардум ҳам муқаддас аст».
2. Гурӯҳ ба 2 даста тақсим мешавад:
   - якум – «Анъана» (далел меорад, ки чаро зарбулмасал дуруст ва муҳим аст);
   - дуюм – «Назари замонавӣ» (ба тарзи замонавӣ боздиди назар мекунад).

**Зарбулмасалҳои дигари мавриди баҳс:**

- Зани нек – тоҷи сари шавҳар;.
- Зан – нигаҳбони оташкада.

**Натиҷа.** Муҳокимаи савол: кадом арзишҳо ҷовидонаанд ва кадомашро навсозӣ кардан лозим аст?

**БОЗИИ 2:** «Баҳс дар бораи шарафи инсон».

**Ҳадаф:**

Рушд додани ҳамдигарфаҳмӣ ва фаҳмиши муноқишаҳои гендерӣ тавассути қолибсозии баҳс.

**Шакл:** Мубоҳисаҳо.

**Иштирокдорон:** 8-16 нафар, ки ба ду даста тақсим мешаванд.

**Тарҳрезиҳои бозӣ**

Пас аз асорати Жанил, қалмакҳо дар бораи он баҳс мекунанд, ки бо ӯ бояд чӣ кор кард.

Дастаи 1 (тарафдорони падаршоҳӣ): Жанил бояд ба Калматай ба шавҳар барояд ва нақши занро пазирад, зеро зан сарвар шуда наметавонад.

Дастаи 2 (тарафдорони Жанил): Жанил ҳақ дорад озодӣ ва сарварии худро нигоҳ дорад, зеро вай тавоноии худро исбот кардааст.

**Раванди бозӣ:**

1. Дастаҳо дар такя бар матни эпос (масалан, лаҳзаҳо аз набардҳои Жанил ё шароити ӯ пеш аз издивоҷ) далелҳо омода мекунанд.
2. Мубоҳиса дар се марҳила гузаронида мешавад: овардани далел, далелҳои муқобил ва хулосаҳо.
3. Тамошобинон (агар ҳузур дошта бошанд) ба дастаи боварибахштарин овоз медиҳанд, аммо баранда таъкид мекунад, ки ҳадаф – на пирӯзӣ, балки дарки ихтилоф аст.
4. Баррасии саволи зерин: «Меъёрҳои падаршоҳӣ ба дарки шараф ва озодиии инсон чӣ гуна таъсир мерасонанд?».

Давомнокӣ: 30-40 дақиқа.

**БОЗИИ 3** «Нигоҳи муосир ба арзишҳои фолклорӣ».

**Ҳадаф:**

Баррасии он, ки кадом арзишҳое, ки дар симои фолклории зан пешкаш шудаанд, дар ҷомеаи муосир аҳамияти худро нигоҳ медоранд.

**Саволҳои ахлоқӣ:**

1. Кадом арзишҳои фолклорӣ хусусияти куллӣ доранд?
2. Кадоме аз онҳо кӯҳна шудаанд ва ё таҷдиди назарро талаб мекунанд?
3. Фолклор ба ташаккули меъёрҳои ахлоқии муосир чӣ гуна таъсир расонида метавонад?

**Ҳадаф:**

Рушд додани малакаҳои таҳлили интиқодӣ ва дарки робитаи байни гузашта ва ҳозира.

# Басти 2

## КИНО
## (4 соат – 2 машғулият)

1. Усмонова Зулайхо «Симои занона дар синамои тоҷик: аз арзишҳои шуравӣ то суннатгароии муосир?» (Тоҷикистон).
2. Хан Олга «Симои нави зан дар синамои ӯзбек: эҳёи миллӣ ё бозгашт ба гузашта?» (Ӯзбекистон).
3. Тилло Неккадам «Гавҳари кинои тоҷик» (Тоҷикистон).

## Усмонова Зулайхо
## «Симои занона дар синамои тоҷик: аз арзишҳои шуравӣ то анъанаҳои муосир?»

Синамо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аксаран меъёрҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гендериро инъикос намуда, ба масъалаҳои мубрами марбут ба вазъи занон, ҳуқуқи онҳо ва мубориза бо урфу одатҳо ва қолабҳо низ посух медиҳад. Дар ин ҳолат филмҳоеро баррасӣ мекунем, ки ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ дахл намуда, ба дарки нақши зан дар ҷомеа таъсир мерасонанд.

Дар ин мақола симои занона дар синамои тоҷики даврони шуравӣ ва пасошуравӣ баррасӣ мегардад. Ҳадафи мақола таҳлили он матлаб аст, ки симои занон дар синамои тоҷик бо мурури замон чи гуна тағйир ёфтааст ва кадом омилҳо ба ин тағйирот таъсир расондаанд. Мубрамияти таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки симои зан дар синамо нишондиҳандаи муҳими дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошанд. Таҳлили ин симо имкон медиҳад беҳтар дарк кунем, ки тасаввурот дар бораи занон, дар ҷомеаи Тоҷикистон бо мурури замон чи гуна тағйир ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар татбиқи методологияи феминистии ҳунари синамо нисбат ба таҳлили муқоисавии филмҳои тоҷикии ду давра – замони шуравӣ ва пасошуравӣ мебошад. Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои онро барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи гендершиносӣ ва таърихи кино истифода бурдан мумкин аст. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро барои таҳияи барномаҳои таълимӣ ва лоиҳаҳои фарҳангӣ, ки ба пешбурди баробарии гендерӣ нигаронида шудааст, истифода бурдан мумкин аст.

**I. КЕЙС: «Нақши синамо дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ: таҳлили филмҳои “Зумрад”, “Бори масъулият”, “Роҳ” ва “Мушкилкушо”».**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. «Гардиши феминистӣ ба сӯи фарҳанг» чӣ маъно дорад (адабиёт: Е.Р. Ярская-Смирнова, Мишел Барретт)? Чаро сохтори иҷтимоии пешина (капитализм) ба кор меравад?

2. Кадом арзишҳо ва нақшҳои занон дар синамои тоҷики давраи шуравӣ ва муосир инъикос ёфтаанд ва онҳо чӣ гуна тағйироти иҷтимоиро инъикос мекунанд?

**Вазъият**

Шумо иштирокчии семинари байналмиалӣ оид ба таҳқиқоти масоили гендерӣ ва кинематография мебошед, ки аз ҷониби як маркази фарҳангӣ дар Душанбе баргузор гардидааст. Дар семинар масъалаҳои муаррифии занон дар кинематографияҳои миллӣ баррасӣ мегардад. Ба гурӯҳи шумо супориш дода шудааст, ки мақолаи Зулайхо Усмоноваро таҳлил намуда, тавсияҳоятонро барои рушди синамои тоҷик, ки барои бартараф намудани қолабҳои маъмулии падаршоҳӣ ва пешбурди симои пешқадами занона нигаронида шудааст, пешкаш намоед. Дар гурӯҳ синамогарон, коршиносони фарҳанг, сенариянависон ва намояндагони созмонҳои иҷтимоӣ, ки дар соҳаи баробарии гендерӣ фаъолият мебаранд, ҳузур доранд. Иштирокдорони семинар бояд рӯнамоиашонро, ки бар пояи таҳлили мақола асос ёфтааст, омода намуда, маслиҳатҳои мушаххасро барои ҳаллу фасли мушкилоти муқарраршуда пешниҳод намоянд:

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар гурӯҳҳои хурд**

1. Мақолаи Усмоноваро хонда, тезисҳои асосиро дар бораи симои занона дар синамои тоҷик муайян кунед.
2. Симои занонро дар филмҳои «Зумрад» ва «Бори масъулият» бо истифода аз методологияи феминистӣ (консепсияҳои «нигоҳи мардона» ва «қобилияти биниши зан» муқоиса кунед.
3. Муайян кунед, ки дар ин филмҳо барои нишон додани нақшҳои гендерӣ кадом унсурҳои сермаъноӣ (тазодҳо, рамзҳо) истифода мешаванд.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- фаҳмиши таъсири идеология ва тағйироти иҷтимоӣ дар синамо ба симои занон дар кино;
- малакаҳои истифода аз методологияҳои феминистӣ ва семиотикӣ;
- маҳорати коркарди тасмимҳои созанда барои мушкилоти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ;
- рушди малакаҳои таҳлил, далеловарӣ ва рӯнамоӣ.

**Вазифаи хонагӣ:**

1. Консепсияи сенарияеро барои филми нави тоҷикӣ, ки дар он қаҳрамонзани асосӣ симои зани пешқадамро ифода мекунад (масалан, зани мустақил, аз ҷиҳати касбӣ муваффақ, ки монеаҳои иҷтимоиро паси сар кардааст).
2. Пешниҳод кунед, ки ин филмро дар байни ҷавонон чӣ гуна маъмул кардан мумкин аст (масалан, тавассути фестивалҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, муҳокимаҳо).
3. 3-5 тавсияҳои мушаххасро барои синамогарони тоҷик мураттаб созед, ки мутаваҷҷеҳи нукоти зерин бошанд:
   - аз байн бурдани қолабҳои маъмулии падаршоҳӣ;
   - ҷалби маблағгузорӣ ва мутахассисон;

- тарғиби филмҳо бо симои пешқадам занона.

4. Дар мавзуи: «Синамои тоҷик чӣ гуна метавонад ба баробарии гендерӣ мусоидат кунад?» эссеи мухтасар (150-200 калима) нависед;

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқот (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

«Вожаҳои калидӣ»: донишҷӯён мафҳумҳои асосиро муайян мекунанд (масалан, «гендер», «феминизм», «нигоҳи мард», «қобилияти босиравии зан») ва мазмуни онро дар доираи мазмуни матн шарҳ медиҳанд.

Нақшбозӣ: иштирокдорон ба гурӯҳҳое тақсим мешаванд, ки олимон, коргардонҳо, сенариянависон ва фаъолонро намояндагӣ карда, дар бораи ҳаллу фасли мушкилоти синамогарони тоҷик муҳокимаронӣ мекунанд.

**Ҷадвали муқоисавӣ**

Донишҷӯён ҷадвалро пур намуда, симои занонро аз филмҳои «Зумрад» ва «Бори масъулият» аз руи меъёрҳои зерин муқоиса мекунанд: арзишҳо, нақшҳо, унсурҳои семиотикӣ, таъсири идеология.

**Тарҳрезиҳо барои оянда**

Иштирокчиён консепсияи филми навро бар асоси симои пешрафтаи занона, бо дарназардошти мушкилоти иҷтимоии муосир, таҳия мекунанд.

## Хан Олга
## «Симои нави занон дар синамои ӯзбек: эҳёи миллӣ ё бозгашт ба гузашта?»

Дар натиҷаи ба даст овардани истиқлолият дар Ӯзбекистон сиёсате ташаккул ёфтан гирифт, ки ба эҳёи миллӣ нигаронида шуда, солҳои аввали он бо зиддишуравии ошкоро пайгирӣ мегашт. Арзишҳои шуравӣ ба тафаккури миллӣ бегона эълон шуда, зери шиорҳои эҳёи миллӣ ва бозгашт ба арзишҳои миллӣ сиёсати гендерии «сарнавишти табиии зан» тарҳрезӣ мегашт: ин ғоя дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус дар солҳои аввали истиқлолияти онҳо ҳукмфармо буд. Шуруъ аз солҳои 2000-ум низоми мураккабтари муносибатҳо бо арзишҳои ҷаҳонӣ/ғарбӣ ташаккул ёфт ва бозгашт ба анъанагароӣ дар идеологияи пайравӣ аз арзишҳои демократӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои баробарии гендерӣ, ки барои обрӯю нуфузи кишвар дар хориҷи он муҳим аст, ташаккул меёбад. Таҷдиди назари нақши занон хусусияти қонуниятро дар кинои миллӣ касб намуд, ки дар нақшҳои такроршаванда дар эҷоди симои қаҳрамонзани асосӣ зоҳир мешавад. Таҳлили симои зан дар синамои муосири ӯзбек на танҳо тамоюлҳои худи синаморо нишон медиҳад, балки дар бораи худи ҷомеа ва фарҳанги он маълумот медиҳад.

### I. КЕЙС: «Муколама дар бораи симои модарон дар синамои муосири ӯзбек»

Даҳсолаҳои охир дар синамои ӯзбек тамоюле мушоҳида мешавад, ки ба симои модар аз нигоҳи вазифаи маркази зан таъкид намуда, он тасаввуроти анъанавиро дар бораи нақши зан дар оила ва ҷомеа инъикос мекунад. Дар аксари филмҳо занон пеш аз ҳама, ҳамчун модар тасвир шудаанд, ки хушбахтӣ ва комёбиҳои онҳо мустақиман ба қобилияти тавлиди фарзандон ва иҷро кардани нақши модари ғамхор вобаст аст.

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Ба назари Шумо сабаби маъруфияти симои модар дар синамои ӯзбек дар чист?
2. Агар нақши модар дар синамо ҳамчун дастоварди асосии ҳаёт фаъолона ташвиқ карда шавад, барои зан дар ҷомеа чӣ оқибатҳо дорад?
3. Барои беҳтар намудани намояндагии занон, бахусус модарони танҳо, Шумо дар соҳаи синамо чӣ гуна тағйиротро пешниҳод карда метавонед?
4. Агар ин мавзуъ дар оянда рушд ёбад, озодии занон ба филмҳои муосири Ӯзбекистон чӣ таъсире расонда метавонад?

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд тибқи интихоби омӯзгор.**

**Зергурӯҳи якум. Таҳлили симои модар дар синамои ӯзбек**

**Тавсиф**: Зергурӯҳ як филми муосири ӯзбекиро интихоб мекунад (масалан, аз филмҳое, ки дар Интернет дастрасанд ё дар кейс зикр шудаанд), ки дар он симои модар нақши калидӣ (мусбат/манфӣ) мебозад. Иштирокдорон таҳлил мекунанд, ки чи гуна зан-модар муаррифӣ мегардад, кадом арзишҳо тавассути симои ӯ интиқол дода мешаванд ва он чи тавр ба дарки нақши зан дар ҷомеа таъсир мерасонад.

**Шакли корбарӣ:**

- Тамошои порчаҳо аз филм (ё дар сурати имкон надоштани тамошо дар асоси тавсифҳо муҳокима кардани он).
- Муҳокима дар гурӯҳ: Кадом хислатҳои муҳимми модар таъкид шудаанд? Нақши вай бо арзишҳои анъанавӣ чӣ гуна пайваст карда мешавад? Оё унсурҳои интиқод ё пуштибонӣ аз падаршоҳӣ вуҷуд доранд?

**Рӯнамоӣ.**

**Зергурӯҳи дуюм. Тарҳрезӣ барои симои нави зан**

**Тавсиф**: Зергурӯҳ консепсияи филми кӯтоҳеро таҳия мекунад, ки дар он қаҳрамони асосӣ зане мебошад, ки қолабҳои маъмулиро мешиканад (масалан, модари танҳо, зани ҳирфаӣ ё бефарзанд). Иштирокдорон бояд хислат, низоъ ва ҳаллу фасли сужаи ӯро тасвир намуда, аз тамғаҳои анъанавӣ канорагирӣ кунанд.

**Шакли корбарӣ:**

- Ҳуҷуми фикрӣ: муайян кардани навъи қаҳрамонзан ва саргузашти ӯ.
- Навиштани синопис (1-2 саҳифа): тавсифи қаҳрамонзан, муноқишаи асосӣ, саҳнаҳои асосӣ ва анҷоми он.
- Муҳокима дар гурӯҳ: ин тасвир ба шунавандагон чӣ гуна таъсир расонда метавонад?

**Зергурӯҳи 3. Маъракаи пешбурди гуногунрангии симои занона**

**Тавсиф**: Зергурӯҳ консепсияи маъракаи иҷтимоиро (масалан, барои шабакаҳои иҷтимоӣ ё кинофестивал) таҳия мекунад, ки ҳадафи он пешбурди тасвирҳои гуногуни занон дар синамои ӯзбек мебошад. Маърака бояд шиор, унсурҳои аёнӣ ва нақшаи чорабиниҳоро дар бар гирад.

**Шакли корбарӣ:**

- Муҳокимаи шунавандагони ҳадафнок (ҷавонон, синамогарон, оммаи васеъ).
- Таҳияи шиор ва тасвири босиравӣ (масалан, плакат ё ғояе барои видеои кӯтоҳ).
- Банақшагирии чорабиниҳо (масалан, мизи мудаввар, намоиши филмҳо ва муҳокимаҳо).

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Рӯнамоӣ бо хулосаҳо дар бораи он ки чи гуна симои модар дар филми интихобшуда ба қолабҳои маъмулии гендерӣ таъсир мерасонад;
2. Мухтасарномаи сужа бо симои нави зан;
3. Асосноксозии мухтасари (3–5 ҷумла) матлаб дар бораи он ки барои чи ин симо барои тағйир додани тасаввурот дар бораи зан дар ҷомеаи Ӯзбекистон аҳамият дорад;
4. Омода кардани як маҷмуаи кӯтоҳ (10–15 дақиқа) аз симои занона дар филмҳои Осиёи Марказӣ (масалан, «Арӯси хомӯш», «Тундук арӯс» ва ғайра).арӯс.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

1. **Таҳлили сужаҳо ва симои қаҳрамонзанон**
   Муҳим он аст, ки на танҳо ҷанбаҳои сужавии асосиро ба назар гирифтан зарур аст, инчунин, таҳлил кардан лозим аст, ки персонаж чи тавр рушд меёбад, ангезаҳои вай чи гунаанд ва ҳангоми фаъолияташ бо кадом тағйирот рӯбарӯ мешавад. Ин барои амиқтар фаҳмидани таъсири қолабҳои маъмулии иҷтимоӣ ба ташаккули симои зан дар синамо, имкон медиҳад.

2. **Корбурд бо муколамаҳо ва монологҳои персонажҳо**
   Муколамаҳои байни қаҳрамонон, махсусан агар сухан дар бораи оила ва фарзандон ҷараён гирад, онҳо метавонад нишондодҳои муҳими меъёру арзишҳои иҷтимоиро дарбар гиранд. Таҳлили ин муколамаҳо барои фаҳмидани тасвири мунокишаҳои марбут ба ҳувияти модарӣ ва бефарзандӣ дар кино, кумак мекунад.

3. **Навиштани эссе: (рушд додани малакаи хаттӣ)**
   Эссе дар мавзуи «Нақши зан ва модар дар синамои ӯзбек: анъана ва замони муосир».

## Тилло Неккадам
## «Гавҳари кинои тоҷик»

Мақола ба ҳаёт ва роҳи эҷодии нахустин коргардонзан аз Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ – Маргарита Наимовна Қосимова бахшида шудааст. Муаллиф саҳми ӯро дар рушди синамои тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, таваҷҷуҳашро ба филмҳои сершумори бадеӣ ва мустанад, ки дар заминаи мушкилоти идеологӣ, иҷтимоӣ ва гендерӣ эҷод кардааст, мутамарказ месозад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чи тавр Қосимова, сарфи назар аз монеаҳои мавҷуда, тавонистааст худро ҳамчун коргардони боистеъдод, продюсер ва мураббии насли нав нишон диҳад. Дар матн, инчунин, нақши ӯ дар тарғиби дидгоҳи зан дар синамо, инъикоси ҳуввияти фарҳангии мардуми тоҷик ва рушди жанри филми мустанад низ баррасӣ шудааст.

Таваҷҷуҳи махсус ба муборизаи Маргарита Қосимова барои эътироф шудани ӯ дар муҳити касбӣ, саҳми ӯ дар тарбияи актёрҳо ва коргардонҳои нав, инчунин, эҷоди доираи васеи мавзуи филмҳои ӯ – аз сарнавишти занон то масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-дода мешавад. Мақола тавассути тасвири зиндагиномаи ӯ табодули нақши занро дар ҷомеъа ва синамои тоҷик аз даврони шӯравӣ то ба имрӯз ифшо менамояд. Дар мақола аҳамияти Қосимова ҳамчун шахсияти илҳомбахш барои занони муосир ва зарурати бознигарии ҷойгоҳи ӯ дар таърихи синамои тоҷик ва Осиёи Марказӣ таъкид шудааст.



### I. КЕЙС: «Маргарита Қосимова – кошифи синамои тоҷик»

Маргарита Қосимова – нахустин коргардонзан дар таърихи синамои тоҷик аст, ки асарҳои ӯ дар рушди синамои Тоҷикистон ва берун аз он таъсири назаррас гузоштааст.

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Коргардонзани синамо дар замони шӯравӣ бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ мегашт ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардааст? Идеология ба кори вай то чӣ андоза таъсир расондааст?
2. Кори коргардонзан аз кори коргардони ҷинси мард моҳиятан чӣ фарқ дорад? Тасаввур кунед, ки агар Маргарита мард мебуд: оё вай ба муваффақияти бештари касбӣ ноил мегашт? Акнун тасаввур кунед, ки агар вай шаҳрванди Афғонистони ҳамсоя бошад, вазъият ва сатҳи муваффақияти касбии ӯ чӣ гуна мебуд?
3. Вазъи синамои давраи шӯравӣ ва синамои даврони истиқлолро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Таваҷҷуҳи синамои муосир ба кадом ҷанба равона аст? Бартариҳои киноси муосирро номбар ва мақоми занро дар он тавсиф кунед.

**Вазъият**

Иштирокдорони ҳифзи мероси фарҳангии Тоҷикистон, ки бояд саҳми Маргарита Қосимоваро дар рушди синамо баҳо диҳанд ва барои ҳифз ва оммавӣ намудани осори ӯ чӣ гуна тасмим гиранд, бояд нақшаи чорабиниҳоро тартиб диҳанд.

**II. Супоришҳо:**

- Саҳми Маргарита Қосимоваро дар рушди синамои тоҷик арзёбӣ кунед.
- Гузориши нашри мақолаҳо ва китобҳоро доир ба фаъолияти ӯ мураттаб созед.
- Барои намоишномаҳо ва маърӯзаҳои оянда мавзуъҳо тартиб диҳед.
- Хусусиятҳои фаъолияти эҷодии ӯро ҳамчун аввалин коргардонзан дар Тоҷикистон муайян кунед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Эътироф кардани Маргарита Косимова ҳамчун коргардони барҷаста, ки дар рушди киноси тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.
- Афзоиши таваҷҷуҳ ба эҷодиёти ӯ ва мероси фарҳангии Тоҷикистон.
- Огоҳӣ аз аҳамияти дастгирӣ ва пешбурди занон дар синамо.

## БОЗИҲОИ АХЛОҚӢ

**БОЗИИ 1: «Интихоби Маргарита»**
**Тарҳрезии бозии 1.**

1. Бозингарон нақши коргардонҳои ҷавонеро, ки солҳои 60-ум дар киностудияи «Тоҷикфилм» кор мекарданд, ба ухда мегиранд.
2. Ба онҳо якчанд киносенария дода мешавад, ки ҳар кадоми онҳо масъалаҳои мубрами иҷтимоии он замонро ба миён мегузоранд.
3. Бозингарон бо дарназардошти оқибатҳои эҳтимолӣ, бояд интихоб намоянд, ки кадом навъи филмро таҳия кардан мехоҳанд:
   - сензура аз ҷониби мақомоти ҳукмрон;
   - нофаҳмӣ аз ҷониби қисми ҷомеаи анъанавӣ;
   - хавф аз мартабаи мансаби худ;
   - имкониияти саҳмгузории калон дар рушди фарҳанг.

**Ҳадафи бозӣ** – муҳокимаи духӯрагиҳои ахлоқие, ки бо онҳо рассомони замони шуравӣ рӯ ба рӯ буданд ва фаҳмиши он, ки эътиқоди шахсӣ ва масъулияти иҷтимоӣ ба тасмимҳои эҷодӣ чи гуна таъсир мерасонад.

**Масъалаҳои ахлоқии марбут ба:**

- сарҳади озодии эҷодӣ;
- масъулияти иҷтимоии рассом;
- таъсири сензура ба ҳунарҳои зебо;
- таваккали шахсӣ барои ҳунарҳои зебо.

**БОЗИИ 2: «ЗАН ДАР ФИЛМ»**
**Тарҳрезии бозӣ.**

1. Бозингарон худро дар нақш аъзои гурӯҳи наворбардории фильми Маргарита Қосимова мебинанд.
2. Онҳо бо ҳолатҳои мухталифи марбут ба нобаробарии гендерӣ ва муносибати ғаразнок нисбат ба коргардонзан рӯ ба рӯ мешаванд.
3. Бозингарон бояд тасмимҳоеро қабул кунанд, ки Маргаритаро ё дастгирӣ мекунанд ва ё табъизро шадидтар месозанд.

**Ҳадафи бозӣ –** таҳлил ва дарёфти роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба нобаробарии гендерӣ мебошад.

**Масъалаҳои ахлоқии марбут ба:**

- баробарии гендерӣ дар соҳаи ҳирфаӣ;
- мубориза бо таассубҳо ва қолабҳои маъмул;
- дастгирии занон дар касбҳои эҷодкорӣ;
- он ки дар вазъияти табъиз чи гуна бояд рафтор кард.

**БОЗИИ 3: «Мероси фарҳангӣ»**
**Тарҳрезии бозии 1.**

1. Бозингарон иштирокдорони баҳс дар мавзуи «Оё синамои муосир мувозинати фарҳангиро дар он нишон медиҳад?»
2. Дар зергурӯҳи якум бояд намунаҳои филмҳои мероси фарҳангӣ ва дар зергурӯҳи дуюм – филмҳое, ки мероси фарҳангӣ нестанд, нишон диҳанд. Интихобашонро бояд шарҳ диҳанд.

**Ҳадафи бозӣ –** таҳлил ва мудаллал сохтани мавқеи худ, ки бо мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ алоқаманд аст.

**Масъалаҳои ахлоқии марбут ба:**

- аҳамияти мероси фарҳангӣ барои ҷомеа;
- масъулият барои ҳифз ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ;
- таъсири ҳунарҳои зебо ба ташаккули ҳуввияти миллӣ.

## Басти 3

# МУСИҚӢ
# (4 соат – 2 машғулият)



1. Саида Даукеева «Фазои овозии маросимҳои дафни қазоқони Муғулистон» (Қазоқистон).
2. Лорел Виктория Грей «Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева – кошифони рақси саҳнавии ӯзбек» (Ӯзбекистон).
3. Таня Мерчант «Занон ва дутор: намоиши овозии ҳувияти зан» (Ӯзбекистон).
4. Баҳринисо Қобилова, Руҳаё Каримова «Сурудҳои занона ҳамчун таърих» (Тоҷикистон).
5. Ғоибназаров Чоршанбе «Хусусияти гендерсозӣ дар мусиқии Осиёи Марказӣ: овози занон дар ташаккули фарҳанги Тоҷикистон» (Тоҷикистон).

## Саида Даукеева
## «Фазои овозии маросими дафни қазоқони Муғулистон»

Қазоқҳои ғарбии Муғулистон дар юрта, кийиз уй (таҳтуллафзӣ – хонаи намадин) ёдбуди мурдагонро баргузор намуда, маросимҳои он қироати Қуръон ва марсияхониҳои мотами (ҷоктау)-ро дар бар мегирад. Ин урфу одат дар Қазоқистон аз байн рафта бошад ҳам, вале дар Муғулистон аз замони шуравӣ то имрӯз боқӣ мондааст. Амалияи он бо тарзи ҳаёти нимкӯчманчигии чорводории аҳолии маҳаллу фаслии қазоқ ва эътиқоди динии омезишёфтаи он, робитаи ногусастанӣ дорад, ки исломро бо анимизм ва парастиши руҳи ниёгон пайваста аст. Дар байни тамоми расму ойинҳои давраи ҳаётӣ, ки онҳоро ҷамоат риоя мекунад, расму ойинҳои дафну кафн аз нигоҳи созмондиҳии замонӣ, фазоӣ ва овозии хеш тағйирнопазиртарин мебошанд. Ҳангоми марги инсон, нообаста аз мавсими сол ва маҳал, маросимҳои пеш ва пас аз дафн дар юрта гузаронида мешаванд. Юрта инчунин макони баргузоркунии ёдбуд дар рӯзҳои ҳафтум (жеті-си) ва чилум (қырқы)-и пас аз марг хизмат мекунад. Қироати Қуръон аз ҷониби мулло ва гиряи хешовандони зани марҳум – ягона шаклҳои овозии ифодаи эҳсос аст, ки дар маросимҳо иҷозат дода шудааст; навохтани абзорҳои мусиқӣ ва шаклҳои дигари «мусиқӣ» дар ин замина манъ аст. Созмондиҳии фазоии маросимҳо дар дохили юрта аз рӯи тартиби муқарраршудае, ки эътиқоди муқаддаси қазоқҳо ва зинаи низоми иҷтимоии онҳоро аз рӯи ҷинс, синну сол ва мақомашон инъикос мекунад, сурат мегирад.

Ин боб ба омӯзиши этнографии мазмуни қудсӣ ва иҷтимоии юрта ва жоқтау дар маросимҳои кафну дафн бахшида шудааст. Боби мазкур бар таҳқиқоти саҳроии муаллиф дар музофотҳои ғарбии Муғулистон, Баян-Өлгий ва Қазоқистон аз соли 2004 то 2015 асос ёфтааст. Муаллиф ҳадафи ташреҳи онро дорад, ки чаро юрта – манзили мавсимии кӯчманчиёни қазоқҳои Муғулистон, ҳамчун макони асосии иҷрои маросимҳои онҳо хизмат мерасонад ва жоқтау дар он чи нақш дорад. Дар баробари ин муаллиф

таваҷҷуҳро ба таъсири мутақобилаи фазои меъморӣ ва овоз дар амалияи маросимҳо ҷалб намудааст.

**I. КЕЙС: «Анъана, садо ва муосирӣ: бархурди чаҳонбиниҳо»**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Оё маросимҳои марбут ба маргро сабт кардан ва паҳн кардан мумкин аст? Чаро?
2. Оё расму ойинҳои овозӣ бояд ҳифз ё тағйир дода шаванд? Чаро?
3. Кӣ ҳуқуқ дорад, ки садоҳои муқаддасро тафсир намояд?

**Вазъият**

Як нафар мутахассиси ҷавони соҳаи мусиқии қавмӣ ба ҷамоати қазоқони Муғулистон рафта, ҷузъи таркибии овозии маросими дафнро меомӯзад. Ӯро шеваҳои нотакрори мусиқӣ – гиря, қироати Қуръон, садоҳои муҳити табиӣ мафтун мекунад, вале мебинад, ки ҷавонон дар ҷомеа ин ойинҳоро «кӯҳнашуда» дониста, ҳифз намудани онҳоро кори бефоида мешуморанд.

**II. Супоришҳо:**

- ҷанбаҳои ахлоқии сабти маросимҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳед (корбурд дар гурӯҳҳои хурд);
- байни ҳадафи илмӣ ва эҳтиром ба фарҳанг хусусияти созишро дарёбед (баҳси шифоҳӣ);
- қоидаи рафторро барои муҳаққиқ дар чунин ҳолатҳо мураттаб созед (корҳои гурӯҳӣ).

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Иштирокдорон фаҳмиши ахлоқии сабти расму ойинҳои муқаддасро коркард намуда, байни ҳадафии илмӣ ва эҳтиром ба фарҳанг созишро пешниҳод мекунанд ва қоидаи амалии рафтори муҳаққиқонро эҷод месозанд, ки он ризоият ва ниёзҳои ҷомеаро ба инобат мегирад (Рӯнамоӣ).

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқотӣ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

1. **Кейс-таҳлил**:
   - таҳлили ҳолатҳои мушаххас аз ҳаёти этнографҳо ва мусиқишиносон;
   - муҳокимаи мисолҳои воқеии зиддиятҳои байни таҳқиқот ва ахлоқ.
2. **Усули мусоҳиба ва бозсозӣ**:
   - донишҷӯён метавонанд гузаронидани мусоҳибаро бо сокинони ҷомеаи қазоқӣ дар Муғулистон тарҳрезӣ намоянд;
   - таҳияи саволҳои мусоҳиба ва тафсири «ҷавобҳо» ҳамчун таҷрибаи таълимӣ.
3. **Усулҳои ташаккули маҳорати хаттӣ**
   - «Мактуб ба наслҳо»: нависед, ки шумо наслҳои ояндаро нисбат ба фарҳанги маросими дафни мардуматон чи гуна дидан мехоҳед.
   - «Қиёсҳо»: ҷузъи таркибии овозиро бо фарҳангҳои дигар муқоиса кунед (маросими тибетӣ, сурудхонии православӣ, навҳаю гиря дар Гурҷистон ва ғайра).

# Лорел Виктория Грей
# «Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева: кошифони рақси саҳнавии ӯзбек»

Дар ибтидои асри бистум, ҳангоме ки рақсу мусиқӣ ба воситаи муҳими худшиносии фарҳангии халқҳо табдил меёфт, Тамара Хонум (1913-1978) ва Мукаррам Турганбоева дар соҳаи рақси ӯзбекӣ шахсиятҳои муҳим буданд. Ҳардуи онҳо пеш аз инқилоби болшевикӣ ба дунё омада буданд ва дар ноҳияи Марғелони водии Фарғона, ки он вақт дар ҳайати Туркистони Русия дохил буд, таваллуд ёфтаанд. Барои ин занон хатари иҷрои рақс дар назди омма дар солҳои 1920 хеле воқеӣ буд. Дар шароити ноустувории сиёсӣ ва таҳдидҳои босмачиён ва баъдтар дар замони фишору таъқиботи сиёсии сталинӣ, ин ду зан, сарфи назар аз хатарҳою таҳдидҳо, фаъолияти худро идома дода, на танҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ, балки берун аз он низ ҳунарнамоӣ карда, ба табодули фарҳангии байни кишварҳо таъсири назаррас расонидаанд.



**I. КЕЙС: «Таъсири рақси суннатии ӯзбек ба рушди фарҳанг дар Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он»**

**Муқаддима**

Таҳти садои мусиқии ӯзбекӣ хонандагон ҳамроҳи омӯзгорон унсурҳои рақси ӯзбекӣ, аз ҷумла ҳаракатҳои дасту китфро меомӯзанд.

Зеҳнангезӣ: Аксҳои ду раққосаи машҳур дар пардаи намоиш нишон дода мешаванд. Фикр кунед, ки кадоми онҳо кӣ аст? Чаро? Аз матн иқтибосҳо пешниҳод кунед.

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Тамара ва Муккарам таҳдиду маҳдудиятҳоеро, ки вазъи сиёсии кишвар (босмачиҳо, фишору таъқибҳои сталинӣ ва ғайра) ба миён оварда буд, чӣ гуна аз сар гузарониданд?
2. Ширкати Тамара Хонум ва Мукаррам Турганбоева дар фестивалҳои байналмилалӣ ва табодули фарҳангӣ барои паҳншавии рақси ӯзбекӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон чӣ гуна саҳм гузоштанд?
3. Номбар кунед, ки дар соҳаи ҳунарҳои зебо нисбат ба занони Осиёи Марказӣ чи гуна қолабҳои маъмулии фарҳангӣ ва ғаразҳои гендерӣ вуҷуд доштанд. Чаро?

**Вазъият**

Шумо масъули фестивали байналхалқии ҳунарҳои зебо ҳастед, ки он ба занони пешоҳанг дар соҳаи ҳунари рақси асри XX бахшида шудааст. Яке аз чеҳраҳои марказии ҷашнвора Тамара Хонум интихоб шудааст, ки саҳми ӯ дар рушди рақси саҳнаи ӯзбек ва мубориза барои озодии занони Осиёи Марказӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Вазифаи Шумо – таҳияи консепсияи барномаи фестивал аст, ки он саҳми аслии Тамара Хонум ва Мукаррам Турганбоеваро рӯнамоӣ намуда, қолабҳои маъмулиро рад кунад ва таваҷҷуҳи тамошобинони байналмилалиро ба мероси онҳо ҷалб созад.

**II. Супориш**

**Корбурд дар гурӯҳи хурд**

**Супориши таҳлилӣ:**

Қолабҳои маъмулӣ ва таассубҳои асосии вобаста ба дарки саҳми Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева дар адабиёти илмии Ғарбро таҳлил намоед. Кадом омилҳои таърихию фарҳангӣ ба ташаккули ин қолабҳо мусоидат кардаанд?

**Ба қолабҳои маъмулии фарҳангӣ таваҷҷуҳ намоед**

Бархе аз пажӯҳишгарони ғарбӣ бо истинод ба манобеи кӯҳнашуда иддао доранд, ки рақси саҳнаи ӯзбек маҳсули сиёсати фарҳангии шуравӣ аст ва саҳми Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева муболиға шудааст. Онҳо исрор доранд, ки унсурҳои балети русиро ҳамчун «пояасос»-и рақси ӯзбекӣ ба барнома дохил кунанд.

Барои нишасти матбуотии фестивал матни асноддорро (300-400 калима) нависед, ки он иддаои «пояасоси руси»-и рақси саҳнавии ӯзбекиро рад намуда, саҳми беназири ҳарду раққосаро тасдиқ намояд.

1. **Супориши эҷодкорӣ**

   Консепсияи намоишномаи театрӣ (унвон, ғояи асосӣ, саҳнаҳои калидӣ, ҳамроҳии мусиқӣ), ки ҳаёт ва фаъолияти Тамара Хонум ва ё Мукаррам Тургунбоеваро инъикос мекунад, мураттаб созед. Зарурати нишон додани муборизаи онҳо бо меъёрҳои иҷтимоӣ, саҳми онҳо дар рақси узбекӣ ва нуфузи байналмилалии онҳоро ба назар гиред..

**Ба ғаразҳои гендерӣ таваҷҷуҳ намоед**

Дар матбуоти Ғарб Тамара Хонумро аксаран ҳамчун шахсияте тасвир менамоянд, ки дастовардҳояш бо номи шавҳараш Муҳитдин Қари-Ёқубов иртибот дошта, роҳи мустақил ва саҳмҳои гуногунҷанбаи ӯро нодида мегиранд. Далел биёред, ки чаро шумо яке аз раққосон ё мероси якҷояи онҳоро барои намоиш интихоб кардаед.

2. **Супориши таълимӣ**

   Нақшаи дарси устоди соҳа (мастер-класс)-ро дар бораи рақси саҳнавии ӯзбекӣ барои иштирокдорони фестивал (синну солашон 16+, сатҳи омодагӣ – ибтидоӣ) тартиб диҳед. Ҳадафҳо, давомнокӣ, унсурҳои асосии ракс (масалан, ҳаракатҳои дастҳо, мавзунии садои доира) ва тарзи азхудкунии онҳоро нишон диҳед. Барои дарси устоди соҳа (мастер-класс) сарсухани мухтасар (100-150 калима) омода созед, ки он робитаи рақсро ба доираи мазмуни фарҳангӣ ва мероси Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева шарҳ диҳад.

3. **Супориш барои муоширату**

   Барои шарикони ғарбии фестивал нома (200–250 калима)-е нависед, ки дар он Шумо ба таври асоснок шарҳ медиҳед, ки чаро барнома бояд ба анъанаҳои аслии рақси ӯзбекӣ мутамарказ бошад. Нишон диҳед, ки он чи гуна ба ҷалби тамошобинон ва баланд бардоштани арзиши фарҳангии фестивал кумак мерасонад.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Иштирокдоронро ба саҳми Тамара Хонум ва Мукаррам Тургунбоева дар рушди рақси саҳнавии ӯзбек шинос намоед.
2. Ташаккул додани малакаҳои таҳлили интиқодии қолабҳои фарҳангӣ ва ғаразҳо дар соҳаи гендерӣ.
3. Ташаккул додани қобилияти таҳияи лоиҳаҳои эҷодӣ ва таълимӣ дар соҳаи ҳунарҳои зебо.
4. Таълим додани қобилияти дифоъ аз асолати фарҳангӣ дар доираи байналмилалӣ.



**III. Таъмини усулҳои таҳқиқот (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

1. **«Шаш кулоҳи тафаккур**»-и Эдвард де Боно. Донишҷӯён вазъиятҳоро аз матн аз нуқтаи назари гуногун – эҳсосӣ, мантиқӣ, интиқодӣ, мусбат, эҷодӣ ва таҳлилӣ баррасӣ мекунанд.
2. **«Намоишгоҳи андешаҳо»**. Дар синф тасдиқҳои гуногунеро, ки дар коғазпораҳо навишта шуда, ба мавзуи матнҳо иртибот доранд, овезон карда, аз донишҷӯён хоҳиш кунед, нисбати кадоме аз мавзуҳое, ки қобили қабулашон мебошад, мавқеи худро асоснок баён намоянд.
3. **Усули таҳлили муқоисавӣ**. Муносибатҳои муаллифони гуногунро ба масъалаҳои шабеҳи он муқоиса кунед, масалан, осори нависандагоне, ки тахти сензура қарор доштаанд ва онҳое, ки дар шароити ҷомеаи озод фаъолият бурдаанд.

## Таня Мерчант
## «Занон ва дутор: намоиши овозии ҳувияти зан»

Дар ин мақола, Таня Мерчант таҷрибаҳои мусиқии занонеро, ки дутор менавозанд ва дар миёни занони Осиёи Марказӣ ба таври васеъ ба кор меравад, баррасӣ менамояд. Муаллиф аз тариқи дуторнавозӣ масъалаҳои ҳувияти гендерӣ, мероси фарҳангӣ ва тағйироти иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар мақола бо такя ба таҳқиқоти этнографӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ корбурди дутор дар оила ва ҷомеа, маънои рамзӣ ва нақши он ҳамчун воситаи баёни бадеӣ барои занон баррасӣ ёфтааст. Ба мавқеи дутор дар низоми таълими мусиқӣ, таҳаввули гурӯҳи дуторнавозони занона аз замони шуравӣ ба замони муосир, нақши телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар оммавӣ гардонидани ҳунари мусиқии занон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Ин асар дар омӯзиши мусиқӣ ва гендер дар Осиёи Марказӣ саҳми муҳим дорад.

### I. КЕЙС: «Занон ва дутор. Намоиши овозии ҳувияти зан дар Осиёи Марказӣ»

Дутор, абзори мусиқии дутора дар фарҳанги мусиқии Осиёи Марказӣ, махсусан дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мавқеи вижаро касб мекунад. Таърихан, ин асбоби мусиқӣ бо ҳувияти занона иртибот дорад ва занон онро дар заминаҳои гуногун – аз эҷоди навои мусиқии хонагӣ то намоишҳои саҳнавӣ бо он оҳанг менавозанд. Дар кейси додашуда нақши дутор ҳамчун ифодагари ҳувияти зан, аҳамияти таърихии он ва мавҷудияти муосири он дар Ӯзбекистон баррасӣ мегардад.

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Вақте ки одамон дар гурӯҳҳо на суруди яккахонӣ, балки сози мусиқӣ менавозанд, чӣ тағйир меёбад? Барои дутор ва дигар асбоби мусиқие, ки бароятон шиносанд, чунин тағйиротро номбар кунед.
2. То асри XX занон дар куҷо дутор менавохтанд? Мазмуни иҷроиши ин соз бо мурури замон чӣ гуна тағйир ёфт? Инро бо дигар таҷрибаҳои мусиқӣ, ки доираи мазмуни навои он бо мурури замон тағйир ёфтааст, тибқи интихоби худатон муқоиса кунед.
3. Донишҷӯёни дуторнавоз сози мусиқии худро ҳам аз рӯи нотаҳои мусиқӣ ва ҳам аз тариқи шунидан меомӯзанд. Кадом таҷрибаҳои дигар ба ин тариқ омӯхта мешаванд? Бартарӣ ва заифии ҳар як усули таълимро муҳокима кунед.

**Вазъият**

Шумо муҳаққиқи мусиқии қавмӣ ҳастед, ки нақши дуторро дар фарҳанги мусиқии ӯзбек меомӯзед. Тибқи лоиҳаи ҳифзи мероси мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ шумо дар асоси маълумоти этнографӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла мусоҳиба бо занҳои дуторнавоз Малика Зиёева ва Рӯзибӣ Ҳоҷиева, инчунин, осори илмӣ ва сафарҳои асрҳои XIX–XX-ро мавриди таҳлил қарор додаед. Ҳадафи шумо муайян кардани он аст, ки чи гуна дутор нақшҳои гендериро инъикос мекунад ва чи гуна занон асбоби мусиқиро барои изҳори худшиносӣ дар заминаҳои гуногун, аз намоишҳои хонагӣ то маҳфилҳои базми оммавӣ ва ВАО истифода мебаранд.

**II. Супориш**

**Таҳлили маълумоти таърихӣ**

Дар асоси маъхазҳои пешниҳодшуда (нақлҳои сайёҳон, адабиёти илмӣ) хронологияи мухтасаре тартиб диҳед, ки он рушди дуторнавозии занонро аз асри XIX то замони мо инъикос мекунад (200 калима).

1. **Таҳлили этнографӣ**. Бо истифода аз мусоҳибаҳо бо Зиёев ва Ҳоҷиева тасвир намоед, ки дутор занони дуторнавозро бо мероси таърихию фарҳангии онҳо чи гуна мепайвандад. На камтар аз се мисоли мушаххас пешниҳод кунед (300 калима).
2. **Таҳлили муқоисавии заминаҳои он**. Нақши дуторро дар фазои хусусӣ (хона) ва иҷтимоӣ (маҳфили мусиқӣ, ВАО) муқоиса кунед. Муайян созед, ки ин заминаҳо ба дарки ҳувияти занон чи гуна таъсир мерасонанд (250 калима).
3. **Пешниҳод барои оммавӣ кардани он**. Нақшаи чорабиниҳо (иборат аз 3-5 бандро) барои тарғиби гурӯҳҳои занони дуторнавоз тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, барои ҷалби шунавандагони ҷавон мураттаб созед (200 калима).

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Донишҷӯён фаҳмиши хешро аз нақши таърихию фарҳангии дутор ҳамчун рамзи ҳувияти занона намоиш медиҳанд.
2. Иштирокдорон маълумоти этнографиро бо равандҳои таърихӣ пайваст намуда, мутобиқшавии таҷрибаи мусиқии занонро шарҳ дода метавонанд.
3. Фаҳмиши таъсири расонаҳои хабарӣ ба оммавӣ гардидани мусиқии анъанавӣ ташаккул меёбад.

4. Донишҷӯён барои ҳифз ва тарғиби мероси мусиқӣ ғояҳои эҷодкоронашонро пешниҳод мекунанд.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқот (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

1. **Инсерт**. Хонандагон матнро мехонанд, дар ҳошия қайдҳо мегузоранд ва ё нуктаҳо, ғояҳо ва саволҳои асосиро қайд мекунанд. Ин барои ҳамбастагии фаъолона бо матн ва сабт кардани маълумоти муҳим кумак мерасонад.

   Хониши фаъол бо истифода аз қайдҳои зерин:
   - I – Interesting (ҷолиб)
   - N – New (нав)
   - S – Surprising (тааҷҷубовар)
   - E – Essential (муҳим)
   - R – Review (боздид намудан)
   - T – Thinking (фикр намудан)
2. **Таҳлили вожаҳо ва ифодаҳои калидӣ**. Муайян ва таҳлили вожаву ибораҳо, ки бо мавзуи ҳувияти зан, дутор ва фарҳанги мусиқӣ иртибот дорад. Ин барои муайян кардани консепсияҳои асосӣ ва муносибатҳои тарафайни онҳо кумак мерасонад.
3. **Мураттабсозии харитаҳои зеҳнӣ**. Намоиши босиравии сохтори матн ва муносибатҳои байни ғояҳо бо истифода аз харитаҳои зеҳнӣ. Ин барои муназзам сохтани маълумот ва мушоҳидаи тасвири умумии он кумак мерасонад.



## Баҳринисо Қобилова, Руҳаё Каримова
## «Сурудҳои занон ҳамчун саргузашт»

Мақола ба дарки сурудҳои занона ҳамчун як шакли махсуси саргузаштҳо бахшида шудааст, ки тавассути он занон таҷрибаи ҳаёт, эҳсосот ва ақоиди хешро нисбат ба олами муҳит баён мекунанд. Муаллифон сурудҳои занонаро на танҳо ҷузъи фолклори шифоҳӣ, балки як навъ «таърихи зинда» медонанд, ки дар онҳо эҳсосот, таҷриба ва воқеияти занон сабт гардидааст. Ин сурудҳо вазифаҳои зиёдро иҷро мекунанд: онҳо ба воситаи муошират, шакли хотираи гурӯҳӣ, абзори озодкунанда аз эҳсосот ва, ҳатто, як навъ муқовимат ба маҳдудиятҳои иҷтимоӣ табдил меёбанд.

Мавзуи сурудҳои занона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳое ба мисли ишқу ҷудоӣ, ҳувияти модарӣ ва ғамхорӣ дар бораи оила, танҳоӣ, кори ҳаррӯза, ҳасрату интизориро дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи махсус ба он дода мешавад, ки занон чи гуна нақлҳои худро тавассути суруд эҷод мекунанд ва ба субъектҳои фаъоли фарҳанг табдил меёбанд. Суруди занон ҳамчун фазое ба назар мерасад, ки дар он зан метавонад аз номи шахси аввал – дар бораи худ, дар бораи дигарон, дар бораи ҳаёт бо зуҳуроти амиқи шахсӣ ва дар айни замон умумиинсонӣ сухан гӯяд. Ҳамин тариқ, дар мақола аҳамияти сурудҳои занона ҳамчун як матни фарҳангӣ таъкид шудааст, ки метавонад назари беназири занонаро ба олам, таърих ва зиндагии рӯзмарра ба мо расонад.

**1. КЕЙС: «Сурудҳои занона ҳамчун инъикоси сарнавишт ва ҳувияти фарҳангӣ дар Тоҷикистон».**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Чӣ тавр сурудҳои занона (даргилик, фалак, булбулик) маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва гендериро, ки бо онҳо занони тоҷик дар ҷомеаи суннатӣ рӯ ба рӯ буданд, ифода менамояд?
2. Чӣ тавр сурудҳо ҳамчун воситаи психотерапевтӣ барои занone, ки фоҷиаҳои шахсиро аз сар мегузаронанд (аз даст додани одамони наздик, танҳоӣ, хушунат) хизмат мерасонданд?
3. Сурудҳои ҳолномавӣ аз ҷиҳати мазмун ва супориш аз сурудҳои мардумӣ чӣ фарқ доранд ва оё он дар бораи нақши намоишӣ дар эҷодиёти занон чизеро ифода менамояд?
4. Қиссаи занонро, ки тавассути сурудҳо баён шудаанд, барои бозсозии таърихи шифоҳӣ ва рӯзгори ҷомеаи тоҷик чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст?
5. Кадом ҷанбаҳои ахлоқиро ҳангоми ҷамъоварӣ ва таҳлили саргузашти шахсии занон ба инобат гирифтан лозим аст, хусусан, агар онҳо ба таҷрибаи осеби равонӣ дахл дошта бошанд?

**Вазъият**

Гурӯҳи донишҷӯёни фарҳангшинос сурудҳои занонаро ҳамчун сарчашмаи таърихи шифоҳӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Онҳо матни сурудҳоеро меомӯзанд, ки дар ҷараёни сафарҳои илмӣ-таҳқиқотиашон дар Тоҷикистон ва мусоҳиба бо занone, ки дар бораи ҳаёти худ суруд мехонанд, ҷамъоварӣ шудаанд. Донишҷӯён бо зарурати таҳлили сурудҳо на танҳо ҳамчун асари мусиқӣ ва ё шеърӣ, балки ҳамчун ҳуҷҷати таърихию равоншиносӣ, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ, гендерӣ ва шахсии ҳаёти занонро инъикос мекунанд, рӯ ба рӯ мешаванд. Мушкили асосӣ дар тафсири заминаи эҳсосӣ ва фарҳангии сурудҳо, инчунин, дарк кардани маънои онҳо барои худи сарояндагон ифода меёбад.

**II. Супориш**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд:**

1. **Интихоби мавод.** Аз маводи пешниҳодшуда (масалан, сурудҳои Марям ё Сафаргул) ё сарчашмаҳои шабеҳи онҳо 2-3 суруд (халқӣ ё аз муаллифон)-ро интихоб кунед. Онҳо чӣ гуна эҳсосот ва таҷрибаҳоро ифода мекунанд?
2. **Таҳлили матнҳо**. Таҳлили мундариҷаи сурудҳоро бо нишон додани мавзуъҳои калидӣ (муҳаббат, талафот, мубориза, танҳоӣ) ва робитаи онҳо бо таҷрибаи ҳаётии занони навозанда ба иҷро расонед.
3. **Замина (контекст)созӣ**. Заминаи иҷтимоӣ ва фарҳанги (анъанаҳои падаршоҳӣ, нақшҳои гендерӣ, рӯйдодҳои таърихӣ)-ро, ки дар он сурудҳо офарида шудаанд, тавсиф кунед.
4. **Тафсир**. Арзёбӣ кунед, ки чи тавр сурудҳо эҳсосоти шахсӣ ва воқеияти иҷтимоиро инъикос мекунанд ва онҳо дар ҳаёти занон чӣ гуна нақш (масалан, руҳан, муоширатӣ) мебозанд.

5. **Ҷанбаҳои ахлоқӣ**. Асоснок кунед, ки чи гуна ба кор бо саргузаштҳои шахсӣ муносибат кардан лозим аст, то ки ба махфият ва эҳсосоти иҷрокунандагон эҳтиром гузошта шавад.
6. **Хулоса**. Мушаххас кунед, ки чӣ гуна сурудҳои занона дар таҳқиқоти шифоҳӣ ва фарҳангшиносӣ истифода шуда метавонанд ва барои таҳқиқоти минбаъда тавсияҳо пешниҳод кунед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Донишҷӯён таҳлили сурудҳоро ҳамчун матнҳои фарҳангии бисёрқабата, ки воқеияти шахсӣ ва иҷтимоиро инъикос мекунанд, меомӯзанд.
- Фаҳмиши нақши эҷодиёти занон дар ҳифзи мероси фарҳангӣ ташаккул меёбад.
- Донишҷӯён малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва муносибати ахлоқиро ба омӯзиши таърихҳои шахсӣ рушд медиҳанд.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**«Зеҳнангезӣ»:**

- Ташаккули ғояҳои эҷодкорона барои рушди мероси мусиқии анъанавӣ.
- Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаллу фасли ғайриқолабии мушкилот.

**«Таҳлил аз рӯи SWOT»:**

- Арзёбии ҷанбаҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо барои таҳлили матнҳои сурудҳо, ки хусусияти сурудҳои анъанавӣ ва муосирро ошкор мекунад.
- Муқоиса ва хулосаҳо.

## Ғоибназаров Чоршанбе
## «Гендерикунонии мусиқӣ дар Осиёи Марказӣ: овози занон дар шаклгирии фарҳанг дар Тоҷикистон»

Мақола нақши барҷастаи занон дар ташаккули фарҳанги мусиқии Тоҷикистон, махсусан дар шароити Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф ба ширкати фаъолонаи занон дар ҳифзи мероси мусиқию шеърии минтақа аз солҳои 40-ум то имрӯз таваҷҷуҳи калон додааст. Таҳқиқот бар асоси маълумоти этнографӣ ва таҳлили заминаи таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла таъсири ислом, сиёсати фарҳангии шуравӣ ва ислоҳоти муосир таҳия шудааст. Фаъолияти занони сароянда, оҳангсоз ва омӯзгорон аз қабили Моҳҷон Назардодова, Соҳиба Давлатшоева ва Заррина Миршакар таҳқиқ ёфтааст. Дар мақола ба рушди гурӯҳҳои занона ва саҳми онҳо дар нигоҳ доштани мусиқии анъанавии Бадахшон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар он аҳамияти эътирофи саҳми занон дар фарҳанги мусиқии Осиёи Марказӣ ва нақши онҳо дар манзараи фарҳангии муосири Тоҷикистон таъкид меёбад.

**1. КЕЙС: «Овози зан аз миёни анъана ва маҳрумиятҳо»**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Оё зан дар Тоҷикистон озодона ба мусиқӣ машғул аст?
2. Ҳудуди байни эҳтиром ба анъана ва озодии шахс дар куҷост?
3. Мусиқӣ ба тасаввур роҷеъ ба нақши зан дар ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонад?

**Вазъият**

Духтари ҷавоне аз Тоҷикистон орзуи овозхони касбӣ шуданро дорад. Вай дар жанри суннатӣ суруд мехонад ва нақшаи навсозии мусиқии тоҷикро дорад, аммо бо интиқодҳои хонавода, ҷомеа ва раҳбарони мазҳабии маҳаллӣ рӯбарӯ мешавад. Ӯро барои ҳунарнамоӣ дар як ҷашнвораи байналмилалӣ даъват мекунанд, аммо ширкати ӯ метавонад боиси эътирози мардум гардад.

**II. Супоришҳо:**

1. Вазъияти қаҳрамонро таҳлил ва роҳҳои ҳаллу фасли онро пешниҳод кунед;
2. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ пурсишро барои «муқобил» ва «зидд»-и иштироки ин духтар дар фестивал гузаронед;
3. Барои дастгирии духтарони мусиқинавоз навореро омода созед (1-2 дақиқа);
4. Ба унвони ҷомеа муроҷиатномаеро барои дастгирии духтарони мусиқинавоз нависед;
5. Рӯнамоиеро дар бораи супоришҳои иҷрошуда гузаронед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Иштирокдорон монеаҳоро барои занони навозанда дар Тоҷикистон таҳлил намуда, роҳҳои ҳаллу фасли онро пешниҳод ва лоиҳаҳоеро эҷод мекунанд, ки саҳми онҳоро дар фарҳанг нишон медиҳад. Малакаҳои тафаккури интиқодӣ, далеловарӣ ва ҳассосияти фарҳангӣ рушд дода шуда, барои дастгирии духтарони мусиқинавоз наворе таҳия карда мешавад ва инчунин маҳорати хаттии онҳо низ ташаккул меёбад.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ** (интихоб аз ҷониби омӯзгор)

1. **Усули лоиҳавии таҳқиқ:**
   - Коркарди лоиҳаи хурд: «Таърихи занони навозандаи Тоҷикистон»;
   - Омода сохтани постер, намоишномаи видео ё рӯнамоӣ.
2. **Усули баҳсу мунозира**
   - Мавзуъҳо:
   - «Оё зан метавонад овози мардум бошад?».
   - «Ҳудуди байни фарҳанг ва табъиз дар куҷост?».
3. **Таҳлили сарчашмаҳо ва матнҳо:**
   - Мусоҳиба, корбурд бо матнҳои мусиқӣ, клипҳо, мисолҳои таърихӣ.

## БОЗИҲОИ АХЛОҚӢ

**БОЗИИ 1: «Овоз ё хомӯшӣ?»**

**Ҳадаф:**

Гузориши донишҷӯён дар вазъияти мураккаби ахлоқӣ, ки фикр дар бораи озодӣ, анъанаҳо ва ҳуқуқи занонро меангезанд.

**Раванд:**

Ба бозингарон кортҳо бо нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ (зани мусиқинавоз, яке аз волидайн, мансабдори давлатӣ, продюсер, имом, омӯзгор) тақсим карда мешавад. Ба онҳо пешниҳод мешавад, ки вазъияти зеринро баррасӣ кунанд: Оё зан ҳақ дорад озодона дар саҳна баромад кунад ва суруд хонад?

**Ҳар як нақш бояд:**

- андешаи худро баён кунад;
- созиш пешниҳод намояд;
- мавқеи худро асоснок созад

**Намунаҳои дуxӯрагии ахлоқӣ:**

- эҳтиром ба фарҳанг, озодии фард;
- ошкоро сухан гуфтан/хатари маҳкумияти иҷтимоӣ;
- мусиқии анъанавӣ ва шаклҳои муосири худшиносӣ.

**БОЗИИ 2: «Арзишҳо ва низоъҳо»**

**Ҳадаф:**

Муайян кардани арзишҳое, ки дар сурудҳо дар бораи занон инъикос ёфтаанд ва ихтилофҳое, ки байни онҳо ба миён меоянд.

**Раванд:**

- Иштирокдорон рӯйхати арзишҳоеро тартиб медиҳанд, ки ба ақидаи онҳо дар сурудҳо ҷой доранд (масалан, оила, муҳаббат, садоқат, озодӣ, адолат).
- Донишҷӯён таҳлил мекунанд, ки ин арзишҳо дар сурудҳои гуногун чи гуна пайдо мешаванд ва ҳолатҳоеро муайян мекунанд, ки онҳо бо ҳамдигар мухолифанд.
- Сипас онҳо масъалаҳои ахлоқиро, ки дар матни суруд нуҳуфтаанд, муҳокима мекунанд.

# Басти 4

## ГЕНДЕР
## (4 соат – 2 машғулият)



1. Ева Леннартс «Қаҳрамонони муосир: занон дар саноати эҷодии Қазоқистон» (Қазоқистон).
2. Ҷунсқалиева Дина «Қудрати амал: таъсири Бопай Хонум ва Курманжан Датка ба ҳуқуқи занон дар муҳити кӯчманчигии Осиёи Марказӣ» (Қазоқистон).
3. Калия Кулалиева «Симои зан дар достони “МАНАС”» (Қирғизистон).
4. Гулзат Баялиева «Инъикоси замон: сужаҳои занон дар фолклор ва эҷодиёти шифоҳии Қирғизистон» (Қирғизистон).

## Ева Леннартс
## «Қаҳрамонони муосир:
## занон дар саноати эҷодкории Қазоқистон»:

**I. КЕЙС: «Соҳибкории занон дар саноати эҷодкории Қазоқистон: бартараф кардани анъанаҳо ва эҷоди ҳуввияти нав»**

**Саволҳои мубоҳиса:**

1. Кадом омилҳо ба рушди соҳибкории занон дар саноати эҷодкории Қазоқистон мусоидат мекунанд ва монеа мешаванд?
2. Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷамоатҳо дар дастгирии занони соҳибкор чӣ гуна аст?
3. Анъанаҳои фарҳангӣ ва мероси таърихӣ ба ташаккули ҳувияти нави занон дар Қазоқистон чӣ гуна таъсир мерасонанд?
4. Барои рушди минбаъдаи соҳибкории занон ва дастгирии саноати эҷодкорӣ дар кишвар чӣ гуна тадбирҳоо андешида мешаванд?

**Вазъият**

Айгул, сокини 32-солаи шаҳри Алмаато дар оилае ба воя расидааст, ки дар он арзишҳои анъанавӣ нақши занро ҳамчун нигоҳдорандаи хонавода муайян мекарданд. Бо вуҷуди ин, ӯ аз кӯдакӣ ба дизайн шавқу рағбат дошт ва орзу дошт, ки бренди шахсии либосеро эҷод месозад, ки аз нақшунигорҳои қазоқӣ ва мӯди муосир илҳом гирифта бошад. Дизайни графикиро омӯхта, Айгул бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ омад: интизориҳои падаршоҳии оилавӣ, дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ва набудани дастгирии занон дар саноати эҷодкории Қазоқистон. Соли 2023 ӯ тасмим гирифт, ки бренди шахсии либоси Nomad Threads-ро, ки нақшҳои анъанавии қазоқро бо тарҳҳои минималистӣ муттаҳид месозад ва ба бозори байналхалқӣ тамоюл дошт, роҳандозӣ намояд. Аммо дар роҳи амалисозии лоиҳааш ӯ ба якчанд монеаҳо дучор омад. Айгул барои пешбурди бренди худ аз технологияҳои муосир (масалан, маркетинги рақамӣ, e-commerce) чӣ тавр истифода бурда метавонад?

**II. Супоришҳо:**

1. Дар бораи монеаҳое, ки Айгул дар роҳи татбиқи лоиҳа ба онҳо дучор омадааст, муҳокима намоед ва роҳҳои имконпазири ҳаллу фасли онҳоро пешниҳод кунед.
2. Кадом технологияҳо ва платформаҳои муосирро ба Айгул пешниҳод кардан мехоҳед, то ӯ бренди худро дар саросари ҷаҳон таблиғ намояд?
3. Рӯнамоии намунаҳои муваффақи соҳибкории занонро (1-3) омода созед, ки онҳо ба тағйири қолабҳои маъмулии гендерӣ, ташаккули ҳувияти нав ва рушди иқтисодии Қазоқистон мусоидат кунанд.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Муаррифии зергурӯҳҳо, саволҳо барои мусоҳиба бо Айгул, маълумоти мухтасари платформаҳои онлайн барои пешбурди брендҳои шахсӣ (OZON, AMAZON, WILDBERRIES).

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор).**

**Усули кейс-стади:**

- Омӯзиши мисолҳои воқеии лоиҳаҳои занони соҳибкори муваффақ ва ноком дар саноати эҷодкории Қазоқистон.
- Таҳлили омилҳои муваффақият ва нокомӣ, муайян кардани қонуниятҳо ва тамоюлҳои умумӣ.

**Усули муҳокима:**

- Муҳокимаи мушкилот ва чолишҳое, ки бо онҳо занони соҳибкор дучор мешаванд.
- Мубодилаи таҷриба ва ғояҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳаллу фасли гурӯҳӣ.

**Усули лоиҳавии фаъолият:**

- Таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратии иштирокдорон дар саноати эҷодкорӣ.
- Дар амалия ба кор бурдани дониш ва малакаҳои ҳосилшуда.

## Ҷунскалиева Дина
## «Қудрати амал: Таъсири Бопай Хонум ва Курманжан Датка ба ҳуқуқи занон дар муҳити кӯчманчигии Осиёи Марказӣ»

Ин мақола роҳи ҳаёт ва саҳми таърихии ду бонуи барҷастаи Осиёи Марказӣ – Курманжан Датка ва Бопай Хонумро, ки дар рушди ҳуқуқи занон ва таҳкими мавқеи анъанавии занон дар ҷомеаи сиёсӣ нақши калидӣ бозидаанд, таҳлил мекунад. Муаллиф сифатҳои шахсӣ, қобилиятҳои роҳбарӣ, инчунин, усулҳои ҳаллу фасли мусолиматомези низоъро, ки ба онҳо имкон додааст то субот ва ваҳдати байни халқҳои худро дар давраи таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ нигоҳ доранд, муфассал баррасӣ менамояд.

Таваҷҷуҳи махсус ба он дода мешавад, ки чи тавр Курманжан ва Бопай, сарфи назар аз маҳдудиятҳои падаршоҳӣ, тавонистаанд, ки бо истифода аз дипломатия, хирад ва тафаккури стратегиашон барои пешбурди манфиатҳои ҷомеаашон нуфузи худро нишон диҳанд. Дар мақола таъкид шудааст, ки фаъолияти онҳо на танҳо манзараи сиёсии замони худро тағйир дод, балки барои таъсири дарозмуддат ба равандҳои навсозӣ,

маориф ва тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар Қазоқистон ва Қирғизистон замина гузошт.

Ҳадафи ин мақола на танҳо арҷгузорӣ ба ин шахсиятҳои таърихӣ, балки илҳом бахшидан ба насли кунунии занони Осиёи Марказӣ бо нишон додани он, ки сарварии занон ҳамеша як ҷузъи муҳими мероси фарҳангӣ ва таърихии минтақа будааст, мебошад.



## I. КЕЙС: «Қудрати сарварӣ: таъсири Бопай Хоним ва Курманжан Дато ба ҳуқуқи занон дар Осиёи Марказӣ»

**Саволҳои баҳс:**

1. Бопай Хоним ва Курманжан Дато мавқеъҳои худро барои пешбурди ҳуқуқи занон дар ҷомеаҳои падаршоҳӣ чӣ гуна истифода мебурданд?
2. Онҳо чӣ гуна монеаҳоро паси сар карданд ва таҷрибаҳои онҳо барои занони сарвари муосир чӣ гуна муфид буда метавонанд?
3. Чӣ гуна равиши дипломатӣ ва сулҳҷӯёнаи онҳо дар роҳбарӣ метавонад барои ҳалли мунокишаҳои муосир илҳом бахшад ва таъсир расонад??
4. Кадом ҷанбаҳои мероси онҳо имрӯз барои пешбурди баробарии гендерӣ бештар мувофиқанд?

**Вазъият**

Шумо ширкаткунандаи конфронси байналмилалӣ дар бораи гендершиносӣ ва таърихи Осиёи Марказӣ мебошед. Конфронс ба мавзуи «Занони сарвар дар ҷомеаҳои анъанавӣ» бахшида шудааст. Вазифаи Шумо омода кардани рӯнамоӣ дар бораи занон, пешвоёни сиёсии Осиёи Марказӣ (масалан, И.Ганди, Б.Бхутто, Р.Отунбоева ва ғайра) мебошад, ки ба ташаббусҳои муосир дар бораи баробарии гендерӣ илҳом мебахшанд.

**II. Супоришҳо:**

1. Лаҳзаҳои калидие, ки таъсири зиндагии Бопай Хонум ва Қурманҷон Даткаро ба ҳуқуқи занон ва тағйироти иҷтимоӣ нишон медиҳанд, таҳлил намоед (масалан, фаъолияти дипломатии Бопай, рад намудани Қурманҷон аз издивоҷи манфиатҷӯёна, роҳбарии онҳо дар шароити буҳрон).
2. Муносибатҳои онҳоро ба сарварӣ (дипломатияи сулҳҷӯёнаи Бопай, мувозинати Курманжан байни анъана ва навсозӣ) муқоиса намуда, шарҳ диҳед, ки онҳо чи гуна маҳдудиятҳои падаршоҳиро паси сар кардаанд.
3. Пешниҳод кунед, ки чи гуна намунаҳои занони асрҳои XX-XXI метавонанд ба барномаҳои таълимии муосир, маъракаҳо ё ташаббусҳои иҷтимоӣ дар бораи баробарии гендерӣ дар Осиёи Марказӣ ворид карда шаванд.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Омода намудани рӯнамоиҳо дар бораи сарварӣ, дипломатия байни занон ва ташкили намоишҳои тасвирии зан-сарварони сиёсӣ.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Усули тарҷумаҳолии таҳқиқ**. Таҳлили «роҳи сарвар». Иштирокдорон марҳилаҳои ҳаёти Бопай ва Курманжан (ҷавонӣ, издивоҷ, сарварӣ, бӯҳронҳо)-ро нишон медиҳанд ва муҳокима мекунанд, ки онҳо чи гуна монеаҳои падаршоҳиро паси сар кардаанд.

**Мубоҳиса**. «Курсии баҳс». Як нафар ширкаткунанда нақши Бопай ё Курманжанро иҷро карда, ба саволҳои гурӯҳ дар бораи тасмимҳояш посух медиҳад (масалан, «Чаро писаратро қурбони сулҳ кардӣ?»).

**Тасвирсозӣ**. Сохтани тасвири Бопай ва Курманжанро дар шакли коллаж ё инфографика, ки дастовардҳо ва мушкилоти онҳоро инъикос мекунад. Аз матн иқтибосҳо истифода бурда шаванд.



**Эссе ё рӯзнома**. Иштирокдорон дар мавзуи «Курманжан ва Бопай ба занони муосир чӣ тавр илҳом мебахшанд?» иншо менависанд ва ё рӯзномае мураттаб сохта, андешаҳояшонро баъди машғулиятҳо дар он қайд мекунанд.

## Гулзат Баялиева
## «Инъикоси замон: сужаҳои занон дар фолклор ва эҷодиёти шифоҳии Қирғизистон»

Дар мақола нақши рафтори маъмулии занона дар фолклори қирғиз ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир баррасӣ шудааст. Дар он симои анъанавии занон, аз қабили ҷанговарон, модарон ва ҷабрдидагон ва муносибати онҳо бо арзишҳои фарҳангӣ ва қолабҳои маъмулии гендерӣ таҷассум ёфтааст. Таваҷҷуҳи хоса ба он дода мешавад, ки ин рафторҳои маъмулӣ чи гуна интизориҳои ҷомеа, озодии занон ва худифодакуниро инъикос менамоянд. Инчунин, баррасӣ мегардад, ки чи гуна симои фолклорӣ метавонад сарчашмаи илҳом бошанд, аммо ҳамзамон аз нақшҳои анъанавӣ, ки монеи тағйироти воқеӣ дар дарки тавонмандӣ ва ҳуқуқи занон мешаванд, пуштибонӣ мекунанд. Ҳамзамон ба аҳамияти интиқодии дарки рафторҳои маъмулии фолклорӣ дар бартараф кардани маҳдудиятҳо ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон дар ҷомеаи муосир таваҷҷуҳ дода шудааст.

### I. КЕЙС: «Садои зан дар эпос: байни анъана ва замон»

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Сарнавишт ва нақши зан дар фолклор ва анъанаҳои шифоҳии қирғизӣ чи гуна инъикос ёфтааст?
2. Аҳамияти ин симо дар дарки муосири фарҳанг чӣ гуна аст?

**Вазъият**

Шумо – як гуруҳ донишҷӯён фолклори қирғизро меомӯзед. Дар рафти таҳқиқот мушоҳида мекунед, ки симои зан дар достонҳои қаҳрамонӣ, афсонаҳо ва санжира (шаҷараи оилавӣ) тобишҳои гуногун – аз хусусияти ормонисозӣ то фоҷиавиро доранд. Вазифаи шумо – фаҳмидани он, ки занон дар ҷомеаи анъанавӣ чӣ гуна нақш бозидаанд ва симои онҳо имрӯзҳо чӣ гуна тағйир меёбад.

**II. Супоришҳо:**

1. Намунаҳои симои занонаро аз фолклори қирғиз (масалан, Каникей, Жаныл Мырза, Курманжан Датка) ёбед.
2. Таҳлил кунед, ки кадом хусусиятҳо ба ин қаҳрамонзанон мансуб дониста мешаванд.

3. Симои фолклорро бо занони муосири ҷомеаи Қирғизистон муқоиса кунед.
4. Хулоса бароред: оё анъана қолабҳои маъмулиро тақвият ва ё баръакс, ба зан қуввату салоҳият мебахшад?

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Диаграммаи Веннаро барои симои интихобшудаи занона омода кунед ва аз рӯи супориши 4 мубоҳиса гузаронед.



**III. Усулҳо ва василаҳои корбурд бо матн**

- «Саволҳои вазнин ва сабук» – барои рушд додани тафаккури интиқодӣ (масалан: Чаро Каникей ба Манас кумак мерасонад? Вай дар шароити муосир чӣ кор карда метавонист?);
- «Кластер» ё «харитаи зеҳнӣ» – намоиши босиравии тасвирҳо ва хусусиятҳои онҳо;
- «Мусоҳиба бо қаҳрамон» – донишҷӯ ба ҳайси персонаж баромад мекунад, дигарон саволҳо медиҳанд;
- «Рӯзномаи дуқисма» – интихоби иқтибосҳо аз матн ва шарҳу эзоҳҳо ба онҳо;
- «Пули байни давраҳо» – муқоисаи арзишҳои анъанавӣ ва тафсири муосири онҳо.

## Калия Кулалиева
## «Симои зан дар эпоси «Манас»

Мақолаи мазкур ба таҳлили симои зан дар эпоси «Манас»-и қирғизӣ, ки яке аз бузургтарин ёдгориҳои фолклори шифоҳӣ мебошад, бахшида шудааст. Персонажҳои зан на танҳо ҳамсафари персонажҳои асосӣ, балки ҳамчун ҳомилони мустақили арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ низ ба ҳисоб меравaнд. Ба симое, ба монанди Каникей – зани бовафо, доно ва ҷасури Манас ва Чыйрды – модаркалони хирадманди Семетей, ки дар тарбия ва камолоти у нақш калон бозидаанд, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Тавассути симои онҳо хислатҳои асосии зани ормониро дар ҷомеаи суннатии қирғиз: садоқат ба оила ва халқ, фидокорӣ, поквиҷдонӣ, боэҳтиётӣ ва устувории руҳонӣ ошкор мегарданд.

Муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона месозад, ки занон дар достонҳои қаҳрамонӣ мақомҳои дуюмдараҷаро ишғол намекунанд, балки баръакс, посдорони авлод, интиқолдиҳандагони ҳикматҳои халқӣ ва дастурҳои ахлоқии қаҳрамонон мебошанд. Онҳо дар рӯйдодҳои тақдирсоз иштирок намуда, ба ҷараёни нақли онҳо таъсир мерасонанд ва ҳамчун рамзҳои муҳими устуворӣ ва покии ахлоқӣ хизмат мерасонанд. Ҳамин тариқ, симои зан дар достони «Манас» на танҳо хислати қаҳрамонии мардонаро пурра мекунанд, балки низоми ғании андешаҳои фарҳангӣ ва ахлоқии мардуми қирғизро инъикос менамоянд.

## I. КЕЙС: «Зан ҳамчун посдори руҳи мардум: симо дар эпоси “Манас”»

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Чаро персонажҳои зан дар эпоси «Манас» камтар аз 10%-и шумораи умумиро ташкил медиҳанд, аммо дар таъсир бар сужа саҳми назаррас доранд?
2. Тасвирҳои Акеркеч ва Канимжан Канимжан арзишҳои ҷомеаи қирғиз ва туркро чӣ гуна инъикос мекунанд? Кадом анъанаҳои фарҳангӣ (масалан, номгузорӣ, меҳмондорӣ) тавассути симои занона зоҳир мешаванд?
3. Маънои номҳоеро, ки дар эпос бештар вомехӯранд, шарҳ диҳед.

**II. Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд:**

- Симои Акеркеч ва Канимжанро муқоиса кунед: монандиҳо ва фарқиятҳои онҳо дар чӣ ифода меёбад? Муколамаи Канимжан ва Жакипро таҳлил кунед: он чӣ гуна эҳсосот ва арзишҳоро ифода менамояд?
- Пешниҳод кунед, ки чи гуна тасвирҳои Акеркеч ва Канимжанро дар заминаи муосир (масалан, дар маориф ё адабиёт) истифода бурдан мумкин аст.
- Таҳлили номҳои муосири занон, муайян кардани анъанаҳои муосири номгузории духтаронро иҷро кунед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда**

Дар асоси мақолаи К. Қулалиева ҷадвали зеринро пур кунед:

| Персонаж | | Сифатҳои шахсӣ |
|---|---|---|
| Акеркеч | | Хирадмандӣ, меҳмондорӣ |
| | | |
| | | |

Гурӯҳҳо дар шакли рӯнамоиҳои номҳои муосири занон ҷавобҳо омода мекунанд.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ**

**Таҳлили матн**

Матнро ба порчаҳое, ки ба Акеркеч ва Канимжан бахшида шудаанд, тақсим карда, гуфтор, амал ва ангезаҳои онҳоро таҳлил кунед.

**Тасвирсозӣ**

Истифода бурдани воситаҳои графикӣ барои пешниҳоди маълумот дар бораи қаҳрамонҳои занона:

- Диаграммаеро созед, ки шумораи персонажҳои занонаро аз рӯи гурӯҳҳо (қаҳрамонон, ҷодугарон, ҳамроҳони Каникей) нишон медиҳад.
- «Шаҷараи авлодӣ»-и персонажҳоеро, ки робитаи хешу табории онҳоро нишон медиҳанд, созед (масалан, Канимжан – модари Мендибой, Акеркеч – зани Кокчё).

## БОЗИИ АХЛОҚӢ

### БОЗИИ 1: «Дипломатияи Бопай»

**Ҳадаф:**

Ташаккул додани малакаҳои дипломатии ҳаллу фасли муноқишаҳои гендерӣ дар шароити маҳдудиятҳо.

**Формат:**

Нақшбозӣ. Иштирокдорон: 8-12 нафар буда, ба гурӯҳҳои 3-4 нафарӣ тақсим мешаванд.

**Тарҳрезии намоиш.**

Иштирокдорон худро баъди кушта шудани Абулхайрхон соли 1748 мушовирони Бопай Хонум тасаввур мекунанд. Ҳар як гурӯҳ кортеро бо вазъияти дахлдор мегирад.

**Вазъияти 1:** Қазоқҳои Жузи хурд барои Абулхайр қасос гирифтанро талаб мекунанд, аммо ин метавонад боиси оғози ҷанг бо Барак-хон гардад.

**Вазъиятм 2**: Мақомоти Русия писари Бопайро гаравгон гирифта, садоқат ба хонро талаб мекунанд.

**Вазъияти 3:** Бопай бояд пирони қабиларо бовар кунонад, ки сарфи назар аз урфу одатҳои падаршоҳӣ писараш Нуралӣ ба унвони хон эътироф гардад.

**Маҷрои бозӣ:**

- Гурӯҳҳо муҳокима мекунанд, ки чи тавр Бопай метавонад бо истифода аз равишҳои дипломатӣ ва сулҳҷӯёна мушкилотро ҳаллу фасл карда, аз хунрезӣ канорагирӣ намояд.
- Ҳар як гурӯҳ роҳи ҳаллу фасли худро пешниҳод мекунад (масалан, нома ба императорзан, гуфтушунид бо дастаҳои қабилавӣ) ва мефаҳмонад, ки чи гуна маҳдудиятҳои гендериро ба инобат мегирад.
- Баранда саволҳо медиҳад: «Бопай байни манфиатҳои шахсӣ ва некӯаҳволии мардум чӣ гуна мувозинат пайдо мекард?» ё «Оё дар ҷомеаи падаршоҳӣ дипломатия муассир буда метавонад?»

Давомнокӣ: 40-50 дақиқа.

### БОЗИИ 2: «Интихоби Курманжан»

**Ҳадаф:**

Тавассути ба қолаб овардани тасмимҳои мураккаби Курманжан Датка духӯрагиҳои ахлоқӣ рушд дода шаванд.

**Шакли корбурд:**

Мубоҳисаҳо.

**Иштирокдорон:**

8-16 нафар, ки ба ду даста тақсим мешаванд.

**Тарҳрезии намоиш**

Соли 1895 Курманжан бо қатли писараш Қамчибек рӯ ба рӯ мегардад. Дастаҳо қарордоди ӯро мавриди муҳокима қарор медиҳанд.

Дастаи 1 (тарафдори муқовимат): Курманжан бояд барои наҷоти писараш исён кунад, зеро ин нуфузи ӯро тақвият медиҳад.

Дастаи 2 (тарафдори сулҳ): Курманжан роҳи сулҳро дуруст интихоб кардааст, то аз хунрезӣ пешгирӣ кунад ва суботро нигоҳ дорад.

**Маҷрои бозӣ:**

- Дастаҳо бо такя бар матн далелҳояшонро омода мекунанд (масалан, кӯшишҳои дипломатии Курманжан, қурбонии ӯ ба хотири мардум).
- Мубоҳисаҳо дар се давра мегузаранд: далелҳо, зидди далелҳо, хулосаҳо.
- Тамошобинон (агар ҳузур дошта бошанд) саволҳо медиҳанд ва баранда мубоҳисаҳоро ҷамъбаст намуда, таъкид мекунад, ки ҳадаф – дарк кардани моҳияти духӯрагиҳо аст, на интихоби ҷавоби «дуруст».
- Муҳокима: «Сарварон зимни қабули қарордоде, ки барои манфиати умумӣ муҳим аст, ба кадом қурбониҳои шахсиашон роҳ медиҳанд?».

Давомнокӣ: 30-40 дақиқа.

**БОЗИИ 3: «Вазъи душвори соҳибкор»**

**Ҳадаф:**

Ташаккул додани малакаҳо барои тасвиби қарордодҳои ахлоқӣ дар тиҷорат.

**Тарҳрезии вазъият.**

Ба иштирокдорони сенария мушкилоти гуногуни ахлоқӣ пешниҳод карда мешаванд, ки занони соҳибкор ба онҳо дар соҳаҳои эҷодӣ дучор шуда метавонанд (масалан, бархӯрди манфиатҳо, рақобати одилона, ҳифзи моликияти зеҳнӣ).

**Намуна:**

Соҳибкорзан барои сохтани тарҳи нодире фармоиш мегирад, аммо муштарӣ хоҳиш мекунад, ки нусхаи кори тарроҳи дигарро созад. Чӣ бояд кард?

**Муҳокима:**

Иштирокдорон ҷанбаҳои ахлоқии вазъиятро таҳлил намуда, роҳҳои ҳаллу фасли онҳоро пешниҳод карда ва оқибатҳои онҳоро мавриди муҳокима қарор медиҳанд.

## Иншои академикӣ – 2 соат (як дарс)

**Нақшаи дарс:** навиштани эссеи муқоисавӣ

**Мавзуи дарс**

Навиштани иншои муқоисавӣ дар мавзуи «Фаъолияти иқтисодии занон дар моношаҳрҳои давраи шӯравӣ ва пасошӯравии Осиёи Марказӣмоношаҳрҳо».

**Ҳадафҳои дарс:**

- шиносоӣ ва коркарди нақшаҳои ташкилӣ барои эссе дар жанри муқоиса ва муқобилгузорӣ;
- таълим додани донишҷӯён барои муайян, таҳлил ва баён кардани монандӣ ва фарқиятҳо дар давраҳои таърихӣ;
- рушд додани малакаҳои сохторсозӣ ва асосноккунии эссе бо истифода аз сарчашмаҳои таълимӣ.

**Мавод ва таҷҳизот**

- Намунаи эссе: «Фаъолияти иқтисодии занон дар моношаҳрҳои шуравӣ ва пасошуравии Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ».
- Иқтибосҳо аз:
    - Adambussinova Z. (2021);

  - Mukhina I. (2009);
  - Karrar H. H. (2016).
- Маводи тақсимшаванда бо тавсияҳо дар бораи навиштани иншои муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ.
- тахтаи сафед/маркерҳо ё проектори рақамӣ.
- Дафтарҳо ё ноутбукҳои донишҷӯён.

**Натиҷаҳои таълим**

Дар охири дарс донишҷӯён метавонанд:

1. лаҳзаҳои калидиро барои муқоиса ва муқобилгузории ду объект ҷудо кунанд;
2. тасдиқномаи мухтасари дақиқ ва асоснокро тартиб диҳанд;
3. эссеро бо истифода аз шакли баст ё тадриҷан (нуқта аз пайи нуқта) созанд.
4. ҷумлаҳои мавзуии муассирро навишта, далелҳо пешниҳод кунанд ва хулоса бароранд;
5. сарчашмаҳои таълимиро барои тақвияти таҳлил истифода баранд.

**Усулҳои баҳогузорӣ**

- ширкат дар муҳокимаҳо ва посуххҳои дохилии синф;
- таҳлили гурӯҳии сохтори намунаи эссе;
- супориши хаттии кӯтоҳ: таҳияи сиёҳнависи сарсатр, ки як ҷанбаи онро муқоиса мекунад;
- вазифаи хонагӣ: таҳияи нақшаи эссеи муқоисавӣ.

**Тартиби дарс**

**Муқаддима (10 дақ.)**

- Баррасии мухтасари ҳадаф ва сохтори эссеҳои муқоисавӣ.
- Савол барои мубоҳиса: «Чаро ҳангоми таҳлили нақши зан давраҳои таърихиро муқоиса кардан лозим аст?»
- Шиносоӣ бо ҳадафҳои дарс.

**Донишҳои пешакӣ (5 дақ.)**

- Муҳокимаи дониши мавҷудаи донишҷӯён дар бораи нақши занон дар Осиёи Марказии давраи шуравӣ ва пасошуравӣ.
- Баррасии истилоҳоти калидӣ: моношаҳр, танзими давлатии меҳнат, соҳибкорӣ, мустақилият.

**Машғулияти асосӣ (60 дақ.)**

1. **Таҳлили намунаи эссе (15 дақ.)**
   - Хониши муштарак ва тақризи муқаддима.
   - Ҷудо кардани тасдиқҳои умумӣ, замина, мисолҳо, шарҳи мухтасар.
   - Муҳокима: чӣ рисоларо қавӣ ва мувофиқ мегардонад?
2. **Нақшаҳои ташкилӣ (10 дақ.)**
   - Таълими сохторҳои бастҳо ва нуқта ба нуқта бо мисолҳо.
   - Муайян кардани сохтори намунаи эссе.
3. **Дар амалия санҷидани сохтори сарсатр (15 дақ.)**
   - таҳлили сархати асосӣ
   - ҷумлаи мавзуӣ
   - далелҳои тақвиятдиҳанда (бо иқтибосҳо)

- ҷумлаи ҷамъбастӣ
- дар корбурди ҷуфтҳо сархати дуюмро таҳлил кунед ва натиҷаҳоро мубодила кунед.

4. **Машқи хаттӣ (15 дақиқа)**
   - интихоби як банди муқоиса (масалан, иштирок дар иқтисодиёт)
   - тартиб додани сиёҳнавис: ҷумлаи мавзуӣ, ду ҷумла бо далелҳо, хулоса
   - ризокорон сиёҳнависҳоро барои баррасии тарафайн мубодила мекунанд.
5. **Гузоришҳо ва ҳамоҳангӣ (5 дақ.)**
   - Рӯйхати ибораҳои гузаранда («дар муқоиса бо», «ба ҳамин монанд», «аммо»);
   - Таҷрибаи дубора навиштани матни асосӣ.

**Хулоса (5 дақ.)**

- Ҷамъбаст: интихоби бандҳои муқоиса, сохтори сархатҳо, истифодаи далелҳо.
- Муҳокима: «Муқоисаи ин давраҳо чӣ гуна ба мо кумак мекунад, ки фаъолияти иқтисодии занони имрӯзаро бифаҳмем?»
- Эълони машғулияти навбатӣ: навиштани эссеи пурра.

**Худсанҷӣ (худбаҳодиҳии омӯзгор)**

- Оё донишҷӯён бо намунаи эссе ва таҳлили он фаъолона иштирок карданд?
- Оё онҳо тавонистанд, ки бандҳои муқоисаро мустақилона созмон диҳанд?
- Оё машқи хаттӣ фаҳмиши ташкили сархатро нишон дод?
- Оё ягон ислоҳот (масалан, вақти бештар барои шарҳҳои мухтасар, мисолҳои иловагӣ) лозим аст?

**Тақсими вақт**:

- Ҳамагӣ: 80 дақиқа;
- муқаддима: 10 дақиқа;
- донишҳои қаблӣ: 5 дақиқа;
- машғулияти асосӣ: 60 дақиқа;
- хулоса: 5 дақиқа.

**Шаклҳои ташкилӣ**:

- муҳокимаи тамоми синф;
- корбурд дар гурӯҳҳои ҷуфт (таҳлили сархатҳо);
- номаи инфиродӣ;
- баҳодиҳии дутарафа.

**Вазифаи хонагӣ**

Нақшаи муфассали эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузориро дар бораи яке аз мавзуъҳои зерин мураттаб созед:

1. Таҳаввули нақшҳои оилавии занон дар Туркманистон: давраи пеш аз инқилоб ва Шуравӣ (бо истифода аз Clement, 2021).
2. Шарикии иқтисодии занон дар ду кишвари Осиёи Марказӣ.

**Талабот:**

- муқаддима бо тасдиқҳои шарҳи мухтасар;
- се сархати асосӣ (ҷумлаҳои мавзуӣ + бандҳои тақвиятдиҳанда);
- хулоса бо ҷамъбасти натиҷаҳо;
- истифодаи на кам аз ду сарчашмаи академикӣ (сабки APA).

## Эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ

## «Фаъолияти иқтисодии занон дар давраи шуравӣ ва пасошӯрави моношаҳрҳои Осиёи Марказӣ»

Шарикии иқтисодии занон дар Осиёи Марказӣ натиҷаи ташаккулёбии таърихи ноороми сиёсии минтақа, бахусус гузариш аз банақшагирии марказии шуравӣ ба иқтисоди бозаргонии пасошуравӣ мебошад. Дар замони шуравӣ занон дар моношаҳрҳо ба истеҳсолоти давлатӣ ҳамроҳ гардида, аз имтиёзҳои муайяни иҷтимоӣ бархӯрдор буданд, вале бо нақшҳои шадиди касбӣ ва мустақилияти маҳдуд рӯ ба рӯ буданд. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1990 боиси инзивои ин шаҳрҳо гардид ва, ҳамчунин, имкониятҳои навро барои соҳибкории занон, хусусан дар тиҷорат ва савдогарии ғайрирасмӣ, ки бар ӯҳдадориҳои қарзӣ (тасдиққунандаи маълумот; мисолҳои мушаххсас) асос мегирифтанд, кушод. Ҳарчанд ҳарду давра нақшҳои иқтисодии занонро ташаккул медоданд, давраи пасошуравӣ сарфи назар аз монеаҳои сохторӣ, бар хилофи қолаби шуравии танзими давлатии машғулият ба фаъолияти бештари соҳибкорӣ мусоидат кард. Дар ин эссе ширкати иқтисодии занонро дар як моношаҳракҳои шуравӣ ва пасошуравӣ дар Осиёи Марказӣ муқоиса карда, тафовути мустақилият, дастрасӣ ба захираҳо ва таъсири иҷтимоиро таҳлил менамояд, то ки роҳҳои таҳаввулоти ҳуқуқ ва имкониятҳои занонро нишон диҳад.

### Шарикии иқтисодӣ: танзими давлатии меҳнат дар муқобили чандирии соҳибкорӣ

Занҳои давраи шуравӣ дар корхонаҳои давлатӣ кор мекарданд, дар ҳоле ки дар замони пасошуравӣ занон бо таъсиси тиҷорати мустақил дар бахши ғайрирасмӣ ба бӯҳрони иқтисодӣ мутобиқат пайдо намуданд (пешниҳод аз рӯи мавзуъ). Солҳои ҳокимияти шуравӣ занон дар заводу фабрикаҳо, конҳо ва дигар корхонаҳое кор мекарданд, ки асоси моношаҳрҳои Қазоқистону Қирғизистонро ташаккул медоданд. Меҳнати онҳо ҳамчун рамзи баробарии гендерӣ арзёбӣ мешуд, аммо дар асл тақсимоти ҷойҳои корӣ аз рӯи квотаҳои давлатӣ ва дастурҳои ҳизб муайян карда шуда, барои интихоби шахсӣ ё соҳибкорӣ ҷои кам боқӣ мемонд (Adambussinova, 2021, с. 529). Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ бекории оммавӣ ва баста шудани корхонаҳои асосӣ занонро маҷбур кард, ки сарчашмаҳои дигари даромадро ҷустуҷӯ кунанд. Бисёриҳо ба савдои чаканабозор, фурӯши ғайрирасмии тиҷорат ва савдои фаромарзӣ рӯ оварда, дар аксари ҳол қарз ва мубодилаи молро барои ҳаётгузаронии хеш истифода мебурданд (Adambussinova, 2021, саҳ. 530-531). Масалан, занон аз бозорҳои минтақавӣ, аз қабили Дордой (Қирғизистон) ё «Барахолка» (Қазоқистон) мол харида, барои таъмини оилаҳои худ дар бозорҳои маҳаллӣ, баъзан нася мефурӯхтанд (мисол). Ҳамин тариқ, ширкати занони шуравӣ дар иқтисод устувор, вале шадид буд, дар ҳоле ки давраи пасошуравӣ аз онҳо чандирӣ, омодагӣ барои таваккал ва навоварӣ талаб мекард (ҷумлаи ниҳоӣ).

### Дастрасӣ ба захираҳо: имтиёзҳои давлатӣ дар муқобили шабакаҳои ғайрирасмӣ ва қарзҳо

Дар ҳоле ки занони шуравӣ аз имтиёзҳои давлатӣ ба мисли шуғли кафолатнок, манзил ва нигоҳубини кӯдак бархӯрдор буданд, занони соҳибкори пасошуравӣ бо монеаҳои низомӣ, ба мисли дастрасии маҳдуд ба қарзҳо ва дастгирии расмӣ (пешниҳоди мавзуъ) рӯ ба рӯ омаданд. Дар низоми шуравӣ кори корхонаҳо аксари вақтҳо бо

манзили имтиёзнок, ҳифзи саломатӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ таъмин мешуд, вале занон мустақилияти молиявии камтар доштанд ва ба мақомоти роҳбарикунанда хеле кам пешбарӣ мешуданд (Adambussinova, 2021, с. 530). Баръакси он, занони пасошуравӣ тиҷораташонро аз сифр-д дар аксари вақтҳо онро аз қарзҳои хурд ё молҳое, ки аз дӯстону наздикон мегирифтанд, оғоз намуда, созмон медоданд (Adambussinova, 2021, саҳ. 531–532). Савдо дар асоси қарз ба як стратегияи зиндамонӣ табдил ёфт, ки дар доираи он занон дар чаҳорчӯби ҷомеаҳои ба ҳам наздик қарз (кредит) мегирифтанд. Ин таҷрибаҳо на танҳо ба занон дар мубориза бо ноустувории иқтисодӣ кумак расонданд, инчунин ба рушди эътимод ва сармояи иҷтимоӣ низ мусоидат намуда, барои баъзеҳо имкон додд, ки аз «тоҷирзан» ба сарварони муътабари тиҷорат интиқол ёбанд (Adambussinova, 2021, саҳ. 532). Аммо дастрасӣ ба захираҳои расмии молиявӣ, аз қабили қарзҳои бонкӣ, барои аксари занон маҳдуд боқӣ монда, вобастагиро аз механизмҳои ғайрирасмӣ тақвият мебахшид.

### Таъсири иҷтимоӣ: баробарии рамзӣ дар муқобили тавсеа ёфтани ҳуқуқ ва имкониятҳои одамон

Сиёсати шӯравӣ тавассути тарғибот ва квотаҳо баробарии рамзии гендериро пеш мебурд, аммо соҳибкории пасошӯравӣ тавсеаи воқеӣ ва эҳсосшавандаи ҳуқуқи занонро таъмин намуд, ҳарчанд ин раванд нобаробар амалӣ гардид (ҷумлаи мавзӯӣ). Дар даврони шуравӣ меҳнати занон дар овезаҳо ва ривоятҳои расмӣ таъриф карда мешуд, аммо меъёрҳои падаршоҳӣ боқӣ мемонданд ва дар мономоношаҳрҳо теъдоди ками занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доштанд (Adambussinova, 2021, с. 530). Баръакси ин, давраи пасошуравӣ «занҳои пӯлодӣ» пайдо шуданд, ки бо матонат ва заковат аз нуқтаи сифр тиҷорат бунёд намуда, дар ҷомеаҳои худ қудрати воқеӣ ба даст меоварданд (Adambussinova, 2021, саҳ. 532–533). Таҳқиқоти саҳроии З. Адамбусинова занонеро тасвир мекунад, ки баъди аз даст додани ҷои корашон, дар бозор тоҷирони муваффақи гашта, аз муносибатҳои қарзӣ барои баланд бардоштани обрӯ ва мақоми иҷтимоӣ истифода мебурданд (мисол). Таърихи ин занон на танҳо мутобиқшавии иқтисодӣ, балки тағйирот дар ҳувияти гендериро инъикос мекунанд, зеро онҳо шаклҳои нави эҳтиром ва қудратро дар оилаҳо ва шаҳрҳо бунёд мекарданд (Adambussinova, 2021, с. 533). Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки сиёсати шуравӣ фарогирии рамзӣ фароҳам меовард, соҳибкории пасошуравӣ ба тавонмандии оммавии онҳо мусоидат мекард, ҳарчанде ки он дар баробари душвориҳои давомдор сурат мегирифт.

### Хулоса

Муқоисаи нақшҳои иқтисодии занон дар шаҳракҳои иқтисодашон яксоҳаи шуравӣ ва пасошуравии Осиёи Марказӣ таҳаввулоти мураккабро аз танзими давлатии меҳнат то фаъолияти соҳибкорӣ (мухтасари хулосаҳои асосӣ) нишон медиҳад. Сохти шуравӣ субот ва баъзе имтиёзҳои иҷтимоиро таъмин мекард, аммо мустақилият ва роҳбарии занонро маҳдуд менамуд. Дар ҳоле ки даврони пасошуравӣ, сарфи назар аз номуайянии иқтисодӣ, ба занон имкон дод, ки фазоҳои навро барои худмухторӣ, сармояи иҷтимоӣ ва эҳтироми онҳо дар ҷамоат тавассути тиҷорати ғайрирасмӣ ва таҷрибаҳои тиҷоратӣ бар асоси қарз эҷод кунанд (инъикос дар бораи оқибатҳои васеътар). Ин пешравӣ устуворӣ ва мутобиқшавии занони Осиёи Марказиро, ки идомаи бозбинӣ

кардани тавонмандиашон ва тавсеаи ҳуқуқу имкниятҳояшонро дар шароити чолишҳои сохторӣ идома медиҳанд, таъкид мекунад.

**Адабиёт:**

1. Adambussinova, Z. (2021). Аз тоҷирзан то бонуи соҳибкор: тасвири тавсеа ёфтани ҳуқуқҳо ва имконниятҳои занон дар моношаҳрҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ. Дар китоби «Занон ва фаъолияти иқтисодӣ» (саҳ. 529-534) [PDF].
2. Mukhina, I. (2009). Women and the Birth of Russian Capitalism: A History of Shuttle Trade. Journal of Women's History, 21(4), 60-86.
3. Karrar, H.H. (2016). The Bazaar Economy in Central Asia. Central Asian Survey, 35(2), 176-192.



## Машғулияти амалӣ ва вазифаи хонагӣ

**Хондан ва омодагӣ ба эссеи муқоисавӣ:**

1. Муайян кардани ҳадаф пеш аз хондан.
2. Дақиқ намудани ҳадаф.
   - Вазифа:
   - Дар бораи он ки чаро муқоиса ва муқоиса кардани ҳуқуқҳои занон дар
   - шароити гуногун муҳим аст, як сархати кӯтоҳ нависед.
   - Савол:
   - Оё шумо барои маълумот додан, баҳо додан ё бовар кунондан мехонед?
   - Чаро ин муқоиса муҳим аст?
3. Фаъолгардонии донишҳои қаблӣ.
   - Вазифа: Рӯйхати он чизеро, ки шумо аллакай дар бораи ҳуқуқи занон дар Осиёи Марказӣ ё ҷойҳои дигар медонед, тартиб диҳед.

**Ҳангоми хондан: хониши фаъоли муқоисавӣ**

**Хониши мутамарказшуда:**

**Супориш:**

- Боби 5 «Зан ва ҳуқуқ»-ро бодиққат хонед.
- Усули таҳқиқ: Бобро аз назар гузаронида, ба сарлавҳаҳо ва зерсарлавҳаҳо таваҷҷуҳ кунед.
- Сархатҳоро ба таври муфассал хонед, порчаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои занон, тағйироти ҳуқуқӣ, нақшҳои иҷтимоӣ ва шарикии иқтисодии онҳоро қайд кунед ё порчаҳоро аз онҳо ҷудо созед.
- Қайд кардан: Диаграммаи Венн ё ҷадвал

**Супориш:**

- Диаграммаи Веннро кашед ё ҷадвалеро бо ду сутун созед.
- Як тарафи онро «Давраи шуравӣ» ва тарафи дигарро «Давраи пасошуравӣ» нишон диҳед (ё ҳар ду контексти мувофиқро аз боби мавриди назар истифода баред).
- Ҳангоми хондан ҷойҳои ба ҳам мувофиқро бо монандӣ ва бахшҳои алоҳидаро бо фарқиятҳо пур кунед.

**Ҷадвали намунавӣ**

| Давраи шуравӣ | Умумӣ | Давраи пасошуравӣ |
|---|---|---|
| Шуғл дар идораҳои давлатӣ | Нақшҳои иқтисодии занон | Соҳибкории ғайрирасмӣ |
| Баробарии рамзии гендерӣ | Чолишҳои иҷтимоӣ | Қарзҳои хурд ва савдо аз тариқи қарзгирӣ |



**Қайдгузорӣ:**

**Вазифа:**

Дар ҳошияҳо қайдҳо ё саволҳо гузоред:

- «Вазъи ҳуқуқии занон дар ин ҷо чӣ гуна тасвир шудааст?»
- «Кадом ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ё иқтисодӣ тағйир меёбанд?»
- «Оё ин мисол шабоҳат ё фарқиятро нишон медиҳад?»

**Ҷамъоварии иқтибосҳо**

Аз боб 3-5 иқтибосҳои мустақимро пайдо кунед, ки онҳо нуктаҳои асосии муқоиса ё зидди муқоисаро равшан нишон медиҳанд.

**Пас аз мутолиа: омезиш додан ва банақшагирӣ**

**Зеҳнангезӣ:**

**Супориш:**

Дар гурӯҳҳои хурд муҳокима кунед:

- 3 монандӣ ва 3 фарқияти муҳимтарини байни ду давра ё низом кадомҳоянд?
- Чаро ин монандӣ/фарқиятҳо муҳиманд?

**Таҷрибаи тартиб додани мазмуни мухтасар:**

**Супориш:**

- Барои эссеи худ Барномаи мазмуни мухтасарри матнро нависед.
- Пешниҳод: «Гарчанде ки [A] ва [B] ҳарду [монанд] ҳастанд, онҳо дар [тафовут] фарқ мекунанд, ки [аҳамиятро] нишон медиҳад».

**Тартиб додани нақша**:

**Супориш:**

- Қайдҳо, диаграммаи Венн ва мухтасари мазмунро барои тартиб додани нақшаи мухтасари эссе истифода баред.
- Нуктаҳои асосии ҳар як сархати қисми асоси (масалан, ҳуқуқҳои қонунӣ, имкониятҳои иқтисодӣ, вазъи иҷтимоӣ)-ро номбар кунед.

**Мубодила бо шарикдарс**:

**Супориш:**

Нақша ва мазмуни мухтасари матнро бо шарикдарсатон мубодила кунед. Фикру мулоҳизаҳоро дар бораи онҳо анҷом диҳед: Муқоиса то чӣ андоза муҳим аст? Оё нуктаҳо баробаранд?

**Таҳқиқот ва санҷиши далелҳо**:

**Супориш:**

- Дурустии ҳамаи далелҳо ё омореро, ки дар эссе истифода кардан мехоҳед, мавриди санҷиш қарор диҳед.
- Боварӣ ҳосил кунед, ки далелҳои шумо дақиқ ва аз боби 5 гирифта шудаанд.

**Огоҳӣ ва маслиҳатҳо**

- Аз мавзуъҳое, ки ба ҳам монанд ё ба ҳам алоқаманд нестанд, худдорӣ намоед.

**Ҷадвал (намуна)**



| Давра | Супориш | Усул/абзори таҳқиқ | Натиҷа |
|---|---|---|---|
| Пеш аз хондан | Сархати ҳадаф, рӯйхати донишҳои қаблӣ | Навиштан, муҳокима | Ҳадафи возеҳи хониш |
| Ҳангоми хондан | Диаграммаи Венн, шарҳ додан, ҷамъ овардани иқтибосҳо | Ташкилкунандаи намоиши визуалӣ, қайдҳо | Нуқтаҳои муқоисавии муташаккил |
| Пас аз хондан | Зеҳнангезӣ, таҳияи тезис, мубодила бо шарикдарс | Кори гурӯҳӣ, мактуб | Омодагӣ барои навиштани эссе |
| Таҳқиқот | Санҷиши далелҳо | Таҳлили матн | Исботҳои мувофиқ ва дақиқ |

- Ду қонуни тақрибан ба ҳам айниятдошта ва ё ду консепсияи комилан мухталифро муқоиса накунед.
- Дар доираи боби 5 бимонед.
- Танҳо маълумотро аз матни таъиншуда истифода баред, то ки эссеи Шумо мувофиқ бошад ва ба далелҳо асос ёфта бошад.

## Қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо (ҚМТ) – 2 соат (як дарс)

Интихоб ва таҳияи қарордодҳо барои ин ҷаласаи мубоҳисавӣ бояд бар дӯши худи донишҷӯён вогузор карда шавад. Дар ин қисм бо сарварони гурӯҳи донишҷӯён, аллакай пешакӣ мувофиқа намоед, то ки онҳо барои омодагӣ ба ин ҷаласа шуруъ кунанд.

Аввалан, бояд қарордодеро барои мубоҳиса интихоб кунед. Муҳим он аст, ки ягон кас пешакӣ надонад, ки дар баҳс аз кадом мавқеъ ҳимоя мекунад ё намояндагӣ мекунад. Интихоби мавқеи даста дар рафти машғулият маълум мешавад. Барои ин ё қуръапартоӣ шавад ва ё донишҷӯёнро ба рақамҳои тоқи 3 ва 5 ҳисоб вобаста ба шумораи донишҷӯён дар синф тақсим кунед, то ки гурӯҳҳоро дар асоси интихоби тасодуфӣ таъсис диҳед.

Тақсими нақшҳо ва нақшаи рафти бозиро мо аллакай дар қисми аввал тавсиф карда будем. Донишҷӯён мавқеи сухангӯён- (пайравони примордиализм, реализм ва конструктивизм)-ро мустақилона тақсим мекунанд.

Ба шумо қарордодҳоеро пешниҳод мекунем, ки набояд ҳатмӣ бошанд. Аммо онҳо метавонанд як пойгоҳи захиравӣ барои қарордодҳое гарданд, ки аз рӯи онҳо донишҷӯён метавонанд дар соатҳои дарсҳои ихтиёрӣ ё берун аз синф бозӣ кунанд.

Матнҳои мавзуи боби пешниҳодшударо бодиққат омӯхта, мо **қарордодҳои зеринро барои мубоҳиса** қайд карда метавонем:

**Дастаи мо бар ин назар аст, ки симои бадеии занон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳайси шахсияти озоду масъулиятшинос, асосан, дар давраҳои зерин таҷассум ёфтаанд:**

- давраи пеш аз шуравӣ;
- давраи шуравӣ;
- давраи истиқлолият.

**Дастаи мо чунин мешуморад, ки занони Осиёи Марказӣ ба ҳадафҳои худ дар соҳаҳои зерин ноил шудаанд:**

- фарҳанг;
- иқтисод;
- сиёсат.

**Дастаи мо бар ин назар аст, ки маҳдудияти нақшҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи занон дар Осиёи Марказӣ иртибот дорад бо:**

- омилҳои биологӣ;
- омилҳои иқтисодӣ;
- омилҳои сиёсӣ.

**Дастаи мо чунин мешуморад, ки беҳтарин шакли баҳодиҳии нақши иҷтимоии занон дар Осиёи Марказӣ тавассути василаҳои зерин ифода карда мешавад:**

- симои бадеӣ дар санъат;
- забон;
- фаъолияти иқтисодӣ.

**Тафсирҳои зиддиятнок дар бораи занон дар таърихи фарҳанг ва дини Осиёи Марказӣ бо таъсироти зерин иртибот доранд:**

- хусусиятҳои биологии пешакӣ муайяншуда ва тағйирнопазири зан;
- ҷомеаи муосир, яъне афзоиши ақлоният ва мураккабшавии нақшҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа;
- сохторҳои иҷтимоию сиёсӣ, ки ба низоми назорат аз болои занон нигаронида шудаанд.

***Тавзеҳот***

Қарордодҳои пешниҳодшуда барои ду боби аввал бо шакли сохтори аввали мубоҳиса мансубанд, ки он ба мавзуъҳои фарҳанг, таърих, дин, ҷомеаи этникӣ, хотираи таърихӣ иртибот доранд. Ба тартиби суханронии сухангӯён таъсир мерасонад (ниг. қисми назариявӣ ва рӯнамоии ҚМТ). Дар конфигуратсияи аввалӣ тартиби суханронӣ дар сохтори зерин ифода меёбад:

1. пайрави примордиализм;
2. пайрави реализм;
3. пайрави конструктивизм.

# БОБИ III

# ЗАНОН ВА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ



## Басти 1

## Мавқеъ ва нақши занон дар фаъолияти иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ

аз як кейс-стади ва 2 матн (4 соат ё 2 машғулият) иборат аст.

Ба ҳайси кейс-стади матни Натан Лайт «Ҷаҳонишавии маркетинги шабакавӣ: занон дар Қирғизистон мутахассиси маркетинги шабакавӣ мешаванд» пешниҳод мегардад.

**Матнҳо:**

1. Адамбусинова Зарина «Аз тоҷирзан то бонуи соҳибкор: Тасвири тавсеа ёфтани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар моношаҳрҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ».
2. Елена Колесова «Дар ҷустуҷӯи худ: занони соҳибкор дар саноати эҷодкории Қирғизистон».

▼

## БАСТИ 1. МАШҒУЛИЯТИ 1

### Адамбусинова Зарина «Аз тоҷирзан то бонуи соҳибкор: Тасвири тавсеа ёфтани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар моношаҳрҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ»

Дар ин мақола тағйирёбии мақом ва мавқеи занони соҳибкори миёнасол дар шароити минтақаҳои шаҳрии монойиндустралии Қазоқистон ва Қирғизистон аз нигоҳи таносуби қарзи молиявӣ ва гендер баррасӣ мегардад. Дар ин шароит занону мардон меҳнати худро ба иҷрои супоришҳои мушаххас бахшида, ӯҳдадор шуда буданд, ки то охири умр дар соҳаи истеҳсолоти муайян кор кунанд. Аммо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар зиндагии сокинон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд овард ва моношаҳрҳоро ба минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ дар канор гузошта табдил дод. Дар солҳои 90-ум фазои номуайянӣ имкониятҳои навро барои соҳибкорӣ ва чандирии иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Тиҷорати бенизом дар кӯчаҳо ва интиқоли молу коло аз кишварҳои дигар ба ҳайси механизми асосии зинда мондани иқтисодии сокинони боқимондаи моношаҳрҳо табдил ёфт. Бар асоси таҳқиқоти асили этнографии моношаҳрҳои пасошуравӣ дар Осиёи Марказӣ мақола ба омӯзиши таҷрибаи мушаххас ва нақлҳои шахсии занони соҳибкор дар бораи

ин шаҳракҳои иқтисодашон яксоҳа бахшида шудааст. Ин «занҳои пӯлодӣ» дар солҳои 90-ум аз коргарони оддӣ ва «занҳои савдогар»-и шуравӣ ба ҳадди тоҷирзани худкифо расидаанд.

**Ғояҳои консептуалии матни З. Адамбусинова:**

- Моношаҳрҳо (шаҳраки дорои як саноат) – маҳаллаи аҳолинишинест, ки дар атрофи корхона ё гурӯҳи корхонаҳое, ки бо занҷири истеҳсолӣ ба ҳам пайвастаанд, ташкил ёфтааст.
- Қарз ва мубодилаи мол ҳамчун стратегияи наҷот барои сокинони моношаҳрҳо.
- Муносибати байни тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ТҲИЗ) бо қарзгузории хурд.
- Аз зани шуравӣ- тоҷир ё савдогар то бонуи соҳибкори муосир.
- Портрерти муъҷизазани маҳаллӣ.
- Роҳ аз зани савдогари миёнаҳои солҳои 1990 то бонуи закии тоҷир.
- Тиҷорат бар пояи қарз ва ҷанбаҳои гендерӣ.
- Тиҷорати ғайртанзимшаванда ва нимтанзимшаванда ва бозорҳои бесарусомон.
- Ҷанбаҳои ахлоқии савдои молҳои аз хориҷ овардашуда.
- Савдо бо қарздиҳӣ ҳамчун намунаи тиҷорате, ки ба қарз ва эътимоди мутақобила асос ёфтааст.
- «Савдои сайёр»-и дохилӣ дар масофаи кӯтоҳ ё «кидирип сату».
- Маънои консепсияи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) ва робитаи он бо қарз ва гендер.
- Консепсияи ТҲИЗ ва се андозаи асосии он: вакилӣ, захираҳо ва дастовардҳо.
- Қудрат ба муҳити мураккаби моношаҳрҳои пас аз гузариш дахл дорад.
- Захираҳо маънои савдои молу колои аз хориҷ овардашударо бо унсурҳои бартерӣ ва муносибатҳои қарзӣ доранд.
- Дастовардҳо ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, байнишахсӣ ва равонии тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон мебошад.
- Тасвири иҷтимоӣ ва равонии тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ).
- Ташаккули иерархияи иҷтимоии маҳаллӣ, вобастагӣ ва робитаҳои сарпарастӣ, ки дар онҳо қарз ҳамчун қувваи тавоно барои такрористеҳсоли муносибатҳои ҳокимияти маҳаллӣ амал мекунад.
- Мавқеи зан ҳамчун таъминкунандаи ва тасмимгирандаи ягона ҳам дар соҳаҳои хусусӣ ва ҳам иҷтимоӣ.
- Ҷанбаи психологии ТҲИЗ дар шакли меҳнати бар пояи эҳсос барпошуда: шикастани қолабҳои маъмулӣ (қаллобон, фиребгарон ва ҷинояткорон) ва табдил додани ӯ ба бонуи соҳибкори муосир.
- Занони соҳибкор – кошифон дар раванди тағйир додани қоидаҳо ва меъёрҳои вобаста ба нақшҳои гендерӣ дар масъалаҳои меҳнат, ки дар ҷамъияти шуравӣ рушд ёфтаанд, мебошанд.
- Аз ҷониби занон бартараф намудани шарти шарму ҳаё ва воридшавии онҳо ба капитализми ибтидоии соҳибкорӣ дар шароити пас аз сотсиалистӣ.
- Афзоиши мубоҳисаҳо дар бораи дубора анъанавӣ гардонидани нақшҳо ва ғояҳои гендерӣ, ки барои имтиёзҳои мардон мусоидат мекунанд ва мавқеи занонро дар соҳаҳои мухталифи Осиёи Марказӣ душвор мегардонанд.

- Тамғагузории занон, каноргузории онҳо аз мавқеъҳои пешбар дар ҷомеа дар маҷмӯъ, табъиз ва зӯроварии хонаводагӣ.

**Харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили матн**



Бо кадом роҳ занони кори сиёҳ ва занони тоҷир ба бонувони соҳибкори муосир табдил ёфтанд? Дар робита ба чӣ зарурати густариши ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) ба миён омад?

| |
|---|
| Барои посух додан ба саволи асосии машғулият қабл аз ҳама вазъи занонро пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ баррасӣ кардан лозим аст, ки ба далели канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, бекорӣ ва фақр дар ҳолати як зарбаи равонӣ қарор гирифта буданд. Дар ин шароит онҳо маҷбур шуданд, ки касбу кори худ: коргар, омӯзгор, духтур, олимро иваз карда, ба савдои бенизоми кӯча машғул шаванд. Дар айёми авҷи иқтисоди пасипарда ва «бесарусомонӣ» онҳо барои зинда мондан ва таъмини хонаводаҳояшон ба соҳибкорӣ рӯ оварданд. |

Ҳангоми мутолиаи матн, бар он мусоидат кардан зарур аст, ки худи донишҷӯён роҳҳо ва воситаҳои тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ)-ро тавсиф намоянд.

Дар раванди таҳлили консепсияи ТҲИЗ зарур аст, ки донишҷӯён моҳияти консепсияи мазкурро дарк ва шарҳ диҳанд, ки он аз касби чунин малакаҳо аз ҷониби занони тоҷир иборат аст: эътимод ба худ, мустақилият ва қудрат, қобилияти тасвиби қарордод ва интихоб.

Тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) нишондодҳои гуногунро дар бар мегирад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонӣ.

| Нишондодҳои иқтисодӣ | Нишондодҳои иҷтимоӣ |
|---|---|
| **Қарз ва мубодилаи мол ҳамчун стратегияи зинда мондани сокинони моношаҳрҳо.** Маҳз ҳамин мушкилоти иқтисодӣ боиси пайдоиши механизмҳои гуногуни зиндамонӣ ва бартараф кардани онҳо гардид, ки аз ҷониби сокинони боқимондаи моношаҳрҳо таҳия шуда буд. Паҳншавии идомаёбандаи амалияҳои гуногуни ғайрирасмӣ ҳамчун вокуниши табиии мардум, махсусан занон, ба тағйироти иҷтимоию иқтисодие, ки дар фазои пасошӯравӣ ҷараён доранд, ба вуҷуд омад. Гузашта аз ин, савдо бар пояи қарзгирӣ ва мубодилаи мол ба яке аз маъмултарин стратегияҳои зинда мондани сокинони моношаҳрҳо дар шароити шукуфоии иқтисоди «пасипарда», «пинҳон» ё «ғайри муназзам» дар миёнаҳои солҳои 1990 табдил ёфта буд. | **Аҳамияти консепсияи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва робитаи он бо қарз ва гендер.** Тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳо аксаран бо калимаҳое ба монанди эътимод ба худ, истиқлолият ва қудрат робита дорад. Дар адабиёти академикӣ консепсияи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар аксари ҳолатҳо ҳамчун раванди тағйирот ва қобилияти қабули қарордодҳо ва интихобҳое, ки метавонад ҳаёти занро ба таври назаррас тағйир диҳад, фаҳмида мешавад. Гузашта аз ин, тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳо бевосита ба қарз ва гендер вобаст аст. |

| Нишондодҳои маънавӣ | Нишондодҳои равонӣ |
|---|---|
| Мубоҳисаҳои шуравӣ дар бораи шарму ҳаё на танҳо ба ташаккули шаклҳо ва режимҳои гендерӣ мусоидат кард, балки мавқеъ ва макоми мардони шӯравиро, ки чун анъана таъминкунандаи ягонаи рӯзгор ҳисоб меёфтанд, баланд бардошт. Дар ин замина занони соҳибкор дар раванди нав сохтани қоидаҳо ва меъёрҳо дар бораи нақшҳои гендерӣ дар масъалаҳои меҳнат, ки дар ҷомеаи шуравӣ, махсусан дар шаҳрҳои сершумори иқтисодашон яксоҳаи замони шуравӣ рушд ёфта буданд, пешрав гардиданд.<br><br>Ба онҳо лозим омад, ки худро аз чорчӯбаи қотеи ахлоқи шуравӣ раҳо сохта, дар сохти нави иҷтимоӣ ва воқеият зинда монад ва ниҳоят соҳибкорони муваффақ ва озодшуда гарданд. Илова бар ин, олим таъкид мекунад, ки мубоҳиса дар бораи шарму ҳаё ба мо нишон медиҳад, ки занон ва мардон ба капитализми ибтидоии соҳибкорӣ дар шароити пасошуравӣ чӣ гуна ба тарзҳои гуногун ворид шудаанд. Ба ибораи дигар, ин занҳо бояд аз гузаштаи шуравии худ ва нақшҳои марбут ба он даст кашида, худро аз дараҷаи сифр дубора эҷод мекарданд. | Ҷанбаҳои равонии ТҲИЗ дар шакли меҳнати эҳсосӣ: шикастани қолабҳои маъмулӣ (қаллобон, фиребгарон ва ҷинояткорон) ва табдил додан бонуҳои тоҷири муосир.<br><br>Мулоҳизаҳои Равшан дар бораи солҳои аввали тиҷорат, касби дуюми ӯ ба ҷанбаи равонии тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар шакли меҳнати эҳсосӣ ишора мекунанд. Барои расидан ба сатҳи тоҷири муосир аз занони савдогари солҳои 1990 меҳнати зиёди эҳсосӣ тақозо мекард, ки он шикастани қолабҳои маъмулии замони шӯравиро, ки тибқи он тоҷирон қаллоб ва ҳатто ҷинояткор буданд, дар бар мегирифт. Он, ҳамчунин, ба низоми гендерӣ (нақшҳо ва намоишҳои гендерӣ) вобаста аст, ки дар замони шуравӣ, махсусан, робита бо таҷрибаи меҳнатӣ ва иқтисодӣ, дар муносибатҳои қудратии соҳаҳои касбӣ ва хонагӣ ташаккул ёфтааст. |

**Робитаи байни тарафайни тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) ва қарзи хурд**

«Дар ҳолатҳои зиёд занон ба савдои кӯчагӣ шуғл варзиданд, ки баъдтар ба тиҷорати фаромиллӣ барои фурӯш дар бозорҳои контейнерии маҳаллӣ табдил ёфтанд. Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ мақом ва нақши занонро ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар соҳаи дохилӣ ба таври назаррас тағйир медиҳад. Дар ҳаёти ҳаррӯза занон нисбат ба мардон бештар муносибатҳои қарзиро амалӣ мекунанд.

**Таҷрибаи қарзгирӣ ва гендерӣ дар заминаи шаҳри иқтисодаш яксоҳаи пасошуравии Осиёи Марказӣ**

Дар ин мақола, муаллиф портрерти як тоҷирзани муваффақи давраи муосирро тасвир мекунад, ки хислатҳои фарқкунандаи ӯ ба давраи ибтидоии пасошуравӣ хос аст. Дар замони ҳозира ин симо ба ҳадде тағйир ёфтааст аз ин рӯ, ба донишҷӯён имкон дода мешавад, ки ба он иловаҳояшонро зам намоянд.

**Тасвири муъҷизазани маҳаллӣ**

Одатан, вай як зани хеле қавӣ ва худкифои тақрибан панҷоҳ ё шастсола аст, ки тиҷорати худро (контейнери калон ё мағозаи хӯрокворӣ/либос) дар як бозори маҳаллии контейнерӣ пеш мебарад. Ӯ шояд дар аввал барои бунёди тиҷорати ояндааш маблағи ночизро қарз гирифта бошад. Як қатор молҳои зарурӣ, аз қабили либос, растаниҳои хонагӣ, зарфҳои ошхона, маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра мефурӯхт. Ӯ мубодила мекард, қарзро бо моли худаш мепардохт ва зинда монда, фарзандонашро аз ҳисоби хӯроки қарзгирифтааш мехӯронд. Ҳамроҳи ҳамкоронаш бо таксиҳо масири савдои худро ба марказҳои тиҷоратии минтақавӣ, аз қабили бозорҳои «Дордой» ва «Қара-Суу»-и Қирғизистон ва «Хоргос»-у «Барахолка»-и Қазоқистон, ки ҳамаи онҳо бозорҳои чаканафурӯшӣ ҳастанд, тай мекарданд. Ӯ хеле зиёд сафар карда, борхалтаҳо ва халтаҳои вазнини пур аз молҳои арзонро мекашонд. Ин корро такрор ба такрор ба иҷро мерасонд, то даме ки ҳамааш самаре ҳосил кард. Дар ниҳоят, ба як бонуи соҳибкори муваффақ ва обрӯманд табдил ёфт, ки тиҷорати худро аслан аз сифр бунёд карда буд. Ҳоло ӯ соҳиби эҳтиром буда, аз мақому мартаба ва сармоя бархӯрдор аст.

**Таърихи савдои молҳои аз хориҷа содиршуда**

Тиҷорати дохилӣ ва фаромиллии молҳои аз хориҷа содиротшударо ҳамчун фаъолияти тоҷирони инфиродӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки ба марказҳои бузурги савдои минтақавӣ сафар мекунанд ва молҳои истеъмолии арзонро, ки аксаран аз Чин ва Туркия ворид мешаванд, дар бозорҳои кушоди зодгоҳашон бозмефурӯшанд. Падидаи савдои молҳои аз хориҷа содиршуди пасошуравӣ аз ҳисоби иқтисоди «пинҳонӣ» ва «танзимнашаванда» шакл гирифт. Он замонҳо аз сабаби мавҷуд набудани ягон меъёру маҳдудияти ҳуқуқӣ савдо бо номи «бесарусомонӣ» маъруф буд.

**Хусусияти фарқкунандаи савдои молҳои аз хориҷа воридшуда дар давраи пасошуравӣ**

Хусусияти фарқкунандаи савдои молҳои аз хориҷа воридшуда дар давраи пасошуравӣ шумораи номутаносибан зиёди занони тоҷир ва соҳибкорон буд. Бартарии занон дар тиҷорати хусусӣ аз чанд омил вобаста аст: пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ занон, асосан, аз кор озод карда шуда буднд (ё таҳти ихтисор аз ҷои кор қарор доштанд). Ғайр аз он, дар солҳои аввали давраи гузариш шумораи талоқҳо зиёд шуда, кӯдакон дар назди модаронашон бо дастгирии сатҳи сифри падарони якхелаи камбизоат мемонданд. Ниҳоят, ҳама гуна фаъолияти тиҷоратии хусусӣ дар замони шуравӣ бо як чизе ҷиноӣ, ғайриқонунӣ ва, ҳатто аз ҷиҳати ахлоқӣ шубҳанок робита дошт. Чунин мешумориданд, ки мард набояд обрӯи худропеши назари мардум резонад.

**Ҷанбаҳои ахлоқии савдои молҳои аз хориҷа воридшаванда: савдо бо қарзгирӣ ҳачун қолаби тиҷоратие, ки бо қарз ва боварии тарафайн асос мегирад**

Аз ҳама муҳим он аст, ки савдои дохилӣ ё фаромиллӣ на танҳо ҳаракатпазириро, балки унсурҳои мубодилаи мол ва қарзро дар муносибатҳои мухталифи байни тоҷирон ва мизоҷон, инчунин савдогарон, таъминкунандагони мол ва яклухтфурӯшон дар бар мегирад. Он ба ташаккули муносибатҳои мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иерархия дар дохили ҷамоатҳо- моношаҳрҳо мусоидат мекард. Занони соҳибкор савдо бо қарзгириро ҳамчун намунаи бизнес баррасӣ менамоянд ва дар онҳо занҷирҳои савдогарии қарзие бунёд ва дастгирӣ меёбанд, ки ба таҳкими робитаҳои шахсӣ дар асоси эътимоди мутақобила мусоидат мекунанд.

Ҳангоми таҳлил донишҷӯёнро ба баррасии ҷанбаҳои мушаххаси матн мутаваҷҷеҳ сохтан лозим аст, ки барои амиқтар фаҳмидан ва ҷавоб додан ба саволи асосии машғулият имкон медиҳад. Аз ҷумла, саволҳои зеринро бояд муҳокима кард: Чаро савдо бо қарзгирӣ ба ҳайси қолаби тиҷорат буда метавонад? Занони соҳибкор ҳангоми ҷалб шудан ба ин соҳаи фаъолият чӣ гуна малака ва қобилиятҳоро касб менамоянд?

Дар натиҷа фазои иҷтимоию иқтисодии занон васеъ мегардад ва мутаносибан мақоми онҳо низ тағйир меёбад.

**Савдо бо қарзгирӣ ҳамчун қолаби тиҷорӣ дар асоси қарзи мутақобила ва боварӣ**

Савдо бо қарзгирӣ барои муносибатҳои бештари қудратмандӣ ва озодиҳо фазо фароҳам меорад. Он инчунин ба занон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун бонуи соҳибкори муваффақи муосир рӯнамоӣ кунанд. Мақом ва эътибори иҷтимоии касбшуда ба ин занон сармоя ва боварии иловагӣ мебахшанд, ки ба онҳо имкон медиҳад на танҳо ба осонӣ бе пардохти фаврӣ дар бозори маҳаллӣ ё аз таъминкунандагони молҳо ҳаҷми зиёди маҳсулотро харидорӣ намоянд, балки дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ бо муштариёни худ нуфуз пайдо кунанд.

**«Савдои сайёр»-и дохилӣ дар масофаҳои кӯтоҳ**

Қарзҳо ҳамеша як ҷузъи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳаёти ҳаррӯза буданд... Ин намуди савдо ва муносибатҳо танҳо дар ҷое самаранок амал карда метавонанд, ки дар он ҳамаи сокинон ҳамдигарро мешиносанд.

Ғояи асосии савдои сайёри маҳаллӣ сафар кардан ва машғул шудан ба савдо дар бозорҳои хурди кушоди муваққатӣ, ки дар деҳоту шаҳракҳои гуногуни вилоят дар як деҳаи ҳамсояи дорои соҳаи кишоварзии пешрафта ва нерӯгоҳи барқии обӣ ташкил карда шудааст, иборат аст. Рӯзҳои ҷумъа савдогарон ба Қизил-Ҷар, рӯзи шанбе – ба шаҳри Қара-кул – шаҳри энергетикҳо сафар мекарданд.

Ба эътиқоди Кабирӣ, «камбизоатӣ ва нотавонӣ ҳамеша бо ҳам меоянд» ва фақр ба таҳкими нобаробарии гендерӣ мусоидат мекунад. Камбизоатӣ яке аз хусусиятҳои хоси моношаҳрҳои муосири Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Ғайр аз он, раванди тавсеаёбии ҳуқуқ ва имкониятҳо, инчунин, аз сохтори мавҷудаи қудрат дар ҷомеа/ҷамоати мушаххас вобаста аст, ки бевосита ба интихобҳо ва қарорҳое, ки занон қабул карда метавонанд, таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, занҳо ҳамчун қувваҳои фаъол дар ин раванди тағйирот бо нақши пешбарӣ дар қабули қарорҳо ва инчунин назорат аз болои захираҳои мавҷуда дар муҳити маҳаллу фаслии худ амал мекунанд.

**Намунаи қолабии Кабир ва се ченаки асосии он: қудрат, захираҳо ва дастовардҳо**

**Қобилияти фаъолият** ба «раванде, ки тавассути он интихоб сурат гирифта ва амалӣ мешавад», ишора менамояд.
**Захираҳо** нақши воситаеро бозӣ мекунанд, ки тавассути онҳо қобилиятҳои фаъолият амалӣ мегардад.
**Дастовардҳо** ҳамчун натиҷаи қобилиятҳои фаъолият фаҳмида мешаванд.

**Татбиқи модели Кабир дар шароити маҳаллӣ**

**Роза аз Аркалик**

Агар намунаи қолабии Кабирро дар бораи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон, ки ӯ пешниҳод кардааст, дар нисбати ман татбиқ кунем, қобилиятҳои фаъолият ба муҳити мураккаби моношаҳрҳои давраи пасогузариш иртибот дорад. Савлои молҳои аз хориҷа овардашуда бо унсурҳои мубодилаи молу коло ва муносибатҳои қарзгирӣ нақши захираҳоро бозӣ мекунанд. Тахти мафҳуми дастовардҳо ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, байнишахсӣ ва психологии тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон фаҳмида мешавад, ки дар ин мақола ба онҳо тамаркуз хоҳам кард.

Қабули қарорҳои молиявӣ ва мустақилияти минбаъда нишонаҳои муҳими тавсеаёбии ҳуқуқ ва имкониятҳои занон маҳсуб меёбанд. Таърихҳои ҳаёти қаҳрамонзанон нишон медиҳанд, ки ҳамаи онҳо аз тиҷорат манфиати молӣ ба даст меоранд, ҳатто, агар он ҳамеша ӯҳдадориҳои қарзӣ ва нақшаҳои мубодилаи молро дар намудҳои гуногуни муомилот ва амалиёти ғайрирасмӣ дар бар гирад.

Занони соҳибкор дар раванди тағйир додани қоидаҳо ва меъёрҳои марбут ба нақшҳои гендерӣ дар масъалаҳои меҳнат, ки дар ҷомеаи шуравӣ рушд ёфтаанд, пешрав мебошанд.

Тавре маълум аст, фаъолияти соҳибкорӣ ба ғайр аз тафовутҳои гендерӣ шаклу намудҳои зиёде дошта, қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро мегирад, ки дар он занҳои соҳибкор фаъолона иштирок менамоянд.

**Таҳлили муқоисавии тафовут байни савдо ва маркетинги шабакавӣ**

| Адамбусинова Зарина | Натан Лайт |
| --- | --- |
| **Савдо бо қарзгирӣ ҳамчун қолаби тиҷорат дар асоси қарзгирии мутақобила ва боварӣ**<br>Савдо аз рӯи қарз ба онҳо фазоеро барои муносибатҳои нисбатан чандиртар ва озодиҳои қудратӣ фароҳам меорад. Инчунин, ба онҳо имкон медиҳад, ки худро ҳамчун соҳибкори муваффақи муосир муаррифӣ кунанд. Мақом ва эътибори иҷтимоии бадастомада ба ин занҳо сармоя ва боварии иловагӣ мебахшад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки на фақат ба осонӣ, бе пардохти фаврӣ дар бозори маҳаллӣ ё аз таъминкунандагони мол ҳаҷми зиёди маҳсулотро харидорӣ намоянд, балки дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо муштариёни худ нуфуз пайдо намоянд. | **Хусусиятҳои тиҷорати маркетинги шабакавӣ**<br>Маркетинги шабакавӣ аз бунёди муносибат бо муштариён шуруъ гардида, сипас барои ҷалби онҳо ба ҳайси намояндагони мустақили фурӯш кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ширкатҳои маркетинги шабакавӣ аз хариди ин муштариён/пудратчиёни нав фоида ба даст меоранд ва онҳоро таълим медиҳанд, ки воситаҳои оилавӣ ва дӯстонаи худро истифода баранд, то ки фурӯши маҳсулотро оғоз ва фурӯшандагони навро ҷалб намоянд. Ба фазли ин стратегияҳои ғайриоддии фурӯши маркетингишабакавӣ, муҳаққиқон онҳоро ба ҳайси намунае меомӯзанд, ки чи тавр муносибатҳои иҷтимоии маҳаллӣ асоси таҷрибаҳои нави капиталистӣ шуда метавонанд. |

Донишҳое, ки тавассути таълим ва таҷриба ба даст омадааст, барои пешбурди тиҷорати муваффақ василаи муҳим мебошанд. Дар матни асосӣ ва матн аз рӯи кейс-стади ду василаи ба даст овардани малака, дониш ва таҷриба мавриди баррасӣ қарор мегирад.

**Таҳлили муқоисавии таълим ва тааҷрибаи андӯхташаванда дар маркетинги тиҷоратӣ ва шабакавӣ:**



| Адамбусинова Зарина | Натан Лайт |
|---|---|
| Тиҷорати қарзгирӣ ва мубодилаи амвол ҳамчун стратегияи зинда мондани сокинони моношаҳрҳо мебошад. Маҳз ҳамин мушкилоти иқтисодӣ боиси пайдоиши механизмҳои гуногуни зиндамонӣ ва мубориза барои аз сар гузаронидани мушкилот гардид, ки онҳоро сокинони боқимондаи моношаҳрҳо коркард намудаанд. Идомаи паҳншавии амалҳои гуногуни ғайрирасмӣ вокуниши табиии мардуми одӣ, бахусус занонро ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар фазои пасошуравӣ ба миён оварда буд. Гузашта аз ин, савдои қарзгирӣ ва мубодилаи мол ба яке аз маъмултарин стратегияҳои зинда мондани сокинони моношаҳрҳо дар шароити шукуфоии иқтисоди «пасипарда», «пинҳон» ё «танзимнашаванда» дар миёнаҳои солҳои 1990 табдил меёбад. | **Омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ дар маркетинги шабакавӣ**<br><br>Дар аксари ҳолатҳо вохӯриҳо ва тадбирҳои таълимӣ баргузор мегарданд, ки дар онҳо намояндагии ширкатро идеологияи ширкат ба иҷро мерасонад ва дар онҳо нақл карда мешавад, ки чи тавр тарзи фурӯши мустақимро анҷом додан мумкин аст. Ширкатҳои маркетинги шабакавӣ инчунин бо баргузории семинарҳо, ки дар онҳо коршиносони ҷаҳоншумули соҳаи фурӯши мустақим даъват мешаванд, ба баланд бардоштани касбият мусоидат мекунанд. Ин семинарҳо имкон медиҳанд, ки таҷриба, муносибат ва шакли тафаккури зарурӣ барои хуб будан ҳамчун фурӯшанда ба таври муфассал баррасӣ шаванд. Баъзе аз ин машғулиятҳо дар як рӯз аз иштирокдорон то сад доллар талаб мекунанд. Ин машғулиятҳо барои рушди малакаҳои фурӯш, омӯзиши малакаҳои молиявии шахсӣ ва усулҳои ҳавасмандкунанда чорабиниҳои муҳим маҳсуб меёбанд.<br><br>Вақте ки ман бо иштирокдорони семинар сӯҳбат кардам, онҳо на танҳо сухангӯёни ҳавасмандсоз, балки китобҳоеро, ки ба иштирокдорон тақсим шудаанд, зикр мекунанд. Дар байни онҳо барои фурӯши мустақим ва худкумакрасонии молиявӣ тарҷумаҳои русии асарҳои классикии Амрикои Шимолӣ буданд, ки ба қатори онҳо «Сарваттарин одам дар Вавилон»-и Ҷорҷ Клейсон, «Андеша намо ва сарватманд шав»-и Наполеон Ҳилл, «Бузургтарин фурӯшандаи ҷаҳон»-и Ог Мандино ва «Падари сарватманд»-и Роберт Т. Кийосаки дохил мешаванд. Дар бораи ин китобҳо бо чунон шавқу ҳаваси зиёд баҳогузорӣ кардаанд, ки онҳоро ҳамчун сарчашмаи андешаҳои муфид дар бораи чи гуна ба даст овардани комёбӣ дар фурӯши мустақим арзёбӣ менамоянд. |

Барои беҳтар фаҳмидани матнҳои таҳлилшуда, инчунин барои таҳлили муқоисавӣ, ба порча дар бораи соҳибкорони муваффақ ва нокоме, ки соҳаи маркетинги шабакавиро касб кардаанд, таваққуф кардан мумкин аст.

**Маркетинги шабакавӣ ё тарҳрезии аҳром?**

Натан Лайт: Аксари одамоне, ки дар боло зикр шуданд, ба фазли он комёб гардидаанд, ки онҳо касби худро дар марҳилаҳои аввали рушди ин ширкатҳои маркетинги шабакавӣ оғоз намудаанд. Ман якчанд нафарро медонам, ки барои дастгирии аъзои оилаи худ ба ширкат ҳамроҳ шуданд, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ дар савдо ҳавас надоштанд ва муваффақ набуданд. Бо вуҷуди ин, дар саросари ҷаҳон сатҳи комёбӣ дар соҳаи маркетинги шабакавӣ бо он нукта муайян мегардад, ки оё шахс барои зиндагиаш даромади кофӣ ба даст меорад, хеле паст аст. Шумораи бештари одамон барои омӯзиши савдо вақт ва пул сарф мекунанд, аммо муваффақ намешаванд. Бо вуҷуди ин, фоизи ками одамон ба ҳадди фурӯшандагони муваффақ мерасанд, ҷоизаҳо мегиранд, ба конфронсҳои солона мераванд ва ба ин васила орзуҳояшонро, ки аз ҷониби ширкатҳо пуштибонӣ мешаванд, дар амал татбиқ менамоянд. Дар сатҳи байналмилалӣ маркетинги мустақим дар услуби маркетинги шабакавӣ – як шакли хоси истеҳсолот ва савдои капиталистӣ мебошад.



## Нақшаи машғулият

**Адамбусинова Зарина** «Аз як зани савдогар то бонуи соҳибкор: Тасвири тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар шаҳрҳои иқтисодаш яксоҳаи пасошуравии Осиёи Марказӣ»

Барои посух додан ба саволи асосии машғулият дар бораи расидани занон ва касби мақоми бонуи соҳибкор, бояд донишҷӯёнро ба сӯи он роҳнамоӣ кард, ки онҳо роҳҳои ҳосил намудани баробарии онҳо ва мубориза ин бонувонро барои тавсеаи ин ҳуқуқҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд.

**Ҳадафҳои педагогӣ:**

1. Барои пешбурди фаҳмиш ва огоҳии донишҷӯён дар бораи аҳамияти тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат карда шавад.
2. Ба донишҷӯён барои дарёфти далелҳои асосӣ дар муборизаи занон бо қолабҳои маъмулӣ (қаллобон, фиребгарон ва ҷинояткорон) барои ташаккул ва тасдиқи мақоми онҳо ҳамчун занҳои соҳибкори муосир мусоидат карда шавад.

**Тавзеҳот**

*Санҷиши матн нишон дод, ки омӯзгорони пешбар дар оғози дарс барои муайян кардани ғояҳои консептуалии муаллифи матн вақти зиёд сарф кардааст. Ин амал ба он вобаста буд, ки омӯзгор аз хонандагони ба гурӯҳҳо ҷудошуда хоҳиш кардааст, ки дар варақчаҳои овезаӣ ғояҳои асосиро сабт намуда, сипас аз рӯи онҳо рӯнамои худро мураттаб созанд. Ҳамчунин, ҳангоми омода кардани мавод ва ҳам ҳангоми рӯнамоии он донишҷӯён зиёда аз муҳлати муқаррашуда вақт сарф кардаанд. Дар натиҷа соати якуми машғулият, асосан, хусусияти тавсифӣ дошта, бе муҳокимаи ягон масъалаи мушкилофар ва таваҷҷуҳ ба масъалаи асосии машғулият гузашт. Аз ин рӯ, дурусттар мебуд, ки ҳар як гурӯҳи донишҷӯён дар раванди омода намудани ғояҳои консептуалӣ танҳо бо як пленка ё як варақи оддӣ маҳдуд шуда, дар асоси он бо истифода аз проектор ё фазои тахта рӯнамои худро анҷом медоданд. Тавре таҷрибаи омӯзгорон ва ба ақидаи аксари донишҷӯён, на ҳамаи масъалаҳои муайяншуда барои муҳокима бояд матраҳ шаванд ва таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба масъалаҳои асосӣ ҷалб кунанд.*

**Хулоса**

Дар ин эссе фаҳмиши маҳаллу фаслии тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон бар асоси таҷрибаҳои занони соҳибкори Осиёи Марказӣ ва самтгирии касбии онҳо, баррасӣ мегардад: аз коргари оддии корхона ё омӯзгори шуравӣ то зани савдогар ва то бонуи соҳибкор. Ин фаҳмиши тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар муҳити хеле мушаххас, ки дар моношаҳрҳои муосири Осиёи Марказӣ рӯнамоӣ мегардад, таҳия ва тавлид шудааст.



## Намунаи тавсияшаванда барои машғулияти асосӣ

### ҚИСМИ 1

1. **Муқаддима** (5 дақ).
2. **Корбурди гурӯҳӣ бо матни З. Адамбусинова барои муайян кардани мафҳумҳо ва ғояҳои асосӣ** (10 дақ.):
   Гурӯҳи 1 – бахши «Шаҳри иқтисодаш яксоҳа чист?».
   Гурӯҳи 2 – бахши «Савдо дар асоси қарзгирӣ ва ҷанбаҳои гендерӣ».
   Гурӯҳи 3 – бахши «Саргузаштҳои занон: Равшан, Анел, Роза».
   Гурӯҳи 4 – фасли «Савдо дар асоси қарзгирӣ ва масъалаҳои махсуси тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон».
3. **Муҳокимаи матн** (30 дақ.)

   **Саволҳо барои бахши аввали матн:**
   1. моношаҳри Қазоқистон ва Қирғизистон чӣ гуна аст?
   2. Мақом ва мавқеи занони соҳибкори миёнасол дар минтақаҳои моношаҳрҳои Қазоқистон ва Қирғизистон аз нуқтаи назари гендерӣ чӣ тағйирот ба амал омадаст?
   3. Оё дар Тоҷикистон низ ҳамин гуна шаҳр вуҷуд дорад ва он аз моношаҳрҳои дар боло зикршуда чӣ фарқ дорад? (Ба унвони мисол метавон дар бораи шаҳри Чкаловск (ҳоло Бӯстон – дар шимоли Тоҷикистон, ки мақоми шаҳри пӯшидаро дошт), дар он ҷо ба таври васеъ уран истихроҷ карда мешуд, мубоҳиса кардан мумкин аст. Воқеан, аввалин бомбаи атомӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ дар заминаи урани истихроҷшудаи Чкаловск сохта шуда буд, ки онро ба харҳо бор карда, аз он ҷо тавассути қаторахо ба вилоятҳои марказии Русия интиқол дода мешуд.
   4. Ба назари шумо, оё барои шаҳрҳои муосири Осиёи Марказӣ, ки дар он ҷо канданиҳои фоиданок истихроҷ карда мешаванд, намунаҳои шабеҳи онҳо вуҷуд доранд?
   5. Барои чӣ ба мафҳуми тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар Тоҷикистон аҳамият додан лозим аст?
   6. Вазъи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) дар Тоҷикистон чӣ гуна аст?
   7. Барои тавсеа ва пешрафти минбаъдаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар кишвар ё ҷомеаи Шумо кадом сиёсатҳо ва стратегияҳо заруранд?

**Саволҳои иловагӣ:**

1. Чаро занон, асосан, дар фазои пасошуравӣ ба савдои молҳои аз ҷойҳои дигар овардашудаашон машғуланд?
2. Муаллиф дар матн тасвири муъҷизазани маҳаллӣ – бонуи корчаллонеро тасвир мекунад, ки симои давраи аввали пасошуравиро таҷассум кардааст. Оё ин симо дар замони муосир ба дигаргуние дучор омадааст? Агар чунин бошад, пас кадом хислатҳои фарқкунандаи бонуи корчаллони муосирро қайд карда метавонед?
3. Оё аз нигоҳи ахлоқӣ ва барои ҷомеа дар маҷмӯъ қобили қабул аст, вақте ки омӯзгорон кори худро тарк карда, ба соҳибкорӣ мегузаранд, яъне, тавре ки донишманди ғарбӣ Блох таъкид мекунад, ба «одамони дараҷаи аввал» табдил меёбанд?
4. Оё дар оила вазъияти низоъ ба вуҷуд намеояд, ки агар зан нисбат ба шавҳараш зиёдтар маош гирад?
5. Оё занони шарқӣ, чуноне ки онро фарҳанги ғарбӣ тақозо дорад, баробарии гендериро риоя кунанд?
6. Оё Шумо бо андешае розӣ ҳастед, ки тибқи он шавҳар – дастраскунандаи шароит ва зан – нигаҳбони хонавода буда, набояд кор кунад ва тобеи шавҳараш бошад?
7. Оё фаъолияти иқтисодии бомуваффақияти бонуи соҳибкор боиси паст шудани мақоми гендерии мард дар оила, номутавозунии равонӣ ва дар ниҳояти кор, пошхӯрии оила мегардад?
8. Бонуи соҳибкор дар замони ҳозира худаш ва вазъи иҷтимоию иқтисодии худро чӣ гуна нишон медиҳад? (Оё аз хислатҳои хоси онҳо мисол оварда, симои қолабии бонуи соҳибкорро тавсиф карда метавонед?)

## ҚИСМИ II

**Муҳокимаи ғояҳои асосии матни З. Адамбусинова** (давомаш, 40 дақ.)

**Саволҳо барои бахши дуюми матн:**

1. Савдо дар асоси қарзгирӣ кадом масъалаҳои гендериро ба миён меорад?
2. Оё фаъолияти иқтисодии бомуваффақияти зани соҳибкор боиси пошхӯрии оила намегардад?
3. Сарфи назар аз оқибатҳои нохуш дар Шарқ оилаҳои зиёд аз рӯйи «никоҳи хешутаборӣ» созмон меёбанд. Сабабҳои ин рафтор, ки, асосан, аз ҷониби волидайни домод ё арӯс бармеоянд, дар чист?
4. Оё шумо ба ақидаи густардае розӣ ҳастед, ки ин рафтор ба ҳифз ва афзоиши сармояи оилавӣ иртибот дорад?
5. Портрети ягон бонуи соҳибкори муосирро дар асоси таҷрибаи шахсии худатон ё таҷрибаи қолабҳои занони муосири тиҷорат, ки дар як соҳаи муайяни касбу кори соҳибкориашон муваффақ гаштаанд, тасвир кунед?

Барои дарки интиқодии ин матн тавсия дода мешавад, ки таҳлили муқоисавӣ бо матни Натан Лайт «Глобализатсия маркетинги шабакавӣ: занон дар Қирғизистон ба мутахассисони маркетинги шабакавӣ мешаванд» анҷом дода шавад, ки ин имкон медиҳад ба мушкилоти мавриди муҳокима боз ҳам васеътар назар афканем.

**Саволҳои зерин ба ҳайси мисол пешниҳод карда мешаванд:**

1. Оё шумо бо ситоиши маркетинги шабакавӣ розӣ ҳастед? Камбудии он дар чист?
2. Оё ба вакили тиҷорат бовар кардан мумкин аст? (Масалан, таблиғи витаминҳо барои саломатии инсон).
3. Оё шумо бо чунин ақидаи муаллиф розӣ ҳастед, ки маркетинги шабакавӣ аз «биомедисина» ё тибби расмӣ афзалтар аст?
4. Оё нақшаи маркетинги шабакавӣ ба аҳроме шабоҳат дошта метавонад, ки барои муштариёнаш оқибатҳои минбаъдаи ногувор дорад?

**Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи асосии машғулият** (5 дақ).

Ҳангоми муҳокима тавсия дода мешавад, ки ягон бозии ахлоқӣ саҳнагузорӣ шавад ва муҳокима гардад ё ба ҳайси нишондиҳандаи бадеӣ тамошои ягон филмташкил карда шавад.

**Ҷамъбасти натиҷаҳо** (5 дақиқа).

▼

## БАСТИ 1. МАШҒУЛИЯТИ 2

### Елена Колесова
### «Дар ҷустуҷӯи хештан: занони соҳибкор дар саноати созандаи Қирғизистон»

Занони соҳибкоре, ки дар Қирғизистон бо коркарди намаду пашм кор мекунанд, дар ин мақола аз шодию бурдборӣ ва шикастҳои хеш ибрози назар мекунанд, ки дар паси он матонат ва саъю талоши таваққуфнашавандаи онҳо барои бунёди на танҳо тиҷорат, балки фазои эҷодӣ фароҳам омада, даромади шахсии онҳоро таъмин менамояд ваимкон медиҳад на танҳо худро ҳифзшуда эҳсос намоянд, балки барои эҷод низ озод бошанд.

**Асоси консептуалии матни Е. Колесоваро чунин ғояҳо ифода мекунанд:**

- Фазои занон дар ҷомеаи падаршоҳӣ.
- Фазои созандагии занон.
- Ширдак – соҳибкории ҳунармандии занон.
- Сармояи инсонӣ.
- Сармояи иҷтимоӣ.
- Ширдак – рамзи хонавода ва тиҷорат.
- Падидаи «модар-духтар».
- Қолабҳои маъмулии гендерӣ.

**Харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили матн**

Мавқеи занон на танҳо аз он вобаста аст, ки онҳо дар кадом ҷомеа зиндагӣ мекунанд, балки аз ҳуқуқу имкониятҳое, ки ба онҳо барои худшиносӣ ва ба даст овардани мақоми сазовор дар ҷомеа дода шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили муқоисавии матн аҳамияти калон дорад, ки дар он мавқеи занро дар ҷомеаи падаршоҳӣ ва муосир, ки дар

он зан фазои созандаи худро ба вуҷуд меорад, тавсиф мекунад. Маҳз ҳангоми таҳлили ин фазои созанда омӯзгор бояд таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

| **Фазои занон дар ҷомеаи падаршоҳӣ** | **Фазои созандагӣ барои занон** |
|---|---|
| Дар ҷомеаи падаршоҳӣ, ки Қирғизистон ҳам ба он тааллуқ дорад, одатан мардон бо ҳам рақобат карда, гурӯҳҳои мардонаи худро таъсис медиҳанд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ бартарӣ касб менамоянд. Бо вуҷуди ин, занон, ҳамчунин, барои худ фазои шахсии худро эҷод мекунанд, бо дигар занон муттаҳид шуда, ки онҳо на танҳо аз ҷиҳати маънавӣ онҳоро дастгирӣ менамоянд, балки ҳамзамон заминаи иқтисодиро барои худ ва оилаҳояшон фароҳам меоранд ва дар рушди иқтисоди кишвар саҳм мегузоранд. | Ин фазои хурде, ки дар он гардиш хӯрдан душвор буд, барои ман равзанаи олами ҳунару санъати қирғиз гардид. Ҷаҳоне, ки дар он на танҳо маҳсулоти зеботарин аз намад, пашм, абрешим, чарм ва дигар маводи табиӣ сохта мешаванд, балки аксаран ба як навъ паноҳгоҳи амн барои занон табдил ёфта, дар он ҷо озодона эҷодкорӣ мекунанд, барои рӯзгорашон маблағи рӯзгузаронӣ ба даст меоранд, ба ҳамдигар ёрӣ ва таълим дода, дар ҳолати зарурӣ паноҳгоҳ аз зӯроварии хонаводагӣ мешаванд ва он ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёт дар Қирғизистон боқӣ мемонад. |

Дар ин порча таҳлили хусусиятҳои гендерии зану мард, инчунин тамоюли ба даст овардани сифатҳои мардона аз ҷониби занон дар соҳаи иҷтимоӣ, бахусус, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст.

**Нақшҳои гендерӣ дар ҷомеаи падаршоҳӣ**

«Ҳангоме ки шумо дар бораи соҳибкорӣ фикр мекунед, симои мард дар пеши назаратон ҳувайдо мешавад» (McAdam 2013, 22). Соҳибкор бо чунин сифатҳои анъанавии мардона, аз қабили қаҳрамон, фардгаро ва инсоне, ки худашро бунёд сохта бошад, робита дорад (Hanson, 2003). Соҳибкор фотеҳи нахустинест, ки аз таҳқиқи ҳудудҳои нав наметарсад. Ин хислатҳои соҳибкор бо симои анъанавии занон, ки дар ақидаҳои мо дар бораи нақшҳои гендерӣ бартарӣ доранд, комилан мухолифанд. Хусусиятҳои анъанавии мардона аз худдорӣ, таваккал, роҳбарӣ, зӯроварӣ ва шахспарастӣ иборатанд (Bem, S.L., 1981). Дар ҳоле ки хислатҳои занона маъмулан аз ҳассосият, дилбастгӣ, мулоимӣ, фаҳмиш, гармии қалб ва ҳамдардӣ иборат мебошанд (ҳамон ҷо). Ин сифатҳо бо симои зан ҳамчун нигаҳбони хонавода ва мардон ҳамчун таъминкунанда ва ба даст оварандаи ғизо иртибот доранд. Чунин тақсимот аз рӯйи нақшҳои гендерӣ мақоми занро дар хона ҳамчун нигаҳбони хонавода, мардонро ҳамчун қувваи асосии меҳнатӣ, ки дар соҳибкорӣ ва тамоми соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла дар хизмати давлатӣ, ҳаёти сиёсиву фарҳангӣ ва умуман, соҳаи кори берун аз хона ишғол мекунанд, муайян месозад. Гузашта аз ин, дар мубоҳиса дар бораи соҳибкорӣ аз занон даъват карда мешавад, ки дар рафтори худ мардонро нусхабардорӣ кунанд, барои рушди ба истилоҳ сифатҳои мардона талош варзанд, то дар арсаи иҷтимоӣ, ки таърихан мардон бартарӣ доранд, муваффақ гарданд.

Колесова: «Саволи марказии ин таҳқиқот: чӣ тавр занони ҳунарманд тавонистаанд, ки тиҷорати худро таъсис дода, соҳибкор шаванд ва новобаста аз шароити ноустувори иҷтимоӣ ва қолабҳои маъмулӣ дар ҷомеа муваффақ шаванд?»

**Усули мубоҳиса ва таърихи шифоҳии (ҳаёт) дар фаҳмиши соҳибкории занон**



Дар асоси ин таҳқиқот усули мубоҳиса ва таърихи шифоҳии (ҳаёт) қарор дорад. Дар даҳсолаҳои охир муҳаққиқон дар соҳаи омӯзиши соҳибкории занон дар пажӯҳишҳои худ аз ин усул истифода бурдаанд, зеро он ба занони соҳибкор имкон медиҳад, ки саргузаштҳои худро нақл кунанд ва дар ин раванд таҷрибаи шахсии худ ва ҷаҳони соҳибкориро, ки онҳо офаридаанд, дарк кунанд (Mallon and Cohen, 2001). Чунин усули пажӯҳиши (таърихи ҳаёт) бо омӯзиши гендер робитаи зич дорад, зеро он ба заноне, ки саргузаштҳояшон одатан дар ҳоли хомӯшӣ ва ногуфта қарор мегирад, имкон медиҳад, ки таҷрибаҳои худро мубодила намуда, ин таҷриба ва ҳаёташонро бо заминаи иҷтимоие, ки дар он умр ба сар мебаранд, пайваст кунанд. Арзиши ин равиши пажӯҳишӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути қиссаҳои занони соҳибкор ҷомеае, ки эшон дар он зиндагӣ мекунанд ва муносибатҳои гендериро бо иерархия/тобеият дар ин ҷомеа беҳтар дарк намоем ва худи занон, ки дар пажӯҳиш ширкат меварзанд, метавонанд таҷрибаи шахсии худро дарк кунанд, ки ба фаъолияти онҳо қувват ва эътимод мебахшад.

**Ширдак – соҳибкории ҳунари занон ҳамчун роҳи ҳаётгузаронӣ**

Қиссаи заноне, ки ширдак (қолини намадин)-ро истеҳсол мекунанд, ба зоти хеш беназир аст ва дар баробари ин, ҳамаи саргузаштҳо ба мисли сарнавишти заноне, ки онҳоро нақл кардаанд, бо як риштаи васлкунанда иртибот дорад. Насли заноне, ки ба истилоҳи муосир, аз истеҳсоли ширдак тиҷорат ҳосил мекарданд, замони пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, замоне, ки иқтисоди Қирғизистон дар пеши назари онҳо фурӯ мерехт, аз сар мегузарониданд ва он боиси бӯҳрони амиқи иқтисодии онҳо гардида буд.

Тасаввурот дар бораи нақши гендерии мардон-таъминкунанд, соҳиби хонавода ва қаҳрамон дар баробари ба охир расидани сохти пештараи иқтисодии иқтисодиёти сотсиалистӣ, ки барои мардон мавқеъ дар ҷомеа ва маоши кафолатнокашонро таъмин мекард, анҷом мегирифт. Дар ин шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва эҳсосӣ соҳибкории занон ҳамчун роҳи наҷот ба миён омадааст.

Ширдак барои қирғизҳо дар баробари вазифаи иқтисодӣ, яъне ҳамчун ашёи тиҷорат ва мутаносибан, ҳамчун роҳи ҳаётгузаронӣ як қатор вазифаҳои дигар: эстетикӣ, рамзӣ, сеҳргарӣ, тамғагузорӣ, муқаддасро низ иҷро мекард.

| Вазифаи иқтисодӣ | Вазифаи рамзӣ |
|---|---|
| Ширдак, ки рамзи оташдону хона буд, ба ашёи савдо табдил ёфта, роҳи соҳибкориро барои бисёре аз косибон кушод. Ба арсаи байналмилалӣ ва бозор ворид шудани онҳо бо кумаки «Ҳелветас» ва созмонҳои дигари хориҷӣ берун аз кишвар ва дар зодгоҳашон Қирғизистон эътироф гардида, истиқлоли молӣ ба даст овардааст. Ин ба ҳунармандон кумак кард, ки ҳувияти касбии худро ташаккул диҳанд. | Ширдак вазифаҳои маишӣ, эстетикӣ, сеҳргарӣ ва тамғагузори (ки мансубияти минтақавӣ ва табақавиро нишон медод)-ро дошт. Он рамзи некӯаҳволии хонаводагӣ буд ва бо нигоҳубини дуруст метавонист барои якчанд насл хизмат кунад. |

| Вазифаи сеҳргарӣ | Вазифаи тамғагузорӣ |
|---|---|
| Маънои муқаддаси ширдак.<br><br>Ширдак вазифаҳои маишӣ, эстетикӣ, сеҳргарӣ ва тамғагузори (ки мансубияти минтақавӣ ва табақавиро нишон медод)-ро дошт. Он рамзи некӯаҳволии хонаводагӣ буд ва бо нигоҳубини дуруст метавонист барои якчанд насл хизмат кунад. | Рамзгароии ширдаки Замира ба оилахонааш иртибот надорад, балки аз он шаҳодат медиҳад, ки чи гуна занон тавассути ҳунарҳои суннатии худ ба арсаи иҷтимоӣ ба худашон роҳ мекушоянд ва берун аз оила-хонаашон эътибор пайдо мекунанд ва ба ин васила ба қолабҳои решадавондаи гендерӣ чолиш нишон медиҳанд. Чочунбаева дар соли 2012 бо косибон дар Барномаи ворид кардани ҳунарҳои суннатии қирғизии истеҳсоли ширдак ва ала-кийиз ба Рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО, ки ба ҳимояи таъҷилӣ ниёз доранд, ҳамкорӣ кард. Соли дигар ба ин руйхат юрта низ дохил гардид. |

**Рамзгароии ширдаки Замира ва эътирофи он дар ҷомеа**

Чочунбаева: «Он дарвоқеъ ба косибон кумак расонд, ки дар навбати аввал аҳамияти худро ҳамчун ҳомии фарҳанг, баъдан, аз нигоҳи маркетинг эҳсос кунанд: вақте мегӯед, ки ин мол дар феҳристи ЮНЕСКО ворид ҳаст, барои фурӯш мусоидат мекунад; сеюм, он воқеан мусоидат кард, ки сиёсатмадорони мо дар бораи ҳунармандӣ тасаввурот дошта бошанд. Ин тоифаи одамон аз фарҳанг дуранд, онҳо машғули мансабхоҳии худ мебошанд, на ин ки фарҳанг. Эътирофи фарҳанги мо дар ЮНЕСКО барои баланд бардоштани аҳамияти он ва дастгирӣ ёфтан аз ҷониби сиёсатмадорон кумак расонд, зеро сухан дар бораи худшиносии миллии мардум меравад».

**Консепсияи сармояи соҳибкорӣ**

Барои фаҳмидан ва дарки соҳибкории занон таҳлили тафриқавии мафҳуми «сармояи соҳибкорӣ» аҳамияти бузург дорад. Онро метавон ба се навъ тақсим кард: сармояи инсонӣ, сармояи иҷтимоӣ ва сармояи рамзӣ.

**Сармояи инсонӣ** дониш ва малакаҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути таҳсилоти расмӣ, инчунин, малакаҳо, қобилиятҳо ва донишҳо ба даст оварда шудаанд. Косибоне, ки пешрави соҳибкорӣ ҳастанд, маҳораташонро аз модару модаркалонашон гирифтаанд.

**Сармояи иҷтимоӣ** – як шабака (network), робитаҳои ғайрирасмӣ ва расмӣ мебошад, ки шароит ва фазои мусоидро барои тиҷорат фароҳам меорад: аз як тараф, соҳибкорон одатан бо мустақилият ва шахсияти худ фарқ мекунанд ва ҳамзамон ба робитаҳои дохилӣ бо дигар соҳибкорон дар асоси эътимод, ҳамкорӣ ва дастгирӣ вобастаанд. Косибоне, ки бо ширдак кор мекунанд, мисоли равшани он мебошанд. Истеҳсоли ширдак танҳо дар хона ба роҳ монда шуда, ҳамзамон занон аз аввал дар кооперативҳо муттаҳид гардида, ҳариди намаду пашмро ба роҳ монда, мубодилаи таҷриба намуда, бозор пайдо ва фурӯшро ташкил мекунанд ва баъзан ба таври муқаррарӣ якдигарро пуштибонӣ менамуданд.

**Сармояи рамзӣ** бо обрӯ, эътимод ва қонуният иртибот дорад, аммо бо ин маҳдуд намешавад. Дар ибтидо, ҳангоме ки соҳибкор ва тиҷорати ӯ ба касе номаълум аст, ба даст овардани сармояи рамзӣ ҳамеша мушкилтар аст ва пас, обрӯ эҷод намудан, ҳуқуқи қонунӣ ба даст овардан ва барои нуфузи бренди хеш фаъолият наумудан лозим аст. Аз ин рӯ, ширкат дар намоишгоҳҳо, фестивалҳо, сафарҳо ба хориҷа барои ширкат дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ унсурҳои муҳими фаъолияти ҳунармандон буданд ва боқӣ мемонанд. Онҳо набояд таваққуф кунанд, бояд пайваста дар рушди ин чаҳор намуди сармоя фаъолият баранд, ки дар ниҳоят соҳибкории муваффақро ташаккул медиҳад.

Ҳангоми таҳлили муқоисавии матни Колесова ва кейс-стадии Натан нишон додани фазои табиии омӯзиш ва тайёр кардани ширдак, ки ба таври анъанавӣ аз модарону модаркалонҳо мерос монда, хусусияти эҷодкорӣ дорад ва болоравии касбӣ дар маркетинги шабакавӣ бошад, тавассути машғулиятҳои омӯзишӣ, ки ангезаи асосии он фурӯши маҳсулот аст, муҳим аст.

| Колесова | Нейтан |
|---|---|
| **Сармояи инсонӣ** донишу малакаҳое, ки дар натиҷаи таълими расмӣ ҳосил мешаванд, инчунин малака, қобилият ва донишҳоеро, ки дар натиҷаи меҳнат ба даст оварда шудаанд, дар бар мегирад. Занони косибе, ки пешравии соҳибкориро ба роҳ мондаанд, аз модарону модаркалонҳояшон ҳунари худро омӯхтаанд.<br><br>... Косибоне, ки ба истеҳсоли ширдак машғуланд, мисоли равшани он мебошанд. Истеҳсоли ширдак танҳо дар хона сурат мегирад ва дар баробари ин, занон аз ибтидо дар кооперативҳо муттаҳид шуда, хариди намаду пашмро ба роҳ монда, таҷрибаашонро мубодила мекунанд, бозор пайдо намуда, фурӯши онро ташкил менамоянд ва баъзан танҳо ба ҳамдигар кумак мерасонанд. | **Ангезаҳои ҳавасмандгардонӣ барои рушди касбӣ**<br><br>Mary Kay ҳам ба сарварии илҳомбахши муассиси ширкат таваҷҷуҳ намуда, дар аксари ҳолатҳо иқтибосҳои ӯро зикр мекунанд. Уилсон (1999, 2004) ва Ламоро (2013) тавсиф мекунанд, ки чи гуна машғулиятҳои таълимӣ бо ташаккули касбият, сафарбарии болораванда ва дарки мусбати хештан ба онҳо илҳом мебахшанд. Ҳирфаӣ будан бо маълумот ва таҷриба алоқаманд аст: машғулиятҳои таълимӣ «маърифат, фароғат ва илҳом»-ро таъмин медиҳанд.<br><br>Машваратчиёни зебоӣ дар ширкатҳои Mary Kay, Avon ва Oriflame, на танҳо ҳамчун паҳнкунандагони маҳсулот таълим гирифтаанд, онҳо, инчунин дониш ва усулҳои эҷоди зебоиро меомӯзанд ва фаъолияти фурӯши онҳо метавонад «дарсҳои ороиш»-ро низ дар бар гирад.<br>... Тадбири фурӯши дар боло тавсифшуда як қисми марказии қолаби тиҷорати шабакавӣ мебошад. Аммо боз ҳавасмандгардонӣ ва бонусҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки одамонро ба кори душвори фурӯши маҳсулот водор месозанд. Ҷойҳои асосии он вохӯриҳои бузурги идона мебошанд, ки дар он намояндагони тиҷорат барои муваффақиятҳои худ ба эътирофи омма соҳиб мешаванд. |

**Тафовутҳои гендерӣ дар соҳибкорӣ**

Мартин: «Занони соҳибкор одатан мекӯшанд, ки дастгирии маънавӣ расонда, фазои бароҳатеро фароҳам оранд, ки дар он занон аз ҷаҳони беруна ва муборизаи доимӣ барои бозор худро муҳофизат кунанд».

Тафовут байни соҳибкорони мард ва зан дар он аст, ки барои занон дастгирии маънавӣ муҳимтар аст, дар ҳоле ки барои мардон ноил шудан ба бартарии молии инфиродӣ муҳимтар аст.

Дар таҳлили муқоисавии матни Колесова ва Натан Лайт маънои гуногуни маҳсулоти истеҳсолшуда – ширдак ва маҳсулоти маркетинги шабакавиро нишон додан лозим аст. Агар ширдак рамзи хонавода, ҳувияти шахсӣ ва моли савдо бошад, пас маҳсулоти маркетинги шабакавӣ танҳо ҳамчун маҳсулоти савдо хизмат мекард.



«Намояндаи савдо аз маводе манфиат мебардорад, ки симои маҳсулоти муосир, ҷолиб ва илмиро муаррифӣ мекунад ва ширкати маркетинги шабакавӣ бошад, аз дастрасии намояндаи савдо ба равобити иҷтимоии маҳаллӣ баҳра мебаранд. Вакили фурӯш, ҳамчунин, маҳорати тавсифи маҳсулоти воридотӣ ва озмоишшудаи илмӣ, дар якҷоягӣ бо ҳикояҳои худ ва дигарон дар бораи таъсири мусбати онҳо, ба ин вохӯрӣ меорад.

**Машғулияти омодагӣ**

Елена Колесова «Дар ҷустуҷӯи худ: занони антрепренёр дар саноати эҷодкорӣ дар Қирғизистон»

**Ҳадафҳои педагогӣ**

1. **Масъалаи марказии ин таҳқиқот:** аз ҷониби донишҷӯён фаҳмиш ва дарк кардани он, ки чи гуна занони косиб тавонистанд тиҷорати шахсии худро таъсис диҳанд, соҳибкор шаванд ва ба муваффақият дар арсаи иқтисодӣ, сарфи назар аз шароити номусоиди иҷтимоӣ ва ноустувор, ноил гарданд.
2. Мусоидат ба фаҳмиш ва огоҳии донишҷӯён дар бораи аҳамияти роҳ ва воситаҳои фароҳам овардани шароит барои фазои созанда ҳамчун паноҳгоҳи амн барои занон.

**Таҷрибаи таълимдиҳӣ**

1. Машғулияти аз рӯи матн гузаронидашуда нишон дод, ки омӯзгори пешбар дар оғози дарс барои муайян кардани андешаҳои консептуалии муаллифи матн вақти зиёд сарф кардааст.
2. Чи тавре ки таҷрибаи омӯзгорӣ нишон медиҳад, на ҳамаи масъалаҳои муайянгардида бояд мавриди муҳокима қарор гиранд, балки таваҷҷуҳи талабагон танҳо ба масъалаҳои асосӣ бояд ҷалб карда шавад.
3. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои басти 1 ва басти 2 омӯзгор бояд аз усулҳои герменевтика ва деконструксияи Деррида истифода барад, зеро матнҳои пешниҳодшуда тафсирро аз нуқтаи назари гуногун тақозо мекунанд ва инчунин контекстҳоеро дар бар мегиранд, ки дар матнҳо ба таври ғайрикушод мавҷуданд ё умуман вуҷуд надоранд. Илова бар ин, усули синергетикиро низ истифода бурдан мумкин аст, ки агар ин ё он ғояи мушаххаси консептуалие, ки аз рӯи мундариҷааш умумӣ аст, аз нуқтаи назари матнҳо ва кейс-стадиҳои гуногун баррасӣ карда шавад.

# Намунаи пешниҳодшудаи машғулияти асосӣ

## ҚИСМИ 1

1. Муқаддима (5 дақиқа).
2. Кори гурӯҳӣ бо матни Колесова барои муайян кардани мафҳумҳо ва ғояҳои асосӣ (10 дақиқа).
3. Муҳокимаи ғояҳои асосии матн (30 дақ).

Барои муҳокимаи мақолаи Елена Колесова «Дар ҷустуҷӯи худ: занон-соҳибкорон дар саноати эҷодкории Қирғизистон» рӯйхати саволҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Моношаҳрҳои Қазоқистон ва Қирғизистон чӣ гуна аст?
2. Дар мақом ва мавқеи занони соҳибкори миёнасол дар шароити минтақаҳои моношаҳрҳои Қазоқистон ва Қирғизистон аз нигоҳи гендерӣ чӣ тағйирот ба амал омадаст?
3. Фазои зан дар ҷомеаи падаршоҳӣ чӣ гуна аст?
4. Хусусияти нақшҳои гендерӣ дар ҷомеаи падаршоҳӣ чӣ гуна аст?
5. Саволи марказии ин таҳқиқот чист?
6. Оё дар омӯзиши ин масъала истифодаи муаллиф аз усули мубоҳиса ва таърихи шифоҳӣ (ҳаёт) дуруст аст?
7. Ширдак дар ҳаёти занони соҳибкор чӣ гуна нақш бозидааст?
8. Ширдак барои қирғизҳо кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
9. Рамзи ширдак барои Замира чӣ маъно дорад?
10. Ҷӯробҳои пашмини помирӣ дар Тоҷикистон хеле маъмуланд. Байни бофтани ҷӯробҳои пашмини помирӣ ва ширдаки қирғизӣ чӣ гуна монандӣ вуҷуд дорад? Нақш занон дар истеҳсолот чӣ гуна аст?
11. Оё ҷӯробҳои помирӣ барои занони сӯзанибофи помирӣ, мисли ширдак барои қирғизҳо маънои рамзӣ дошта метавонанд?
12. Фазои эҷодӣ барои занон чӣ маъно дорад?
13. Зани қирғиз соҳибкорӣ ва хонадориро дар деҳот чӣ гуна ба ҳам мепайвандад?

## ҚИСМИ II

**Муҳокимаи ғояҳои асосии матни Е. Колесова (давомаш, 40 дақиқа)**

**Саволҳо барои бахши дуюми матн:**

1. Консепсияи «сармояи соҳибкорӣ» чиро дар бар мегирад?
2. Мафҳуми сармояи инсонӣ, инчунин, сармояи иҷтимоӣ ва рамзро шарҳ диҳед.
3. Фарқиятҳои гендерӣ дар соҳибкорӣ чӣ гуна зоҳир мешаванд?
4. Оё шумо ба ин андешаи муаллифи матн розӣ ҳастед, ки «занҳо дар рафтори худ аз мардон нусхабардорӣ намуда, кӯшиш мекунанд, ки сифатҳои ба истилоҳ мардонаро рушд диҳанд, то дар арсаи иҷтимоӣ, ки таърихан мардон бартарӣ доштанд, комёб бошанд?».
5. Дар бораи трансгендерҳо дар варзиш, ки ба комёбиҳои барҷаста ноил мегарданд, чӣ андеша доред? Оё ба онҳо иҷозат дода шавад, ки дар мусобиқаҳои минтақавии Осиёи Марказӣ ширкат варзанд?

6. Соҳибкорӣ дар соҳаи ҳунармандӣ ба занони қирғиз чӣ имкониятҳоро фароҳам овард?
7. Падидаи «модар-духтар» дар масъалаи ворисият чӣ аҳамият дорад?

**Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи асосии машғулият** (5 дақ.)

Гузаронидани бозии ахлоқӣ ва ё пешниҳоди кейс-стади дар бораи ин мавзуъ.



**Ҷамъбасти натиҷаҳо** (10 дақиқа).

# Басти 2

▼

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**Бахши 2. Муборизаи занон барои баробарии иқтисодӣ дар оила ва ҷомеа: ҷанбаи иҷтимоӣ ва равонӣ** 2 матнро дар бар мегирад (ҷамъ 4 соат ё 2 машғулият).

### Нуриддинова Шоирахон
### «Бозори мардикор дар Истанбул ҳамчун чеҳраи ноаёни муҳоҷирони ӯзбек»

Солҳои охир теъдоди муҳоҷирони ӯзбек хеле афзоиш ёфтааст. Таҳқиқот дар бораи муҳоҷирони ӯзбек дар Туркия торафт бештар мешавад, аммо таҳқиқоте, ки ба бозори меҳнати ғайрирасмии занони ӯзбек бахшида шудааст, хеле кам аст. Ин кори таҳқиқотӣ саргузашти занони муҳоҷирро дар бозори мардикори Гюнгёрени Истанбул баррасӣ мекунад. Мардикор вожаи порсӣ аст, ки аз mardi ба маънои «мард» ва kor ба маънои «шуғл, кор» гирифта шудааст: мардикор касест, ки ба кори мардона машғул аст.

Маъмулан бозори мардикор – бозори меҳнат аст, аммо дар Туркия бошад, иштирокдорони бозори мардикор занони Ӯзбекистон мебошанд. Аз ҷумла, мусоҳиба бо 20 зани муҳоҷири мардикор дар бораи меҳнати якрӯзаи ғайрирасмии ин занон маълумот медиҳад.

**Мавзуъҳои асосии матни Нурдинова Ш.:**

- чеҳраи занонаи бозорҳои мардикор ва қолабҳои маъмулии падаршоҳӣ;
- занон, ҳамчун, муҳоҷирони меҳнатӣ;
- қудрати занон;
- хусусиятҳои гендерии занони муҳоҷир аз Ӯзбекистон;
- коргари рӯзона, ё гунлукчу;
- осебпазирии иҷтимоии мардикорон;
- методологияи дарёфт ва ба кор қабул кардани мардикорон;
- мардикор ё кори шартномавӣ;
- меҳнати ғуломӣ ва оқибатҳои равонии он;
- ҷанбаҳои эҳсосии кори якрӯзаи занони мардикор;
- шармгинӣ ва мақоми гендерӣ;
- бозори мардикор, ҳамчун шуғли ғайрирасмӣ;
- кори якрӯза, ҳамчун «ғуломии пинҳонӣ»;
- савдо бар пояи қарзгирӣ ва мубодилаи мол, ҳамчун стратегияи зинда мондани сокинони моношаҳрҳо;
- муносибати тарафайни байни тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ) ва қарзҳои хурд.

**Харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили матн:**

Дар бозори меҳнат пайдо шудани занони мардикор ҳар хел пазируфта мешавад: аз киноя ва тааҷҷуб то маҳкумияти шадид. Падидаи занони мардикор барои зеҳнияти шарқӣ хос нест. Ба андешаи мо, агар ҷалби занон ба чунин арсаи фаъолият ифодагари мубоefизаи занон барои истиқлолияти иқтисодӣ ва ҳимояи баробарии гендерии онҳо бошад,

аз ҷониби дигар, он шаъну шарафи занони шарқро дар шуури ҷомеа паст зада, боиси пайдоиши иттиҳодияҳои мухталифе мегардад, ки ба суннатҳои мусалмонӣ дар мавриди мавқеи зан дар ҷомеа мухолифанд.

**Чеҳраи зани мардикори бозор ва қолабҳои маъмулии падаршоҳӣ.**

Сарфи назар аз он ки бозори мардикор дар Осиёи Марказӣ, аллакай муддати тӯлонӣ роиҷанд, занон танҳо дар солҳои 2000-ум вориди бозори кори якрӯза гардиданд. Дар ахбор маълумот медоданд, ки ҳамарӯза дар Гюнгёрени Истанбул даҳҳо зани ӯзбек аз субҳи барвақт соатҳо интизорӣ мекашанд, ки кай бо даллолҳо барои иҷрои кори якрӯза аҳд банданд. Даллолҳо ашхоси мувофиқро интихоб карда, бо мошин ба ҷои кор мебаранд. Ин як ҳодисаи маъмулӣ дар манотиқи мухталифи Истанбул аст, аммо занони интизор дар канори роҳ барои ҷомеъаи Туркия ғайриоддӣ аст.

**Занҳо ҳамчун муҳоҷирони корӣ**

Дар шароити Ӯзбекистон сохтори падаршоҳии «муҳоҷир-мард-хӯранда» маъмултарин аст. Аммо шумораи нисбатан ками занон шавҳарҳои худро ҳамчун муҳоҷир ҳамроҳӣ мекунанд. Заноне, ки аз шавҳар ҷудо ва ё бева мондаанд, вазифаи саробонии оиларо бар дӯш гирифта, ба ҳайси муҳоҷири корӣ ба хориҷа, асосан, ба Туркия мераванд.

Бо вуҷуди ин, коргарони кироаи кори якрӯза дар аксари ҳолатҳо мавриди омӯзиш қарор намегиранд, зеро занони муҳоҷир бештар ба кори ғайрирасмӣ ҷалб карда, фаъолияти онҳо дар маълумоти расмӣ ворид карда намешавад.

**Хусусиятҳои гендерии занони муҳоҷир аз Ӯзбекистон** Нурдинова Ш: Занони ӯзбек, асосан, дар бахшҳои нигоҳубин, хонадорӣ ва дар оилаҳои туркҳои миёнаҳол ба ҳайси дояҳо кор мекунанд.

Таҳқиқоти қаблии ман нишон дод, ки занони ӯзбек, асосан, муҳоҷирони даврии фаъолият буда, аз 6 моҳ то як сол кор мекунанд ва ба Ӯзбекистон рафта, пас аз он дубора ба Туркия бармегарданд. Аксари занони ӯзбек фаъолият дар корҳои кӯтоҳмуддатро афзал медонанд, ки он барояшон як навъ чандирии бештар медиҳад.

**Коргари кори якрӯза, ё гунлукчу**

Бозорҳои мардикор ҳамчун бозори меҳнати якрӯза. Бозорҳои мардикор аз рӯйи аломати ҷинсӣ тақсим шудаанд. Бар хилофи коргарони якрӯзаи суриягӣ ё сомалиявӣ, ки дар Туркия аз мардон иборатанд, коргарони якрӯзаи ӯзбек занон ҳастанд. Шунидани он ки дар кӯчаю бозорҳо мардикорзанон аз ҷониби даллолҳо ба кори рӯзона ҷалб мешаванд, аҷиб аст. Оё ин савдои ғуломии асримиёнагиро дар бозорҳо ба хотир намеорад? Дар Тоҷикистон бозорҳои мардикорро сардорон/бригадирҳо идора мекунанд. Аммо дар Туркия, бахусус дар бозорҳои мардикории ӯзбекӣ миёнаравҳо ва пудратчиёнро

ташерон мебошанд. Маҳз онҳо коргарони мардикорро ҷамъ мекунанд ва барои дарёфти кори мувофиқи онҳо масъулият бар дӯш доранд.

**Беҳимояти иҷтимоии мардикорон**

Ба ҳар як ташерон 70-100 мардикор рост меояд, ки онҳо ба таври ғайрирасмӣ, бе шартномаи меҳнатӣ ва бе ҳифзи иҷтимоӣ кор мекунанд. Аксари мардикорон иҷозаи кор ва ҷои истиқомат надоранд. Бо таъсири афзояндаи технология дар ҳамаи соҳаҳо бозорҳои мардикор низ ба тариқи онлайн мегузаранд. Тошерон дар шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳое ба мисли Whatsapp таъсис дода, шумораи бештари мардикоронро барои кори якрӯза ҷалб мекунад. Ба ин гурӯҳ занони Ӯзбекистон низ шомил шуда метавонанд. Пас аз мувофиқат кардани кор бо ташерон ва пардохти маблағи он занон метавонанд ба Туркия раванд. Мардикорон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки таваккали камтар намоянд ва бо ташероне муносибат дошта бошанд, ки аллакай машҳур буда, аз ӯ вобастагӣ пайдо мекунанд.

**Методологияи дарёфт ва ба кор қабул кардани мардикорон**

Дар бозорҳои мардикор мушоҳида кардам, ки чи тавр занон кор ҷустуҷӯ намуда, бо ташерон гуфтушунид мекунанд. Синну соли пурсидашудагон аз 18 то 44-сола буд, зеро ашхоси калонсолтар дар бозори мардикор кор пайдо карда наметавонад. Сатҳи маълумоти пурсидашудагон миёна ё миёнаи махсус буда, аксари онҳо дар Ӯзбекистон таҷрибаи кории аз коргар то фаррош доштаанд.

Занони муҳоҷири ӯзбек дар шоҳроҳҳои асосии Гюнгёрен ҷамъ омада, мунтазири он мешаванд, ки кай ташерон онҳоро барои кори муваққатӣ, ки метавонад якчанд соат, як рӯзи пурра ё баъзан чанд рӯз идома ёбад, киро кунанд. Музди якрӯзаи онҳо аз 250 то 350 лираи туркӣ (22,7-31,8 евро) аст.

**Мардикор ё кори шартномавӣ?**

Азбаски корфармоён масъулияти иҷозаи кор дар Туркияро ба хориҷиён доранд, аксари онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки шартномаҳои дарозмуддат ба имзо расонанд, то дар тамдиди иҷозаи кор ва киро кардани ягон коргари мушаххас барои нигоҳубин, иҷрои корҳои хона ва ғайра вақти худро беҳуда аз даст надиҳанд. Дар ҳоле ки оилаҳои туркӣ шартномаҳои дарозмуддатро дар соҳаи меҳнати оилавӣ афзал мешуморанд, занони муҳоҷир хоҳиши корбарӣ дар доираи шартномаи кӯтоҳмуддат доранд, ки барои онҳо имконияти бозгашт ба Ӯзбекистон дар ҳоли баргузоршавии тӯйҳо ва баргаштан ба Туркия ба ҳайси муҳоҷирони давриро медиҳад. Ҳангоме ки муҳоҷирон бо корфармоён мушкилӣ пайдо мекунанд, одатан маошашонро гирифта наметавонанд.

Занони мардикор боварӣ доштанд, ки кори ҳаррӯза нисбат ба кори шартномавӣ бехатартар аст, зеро дар сурати тағйир ёфтани шароиташон имкон дорад, ки ба онҳо маоши дар шартнома пешбинишударо надиҳанд. Аммо дар кори муваққатӣ, агар музди ҳаррӯзаи худро нагиранд, рӯзи дигар ба кор намебароянд, зеро бовар доранд, ки талафот дар кори якрӯза аз музди моҳонаи онҳо камтар хоҳад буд.

### Меҳнати ғуломӣ ва оқибатҳои равонии он

Ҳангоми таҳлили матн дар бораи истиқлолияти моддии занони мардикор ба қимати ин озодӣ ва сарвати муайяни моддии он бояд таваҷҷуҳ кард: дар натиҷаи кори пуршиддат ва номунтазам занон ба касалиҳои гуногун, инчунин, харобшавии асабҳо ва мушкилоти равонӣ дучор меоянд.



Бо вуҷуди он ки духтарони ӯзбек ба воя расида, нигоҳубини пиронсолон ва кӯдаконро дар оилаҳо меомӯзанд, духтарони муҷарради онҳо дар Туркия, ҳангоми нигоҳубини кӯдакон ба баъзе мушкилот дучор мегарданд. Онҳо бинобар хусусияти корашон тахриботи зиёди равониро эҳсос менамоянд ва бештари онҳо дар Туркия ба сигоркашӣ даст задаанд, ки хоси занони Ӯзбекистон нест. Қариб ҳамаи иштирокдорон фишори равониро аз сар гузарондаанд, ки ба кори қаблии онҳо, аз қабили соатҳои тӯлонии корӣ, фишори равонӣ ҳангоми нигоҳубини пиронсолон, беморон ва кӯдакон; фишори равонӣ бар асри озори ҷинсӣ иртибот дорад: «Ман дар ин ҷо ба ҳайси доя кор мекардам. Нигоҳубини кӯдакони турк хеле душвор аст, ба низоми асаб таъсир мерасонад» (37 сола). Мусоҳиби дигар гуфт, ки вай дар давраи COVID-19, вақте ки нигоҳубини пиронсолонро ба ӯҳда гирифта буд, ба истеъмоли антидепрессантҳо оғоз намудааст. Корҳои нигоҳубинии беморон ба муҳоҷирон имкон медиҳад, ки аз ҳисоби пардохт накардани иҷорапулӣ маблағашонро сарфа кунанд, аммо дар айни замон, онҳо дар як шабонарӯз 24 соат ҳам кор мекунанд.

«Дар корҳои шартномавӣ, аз қабили доя ё парастор будан, шумо метавонед 18 соат кор кунед, аммо маоши шумо муқаррар аст. Агар шумо баъд аз соати 18, яъне зиёда аз вақти корӣ фаъолият баред, метавонед барои соатҳои изофӣ дар ҳоли кори якрӯза пули иловагӣ гиред»

### Ҷанбаҳои эҳсосии кори якрӯза дар занони мардикор

Занони мардикор бо сабабҳои эҳсосӣ кори якрӯзаро афзалтар медонанд. Як мусоҳиби аз шавҳараш ҷудошуда нақл кард, ки модару духтарашро дар Ӯзбекистон танҳо гузоштааст. Барои вай ғамхорӣ дар ҳаққи модару фарзандони дигарон тобовар нест, дар ҳоле одамони наздикашро дар Ӯзбекистон беназорат мондааст: «Чӣ гуна метавонам, ки ҳангоми тарк кардани оилаам нисбат ба модару фарзандони дигарон ғамҳорӣ кунам? Ман ба модару духтарам ғамхорӣ кардан наметонам, онҳо дар Ӯзбекистон ҳастанд, модар духтарамро нигоҳубин мекунад ва арӯс – модарамро. Бинобар ин, кори якрӯзаро интихоб кардаам».

### Ҳаё ва мақоми гендерӣ

Ба сифати мардикор фаъолият бурда, занони зиёде соҳиби қудрат шуданд, яъне онҳо дар қабули қарордодҳо дар оила овози ҳалкунанда пайдо намуданд. Ин маънои онро дошт, ки ин занони мардикор дар байни атрофиёнашон то андозае қудрат ва нуфуз пайдо карда, ба сифати саробони онҳо гардиданд.

**Мухторияти занона**

Равандҳои ғайрирасмии қабули қарордодҳо. Масалан, занон аксари вақтҳо бо аъзои оила дар бораи он ба мувофиқа мерасанд, ки ба хориҷа муҳоҷират намуда, барои қабули қарордодҳо пул кор кунанд ва ин як ҷанбаи хеле муҳими худмухторӣ аст, ки аксаран тадбирҳои рӯзмарраро инъикос намекунад.

Агар фазои иҷтимоӣ-иқтисодии занони мардикор ва фазои оилавии занонро дар яке аз минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон муқоиса кунем, фаъолнокии занон аз нигоҳи тавсеаи ҳуқуқ ва озодии онҳо, на танҳо аз талошҳои занон, балки аз шароити беруна, ба монанди рушди саноат вобаста аст.

| Фазои иҷтимоии занони мардикор | Фазои иҷтимоии оила дар Тоҷикистон |
|---|---|
| Муҳоҷират ба мардикорон озодии бештар додааст, чунон ки яке аз иштирокдорони мусоҳиба шарҳ додааст: «Ман дар Туркия худро озодтар ҳис мекунам». Ин барои ӯ хотиррасон мекунад, ки вай аз ҳисоби заҳматҳои худаш пул ба даст оварда, ҳатто, барои оянда ҳам захира карда метавонад, бо вуҷуди он ки ин маблағ барои қонеъ кардани ниёзҳои аввалиаш кофӣ нест. Ба ҳайси мардикор кор кардан низ ба онҳо озодии бештар медиҳад, зеро бисёриҳо изҳор доштанд, ки кай ва чи гуна кор карданро худашон ҳал мекунанд. Шартномаи меҳнатии «корфармо-коргари якрӯзаи корӣ» кӯтоҳмуддат аст ва коргарони кори якрӯза охири рӯзи корӣ музд мегиранд. Изҳороти занон дар бораи ангезаҳои ширкат дар бозори мардикор, ҳамчун бозгӯи ҳисси ифтихор аз бунёди зиндагии онҳо арзёбӣ кардан мумкин аст. | Сарфи назар аз он, ки хушдоман ҳангоми қабули қарордодҳо дар оила нақши муҳим мебозад, омилҳои айние, ки дар ноҳияи Ёвон дар соҳаи рушди саноат, ҳаёти иқтисодӣ ва инфрасохторӣ ба амал омада, барои иштироки занон дар ҳаёти иқтисодии деҳа ва оилаҳои онҳо рух медиҳанд, имкони бештар фароҳам меорад. Ин, албатта, ба тағйирёбии меъёрҳои анъанавии иҷтимоӣ низ таъсир мерасонад, ки қолабҳои маъмулии гендериро, ки зан бояд танҳо ба корҳои хона машғул бошад, тақвият мебахшад. Бояд қайд кард, ки ин тамоюл (фаъолшавии занон дар фазои иқтисодии деҳа ва тақвият ёфтани нақши онҳо дар қабули қарордодҳо дар оилаҳо) аз натиҷаҳои бадастомада, ки бо истифода аз усули мушоҳидаи иштирокдорон тақрибан дар ҳар се минтақаи мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ба мушоҳида мерасад. |

**Бозори мардикор ҳамчун шуғли ғайрирасмӣ**

Дар кишварҳои зиёд шуғли ғайрирасмӣ қисми муҳими иқтисод ва бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Он дар истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзоиши даромади молиявӣ нақши муҳим мебозад. Аммо шуғли ғайрирасмӣ коргаронро ба осебпазирии зиёд дучор мекунад. Шуғли ғайрирасмӣ ба сатҳи даромад, бехатарии меҳнат ва тандурустӣ ва умуман шароити меҳнат таъсири зиёд мерасонад. Аксари мардикорон иҷозаи иқомат ва иҷозаи кор надоштанд, зеро онҳо ба ҳайси коргари якрӯза ба кор ҷалб шуда буданд ва ин ба онҳо имкон намедод, ки барои дарёфти иҷозаи кор муроҷиат кунанд. Дар мавриди иҷозаи иқомат, мардикорон ҳангоми хориҷ шудан аз Туркия ба ҷои дархости иҷозаи иқомат, пардохти ҷаримаро афзалтар медонанд. Онҳо ин ҳолатро чунин шарҳ медиҳанд, ки бо нигоҳ доштани мақоми ғайрирасмии худ онҳо маблағашонро сарфа

мекунанд. Хароҷот барои пешниҳоди ариза, суғурта ва ғайра аз ҷарима бештар аст, аз ин рӯ аксари муҳоҷирони ӯзбек бештар пардохти ҷаримаро афзалтар медонанд.

**Кори якрӯза ҳамчун «ғуломии пинҳонӣ»?**

Ҳарчанд кори кироя ба занон ба ҳадде озодии «захираи маблағи пулӣ бо заҳмати худ барои зиндагӣ ва, ҳатто, барои ояндa» медиҳад, аммо шароити кории онҳо аслан сахт ва ғуломона аст, зеро онҳо аз ҳамаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ маҳруманд:

> «Ин мардикоронро, одатан, дар корхонаҳои нассоҷӣ ба киро мегиранд, ки ба онҳо қувваи кории иловагӣ дар муҳлати кӯтоҳе зарур мешавад, ки талабот ба содироти амвол зиёд мешавад. Корхонаҳои нассоҷӣ ба ташеронҳо мурoҷиат намуда, хоҳиш мекунанд, ки барои онҳо коргарони кори якрӯзаро барои иҷрои корҳои муайян, аз ҷумла тозакунӣ, борпечӣ ва ғайра таъмин кунанд. Онҳо кирои коргарони кори якрӯзаро афзалтар мешуморанд, зеро ки дар ин ҳолат ба онҳо пардохти ҳаққи суғуртаи иҷтимоӣ/андоз ва ё таҳияи иҷозатнома барои ба имзо расонидани шартномаҳои дарозмуддат лозим намешавад. Соҳаи нассоҷӣ боиси афзоиши талабот ба қувваи кории каммузд гардида, киро кардани коргарони хориҷии беҳуҷҷатро судманд сохт».

Бо дарназардошти шароити тоҷикӣ барои таҳлили муқоисавӣ бо матни Нурдинова Ш. баррасии олимони тоҷик Шозимов П.Д. ва Миров Л. -ро пешниҳод менамоем.

Таҳқиқоти сотсиологии дар Тоҷикистон гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сафарбарии иҷтимоӣ ва истиқлолияти иқтисодии занон, инчунин, баробарии гендерӣ дар минтақаҳое, ки занон ба захираҳои молиявӣ дастрасӣ доранд, бештар аст. Ин бошад, асосан, ба рушди иқтисодиёти деҳот, сифати таълим ва кумаки созмонҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Чун анъана дар Шарқ захираҳои молиявӣ дар дасти мардон мутамарказ аст, ки ин занро ҳамеша дар мавқеи вобастагӣ ва итоат мегузорад. Аммо ҳангоме ки занон сафарбарии баланд нишон дода, маълумоти таҳсилотӣ доранд, онҳо ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ дар соҳибкорӣ нақш доранд ва баъзан захираҳои молиявиро зери назорат мегиранд. Таҳқиқот дар ноҳияи Ғафурови вилояти Суғд нишон дод, ки бо сабаби баланд будани сафарбарии иҷтимоии занон ва сифатҳои сарвариашон, онҳо ҳамчун шарики баробар бо мардон фаъолият намуда, ба шавҳарҳояшон кумак мерасонанд:

> «Яке аз ҳолатҳои камназир аст, ки пулу захираҳои оила байни зану шавҳар тақсим шуда, ба он дастрасӣ ва назорати баробар доранд, ки бо масъалаи баробарҳуқуқии гендерӣ мувофиқат мекунад. Дар масъалаи ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ ҳам ба таври умум посуххо ҳуқуқҳои баробари мардону занонро нишон медиҳанд. Дастрасӣ ба воситаҳои комуникатсия дар ноҳияи Ғафуров дар байни занону духтарон хеле баланд аст, ки ин ба сафарбарии зиёди иҷтимоӣ, ки ба таҳсил ва корҳои берун аз хона мутаваҷҷеҳ аст, иртибот дорад.
>
> ... Ба андешаи мусоҳибзан, «...дар ноҳияи мо бояд **дар муқоиса бо занон бештар ба мардон кумак расонда шавад.** Занони деҳот дар соҳаҳои хочагии халқ фаъолияти баланд нишон медиҳанд, саводнокии аҳолӣ хеле баланд аст. Занони деҳоти ин ноҳия дар тамоми сохторҳои вилоятӣ кору фаъолият мекунанд».

Дар оилаҳои тоҷик барои нигоҳ доштани сармояи оилавӣ, аксаран ба «никоҳҳои хешутаборӣ» ворид мешаванд. Эҳтимолан, ин кор бо сабабҳои гуногун сурат гирад, аммо ангезаи асосии он, нигоҳ доштан ва зиёд кардани сармояи оилавӣ мебошад.

**Озодшавӣ аз итоат ва истисмори меҳнат.**

**Зӯроварии иқтисодӣ.** Сарфи назар аз тадбирҳои давлат барои пешбурди баробарии гендерӣ, зӯроварии ғайрирасмӣ, ошкор ва пинҳонии иқтисодӣ нисбат ба занон дар дохили оила идома дорад, ки он боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои дохили оила ва баъзан боиси шикастани робитаҳои оилавӣ мегардад. Он дар шаклҳо ва қолабҳои гуногун сурат мегирад: аз баҳсҳо дар бораи таъйинот ва тақсими маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ байни модар ва арӯс то баҳсҳо дар масъалаи амволи ғайриманқул.

Муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад, ки аз як тараф, тавассути кумаки молӣ ба оилаҳо сатҳи зӯроварӣ коҳиш меёбад, вале аз тарафи дигар боиси муноқишаҳои байни аъзои оилае мегардад, ки ин кумакро мегиранд ва онро дар аксари ҳолатҳо на зану фарзандон, балки волидайни муҳоҷирон мегиранд. Аз ин рӯ, байни волидони шавҳар ва арӯс низ вазъиятҳои муноқишавӣ рух медиҳанд. Дар аксари ҳолатҳо ин боиси зӯроварии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ нисбати арӯс мегардад». Бо вуҷуди дастовардҳои муайян дар соҳаи риояи ҳуқуқи иқтисодии занон, «...оилаҳои зиёд ҳанӯз ҳам ба ҳимояи чунин мавқеи иқтисодии зан омода нестанд, аз ин рӯ, мутаваҷҷеҳ бар онанд, ки моликияти занро ба номи писар ё шавҳараш сабт кунанд. Дар ҳолатҳои зиёд занонро аз молу мулки худи вай маҳрум месозанд... ».

## Нақшаи машғулият

**Нурдинова Шоирахон «Бозори мардикорон дар Истамбул ҳамчун чеҳраи ноаёни муҳоҷирони ӯзбек»**

**Машғулияти омодагӣ**

**Ҳадафҳои педагогӣ:**

1. Барои фаҳмиш ва огоҳии донишҷӯён дар бораи сабабҳои пайдоиши «мардикорзанонон» дар бозори меҳнат, дар мисоли аз духтарони муҳоҷири ӯзбек мусоидат намоед.
2. Ба маҳорати донишҷӯён барои тасвири симои зани мардикор тавассути таҳлили хислатҳои иҷтимоию равонии зан: қобилияти зинда мондан, истиқлолияти иқтисодӣ, худихтиёрӣ ва ғайра мусоидат намоед.
3. Ба саволи зерин посух диҳед: Оқибатҳои иҷтимоӣ-равонии мардикории занон чӣ гуна аст?

**Аз таҷрибаи педагогӣ**

1. Ҳангоми муҳокимаи мақолаи Ш. Нурдинова таваҷҷуҳи хонандагонро ба ҷанбаҳои ахлоқию равонии масъалаҳои ба миён гузоштаашуда бо назардошти урфу одат, анъана ва шуури динии халқҳои сокини ин минтақа мутаваҷҷеҳ созед.
2. Мо, инчунин, ба омӯзгорон тавсия медиҳем, ки матнҳои худро, ки ба мавзуъ мувофиқанд, ҳамчун кейс-стади истифода баранд.

## Намунаи тавсияшаванда барои машғулияти асосӣ

### ҚИСМИ 1

**Муҳокимаи ғояҳои асосии матни Ш. Нурдинова «Бозори мардикорон дар Истамбул ҳамчун чеҳраи ноаёни муҳоҷирони ӯзбек (идомаааш)» (40 дақ.)**

1. Муқаддима (5 дақ).
2. Кори гурӯҳӣ бо матни Ш. Нурдинова барои муайян кардани мафҳумҳо ва ғояҳои асосӣ (10 дақ).
3. Муҳокимаи матн (30 дақ).
4. Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи асосии машғулият (5 дақ).

**Саволҳо дар доираи матн:**

1. Ба фикри шумо, чаро ҷомеа ба кори занон дар бозорҳои мардикор бо киноя муносибат мекунад?
2. Чаро муҳоҷирони ӯзбек кори якрӯзаро афзалтар медонанд?
3. Дар бораи қудрат ва нуфуз дар бозори мардикор чӣ гуна андеша доред?

**Саволҳои иловагӣ:**

1. Оё вазъиятеро тасаввур кардан мумкин аст, ки дар кӯчаҳои Тоҷикистон «бозорҳои мардикор» пайдо шуда, занон дар он ҷо хидмати худро пешниҳод мекунанд?

2. Оё муаллифи мақола кори якрӯзаи занони мардикорро бо вуҷуди он ки аз нигоҳи молиявӣ фоидаовартар аст, муболиға накардааст?

## ҚИСМИ 2

**Муҳокимаи ғояҳои асосии матни Ш. Нурдинова «Бозори мардикорон дар Истамбул, ҳамчун чеҳраи ноаёни муҳоҷирони ӯзбек» (идомааш) (40 дақ).**

**Саволҳо:**

1. Оё бо хулосаи асосии муаллифи мақола дар бораи он, ки занон бошуурона нисбат ба кори дарозмуддат ба кори якрӯза бартарӣ медиҳанд, розӣ шудан мумкин аст?
2. Занони зиёд мардикор шуда, мақоми худмухториашонро касб карданд, яъне дар дохили оила овози онҳо ҳангоми қабули қарордод нақши ҳалкунанда пайдо кард?
3. Оё фаъолият ва шароити кории занони мардикорро «ғуломии ихтиёрӣ» номидан мумкин аст?

**Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи асосии машғулият** (5 дақ).

**Гузаронидани бозии ахлоқӣ.**

**Ҷамъбаст** (5 дақиқа).

## Басти 2. МАШҒУЛИЯТИ 2

**Муборизаи занон барои баробарии иқтисодӣ дар оила ва ҷомеа: ҷанбаи иҷтимоӣ ва психологӣ**

## Бактигул Мидинова
## Ҷамъоварандаи пахта ва барги тамоку.
## Таҳқиқоти навсозӣ ва таблиғоти шуравӣ ба воситаи саргузаштҳои ҷамъоварандаи пахта (Кара-суу) ва барги тамоку (Ноокат)»

Баъди ташкил ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ ҳудуди Қирғизистон мисли кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи татбиқ намудани сиёсати кишоварзии давлати нав гардид. Роҳбарияти шуравӣ барои таъмин намудани истиқлолияти иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ дидаю дониста тасмим гирифт, ки дар Осиёи Марказӣ монополияи кишоварзӣ ташкил кунад. Истеҳсоли пахта ва тамоку меҳнати зиёдро талаб мекунад, бинобар ин аҳолии Осиёи Марказӣ бо роҳҳои гуногун маҷбур карда мешуданд, ки дар деҳот бимонад. Монокоҳияҳоро ташкил медоданд, ки барои ба даст овардани як навъи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ масъул буданд. Барои кишти пахтаю тамоку заминҳои ҳосилхезтарин ҷудо карда мешуданд.

Ин таҳқиқот ба омӯзиши навсозӣ ва таблиғи меҳнати замони шуравӣ ба воситаи нақли саргузаштҳои шахсии занони тамокукори ноҳияи Ноокат ва пахтакорони ноҳияи Кара-Суу бахшида шудааст. Дар он инъикос карда мешавад, ки чи тавр роҳбарони колхозҳо

нақшаи ҷамъоварии тамоку ва пахтаро бо қувваи занони колхозчӣ иҷро мекарданд ва занон дар хоҷагии нақшавии мамлакат чигуна ҳисса гузоштаанд.

**Асоси консептуалии ин матни Бактыгул Мидиноваро ғояҳои зерин ифода мекунанд:**

- Нақши шиору овезаҳои таблиғотӣ дар мошини идеологӣ;
- Пахта ҳамчун якказироат;
- Радиошунавонӣ – воҳиди асосии идеологӣ;
- Мусобиқаи сотсиалистӣ;
- Меҳнати кӯдакон;
- Куллихоҷӣ ва озодии шахс дар деҳот;
- Тиллои «сафед» ва «зард» ҳамчун амнияти стратегии давлат;
- Баробарҳуқуқии гендерӣ бар ивази меҳнати қаҳрамонона;
- Маъракаи пахтакории мустамликавӣ ва ҳуқуқи гендерӣ;
- Баробарии гендерӣ ва дастрасии занон ба қабули қарордодҳои муҳим.

**Сафарбарии иҷтимоию иқтисодии занони соҳибкор**

**Харитаи консептуалӣ/кластер барои таҳлили матн**

Тамоми ташвиқ ва табилиғи давлати шуравӣ ба тарбияи насли наврас – бинокори ояндаи коммунизм нигаронида шуда буд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо халқро барои иҷрои меҳнати қаҳрамонона даъват менамуданд. Таъсири равонӣ ба тафаккури одамон ончунон пурқувват буд, ки одамон баҳри ояндаи дурахшон ба душворию беҳуқуқӣ тоб меоварданд.

**Нақши шиору овезаҳои таблиғӣ дар сиёсати кишоварзии давлати шуравӣ**

**Бактыгул Мидинова:** «Иттиҳоди Шуравӣ кишвари шиорҳо буд. Мошини идеологӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаётро фаро гирифта, онҳоро бо ҷумлаю ибора ва иқтибосҳое, ки ҳизби коммунистӣ маъқул медонист, пур мекард. Аз ҳама бештар шиорҳои вобаста ба меҳнат буданд. Маъруфтарини онҳо даъватҳои иқтибосшуда аз маърузаи сиёсии И.В. Сталин дар соли 1930 буданд. Суханони Сталин дар тарғибу ташвиқи меҳнат ба таври васеъ ба кор бурда мешуданд, дар корхонаҳои истеҳсолӣ мавриди истифода қарор доштанд, иқтибосҳоро дар овезаҳо дар деворҳои корхонаҳои меъморӣ ва мукофотҳои давлатӣ сабт мекарданд. Ба ғайр аз корхонаҳои истеҳсолӣ, онҳо урдугоҳҳои ислоҳи меҳнатии ГУЛАГ васеъ паҳн мегардиданд. Ҳар касе, ки ба ӯрдугоҳи ислоҳи меҳнатӣ меомад, бо навиштаи «Меҳнат дар Иттиҳоди Шуравӣ – шаъну шараф, шуҷоат ва қаҳрамонӣ аст!» рӯ ба рӯ мешуд.

**Пахта ҳамчун зироати аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ва монополияи кишоварзии минтақаи Осиёи Марказӣ**

Раванди ташаккули монополияи кишоварзӣ дигаргунсозии васеи низоми хоҷагии деҳотро дар бар гирифта, колхозҳоро ба шакли асосии ташкилии фаъолият табдил дода буд. Пахтакорӣ муҳимтарин соҳаи истеҳсолоти хоҷагии деҳоти кишвар буд. ... Истеҳсоли бештари пахта пас аз истилои ҳудуди имепрерияи Россия афзоиш ёфт. Ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА (1861-1865) ин навъи зироати техникиро барои Россия ба аҳамияти стратегӣ табдил дода, масоҳати майдони кишти пахта ҳар сол зиёд мешуд. Баъди барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ масоҳати майдони кишти пахта 3 баробар ва ҳосилнокии он 2,2 баробар афзоиш ёфт.

Ғояҳои сотсиалистӣ дар бораи ҷомеаи одилона ва хушбахтонаро, ки давлати шуравӣ эълом дошт, на ҳамеша дар вазъияти занон инъикос меёфт.

**Меҳнати итоаткорона ва шароити кории ғуломӣ**

**Мидинова:** «Кор дар саҳро субҳи барвақт оғоз меёфт, ҳанӯз то дамидани субҳ ароба (дар колхозҳои сарватмандтар – мошин) занони колхозчиро аз ҷои ҷамъшавии онҳо ба майдони пахта мебурд. Баъзе занон дар хотир доранд, ки чи тавр онҳо соати 3:30 ё 4-и саҳар аз хоб мехестанд. Онҳо то тулуи офтоб кор мекарданд – ҳосилро ҷамъоварӣ намуда, ба саройҳо мефиристоданд. Дар ҳолатҳои зиёд онҳо маҷбур буданд, ки гурусна кор кунанд ва ҳолатҳое ҳам ба чашм мерасид, ки ба хона баргашта, ғизо намеёфтанд. Нисфирӯзӣ ба фарзандонашон хӯрок дода, ба саҳро ё амбор баргашта, корро то дергоҳи шом давом медоданд. Интизом ва сифати корро бригадирҳо назорат мекарданд, ки онҳоро то дами супурдани маҳсулоти ҷамъоваришуда ба хонаашон ҷавоб намедоданд. Барои он ки шабро дар анбор нагузаронанд, онҳое ки корро тезтар анҷом медоданд, ба ҳамкасбони қафомондаашон кумак мерасонданд.

...Мавсими киштукор аз моҳи феврал бо тайёр кардани гармхонаҳо ва парвариши ниҳолҳо оғоз ёфта, дар охири сол бо ҷамъоварӣ ва супурдани ҳосил ба охир мерасид. Занон дар давоми сол дар гармою сармо, бе хобу истироҳат меҳнат мекарданд. Онҳо тюкҳои вазнашон 60-70 килограммиро бардошта, ба ҷойи қабули пахта мекашонданд. Касе кӯшиш намекард, ки аз кор даст кашад ва муносибаташро чунин шарҳ медоданд, ки дар деҳа ягон кори дигаре набуд. Дар Иттиҳоди Шуравӣ муфтхӯриро қабул надоштанд.

Дар заминаи баррасии масъалаи асосии машғулият дар бораи вазъи иқтисодии занон, ки боиси зӯроварии иқтисодӣ мегардад, муносибати Камю ба масъалаи муносибати байни идеологияи куллигароӣ ва озодии шахсӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Таҳлили муқоисавии матни Б. Мидинова ва Камю.

| **Зулпинисо Атаханова, ҳамелгари барги тамоку:** «Мо барои давлат кор мекардем. Барои корамон 10-12 рубл ва баъзан то 30-40 рубл, хеле кам 50 рубл мегирифтем. Дигар сарчашмаи даромади молиявӣ надоштем. Даромади мо чунон ҳоксорона буд, ки ҳатто, барои пойафзоли сабук ва калӯш ҳам намерасид. Агар мехостем, ки ба ҷое зиёрат биравем, ҳатто, либоси дуруст ҳам надоштем. Дар он замон мо барои меҳмонӣ рафтан аз ҳамсояҳо либосеро хоҳиш мекардем» | **Камю** Ба маънои умумии он, куллигароӣ чизе ба ҷуз аз талоши абадӣ ба сӯи ваҳдат нест, ки ба хотири Империя ва ғуломӣ даст кашидан аз ҳамаи арзишҳо, аз ҷумла озодии шахсро дар назар дорад. Албатта, Империя аз озодӣ даст намекашад. Парчами адолатро баланд бардошта, ваъда медиҳад, ки ба гурӯҳи инсонӣ озодӣ дода, дар айни замон, озодии ашхоси алоҳидаро маҳкум мекунад. Аммо ин озодӣ, ба қавли Камю, бар «галаи ғуломон» ҳукмрон хоҳад шуд. |
|---|---|

**Мусобиқаи сотсиалистӣ ва қадргузории меҳнат**

Давлат ҷидду ҷаҳди колхозчиён, ҳосилғундорони намоёнро арҷ гузошта, онҳоро бо ордену медалҳо ва баъзеи онҳоро бо мукофоти олӣ – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз мегардонид. Бо вуҷуди ин, дар аксар ҳолатҳо нодида гирифта мешуд, ки бисёре аз занон ин қадргузориро бар ивази саломатӣ, меҳнати вазнини ҷисмонӣ, шабҳои бехобӣ ва ҷавонии бебозгашт рафтаашон ноил мешуданд.

**Марапат Исмоилова, тамокупарвар:** «Дар бораи зарару нафъи кор дар майдони тамоку тасаввуроте надошта, корро идома медодем. Фаҳмиши мо маҳдуд буд. Ҳатто, бӯи тамокуро ҳис намекардем. Барги тамокуро барои нӯшидани об аз ҷуӯбор истифода мебурдем. Бо як даст хӯрок мехӯрдем ва бо дасти дигар тамоку ҳамел мекардем». Дастҳо аз шираи тамоку часпак мешуданд.

**Тиллои «сафед» ва «зард» ҳамчун амнияти стратегии давлат**

Пахта ба яке аз сабабҳои забткории мустамликавии империяи Россия дар Осиёи Марказӣ табдил ёфт. Ҳаҷми «тиллои сафед», ки ҷумҳурӣ ба хазинаи умумииттиҳодӣ медод, дар муқоиса бо он ки Ӯзбекистон ҷамъоварӣ менамуд, қобили муқоиса буда наметавонист. Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Қирғизистон ҳар сол на бештар аз 200 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ мекард (дар ҶШС Узбекистон ин рақам ба 5 миллион мерасид). Аммо ин ҳаҷмро ҷамъ кардан лозим буд. Ба ғайр аз колхозчиён, мактаббачагон, донишҷӯён ва коргарон фаъолона ба он ҷалб карда мешуданд. Моҳи сентябр на аз мактабравӣ, балки аз пахтазор оғоз меёфт. Пахтаи аълосифатро фақат дастӣ чидан мумкин буд. Аз ғӯзаҳои сахт пахтаро берун баровардан лозим буд, бинобар ин дар вақти ҷамъоварӣ аз меҳнати кӯдакон ва занон низ ба таври зиёд истифода мебурданд. Ғӯзаҳои пахта ангуштонро дарднок мешикофт, пӯсти дастон пур аз харош буд, вале фурсати ҳосилғундорӣ муҳимтар буд, хусусан, то мавсими боронгариҳо, зеро ки ҳосилро бояд бо навъи якуми он ҷамъ меоварданд.

Барои таъмин намудани мустақилияти пахтакорӣ мошини тарғибу ташвиқоти идеологӣ бо тамоми қудраташ кор мекард. Ҳамаи ин тарғибу ташвиқот ғояи «ояндаи дурахшон»-ро таҷассум менамуд. Парчами озодиро баланд бардошта, озодӣ ва баробарҳуқуқии ҳамаи халқҳоро эълон мекард, ки дар ҳақиқат на давлат ба инсон, балки инсон ба сохти бюрократии давлат хизмат мекард. Вазъияти меҳнаткашони деҳот, махсусан занон, ки дар иҷрои нақшаҳои пахтасупорӣ бори гарон ба дӯш доштанд, душвор буд.

**Маъракаи пахтакории мустамликавӣ ва ҳуқуқи гендерӣ дар деҳот**

Аз итоаткорӣ озод намудани занон дар Иттиҳоди Шуравӣ барои онҳо ба ивази меҳнати маҷбурӣ баробарҳуқуқӣ дод. Тақрибан тамоми меҳнати дастӣ дар колхозҳо пурра бар дӯши заноне меафтод, ки онҳо кори хонаро ҳам ба ҷо меоварданд. Саҳми меҳнати занон дар иҷрои нақшаҳои панҷсола дар ноҳияҳо назаррас буд, зеро онҳо то бевақтии шаб, баъзан дар ҳоли бехобӣ кор мекарданд. Занони ҳосилғундор ҳисси баланди ватандӯстӣ дошта, шиори «Барои меҳнати хушсифату самарабахш!»-ро сармашқи корашон менамуданд. Бо вуҷуди он ки тамоку ва пахтакорӣ ба минтақа даромади молиявии калон меовард, колхозчиёне, ки меҳнати душворро ба ҷо меоварданд, фақат музди ночиз ё ашёи камёби рӯзгор мегирифтанд.

Пажӯҳишҳои сотсиологӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки сафарбарии иҷтимоӣ ва истиқлоли иқтисодии занон, инчунин, баробарии гендерӣ дар минтақаҳое, ки занон ба манобеи молӣ дастрасӣ доранд, бештар аст. Ин пеш аз хама, ба рушди иқтисодиёти деҳот, таълими босифат, дастгирии созмонҳои иҷтимоӣ вобаста аст.

Новобаста аз он ки хушдоманҳо дар қабули қарордодҳои оилавӣ нақши муҳим доранд, аммо омилҳои объективӣ, ки дар ноҳияи Ёвон рух медиҳанд, аз қабили рушди саноат, ҳаёти иқтисодӣ ва инфрасохторҳо барои иштироки занон дар ҳаёти иқтисодии деҳа ва оилаҳои онҳо, имкони бештар фароҳам меорад. Ин бешубҳа, ба тағирёбии меъёрҳои анъанавии иҷтимоӣ таъсир мерасонад, ки онҳо қолабҳои маъмулиро дар мавриди он ки занон бояд танҳо барои корҳои хона масъул бошанд, тақвият медиҳанд.

Чун анъана дар Шарқ захираҳои молиявӣ дар дасти мардон мутамарказанд, ки ҳамеша занонро дар як мавқеи вобаста ва тобеъ қарор медиҳад. Аммо ҳангоме ки занон хеле мутаҳаррик ва соҳибмаълумот мегарданд, онҳо ҳамчун шарикони баробар дар тиҷорат фаъолият менамоянд ва баъзан, чуноне ки таҳқиқот дар ноҳияи Ғафурови вилояти Суғд нишон медиҳад, захираҳои молиявиро назорат мекунанд.

## Нақшаи машғулият

**Матн. Бактыгул Мидинова «Ҷамъоварандаи пахта ва барги тамоку. Таҳқиқоти навсозӣ ва таблиғоти шуравӣ ба воситаи саргузаштҳои шахсии ҷамъоварандагони пахта (Кара-суу) ва тамоку (Ноокат)».**



**Ҳадафҳои педагогӣ:**

1. Мусоидат ба дарки донишҷӯён ва огоҳии онҳо аз саволи асосии семинар: «Тарҷеҳи ҳамаҷонибаи заҳмати коллективӣ ва сотсиалистӣ артиши меҳнаткашонеро, ки ба давлат содиқ буданд ва ҳуқуқи шикоят аз истифодаи меҳнат ва вазъи таҳқиромези занони меҳнаткашро надоштанд, ташаккул дод».
2. Саҳми занон дар иқтисоди нақшавии давлати шуравӣ дар соҳаи пахтакорӣ ва тамокупарварӣ чӣ гуна буд?

**Аз таҷрибаи омӯзгорӣ**

1. Ҳангоми гузаронидани ин машғулият таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба он ҷалб кардан лозим аст, ки матни таҳлилшуда ба вазъи занони деҳот дар давраи шуравӣ бахшида шудааст. Аммо мушкилоти зиёде, ки ба вазъи беҳуқуқии гендерии занон дар деҳот иртибот дорад, истисмори меҳнати онҳо дар шароити имрӯза низ ҷой дорад. Барои ин, омӯзгор бояд ҳангоми таҳлили матн, ки баррасии вазъият ва мақоми занонро дар замони муосир, бахусус, дар соҳаҳои пахтакорӣ ва тамокупарварӣ дар бар мегирад, аз таҳлил муқоисавӣ истифода барад.
2. Дар заминаи масъалаи муҳокимашаванда ба фаҳмиш ва дарки талабагон аз шароити ғайриинсонии меҳнати занон дар мубориза барои ҳаёт ва шаъну шарафи инсон мусоидат намоед.
3. Машғулият аз рӯи матни Мидинова нишон дод, ки омӯзгори асосӣ низ масъалаҳо дар бораи оқибатҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва экологии маъракаи пахтачинӣ, аз ҷумла, хушк шудани баҳри Аралро низ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

## Намунаи тавсияшавандаи машғулияти асосӣ

### БАХШИ 1

**Муҳокимаи ғояҳои асосии матни Бактыгул Мидинова «Ҷамъоварандагони пахта ва барги тамоку. Таҳқиқи навсозӣ ва таблиғи шуравӣ тавассути саргузаштҳои шахсии ҷамъоварандагони пахта (Қара-Суу) ва тамоку (Ноокат)»**

1. Муқаддима (5 дақиқа).
2. Корбарии гурӯҳӣ бо матн (15 дақ).
3. Муҳокимаи ғояҳои асосии матн (25 дақ).

**Саволҳо барои қисми якуми матн:**

1. Тарғибу ташвиқи идеологии давлати шуравӣ дар рушди пахтакории минтақаи Осиёи Марказӣ чӣ гуна нақш бозидааст?
2. Хукумати шуравӣ шаҳрвандонашро барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои хеш ба кадом васила ва чӣ тавр ҳавасманд менамуд?
3. Саҳми занон дар иқтисоди нақшавии давлати шуравӣ дар соҳаи пахтакорӣ ва тамокупарварӣ чӣ гуна буд?

4. Оё чунин ҳадафи стратегӣ дар соҳаи пахтакорӣ аз ҷониби давлат дуруст буд?
5. Чаро созмонҳои байналмилалӣ ба пахтаи дар Иттиҳоди Шуравӣ истеҳсолшуда таҳрим ҷорӣ намуда, аз харидани он худдорӣ мекарданд?
6. Оё дар давраи рушди пахтакорӣ дар минтақа сиёсати иқтисодии давлат нисбати занону кудакон дуруст буд?



## БАХШИ 2

1. Муҳокимаи ғояҳои асосии матни Мидинова (давомнокӣ 30 дақиқа).
2. Ба ҳайси ченаки бадеӣ намоиш додани филми ҳуҷҷатӣ дар бораи фоҷиаи хушк шудани баҳри Арал (ин филм дар хазинаи »Барномаи Инсоншиносӣ»-и Оғохон вуҷуд дорад). Намоиши филми ҳуҷҷатӣ аз кинохроникаи шуравӣ дар бораи муваффақиятҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи пахтакорӣ ва тамокупарварӣ (10 дақиқа).
3. Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи асосии машғулият (5 дақиқа).

**Саволҳо барои бахши дуюми матн:**

1. Қимати меҳнати занон дар мубориза барои зинда мондан ва ҳифзи шаъну шарафи инсонии онҳо чӣ гуна буд?
2. Сабаби хушк шудани баҳри Арал ва таъсири он ба муҳити зист ва саломатии занон дар чист?
3. Оё шумо робитаи байни маъракаи мустамликавии ҷамъоварии пахта, хушк шудани баҳри Арал ва беқурбшавии гендерии занонро дар Осиёи Марказӣ мушоҳида мекунед?
4. Ин таҳқиқот ба вазъи иҷтимоию иқтисодии занони пахтакор ва тамокупарвар дар замони шуравӣ мутамарказ аст. Оё имрӯзҳо шароити кор дар ин соҳаҳои фаъолият тағйир ёфтааст?
5. Зӯроварии иқтисодӣ нисбати занон дар ҷомеаҳои падаршоҳӣ чӣ гуна зоҳир мешавад?

Дар рафти муҳокима бозии ахлоқӣ гузаронда, тамошои филми Б. Содиқов «Гирдбод» ё филми «Арал-баҳри ашкҳо»-ро, ки аз ҷониби донишҷӯёни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон офарида шудааст, тавсия дода мешавад.

**Ҷамъбасти натиҷаҳо (5 дақиқа).**

# Боби 3
# Иншои академикӣ

**Нақшаи машғулият**

Тезис, сохтори сархатҳо ва ҳамоҳангӣ дар эссеҳои муқоисавӣ



**Мавзуи машғулият**

Ин машғулият ба рушди малакаҳо дар ташаккули навиштаҳои қавии мухтасар, созмон додани сархатҳои хуб мураттабёфта ва усулҳои навишти пайвастагидошта барои эссеҳои муқоисавӣ дар бораи амнияти занон дар Осиёи Марказӣ бахшида мешавад.

**Ҳадафҳои машғулият**

Донишҷӯён эҷод кардани тезисҳои муассирро барои эссеҳои муқоисавӣ меомӯзанд ва навиштани ҷумлаҳои дақиқи мавзуӣ, ёридиҳанда ва ҷамъбасткунандаро машқ мекунанд. Машғулият таваҷҷуҳро ба ноил шудани ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ дар иншои академикӣ бо истифода аз ин малакаҳо барои таҳлили масъалаи амнияти занон дар шароити Осиёи Марказӣ истифода хоҳад кард.

**Мавод ва таҷҳизоти зарурӣ**

Маводи зарурӣ аз матнҳои дарси таълимӣ дар бораи «Занони Осиёи Марказӣ», намунаи мухтасари навиштаҳо ва намунаҳои сархатҳо, варақаҳои кории ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ, проектор ё тахтаи синф барои намоиш, қолаби нақшаи эссеи пешниҳодшуда ва, инчунин, дафтарҳо ё ноутбукҳои донишҷӯӣ барои машқҳои хаттӣ иборат аст.

**Натиҷаҳои таълим**

Бо тамомшавии машғулият донишҷӯён тезиси ҳадафнокро барои эссеҳои муқоисавӣ ташаккул дода, сархатҳои ҳамоҳангро бо мавзуи мувофиқ, ҷумлаҳои ёридиҳанда ва ҷамъбасткунанда эҷод намоянд. Онҳо бо истифода аз ин усулҳо дар эссе роҷеъ ба амнияти занон дар Осиёи Марказӣ малакаҳои муайян ва ислоҳ кардани қисматҳои номувофиқи матнро рушд медиҳанд.

**Усулҳои баҳодиҳӣ**

Пешравии донишҷӯён тавассути машқҳои хаттӣ дар синф, тақризи тарафайни намунаҳои сархатҳо, мушоҳидаҳои омӯзгор ҳангоми машғулият, вазифаи хонагӣ бо нақша ва сархати ҳамоҳанг, инчунин, ихтиёран супоридани сархатҳои ислоҳшуда барои фикру мулоҳизаи дигарон баҳо дода мешавад.

**Тартиби машғулият**

- **Муқаддима** (10 дақ): Муҳокимаи аҳамияти возеҳяти эссе, тезисҳои қавӣ ва заиф.
- **Маъруза** (15 дақ): Намоиши сохтори муассири сархат ва принсипҳои ҳамоҳангӣ.
- **Амалия** (20 дақ): Иншои тезис ва ҷумлаҳои ёридиҳандаю ҷамъбасткунанда.
- **Корбурди гурӯҳӣ** (20 дақиқа): Муайян ва такмил додани масъалаҳои ҳамоҳангӣ дар матн.

- **Тақризи матнҳои ҳамдигар** (15 дақиқа): Истифода аз қолаби нақшаи эссе барои мубодилаи фикру мулоҳизаҳо.
- **Хулоса** (10 дақ): Ҷамъбасти натиҷаҳо, шарҳи умумии мафҳумҳои калидӣ ва эълони дарси оянда.

### Санҷиш



Омӯзгор намунаҳои хаттии донишҷӯёнро барои дарки маводи таълимӣ арзёбӣ намуда, қобилияти онҳоро дар ислоҳ кардани масъалаҳои ҳамоҳангӣ қайд ва самаранокии фаъолиятро баҳогузорӣ мекунад ва зарурати қолабсозии иловагӣ ё таҷрибаро барои дарсҳои оянда муайян месозад.

### Донишҳои пешакӣ

Донишҷӯён бояд малакаҳои асосии навишти академиро аз дарсҳои қаблӣ дошта бошанд, сохтори эссеи муқоисавиро дарк кунанд ва дар асоси маводи дарси таълимӣ дар бораи масъалаҳои бехатарии занон дар Осиёи Марказӣ тасаввурот дошта бошанд.

**Тақсими вақт:**

- муқаддима: 10 дақиқа;
- маъруза/намоиш: 15 дақиқа;
- таҷрибаандӯзӣ тахти роҳнамоӣ: 20 дақиқа;
- машқҳои ҳамоҳангсозӣ: 20 дақиқа;
- баррасии тақризҳои тарафайн: 15 дақиқа;
- хулоса: 10 дақиқа.

### Шаклҳои ташкилӣ

Омӯзиш пешниҳоди маводро дар шакли рӯнамоиҳо барои тамоми синф, кор дар гурӯҳҳои хурд, машқҳои хаттии инфиродӣ ва ҷаласаҳои баррасии мутақобиларо дар бар мегирад, то ки тавассути усулҳои гуногуни ҷалби донишҷӯён мафҳумҳо мустаҳкам гарданд.

### Вазифаи хонагӣ

Донишҷӯён эссеи муқоисавиеро, ки ба амнияти занон дар Қазоқистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ мутаваҷҷеҳ аст, шарҳ дода, як сархати мувофиқро бо гузаришҳои барҷаста менависанд ва корро барои баррасии ҳамсолон дар машғулияти навбатӣ пешниҳод мекунанд. Ин вазифа ҳамаи консепсияҳои дарсро то фаъолияти ҷории таълимӣ татбиқ менамояд.

## Машғулияти амалӣ ва вазифаи хонагӣ

**1. Тезис дар эссеҳои муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ**

**Нақш ва аҳамият**

- **Таъриф.** Тезис – далели марказӣ ё андешаи асосии эссеи шумост.
- **Нақш**. Он ҳамаи эссеи шуморо ба самти муайян равона месозад ва нишон медиҳад, ки кадом чиз муқоиса ё муқобилгузорӣ карда мешавад ва хулосаи асосии шумо аз чи иборат аст.
- **Аҳамият.** Тезиси возеҳ ба хонандагон кумак мерасонад, ки ҳадаф ва самти эссеи шуморо бифаҳманд.

**Сохтор**

Тезиси хуб барои эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ:

- объектҳои муқоисаро муайян мекунад;
- монандӣ ва фарқиятҳоро нишон медиҳад;
- далел ё хулосаи асосии шуморо ифода мекунад.

**Намунаҳои тезис дар асоси мақолаҳо аз боби 5:**

1. Ҳарчанд Қазоқистон ва кишварҳои дигар барои беҳтар кардани бехатарии занон дар фазои шаҳрӣ ташаббусҳо таҳия карда буданд, аммо равиши Қазоқистон аз сабаби заиф будани заминаҳои ҳуқуқӣ ва сатҳи пасти огоҳии ҷомеа камсамар боқӣ мемонад.
2. Таҷрибаи занон дар Остона ҳам мушкилоти куллӣ ва ҳам беназири бехатарии шаҳрҳоро ошкор намуда, зарурати банақшагирии шаҳрсозии гендерӣ-ҳассиро дар саросари Осиёи Марказӣ таъкид менамояд.
3. Сарфи назар аз он ки фаъолнокии ҷомеа бехатарии занонро дар шаҳрҳои Қазоқистон беҳтар кардааст, дар муқоиса бо кишварҳои ғарбӣ дар бахши ҳифзи ҳуқуқ ва дастгирии иҷтимоӣ фарқиятҳои назаррас боқӣ мондаанд.

**2. Ҷумлаҳои мавзуъдор, ёридиҳанда ва хулосавӣ**

- **Нақш.** Андешаи асосии ҳар як сархат бевосита ба тезис иртибот дорад.
- **Сохтор**. Возеҳу равшан нишон дода мешавад, ки кадом ҷанба дар сархат мавриди муқоиса ё қиёс қарор мегирад.

**Мисолҳо:**

1. Яке аз фарқиятҳои асосии Қазоқистон ва кишварҳои ғарбӣ самаранокии тадбирҳои қонунӣ алайҳи озорҳои ҷинсӣ мебошад.
2. Мисли кишварҳои дигар дар Қазоқистон ташаббусҳои ҷомеавӣ барои беҳтар кардани бехатарии занон дар шаҳрҳо ба миён омадаанд.

**Ҷумлаҳои ёридиҳанда**

1. **Нақш**. Барои тақвияти ҷумлаҳои мавзуъдор далелҳо, мисолҳо ва тавзеҳот пешниҳод мекунанд.
2. **Сохтор**. Аз дохили матн далелҳо, маълумотҳо, латифаҳо ё иқтибосҳоро истифода баред.

**Мисолҳо:**

1. Дар Белгия қонунҳои зидди осебрасонии ҷинсӣ ба ҷабрдидагон имкони шикоят бурданро медиҳанд, дар ҳоле ки дар Қазоқистон заминаи ҳуқуқӣ дар мафҳумҳо ва механизмҳои иҷроиш норавшан аст.
2. Лоиҳаи «Мизи 99» дар Қазоқистон, ки аз ҷониби мактаббачагон таҳия шудааст, ба ташаббуси «Ба Галя занг зан»-и Русия шабоҳат дорад, ки тамоюли минтақавиро дар самти ҳаллу фасли масъалаҳои бехатарии иҷтимоӣ инъикос менамояд.

**Ҷумлаҳои ҷамъбастӣ**

- **Нақш**: Ақидаи асосии сархатро ҷамъбаст намуда, онро бо тезис пайваст мекунанд.
- **Сохтор**: Муқоиса/қиёс ё аҳамияти онро такрор мекунанд.

**Мисолҳо:**

1. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз он ки ташаббусҳои вобаста ба амният дар ҳарду минтақа ҷорӣ карда шудаанд, самаранокии онҳо бо заминаи ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ муайян карда мешавад.
2. Аз ин рӯ, фаъолнокии иҷтимоӣ ҳам дар Қазоқистон ва ҳам дар кишварҳои дигар нақши муҳим дорад, аммо натиҷаҳо аз рӯи дастгирии сатҳҳои гуногуни ниҳодӣ фарқ мекунанд.

**3. Ягонагӣ ва ҳамбастагӣ**

- **Ягонагӣ**. Ҳамаи қисмҳои эссе барои дастгирии тезис якҷоя кор мекунанд.
- **Ҳамбастагӣ**. Ҷумлаҳо ва сархатҳо мантиқан бо ҳам пайвастаанд, аз гузаришҳо ва сохтори возеҳ истифода бурда шудааст.

**Нақшҳо:**

- ягонагӣ кафолат медиҳад, ки эссе ба далели асосӣ тамаркуз намояд;
- ҳамоҳангӣ ба хонанда кумак мерасонад, ки ба мантиқ ва ҷараёни ғояҳо риоя кунад.

**Чи тавр ба ягонагӣ ва ҳамоҳангсозӣ ноил шудан мумкин аст:**

- ҷумлаҳои мавзуъдорро, ки ба тезис иртибот дорад, истифода баред;
- боварӣ ҳосил кунед, ки ҷумлаҳои ёридиҳанда бевосита ҷумлаи мавзуъро рушд медиҳанд;
- ифодаҳои гузаришиpo истифода баред (масалан, «ҳамчунон», «аммо», «дар муқоиса бо», «инчунин», «аз ҷониби дигар»);
- ҳар як сархатро бо ҷумлаи ҷамъбасткунанда, ки ақидаи асосиро тақвият мебахшад, анҷом диҳед;
- аз истифодаи маълумоти номатлуб худдорӣ намоед.

**Мисол аз матн:**

«Дар Русия лоиҳае бо номи «Ба Галя занг зан» вуҷуд дорад. Дар Қазоқистон ташаббусе бо номи «Мизи 99» ба миён омад.

## 4. Машққҳои барои ягонагӣ ва ҳамоҳангсозӣ

**Машқи 1. Таҷрибаи тезис:**

- Матни пешниҳодшударо хонед
- Ду тезис нависед: яке аз онҳо ба монандиҳо ва дигаре – ба фарқият мутамарказ аст.



**Машқи 2. Навиштани ҷумлаҳои мавзуъдор:**

- Тезиси ибтидоӣ: «Қазоқистон ва кишварҳои дигар барои таъмини амнияти занон дар шаҳрҳо стратегияҳои гуногун таҳия кардаанд».
- Ҷумлаи мавзуиро барои сархат дар бораи заминаҳои ҳуқуқӣ нависед.
- Барои сархат дар бораи ташаббусҳои ҷомеа як ҷумлаи мавзуӣ нависед.

**Машқи 3. Ҷумлаҳои ёридиҳанда**

- Барои ҷумлаи мавзуии «Муносибати ҳуқуқии Қазоқистон нисбат ба озори ҷинсӣ нисбат ба баъзе кишварҳои ғарбӣ камтар рушд кардааст» бо истифода аз маълумоти матн ду ҷумлаи ёридиҳанда нависед.

**Машқи 4: Санҷиши ягонагӣ**

- Дар сархати пешниҳодшуда ҷумлаҳоеро қайд намоед, ки ҷумлаи мавзуӣ ё тезисро дастгирӣ намекунанд.

**Машқи 5. Таҷрибаи ҳамоҳангсозӣ**

- Сархатро бо иловаҳои ифодаҳо (масалан, «ҳамчунон», «аммо», «дар муқоиса бо», «инчунин», «аз ҷониби дигар») аз нав нависед.

## 5. Намунаи нақшаи эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ:

**Сарлавҳа:**

Амнияти занон дар фазоҳои шаҳрӣ: муқоисаи Қазоқистон ва кишварҳои дигар.

**I. Муқаддима**

- Шарҳи мухтасари бехатарии занон дар муҳити шаҳрӣ.
- Аҳамияти мавзуъ барои Осиёи Марказӣ.
- Тезис (масалан, «Ҳарчанд дар Қазоқистон ва кишварҳои дигар ташаббусҳоро барои бехатарии занон дар шаҳрҳо беҳтар кардаанд, аммо равиши Қазоқистон бо сабаби суст будани заминаи ҳуқуқӣ ва огоҳии пасти ҷомеа камсамар боқӣ мемонад».

**II. Чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқӣ**

- Ҷумлаи мавзуӣ: Яке аз фарқиятҳои асосии байни Қазоқистон ва кишварҳои ғарбӣ самаранокии чораҳои қонунӣ алайҳи озори ҷинсӣ мебошад.
- Ҷумлаи ёридиҳанда: Муқоисаи қонунҳои Қазоқистон бо қонунҳои Белгия/Миср.
- Ҷумлаи ҷамъбастӣ. Ҳамин тавр, ҳимояти ҳуқуқии занон дар Қазоқистон дар муқоиса бо кишварҳои дигар маҳдуд аст.

**III. Ташаббусҳои иҷтимоӣ ва маҳаллӣ**

- Ҷумлаи мавзуъдор: Дар Қазоқистон ва кишварҳои дигар ташаббусҳои иҷтимоӣ барои беҳтар намудани бехатарии занон афзоиш ёфтааст.

- Ҷумлаи ёридиҳанда: Тавсифи лоиҳаҳои «Мизи 99», «Stopharass.kz», «Ба Галя занг зан» ва ғайра.
- Ҷумлаи ҷамъбасткунанда: Аз ин рӯ, фаъолияти иҷтимоӣ як вокуниши умумӣ аст, гарчанде ки миқёс ва таъсирҳои он гуногунанд.

**IV. Шуури иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ**

- Ҷумлаи мавзуъдор: Огоҳӣ ва омодагии ҷомеа барои гузориш дар бораи он ки озори ҷинсӣ дар байни Қазоқистон ва кишварҳои дигар ба таври назаррас фарқ мекунад.
- Ҷумлаҳои ёридиҳанда: Иқтибосҳо аз пурсишномаҳо, омилҳои фарҳангӣ ва мисолҳо аз матн.
- Ҷумлаи ҷамъбастӣ: Аз ин рӯ, муқаррароти иҷтимоӣ дар ташаккули таҷрибаи амнияти занон нақши асосӣ мебозанд.

**V. Хулоса**

- Бознависии тезис.
- Хулосаи мухтасари муқоисаҳо ва фарқиятҳои асосии онҳо.
- Пешниҳодҳо барои беҳтар намудани тарҳи шаҳрсозӣ ва ҳуқуқи занон дар Осиёи Марказӣ.

**6. Намунаи сархат (намоиши ягонагӣ ва ҳамоҳангсозӣ)**

**Ҷумлаи мавзуъдор**: Заминаи ҳуқуқии Қазоқистон барои мубориза бо озори ҷинсӣ нисбат ба баъзе кишварҳои ғарбӣ камтар рушд кардааст.

**Ҷумлаҳои ёридиҳанда**: Масалан, дар Белгия қонунҳои зидди осебрасонии ҷинсӣ ба ҷабрдидагон имкони шикоят бурданро медиҳанд, дар ҳоле ки дар Қазоқистон таърифҳои мушаххас ва механизмҳои муассири иҷроиши онҳо вуҷуд надоранд. Дар матн қайд карда мешавад, ки, ҳатто, чунин ҷиноятҳои вазнин, аз қабили таҷовуз ба номус танҳо чанде пеш дар Қазоқистон ҳамчун ҷиноятҳои вазнин тасниф шудаанд. Дар натиҷа, бисёре аз занон ба полис ва низоми ҳуқуқӣ эътимод надоранд.

**Ҷумлаи хулосавӣ:**

Ислоҳоти ҳуқуқӣ зарур аст, агар Қазоқистон амнияти занонро ҳамон тавре ки дар кишварҳои дигар аст, таъмин кардан бихоҳад.

**Хулоса**

Касби малакаҳои эҷоди тезис, баёнияҳои мавзуъ, ҷумлаҳои мавзуъдор, ёридиҳанда ва хулосавӣ, инчунин, таваҷҷуҳ ба ягонагӣ ва ҳамоҳангии онҳо ба донишҷӯён зимни навиштани эссеҳои муқоисавии муассир кумак мерасонад. Бо истифода аз матнҳои пешниҳодшуда (боби 5) ҳамчун асос, ин малакаҳо ба таҳлил ва баён намудани воқеиятҳои мураккабе, ки занон дар шароити шаҳрии Осиёи Марказӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, кумак мерасонанд.

# ФАСЛИ III

## Занон ва фаъолияти иқтисодӣ

## Қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо (ҚМТ) – 2 соат



***Тавзеҳот***

Ин қисми антология ба масъалаҳои иқтисодӣ иртибот дорад, бинобар ин тартиби гузоришҳои сухангӯён-донишҷӯён аз ду боби аввали антология фарқ мекунад. Агар ду боби аввали антология ба шакли сохтории аввал алоқаманд бошанд, боби сеюм ба дуюми он пайвастагӣ дорад. Тартиби сухангӯён дар ин ҳолат дар сохтори зайл ифода ёфтааст:

- пайрави реализм (нишондиҳандаи иқтисодӣ);
- пайрави конструктивизм (нишондиҳандаи иҷтимоию сиёсӣ);
- пайрави примордиализм (нишондиҳандаи арзиши фарҳанг, таърих, дин ва ғайра).

Агар дар шакли сохтории аввалӣ ҳаракат аз арзиш ба сӯи ченаки иқтисодӣ ва минбаъд ба ниҳодҳои сиёсӣ равад, пас дар шакли сохтории дуюм ҳаракат аз иқтисод ба ниҳодҳои сиёсӣ ва аз онҳо ба эҷоди нишондиҳандаҳои нави арзишҳо, ки ба низоми нави ин нишондиҳандаҳо мутобиқ карда шудаанд, самт мегирад: иқтисод-сиёсат-арзишҳо.

Бо назардошти муҳтавои таҳқиқот дар боби сеюм, қарордодҳои зеринро барои мубоҳисаҳо аз рӯйи ҚМТ барои интихоби донишҷӯён ҷудо кардан бамаврид аст:

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки ҳуқуқ ва имкониятҳои бештари занон дар Осиёи Марказӣ дар давраи зерин ҷой доштааст:**

- истиқлолияти кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- Иттиҳоди Шуравӣ;
- давраи пеш аз шуравӣ.

**Дастаи мо бар ин назар аст, ки муваффақияти занони тоҷири Осиёи Марказӣ дар ҷомеа чолишҳои зеринро ба миён меорад:**

- эҳтиром;
- интиқод;
- маҳдудияти нақши онҳо дар ҷомеа.

**Гурӯҳи мо боварӣ дорад, ки муваффақияти тиҷорати занон аз ниҳодҳои зерин вобаст аст:**

- муассисаҳои давлатӣ;
- худи шахс (саъю кӯшишҳо, истеъдодҳо ва маҳоратҳои инфиродӣ);
- оила ва арзишҳои он.

**Гурӯҳи мо боварӣ дорад, ки занони Осиёи Марказӣ дар тиҷорат ба муваффақиятҳои бузургтарини худ дар самтҳои зерин ноил мешаванд:**

- дар сатҳи хусусӣ-миллӣ;
- сатҳи оилавӣ;
- сатҳи фаромиллӣ (шабакавӣ).

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки тиҷорати занон дар Осиёи Марказӣ бар асоси зерин устувортар рушд меёбад:**

- давомнокии меросбарии фарҳангӣ;
- шароити ниҳодии меҳнат;
- сифатҳои шахсии инфиродӣ, малакаҳо ва истеъдод.

**Гурӯҳи мо бар он назар аст, ки фаъолияти мардикорӣ дар бозори меҳнат барои занон чунин аст:**

- падидаи нангин, ки ба анъанаҳои миллии Осиёи Марказӣ ҷавобгӯ нест;
- падидаи муқаррарии иҷтимоӣ;
- рафтори иҷтимоии додашуда ва зарурӣ.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки ба рушд ва афзоиши мақоми иҷтимоии занон дар Осиёи Марказӣ ниҳодҳои зерини иҷтимоӣ мусоидат мекунанд:**

- давлат;
- соҳибкории хусусӣ;
- ҷомеаҳои анъанавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки занон аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давраҳои зерин хусусияти ғуломӣ дошта буданд:**

- давраи пеш аз шуравӣ;
- давраи шуравӣ;
- давраи истиқлолият.

# БОБИ IV

# НАҚШИ ЗАНОН ДАР МУҲИТИ ОИЛАВӢ ВА ДИНӢ



## Муқаддима

Дар қисми чоруми нишондиҳандаи консептуалии антологияи «Занони Осиёи Марказӣ» таҳти унвони «Нақши занон дар муҳити оилавӣ ва динӣ» матнҳои зерин пешкаш мешаванд:

**Матнҳои асосӣ:**

Айгерим Темирбаева, Талгат Темирбаев «Нақши занон дар тариқатҳои тасаввуфии муосири Қазоқистон».

Раъно Тӯраева «Занон ҳамчун қувваҳои тағйирот: гендер дар Осиёи Марказии пасошуравӣ».

**Басти 1**

**Кейс-стади** (1) – 3 матн (4 соат ё 2 машғулият).

**Кластер дар мавзуи умумӣ: «Маросимҳои тӯйона ва динӣ» ё «Заминаҳои динӣ дар анъанаҳои муосири тӯйона дар Осиёи Марказӣ»**

**Басти 2**

**Кейс-стади** (1) – 3 матн (4 соат ё 2 машғулият)

- Виктория Клемент «Хусусияти занона дар расму ойинҳои тӯйи туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ».
- Утебаев Мадияр «Одоби анъанавии арӯси қарақалпоқӣ».
- Чолпон Турдалиева «Назари қирғизҳо ба тӯй аз ҷанбаи гендерӣ».
- Томмасо Агуззи. Фотоэссе «Дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи арӯс аз Осиёи Марказӣ».

**Кластер дар мавзуи умумӣ: «Нақши занон дар ҷомеаи муосири Осиёи Марказӣ»**

**Басти 3.**

**Кейс-стади** (1) – 3 матн (4 соат ё 2 машғулият)

- Наҷиба Темиршоева «Таъсири занони дорои маълумоти олӣ ба оила ва тарбияи фарзандон».
- Бактигул Шабдан «Нақши зан дар ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии оила дар Қирғизистон».
- Борисова Елена, Торно Светлана «Зан, издивоҷ ва ғамхорӣ: бунёди оилаҳо ва барқарорсозии тартиботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон».
- Шоҳзодамуҳаммадова Фотима «Мушкилоти занони тоҷик: таҳаммул намудан ё талоқро пазируфтан?».
- Заррина Муканова «Занони зодаи деҳоти Қазоқистони ҷанубу шарқӣ».
- Аксана Исмоилбекова «Занон, хешутаборӣ, ислом ва моликият дар Осиёи Марказӣ».

# Муқаддима ба кластерҳо аз рӯйи матнҳои асосӣ



**Аксана Исмаилбекова** – антрополог дар бахши таҳқиқи ҷанбаҳои гендерӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Пажӯҳишҳои ӯ мавзуъҳои издивоҷ, хешутаборӣ, ислом ва моликиятро, бахусус, дар шароити пасошуравӣ дар бар мегирад.

Аксана Исмаилбекова – дорандаи стипендияи Chevening, доктори илм ва муҳаққиқи соҳаи антропология, ходими илмии Zentrum Moderner Orient дар Олмон буда, омӯзгори масъалаҳои гендерӣ дар Донишгоҳи Мартин Лютер дар Ҳалле мебошад. Аксана ҳамроҳи ҳамкасбонаш ба таҳқиқот дар бораи ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии инсон машғул аст. Мақолаҳо менависад ва лоиҳаҳоро ба иҷро расонда, дар илм саҳми арзанда мегузорад. Модари се фарзанд аст.

**Мавзуҳои асосии таҳқиқоти Аксана Исмаилбекова**

1. **Издивоҷ ҳамчун стратегияи зинда мондан**. Исмаилбекова дар мақолааш «Издивоҷ ҳамчун стратегияи наҷоти ҷамоати ӯзбекҳо пас аз муноқишаи соли 2010 дар Ӯш» таҳлил мекунад, ки чи гуна таҷрибаи издивоҷ дар миёни ӯзбекҳои Қирғизистон пас аз муноқишаи қавмӣ тағйир ёфтааст. Ӯ нишон медиҳад, ки чи гуна занон ба чеҳраҳои калидӣ дар барқарорсозии бофтаи иҷтимоии ҷамоа табдил ёфта, издивоҷро ҳамчун воситаи таҳкими робитаҳои хешутаборӣ ва амнияти иҷтимоӣ истифода бурдаанд.
2. **Занон ҳамчун қувваҳои тағйирот**. Исмаилбекова таҳқиқ мекунад, ки чи гуна занон дар Осиёи Марказӣ аз суннатҳои исломӣ ва донишҳои диниро дар соҳибкорӣ истифода мебаранд. Намунаи ин фаъолияти Сайёра аз Ӯзбекистон мебошад, ки бо ҳадафи баррасии мушкилоте, ки занони ҷавони шавҳардор бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, «Мактаб барои арӯсон»-ро таъсис додааст ва дар он меъёрҳои динӣ бо фаъолиятҳои иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.
3. **Зан, хешутаборӣ, ислом ва моликият**. Исмаилбекова таҳқиқ мекунад, ки чи гуна суннатҳои исломӣ ба ҳуқуқи моликият ва мероси занон дар Осиёи Марказӣ таъсир мерасонанд. Ӯ таҳлил мекунад, ки чӣ гуна меъёрҳои исломӣ ба мисли маҳр (тӯҳфаи арӯсӣ) ба ҳуқуқи моликият ва мақоми зан дар ҷомеа таъсир мерасонад.



**Раъно Тӯраева** – антрополог ва муҳаққиқи вобастаи Институти антропологияи иҷтимоии ба номи Макс Планк дар Ҳалле-Заали Олмон мебошад. Таҳқиқоти ӯ ба тағйироти гендерӣ дар Осиёи Марказӣ, бахусус, дар давраи пасошуравӣ, бахшида шудаанд.

**Ҷанбаҳои асосии пажӯҳишҳои Раъно Тӯраева:**

1. **Зан ҳамчун қувваи тағйирот**. Тӯраева дар мақолаи худ «Зан ҳамчун қувваи тағйирот: гендер дар Осиёи пасошуравӣ» баррасӣ менамояд, ки чи гуна занон ба таҳаввули бозори меҳнат, сохторҳои оилавӣ ва

институтҳои гендерӣ таъсир расонидаанд. Қайд мекунад, ки сарфи назар аз табиати суннатии ҷомеа ва меъёрҳои исломӣ, занон барои тавсеаи имкониятҳои худ фаъолона корҳои навро ҷустуҷӯ мекунанд. Бо вуҷуди ин, ҷаҳонишавӣ на ҳамеша ба тағйирёбии нақшҳои анъанавии гендерӣ оварда мерасонад.

2. **Нақши дин ва ҳувияти зан.** Тӯраева дар як пажӯҳиши дигар таҳлил мекунад, ки чи гуна занон дар Осиёи Марказӣ ба ислом мегараванд ва чи тавр он ба шахсияти онҳо таъсир мерасонад. Вай таъкид мекунад, ки эътиқоди динии занон, аксаран аз намуди зоҳирии онҳо арзёбӣ мешавад, аммо дар амал ҳама чиз хеле печидатар аст. Муҳоҷират ва сафарбарии занон боиси тағйирёбии нақшҳои иҷтимоӣ ва дарки меъёрҳои анъанавии онҳо мегардад.
3. **Деколонизатсияи омӯзиши гендер.** Тӯраева дар Конфронси IV байналхалқии «Осиёи Марказии пасокоммунистӣ: фазо барои мулоҳиза» таҳқиқотеро пешкаш намуд, ки ба мавзуи деколонизатсияи гендершиносӣ бахшида шуда буд. Ӯ зарурати бознигарии муносибатҳои анъанавӣ ва эътирофи гуногунии таҷрибаи занонро дар минтақа таъкид мекунад.

Таҳқиқоти Раъно Тӯраева дар фаҳмиши сафарбарии мураккаби гендерӣ дар Осиёи Марказӣ бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ба назар гирифтани шароити таърихӣ, омилҳои динӣ ва тағйироти иҷтимоӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Айгерим Темирбаева, Талгат Темирбаев «Нақши занон дар тариқатҳои тасаввуфии муосири Қазоқистон»**



Айгерим Темирбаева ва Талгат Темирбаев таҳқиқотеро гузаронидаанд, ки ба нақши зан дар тариқатҳои тасаввуфии муосири Қазоқистон бахшида шудааст. Онҳо дар мақолаи «Ҷанбаҳои гендерии таҷрибаҳои тасаввуфӣ дар Қазоқистон ва хориҷи кишвар» қайд мекунанд, ки суннати тасаввуфӣ сарфи назар аз дуалигии ҷинсии олам, ваҳдати вуҷудро эътироф намуда, ба рушди маънавии занон дар тасаввуф мусоидат мекунад. Ҳамчунин, занони сӯфии дар таърих маъруфбуда, созмонҳои муосири занонаи тасаввуфӣ ва ширкати занон дар тариқатҳои Қазоқистонро мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар як пажӯҳиши дигар бо номи «**Манзараи рақамии тариқатҳои тасаввуф дар Қазоқистони муосир**» муаллифон таъсири технологияҳои рақамиро ба фаъолияти ҷамоатҳои сӯфиён, аз ҷумла иштироки занон дар захираҳои он-лайнии интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ таҳлил мекунанд, ки имкониятҳои онҳоро барои муоширати маънавӣ ва таълимгирӣ васеъ мекунад.

Дар пажӯҳишҳояшон Айгерим Темирбоева ва Талгат Темирбоев нақши фаъоли занонро дар равияҳои тасаввуфии Қазоқистон, саҳми онҳо дар рушди ҷамоатҳои сӯфиён ва мутобиқсозии анъанаҳо ба шароити муосир таъкид меёбад.

Тариқаи тасаввуф (арабӣ: «الطريق» – «роҳ», «равиш») – равия ё мактаби маънавӣ дар тасаввуф, як ҳаракати ирфонӣ дар ислом мебошад. Тариқат як навъ созмон ё гурӯҳи бародаронаест, ки ба рушди маънавиёт тавассути таҷрибаҳои амалӣ, ки барои наздикшавӣ ба Худо равона шудааст, бахшида шудаанд. Тасаввуф дар маҷмуъ ба таҷрибаи



ботинӣ, иртиботи ирфонӣ бо Худо ва ҷустуҷӯи ҳақиқат тавассути ишқ, вафодорӣ ва худшиносӣ мутаваҷҷеҳ аст.

**Ҷанбаҳои калидии тариқати тасаввуф**

Роҳи маънавӣ (тариқат): Ҳар як тариқаи суфӣ роҳи хоссаи худро дорад, ки аз муроқаба, ибодат, амалҳои руҳонӣ, аз қабили зикр (такрори номҳои Худо) ва расму ойинҳо барои поксозии нафс ва қалб аз пайвандҳои дунявӣ иборат аст.

Шайх: Тариқати суфӣ дар аксари ҳолатҳо аз ҷониби шайх, муаллим ё омӯзгоре роҳбарӣ мешавад, ки донишҷӯёнро роҳнамоӣ намуда, ба онҳо дар роҳи руҳониашон кумак мерасонад ва донишро барояшон интиқол медиҳад. Шайхро пайвандгари шогирд ва Худо медонанд.

Мурид: Ин пайрав ё шогирдест, ки ба таълимоти тариқат пайравӣ мекунад ва барои ноил шудан ба ҳамоҳангии ботинӣ ва наздикшавӣ ба Худо амалҳои руҳониро иҷро мекунад.

Ҳадафи ирфонӣ: Ҳадафи тариқаи суфӣ расидан ба ҳолати фано – маҳлулшавии комил дар Худост, ки маънои даст кашидан аз ҳуввияти шахсӣ ва пайвастан бо нур ва ҳақиқати Худоро дорад.

Ҷомеаҳо ва тариқатҳо: Тариқатҳои тасаввуф аксаран ҷамоатҳоеро ташкил медиҳанд, ки метавонанд хурд ва маҳрамона ва ё калонтар бошанд, ки шумораи зиёди пайравонашро дар бар мегиранд. Ба ин ҷамоатҳо ҳам мардон ва ҳам заноне дохил мешаванд, ки қоидаҳо ва таҷрибаҳои муайянро риоя менамоянд.

Маросимҳо: Тариқати сӯфиён расму ойинҳои гуногунро дар бар мегиранд, аз қабили ибодати ҷамоатӣ, сурудхонӣ, рақс (ба монанди «дарвешҳои чархзананда»), инчунин, амалҳои инфиродӣ, ки ба густариши таҷрибаи руҳонӣ мусоидат мекунанд.

**Намунаҳои тариқатҳои тасаввуф:**

Нақшбандия – яке аз тариқаҳои густурда дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон аст.

Мавлавия – тариқкаи маъруфе, ки дар он рақси машҳури дарвешҳо ба иҷро мерасад.

Қодирия – яке аз қадимтарин ва маъруфтарин тариқатҳои тасаввуф буда, дар кишварҳои араб ва берун аз он паҳн шудааст.

Ҳамин тариқ, тариқати тасаввуф равияест, ки на танҳо намозу ибодат, балки рушди маънавӣ, худшиносӣ ва робитаи мустақими шахсиро бо Худо дар бар мегирад.

## Дар бораи муаллифони матнҳои иловагӣ:



**Виктория Клемент** «Хусусияти занона дар маросимҳои арӯсии туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ».

Вай муҳаққиқи Авруосиё дар Маркази омӯзиши фарҳанги пешрафтаи Донишгоҳи Корпуси пиёдагардони баҳрӣ дар Квантикои вилояти Вирҷиния мебошад. Вай қаблан ба ҳайси ходими илмӣ дар Маркази таҳқиқоти байналмилалии Вудро Вилсон дар Вашингтон, Колумбия ва ҳамчун омӯзгор дар Мактаби аспирантура барои пиёдагардони баҳрӣ дар Монтерей, Калифорния фаъолият намудааст. Ӯ яке аз муассисони Ҷамоаи муҳаққиқони Авруосиёи Марказӣ (Central Eurasian Studies Society) мебошад.

**Зарина Муканова** « Занони зодаи деҳоти Қазоқистони ҷанубу шарқӣ».



Антропологи иҷтимоӣ. Вай рисолаи PhD-и худро дар мавзуи «Насабшиносӣ, гендер дар деҳоти ҷанубу шарқии Қазоқистон» дифоъ кардааст. Ба таҳқиқоти мавзуи шежире (шаҷара) ва пайвандҳои хешутаборӣ дар яке аз деҳаҳои хурди назди Талдиқӯрғон ҳусни таваҷҷуҳ варзидааст.



**Томмазо Агутси** – аспиранти барномаи инноватсионии шабакаи таълимии MARKETS дар Донишгоҳи технологии Таллинн (TalTech), Эстония мебошад. Вай дорои дараҷаи дукаратаи магистр дар соҳаи таҳқиқоти глобалӣ дар Донишгоҳи Вена, Австрия ва Донишгоҳи Роскилде, Дания ва дараҷаи бакалаврӣ дар соҳаи рушди байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар Донишгоҳи Болонияи Италия мебошад. Ӯ дар Донишгоҳи равобити байналмилалӣ ва забонҳои ҷаҳонии ба номи Абилайхон дарс дода, дар Хазинаи Авруосиёи Осиёи Марказӣ дар Алмаато, Қазоқистон кор кардааст.

Фаъолияти илмии ӯ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, ӯ хусусияти ғайрирасмӣ ва бунёди меъёрҳои иҷтимоӣ дар шароити Осиёи Марказӣ ва меъѐрҳои гуногуни ахлоқиро дар миёни давлат ва ашхоси алоҳида таҳқиқ мекунад.

Томмасо Агутси, аксбардори ҳаваскор, ки аслан аз як деҳаи дурдасти Итолиё аст, бори аввал соли 2017 ба Қазоқистон омад. Лоиҳаи таҳқиқотӣ ба ӯ имкон дод, ки ба Алмаато баргардад, то барои дарёфти унвони докторӣ омода гардад. Ӯ меъмории кӯҳнаи Алмааторо дӯст медорад ва ҳар хафта ба майдони ях дар Медео омада, ҳамроҳи

яхмолакбозон машқ мекунад. Акси Томмасо Агутси «Дар боми ҷаҳон» дар номинатсияи «Табиати ваҳшӣ» дар конкурси солонаи Mobile Photography Awards пирӯз гардид.



**Чолпон Турдалиева** – профессори Барномаи таҳсилоти умумӣ дар Донишгоҳи Амрикоии Осиёи Марказӣ мебошад. Ӯ унвони илмии доктори фалсафаро дар Донишгоҳи Ҳумболдт (2022, Олмон) гирифта, дараҷаи пасодоктириро дар Пажӯҳишгоҳи таърихи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон (2010, Қирғизистон) дар риштаи таърих ва антропология касб намудааст. Ӯ ҳамчунин дар Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Жусуп Баласагин (1989, Қирғизистон) дипломи мутахассиси соҳаи таърихро гирифтааст.

Айни замон узви кумитаи ҷоизаҳо барои фаъолияти иҷтимоии Ҷомеаи таҳқиқоти Авруосиёи Марказӣ (CESS) (аз соли 2023), узви Ассотсиатсияи таҳқиқоти Ховари Миёнаи Амрикои Шимолӣ (аз соли 2000, ИМА), узви Ассотсиатсияи байналмилалии таърихи шифоҳӣ (IOHA) (аз соли 2019), узви Комиссияи давлатии таҳқиқоти илмии назди Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон (аз соли 2012), узви Ассотсиатсияи муаррихони Ҷумҳурии Қирғизистон «Тарих Коому» (аз соли 2013, Қирғизистон), узви Кумитаи диссертатсионӣ дар соҳаи антропология ва археологияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон (аз соли 2015) ва узви Раёсати Созмони ғайриҳукуматии Ассотсиатсияи Фулбрайт (аз соли 2019) мебошад.

Доктор Турдалиева муассис ва роҳбари ташкилоти ғайриҳукуматии «Маркази ташаббусҳои осорхонавӣ» буд, ки як қатор лоиҳаҳои байналмилалӣ ва миллӣро амалӣ намудааст. Ин лоиҳаҳо аз ҷониби Фонди сафирони ИМА оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ (AFCP), Фонди Сорос, Фонди Кристенсен, ширкати «Kumtor Gold Company», ЮНЕСКО ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон маблағгузорӣ шудаанд. Муҳимтар аз ҳама лоиҳаҳои ӯ барои ҳифз ва барқарорсозии бурҷи Буранаи асри XI (2021-2023) ва оромгоҳи асри XV Шоҳ Фазл (2000-2001) ба ҳисоб мераванд. Вай лоиҳаҳои идоракунии осорхонаҳоро дар ҳамкорӣ бо Осорхонаи таърихи миллии Қирғизистон (2001), Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии Норин (2012-2015), Осорхонаи Ҷалолобод (2017), Осорхонаи Актала (2018) ва Маҷмааи осорхонаи Бурана (2021-2023) бо дастгирии сармоягузорон амалӣ намудааст.

**Утебаев Мадияр Бердибаевич** – ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии илмҳои инсоншиносӣ, шуъбаи Қароқалпоқистонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон.



**Светлана Торно** – ходими илмии гурӯҳи таҳқиқотии Макс Планк «Пиршавӣ дар давраи мутаҳаррикӣ» мебошад. Вай унвони доктори илмҳои антропологияи иҷтимоиро дар Донишгоҳи Ҳейделберг гирифта, қаблан дар донишгоҳҳои Тюбинген (Олмон) ва Макгилл (Канада) дар бахшҳои антропология, ҷуғрофия ва биология таҳсил кардааст. Пеш аз шомил шудан ба MPI-MMG, вай узви шарикии Маркази таҳқиқоти фарҳангии Ҳейделберг (HCTS) буд ва дар Донишгоҳи Ҳейделберг, дар соҳаи кластери таҷрибаи пешқадами «Осиё ва Аврупо дар шароити глобалӣ» соҳиби идрори

постдоктириро касб намудааст. Таҳқиқоти Светлана ба масъалаҳои синну сол, мутаҳаррикӣ, муносибатҳои байни наслҳо, нигоҳубин ва гендер дар Осиёи Марказӣ мутамарказ аст, ки дар он ҷо ӯ дар корҳои этнографӣ таҷрибаи ғании таҳқиқотӣ дорад. Ҳоло ӯ нашрияҳои мухталифи вобаста ба рисолаи номзадиаш, аз ҷумла дастнависи китоби «Талошҳо, ӯҳдадориҳо, зиндагии вобасташуда: нигоҳубинӣ ва машғулиятҳои ҳаётии занон дар Тоҷикистон»-ро коркард менамояд. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи пасодоктории худ ӯ ҳаракати мутақобилаи одамони солхӯрдаи Тоҷикистонро дар заминаи муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ таҳқиқ мекунад.



Светлана Торно, этнографи олмонӣ, ки ба муддати як сол дар Тоҷикистон пажӯҳиши сохтори суннатии оила ва нақшҳои занонро дар оила анҷом дода, бар ин назар аст, ки занони тоҷик бо вуҷуди маҳрумиятҳо ва мушкилоти зиёд худро хушбахт эҳсос мекунанд.

### КЕЙС барои машғулият: Қувваи занона ва деколонизатсияи донишҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ аз рӯйи матни Раъно Тӯраева

**Доираи мавзуъ**

Дар Осиёи Марказии пасошуравӣ (хусусан Ӯзбекистон ва Тоҷикистон), сарфи назар аз талошҳои навсозиҳо ва таъсири ғояҳои феминистии ҷаҳонишавӣ, занҳо ҳоло ҳам дар доираи низоми мураккаб фаъолият мекунанд, ки дар он ислом, меъёрҳои падаршоҳӣ ва интизориҳои хонаводагӣ ва идеологияи давлатӣ ба ҳам омезиш ёфтаанд.

Пажӯҳишгар Раъно Тӯраева пешниҳод мекунад, ки таҷрибаҳои занон на ҳамчун «қафомонӣ» аз қолабҳои ғарбии гендерӣ, балки ҳамчун шаклҳои алтернативии қудрат, ки дар шароити маҳаллӣ реша мегиранд, баррасӣ ёбанд.

**Нақшаи намоишнома**

Тасаввур кунед, ки шумо узви гурӯҳи таҳқиқотие ҳастед, ки стратегияҳои гендерии занонро дар ҷомеаҳои пасошуравӣ ва ғарбӣ муқоиса мекунад. Ба шумо супориш дода шудааст, ки таҳлилномаеро дар бораи вазъи Осиёи Марказӣ омода намоед.

Дар асоси матни Рано Тӯраева ва дигар намунаҳо вазифаи шумо – арзёбӣ намудани он аст, ки занони минтақа чи гуна:

- манфиатҳояшон (оилавӣ, иқтисодӣ, динӣ)-ро амалӣ менамоянд;
- дучори маҳдудиятҳо мегарданд;
- ҳувияташонро берун аз чаҳорчӯбаи муқаррарии либералӣ ё мустамликавӣ ташаккул медиҳанд.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима:**

1. Ислом ва суннати динӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи занон чӣ гуна таъсир мерасонанд?
2. Оё диндорӣ маҳдудият ё захира аст?
3. Занҳо чӣ гуна исломро ба манфиати хеш тафсир мекунанд?
4. Оё занеро, ки нақшҳои анъанавиро иҷро мекунад, қувваи тағйирот шуморидан мумкин аст? Масалан, модар, арӯс, зани диндори мусалмон – ин шакли тобеият аст ё интихоби бошуурона?

5. Маънои «деколонизатсияи донишҳои гендерӣ» чист?
6. Чаро мафҳумҳои ғарбӣ дар бораи озодӣ аз тобеият ва баробарӣ на ҳамеша дар минтақа татбиқ мешаванд?
7. Чӣ тавр аз таҳлили «аз боло таҳмилшуда» канораҷӯӣ кардан мумкин аст?
8. Муҳоҷират нақшҳои гендериро чӣ гуна тағйир медиҳад?
9. Вақте ки занон ба мардикорӣ мераванд, чӣ ҳодиса рух медиҳад – онҳо сарвари хонавода мешаванд ва таҷрибаи мухториятро касб менамоянд?



**Вазифа** (кори гурӯҳӣ барои 20-30 дақиқа)

Яке аз намунаҳои занонеро, ки дар матни Тӯраева ё дар таҳқиқоти саҳроии шабеҳи он дучор меоянд, интихоб кунед. Гурӯҳи шумо бояд:

- вазъияти зиндагии ӯро мухтасар тавсиф намояд;
- шаклҳои қудрати ӯро муайян кунад (тавассути кадом механизмҳо ӯ фаъолият мебарад).

Ҷавоб диҳед: Оё ӯ тартиботи мавҷударо дастгирӣ мекунад ё онро тағйир медиҳад?

Баъдан ҳар як гурӯҳ натиҷаҳои худро бо дигарон мубодила мекунанд.

Маводҳо (бо интихоби омӯзгор): масалан, матни Раъно Тӯраева.

**Саволҳо барои матни Раъно Тӯраева:**

1. Мақола аз се бахш иборат аст, ҳар кадоми онҳо ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?
2. Маъракаи ҳуҷум чист?
3. Мушкилоти муосири антропологии Осиёи Марказӣ кадомҳоянд?
4. Ибораи «муомилоти падаршоҳӣ»-ро, ки муҳаққиқ Дениз Кандийоти пешниҳод кардааст, чӣ тавр мефаҳмед?
5. Шуроҳои занон ба кадом корҳо машғул буд?
6. Нақшҳои гендерӣ ва мавқеи занон дар Осиёи Марказии пасошуравӣ чӣ гуна тағйир ёфтаанд?
7. Дар Осиёи Марказӣи пасошуравӣ ниҳоди бисёрзанӣ чӣ гуна рушд мекунад?
8. Оё бисёрзанӣ воқеан зидди занони Осиёи Марказӣ?
9. Оё кейси Нозима дар Осиёи Марказии пасошуравӣ истисно ва ё меъёр аст?

Видеоҳо ё аксҳо дар мавзуи занон ва дин дар Осиёи Марказӣ бо истифода аз намунаи фотоэссеи Томмазо Агутси «Дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи арӯс аз Осиёи Марказӣ».

Масалан, рассоми қазоқ Асел Кенжетаева дар силсилаи расмҳои худ «Арӯси алангагирифта. Қалин» занонеро тасвир кардааст, ки байни фаъолияти иҷтимоӣ ва масъулиятҳо дар оила ва хонаи шавҳар мувозинат дорад. Ин тасвирҳо, ки мураккабии вазъияти занонро дар ҷомеаи суннатӣ инъикос мекунанд, дар намоишгоҳҳое пешниҳод гардидаанд, ки ба ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд.

Ҳамчунин, намоишгоҳи аксҳои «Муҳоҷирон: нерӯи ноаён дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Созмони байналмилалии муҳоҷирати СММ ташкил шудааст, қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ин намоишгоҳ асарҳое ба намоиш гузошта шудаанд, ки дар бораи зиндагии муҳоҷирон аз Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои равобити хонаводагӣ ва нақши зан, қисса мекунанд. Аксҳоро ҳикояҳои муаллиф ҳамроҳӣ мекунанд, ки барои дарки амиқтари ҳаёти рӯзмарра ва мушкилоте, ки муҳоҷирон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, имконият фароҳам меоранд.

## II

**КЕЙС-вазифа барои машғулияти донишҷӯён дар мавзуи: «Нақши занон дар тариқатҳои тасаввуфи муосири Қазоқистон»**



**Доираи мавзуъ**

Дар даҳсолаҳои охир дар Қазоқистон, аз ҷумла дар байни занон, таваҷҷуҳ ба равияҳои тасаввуф афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди бартарияти мардон дар ин сохторҳо, занон дар рушди тариқатҳои суфӣ нақши муҳим доранд. Таҳқиқоти Айгерим ва Талгат Темирбаевҳо нишон доданд, ки дар шароити муосир занон дар ҳаёти руҳонӣ ҳам дар шаклҳои анъанавии расму одат ва ҳам дар шаклҳои нави он, масалан, дар Интернет, тавассути ҷомеаҳои онлайнӣ фаъолона иштирок мекунанд.

**Саволҳои калидӣ барои муҳокима:**

- Нақши занон дар ҷамоатҳои тасаввуфи Қазоқистон бо таҳаввулот дар соҳаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чӣ гуна тағйир меёбад?
- Кадом шаклҳои анъанавӣ ва нави иштироки занонро дар равишҳои тасаввуф муайян кардан мумкин аст? Онҳо дар ин расму одатҳо чӣ гуна нақш мебозанд?

**Ҷанбаҳои гендерӣ:**

- Нақши вижаи занон дар таълимоти тасаввуф чӣ гуна аст ва ин бо таълимоти исломӣ дар бораи маънавият ва баробарии инсон чӣ иртибот дорад?
- Занон чӣ гуна пазируфта мешаванд – ҳамчун омӯзгорони руҳонӣ ё пешвоёни ҷомеаҳои тасаввуф? Кадом монеаҳо барои занон дар ин нақшҳо ба миён омада метавонанд?

**Рақамикунонӣ ва таҷрибаҳои муосир:**

- Технологияҳои рақамӣ ба дастрасии занон ба таълимот ва ҷамоатҳои тасаввуф чӣ гуна таъсир мерасонанд?
- Чӣ гуна василаҳои онлайн (шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳо, вебинарҳо) имкониятҳои занонро барои иштирок дар ҳаёти руҳонии сӯфиён тағйир медиҳанд? Тарафҳои мусбат ва манфии ин равиш дар чист?

**Тағйироти иҷтимоӣ ва тариқатҳо:**

- Кадом дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Қазоқистон барои иштироки фаъолонаи занон дар тариқатҳои тасаввуф мусоидат мекунанд?
- Ин тағйирот ба худи консепсия ва рушди расму одатҳои тасаввуф дар кишвар чӣ гуна таъсир мерасонанд?

**Супориш барои кори гурӯҳӣ:**

- Таҳлили гендерӣ дар заминаи расму одатҳои сӯфиён.
- Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, яке аз расму одатҳои сӯфиёнро интихоб кунед, ки дар он занҳо фаъолона ширкат меварзанд. Таҳлил кунед, ки чӣ гуна фарқиятҳои гендерӣ дар ин расму одатҳо зоҳир мешаванд ва роҳҳои имконпазири тағйир додани ин нақшҳоро пешниҳод кунед.

**Рӯнамоӣ**

Ҳар як гурӯҳ хулосаҳои худро дар шакли рӯнамоӣ пешниҳод мекунад, ки дар он:

- намунаҳои иштироки занон дар тариқатҳои суфӣ оварда мешаванд;
- роҳҳои имконпазири рушд ва мутобиқшавии нақшҳои занон дар ҷомеаҳои тасаввуф дар заминаи тағйироти муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пешниҳод карда шаванд.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Фаҳмидани он нукта, ки чӣ гуна нақшҳои гендерӣ дар таҷрибаҳои динӣ ва руҳонӣ ба шароити муосир мутобиқ мешаванд.
- Таҳлили таъсири мутақобилаи расму одатҳои анъанавии динӣ бо технологияҳои нав ва тағйироти иҷтимоӣ.
- Рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти таҳлили тағйирот дар сохторҳои динӣ тавассути масъалаи гендер.

**Кейс** ҳамчун роҳи омӯзиши ҳамкории расму одатҳои анъанавии динӣ ва шароити муосир, инчунин нақши занон дар тағйироти маънавию фарҳангӣ.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ОМӮЗГОР БАРОИ КОРБАРӢ БО МАТН:

1. **Заминасозӣ барои мавзуъ**

   Пеш аз мутолиаи мақола ба донишҷӯён маълумоти муқаддимавӣ диҳед:

   - фаҳмонед, ки тасаввуф, мавқеи он дар ислом ва вижагиҳои тариқатҳои тасаввуфӣ чи гуна аст;
   - мухтасар муҳокима намоед, ки нақшҳои гендерӣ дар динҳои анъанавӣ (аз ҷумла ислом) ташаккул ёфтаанд;
   - ба хусусиятҳои расму ойинҳои динии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, дар Қазоқистон таваҷҷуҳ намоед.

   **Ҳадаф**: кумак расонидан ба донишҷӯён доир ба фаҳмиши аз куҷо пайдо шудани фарқиятҳои гендерӣ дар расму одатҳои динӣ.

2. **Таваҷҷуҳ ба мафҳумҳо**

   Истилоҳот ва мафҳумҳои калидиро нишон диҳед, то донишҷӯён аз онҳо огоҳона истифода баранд:

   - тасаввуф/тариқат;
   - нақшҳои гендерӣ;
   - қудрати динии занон;
   - диндории пасошуравӣ .

   Пешниҳод кунед, ки «рӯйхати истилоҳот»-ро барои мақола мураттаб созанд. Ин барои ба сохторбандии иттилоот мусоидат мекунад.

3. **Баррасӣ ва мубоҳиса**

   Аз рӯи саволҳои зерин мубоҳисаи гурӯҳӣ ташкил намоед:

   - Кадом шаклҳои фаъолияти динӣ барои занон дар равишҳои тасаввуфӣ дастрас аст?
   - Чаро гаравидани занон ба тариқат дар кишварҳои гуногун (масалан, Қазоқистон ва Туркия) фарқ мекунад?

- Оё расму одатҳои руҳонӣ дар як вақт ҳам анъанавӣ ва ҳам феминистӣ буда метавонанд?

**Усули таҳқиқ**: Донишҷӯёнро ба гурӯҳҳои «Тарафдор» ва «Муқобил» ҷудо кунед ва аз онҳо бипурсед, ки оё тасаввуф барои тавсеаи имкониятҳои занон саҳм мегузорад ё на.



4. **Муносибати байнифаннӣ**

Нишон диҳед, ки мавзуи мақола бо фанҳои дигар чи гуна мепайвандад:

- Антропология: мушоҳидаи расму одатҳо дар ҷамоатҳои динӣ.
- Ҷомеашиносӣ: нақши дин дар бунёди ҷинсият ва қудрат.
- Сиёсатшиносӣ: таъсири сиёсати давлатии дин ба нақшҳои гендерӣ.

- Аз донишҷӯён хоҳиш кунед, ки аз васоити ахбори омма, мусоҳибаҳо ё таҳқиқоти дигар дар бораи мавзуъ мисол оваранд.

5. **Худсанҷӣ.**

Аз донишҷӯён хоҳиш кунед, ки дар ин мавзуъ эссе ё қайдҳои рӯзномавӣ нависанд:

- Тасаввуроти шахсии онҳо дар бораи нақши зан дар дин чӣ гуна аст?
- Пас аз мутолиаи мақола кадом чиз онҳоро ба ҳайрат овард ва ё ақидаашонро дигар кард?

**Шаклҳои имконпазири арзёбӣ:**

Иштирок дар мубоҳиса – 30%

Супориши таҳлилӣ (эссе/кейс) – 40%

Худсанҷӣ – 30%

## III

**КЕЙС-СТАДИ (case study), ки таҳлил, муҳокима ва татбиқи амалии донишҳоро дар басти умумии матнҳо муттаҳид менамояд:**

- Кластер дар мавзуи умумӣ: «Нақши зан дар ҷомеаи муосири Осиёи Марказӣ».
- Наҷиба Темиршоева «Таъсири занони дорои маълумоти олӣ ба оила ва тарбияи фарзандон».
- Бактигул Шабдан «Нақши зан дар ҳифзи саломатӣ ва некӯаҳволии оила дар Қирғизистон».
- Борисова Елена, Торно Светлана «Занон, никоҳ ва ғамхорӣ: бунёди оилаҳо ва такрористеҳсоли тартиботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон».
- Фотима Шоҳзодамуҳаммадова «Мушкилоти занони тоҷик: таҳаммул кардан ё талоқ?»
- Зарина Муканова: «Занон дар низоми насаби патрилинейӣ дар минтақаҳои деҳотии ҷанубу шарқии Қазоқистон».

**КЕЙС «Кори шахсӣ дар муқобили кори иҷтимоӣ: Нақши занон дар манзараи тағйирёбандаи Осиёи Марказӣ»**

**Вазъият**

Тасаввур кунед, ки шумо дар созмони ғайриҳукуматие кор мекунед, ки он барномаҳоро барои дастгирии занон дар ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрии Осиёи Марказӣ

таҳия мекунад. Вазифаи шумо омода кардани гузориши таҳлилӣ ва тавсияҳо барои мақомоти маҳаллӣ ва сармоягузорон дар асоси таҳқиқоти воқеие, ки онҳоро шумо таҳқиқ намудаед.

**Ҳадафи кейс:**
Фаҳмидани он, ки чи гуна нақшҳои занон дар вобастагӣ аз кишварҳо, сатҳи таҳсилот, вазъи оилавӣ ва шароити иҷтимоӣ чи гуна фарқ мекунанд ва, инчунин, коркарди пешниҳодот барои беҳтар кардани вазъи занон дар минтақаҳо аст.

**Супоришҳо барои донишҷӯён:**
Таҳлили гурӯҳӣ:
Матнҳоро байни гурӯҳҳо тақсим кунед. Ҳар як гурӯҳ 1-2 мақоларо меомӯзад ва шарҳи мухтасар омода мекунад:

- Нақши зан чӣ гуна тасвир ёфтааст?
- Зан бо кадом чолиш ва мушкилот рӯ ба рӯ аст?
- Кадом омилҳо ба интихоби ӯ таъсир мерасонанд (маълумот, фарҳанг, фишори оилавӣ ва ғайра)?

**Басти иртиботӣ:**
Мубоҳисаро дар мавзуи зерин гузаронед:
«Барои таҳкими нақши зан дар ҷомеа чӣ муҳимтар аст – истиқлоли иқтисодӣ ё таҳаввули меъёрҳои оилавӣ?»

**Татбиқи амалӣ.**
Ҳар як гурӯҳ бояд:

- барои созмонҳои ғайриҳукуматӣ ё мақомоти давлатӣ 3-5 тавсия таҳия намояд;
- асоснок кунад, ки кадом барномаҳои дастгирии занон бар пояи кейс (масалан, машғулиятҳои таълимӣ, кумаки психологӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра) заруранд.

**Худсанҷӣ**
Муҳокима кунед, ки чи тавр ҳаёти шахсии қаҳрамонзанони матнҳо равандҳои васеътари иҷтимоии минтақаро инъикос менамоянд.
Ҳадафҳои омӯзиш:

- фаҳмидани гуногунрангии таҷрибаи занон дар Осиёи Марказӣ;
- мушоҳида намудани робитаи байни гендер, фарҳанг, маориф ва ниҳодҳои иҷтимоӣ;
- рушд додани тафаккури интиқодӣ, далеловарӣ ва равиши байнифанӣ.

**Кластер дар мавзуи умумӣ: «Маросимҳои тӯёна ва дин» ё заминаҳои динӣ дар анъанаҳои муосири арӯсии Осиёи Марказӣ»**

- Виктория Клемент «Хусусияти занона дар маросимҳои тӯёнаи туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ».
- Утебаев Мадияр «Одоби анъанавии арӯси қарақалпоқӣ».
- Чолпон Турдалиева «Назари қирғизҳо ба тӯй тавассути ҷанбаҳои гендерӣ».

**КЕЙС: «Хусусияти занона дар маросимҳои тӯёнаи туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ».**

Мақолаи Виктория Клемент барои омӯзиши кейс-вазифа мувофиқ аст, ки он ба таҳқиқи меъёрҳои фарҳангӣ, гендер ва рамзҳои маросимҳо мувофиқ аст.

**Муҳити кейс**

Шумо як этнограф/ҷомеашиносе ҳастед, ки дар бораи нақши занон дар расму ойинҳои анъанавии тӯёна дар фазои пасошуравӣ гузориши таҳлилӣ омода менамоед. Ба шумо супориши омӯзиши он дода шудааст, ки маросимҳо чи гуна тасаввурот дар бораи хусусияти занонаро инъикос (ё ташаккул) медиҳанд ва дар заминаи ҷахонишавӣ ва таъсири арзишҳои муосир кадом тағйирот рух медиҳанд.

**Супориш:**

- Муайян кунед, ки кадом рамзҳо ва амалҳо дар расму ойинҳои тӯёнаи туркманӣ тасаввурот дар бораи хусусияти занонаи «анъанавӣ»-ро инъикос мекунанд.
- Нақши арӯс дар маросим чӣ гуна аст? Аз вай чаро интизорӣ кашидан мумкин аст?
- Чӣ тавр ин расму ойинҳо иерархияи оилавӣ ва арзишҳои падаршоҳиро дастгирӣ мекунанд?

**Таҳлили муқоисавӣ:**

- Бо дигар ҷомеаҳои пасошуравӣ ё мусалмонӣ (масалан, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Чеченистон, Озарбойҷон) шабоҳати онро дарёбед. Чӣ тавр маросимҳо дар ин кишварҳо шахсияти занро ифода мекунанд?
- Кадом чиз хусусияти занонаро дар ин замина муттаҳид мекунад ё фарқ мекунад?

**Худсанҷӣ ва замони муосир:**

- Кадом унсурҳои маросимҳои суннатӣ дар ҷомеаи муосир интиқод ё тағйир дода мешаванд?
- Занони муосири туркман (ё Осиёи Марказӣ) чӣ гуна нақши худро дар маросими тӯёна дубора баррасӣ мекунанд? Оё мисолҳои муқовимати «хомӯшона» вуҷуд доранд?

**Супориши амалӣ**: таҳияи намоишномаи мини-подкаст (3-5 дақиқа)-ро аз номи духтари ҷавони туркман, ки эҳсосот ва андешаҳои худро – байни эҳтиром ба анъана ва хоҳиши шунидани овози ӯ – пеш аз тӯй тасвир мекунад.

**Ҳадафи кейс:**

1. Фаҳмида шавад, ки маросимҳо чӣ гуна меъёрҳои гендериро ифода ва мустаҳкам мекунанд.
2. Ҳамкории байни фарҳанги анъанавӣ ва ҳувияти зани муосир амиқан дарк шавад.
3. Малакаҳои таҳлили фарҳангӣ ва муқоисаи байнифарҳангӣ рушд дода шавад.

Дар натиҷаи таҳлил ва муҳокимаи матн донишҷӯён бояд ба саволи асосии зерин ҷавоб диҳанд: Чаро дар Туркманистон дарки арзишҳо (оилавӣ, миллӣ, анъанавӣ) бе назардошти таҷрибаи занон дар ҷомеаи деҳоту маҳаллӣ ғайриимкон аст?

# МАВОД БАРОИ КУМАК БА ГУРӮҲ ВА ОМӮЗГОР

**Дар бораи нақш зан дар расму ойинҳои тӯёнаи туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ дар асоси материалҳои мавҷуда.**

**Нақши занон дар маросимҳои тӯёнаи туркманӣ.** Маросими тӯёнаи туркманӣ анъанаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки дар онҳо занон нақши калидӣ доранд. Яке аз унсурҳои ҷолиб ин маросими пеш аз тӯй – садақа аст, ки дар хонаҳои арӯсу домод дастархони идона бо қурбонии гӯсфанд баргузор мешавад. Ин маросим бо пухтани таомҳои суннатӣ аз қабили оши палав, шӯрбо, қатлама ва пайгирӣ мешавад, ки ҳунари хӯрокпазии занон ва саҳми онҳоро дар ҳифзи анъанаҳои фарҳангӣ нишон медиҳад.

Маросими тӯй, ҳамчунин, як ҷузъи муҳими маросим ба ҳисоб меравад. Духтарон ва занон, ки дар тан либоси идона мепӯшанд, дар болои шутурҳои бо қолин ороёфта нишаста, мақоми иҷтимоӣ ва садоқати худро ба анъана нишон медиҳанд. Қаторҳои муосири тӯёна аз мошинҳо иборатанд, аммо ҳифзи унсурҳои суннатӣ, аз қабили либосҳои миллӣ ва расму ойинҳо ҳамчунон ба аҳамияти ширкати занон дар ин маросимҳо таъкид менамояд.

### Арзишҳои оилавӣ ва мақоми зан

Дар ҷомеаи туркманӣ оила асоси сохтори иҷтимоӣ маҳсуб меёбад ва зан дар он мақоми бошарафро ишғол мекунад. Сарчашмаҳои таърихӣ қайд мекунанд, ки занони туркман аз ҳуқуқу озодиҳои зиёд бархӯрдор будаанд. Масалан, дар соли 1885 шарқшинос М.Морозова дар бораи занони туркманӣ навиштааст: «Онҳо бо зебоии нотакрор, либосҳои дурахшони миллӣ, қомати бовиқори худ дилҳоро тасхир мекунанд...».

Нигоҳ доштани арзишҳои қавмӣ-фарҳангӣ, аз қабили ҳунарҳои анъанавӣ (қолинбофӣ, гулдӯзӣ, заргарӣ) низ бо фаъолияти занон иртибот дорад. Саҳми онҳо дар ин соҳаҳои санъат нақши онҳоро ҳамчун посдорони фарҳанг ва анъанаҳо нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, занон дар ҳифз ва интиқоли ойинҳои тӯёнаи туркманӣ ва арзишҳои оилавӣ нақши марказӣ доранд, ки суннатҳои гузашта ва воқеияти имрӯзаро ба ҳам мепайванданд.

## IV

**Кейсе,** ки ба донишҷӯён ё иштирокдорони машғулият имкон медиҳад, ки дар бораи робитаи мутақобилаи дин, анъана, муҳоҷират ва гендер дар Осиёи Марказии пасошуравӣ андешаронӣ кунанд.

**КЕЙС: «Байни меъёр ва озодӣ: занони Осиёи Марказӣ дар ҷомеаи таҳаввулёбанда»**

**Доираи мавзуъ**

Шумо дар ҳайати гурӯҳи таҳқиқотии созмони байналмилалие фаъолият доред, ки он таҳаввули нақшҳои гендериро дар ҷомеаҳои пасошуравӣ меомӯзад. Даста ба мусоҳибаҳо ва корҳои саҳроӣ бар асоси таҳқиқоти Раъно Тӯраева дар бораи диндории занон, муҳоҷират ва деколонизатсияи донишҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ (хусусан Ӯзбекистон ва Тоҷикистон) дастрасӣ касб намудааст.

**Саволи калидии кейсӣ:**

Чӣ тавр бояд фаъолияти занонро, ки ҳуввияти динӣ, интизориҳои анъанавӣ ва талошҳо барои мустақилиятро берун аз чаҳорчӯбаи феминистии ғарбӣ омезиш медиҳад фаҳмидан ва шарҳ додан мумкин аст?

**Зерсупоришҳо барои муҳокима**



Диндорӣ ва озодӣ:

- Занон исломро ҳамчун сарчашмаи рушди шахсӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ чӣ тавр истифода мебаранд?
- Онро то кадом андоза ҳамчун як шакли қудратӣ ҳисоб кардан мумкин аст?

Муҳоҷират ва тағйир додани нақшҳои гендерӣ:

- Кадом имкониятҳо (ва таҳдидҳо) барои заноне, ки барои мардикорӣ ба хориҷа рафтаанд ё аз муҳоҷират баргаштаанд, пайдо мешаванд?
- Нақши онҳо дар оила чӣ гуна таҳаввул мепазирад?

Анъана ва навсозӣ:

- Чаро равишҳои Ғарбӣ дар масъалаи баробарии гендерӣ на ҳамеша дар Осиёи Марказӣ фаъоланд?
- Дар робита ба минтақаҳое, ки ҳувияти мазҳабӣ доранд, «деколонизатсияи омӯзиши гендерӣ» чӣ маъно дорад?

**Сиёсат ва дин**

Чӣ гуна давлатҳо (масалан, Ӯзбекистон ё Тоҷикистон) тасаввурот дар бораи зани «дуруст»-ро ташаккул медиҳанд? Мубоҳисаҳои расмӣ чӣ гуна маҳдудиятҳоро ҷорӣ мекунанд?

**Супориш барои иштирокдорон**

Яке аз тасвирҳои занеро, ки дар маводи Раъно Тӯраева оварда шудааст (масалан, фаъоли динӣ, муҳоҷир, соҳибкор, модари «анъанавӣ»)-ро интихоб кунед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Ӯ дар ҷомеа бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ меояд?
2. Ӯ бо кадом васила – тавассути дин, иқтисод, оила амал мекунад?
3. Шумо амалҳои ӯро чӣ гуна арзёбӣ мекунед: ҳамчун итоат ба меъёрҳо ё ҳамчун стратегияи қудратӣ?

## V

**Харитаи консептуалӣ ба матни Заррина Муканова**

1. **Падарсолорӣ (мафҳуми асосӣ):**
   - Таъриф: интиқоли решаи хешутаборӣ, мақом ва моликият аз рӯйи решаи мардона;
   - Шакли хешутаборӣ (ата-бобо → падар → писар).
   - Нақши насаб, мансубият ба қавм.
   - Робита бо сохтори иҷтимоӣ ва иерархия.
2. **Нақшҳои гендерӣ дар низоми падарсолорӣ**:
   - Зан ҳамчун «одами бегона» (ба қабилаи шавҳараш ворид мешавад).

- Интизорӣ: итоаткорӣ, ғамхорӣ ба хушдоман, идомаи насл.
- Ҳуқуқҳои маҳдуди моликият.
- «Нонамоёнӣ»-и решаи зан дар насабнома.
- Робита бо меъёрҳо, анъанаҳо ва расму ойинҳои издивоҷ.

3. **Қувваи зан ва мутобиқшавӣ**:
   - Чӣ гуна занон роҳҳои таъсиррасониро пайдо мекунанд (тавассути модар будан, нигоҳубини оила, тарбияи писарон);
   - Музокирот бо анъана: тасҳеҳ, қудрати рамзӣ дар дохили оила.
   - Намунаҳои «муқовимати мулоим».
   - Робита бо антропологияи феминистӣ ва назарияҳои муқовимати ҳаррӯза.
4. **Оила ва хоҷагии хонавода**:
   - Тавсеаи оила (ата, апа, арӯс – хушдоман).
   - Сохтор: кӣ қарор қабул мекунад?
   - Ҷои зан дар иерархия – аз арӯс то бибикалон.
   - Робита бо ниҳодҳои хешутаборӣ ва иерархияи оилавӣ.
5. **Фазо ва ҳаракатпазирӣ:**
   - Зан аз қабилаи худ ба қавми дигар мегузарад.
   - Маҳдудиятҳо барои баргаштан ба хонаи волидон.
   - Пайвастагии фазоӣ ба хонаи шавҳар.
   - Робита бо рамзи ҷой, мансубият ва назорат аз болои ҷисм.
6. **Тағйирот ва замони муосир:**
   - Таъсири муҳоҷират, таҳсилот, интернет.
   - Афзоиши нақши иқтисодии занон.
   - Таҳаввули тасаввурот дар бораи издивоҷ, оила ва ҳувият.
   - Робитаҳо бо шароити пасошуравӣ ва навсозии деҳот.

**Чӣ тавр харитаро истифода бурдан мумкин аст:**

- ба ҳайси пояасос барои навиштани эссе ё кори курсӣ;
- барои муҳокима дар гурӯҳи машғулиятӣ;
- ҳамчун аёният барои лоиҳа ё рӯнамо.

**Кумак ба донишҷӯён:**

Ба донишҷӯён қолаберо пешниҳод кунед, ҳангоми хондан ё тамошо дар он қайдҳояшонро нависанд.

**Вазъият/ мисол аз матн.**

- Низоми падарсолорӣ чӣ гуна пайдо мешавад?
- Нақшҳои гендерӣ: Оё занон қудрат доранд?

**Робита бо маводи аёнӣ**

Матнро ба филмҳо ва видеоҳо пайваст кунед:

- Филми «Бауирина салу»-и А. Кучинчуреков.
- Филмҳои ҳуҷҷатӣ дар бораи оилаҳо, анъанаҳо ва муҳоҷирати қазоқҳо.
- Мусоҳибаҳои видеоӣ бо занони деҳот.

**Вазифа.** Аз филм/видео мисол биёред, ки дар он яке аз унсурҳои падарсолорӣ зоҳир мешавад. Шарҳ диҳед, ки он бо матни Муканова чӣ гуна робита дорад.

## VI

**КЕЙС барои машғулият дар мавзуи: «Нақши занон дар анъанаҳои тӯёнаи Қирғизистон: таҳлили гендерӣ аз нигоҳи антропология ва таърих»**

**Ҳадаф:** таҳқиқи он, ки чи гуна меъёрҳои гендерӣ ва интизориҳои иҷтимоӣ ба иштироки занон дар маросимҳои тӯёна таъсир мерасонанд ва чӣ гуна ин таҷрибаҳо сохторҳои васеътари иҷтимоӣ ва фарҳангии Қирғизистонро инъикос мекунанд.

**Вазифа**

**Таҳлили сарчашмаҳо:**
- таҳқиқоти Чолпон Турдалиеваро омӯзед;
- таҳқиқоти ӯро дар антропологияи хешутаборӣ ва кӯчманчигигароӣ баррасӣ кунед, ки онҳо метавонанд барои дарки нақшҳои анъанавии занон дар ҷомеа замина фароҳам оваранд.

**Таҳлили гендерии анъанаҳои тӯёна:**
- таҳқиқ намоед, ки чӣ гуна дар расму ойинҳои тӯёна нақшҳо ва интизориҳои гендерӣ инъикос меёбанд;
- таҳлил кунед, ки ч гуна ин расму одатҳо сохторҳо ва меъёрҳои мавҷудаи иҷтимоиро таҳким бахшида ё зери шубҳа гузошта метавонанд.

**Тағйироти муосир:**
- баррасӣ намоед, ки чи гуна тағйироти муосир дар ҷомеа, аз қабили таҳсилоти занон, муҳоҷират ва тағйири меъёрҳои иҷтимоӣ ба анъанаҳои арӯсӣ таъсир мерасонад;
- муҳокима кунед, ки чи гуна ин тағйирот метавонад боиси бознигарии нақши занон дар маросимҳои тӯёна шаванд.

**Шакли корбурд:**
- Навиштани мақолаи таҳлилӣ ё омода кардани рӯнамоӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда мешаванд.
- Ворид намудани мисолҳо аз таҳқиқоти Чолпон Турдалиева ва дигар сарчашмаҳо.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**
- Дарки он ки чӣ тавр меъёрҳои гендерӣ ба иштироки занон дар анъанаҳои тӯёна таъсир мерасонанд.
- Қобилияти таҳлили амалияҳои фарҳангӣ тавассути таҳқиқоти антропологӣ ва гендершиносӣ.
- Ташаккул додани малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва таҳлили сохторҳои иҷтимоӣ.

## VII

**КЕЙС: Зан байни анъана ва тағйирот – Осиёи Марказӣ дар асри XXI**

**Доираи мавзуъ**

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон) занҳо аз замонҳои қадим дар оила ва ҷомеа нақши муҳим доранд. Бо

вуҷуди ин, мавқеи онҳо якбора дар доираи якчанд омилҳо ташаккул ёфтааст: падаршоҳии анъанавӣ, меъёрҳо ва урфу одатҳои исломӣ, мероси шуравӣ (масалан, озодии занон аз итоат) ва таҳаввулоти иҷтимоию сиёсии муосир.

Тасаввур кунед, ки шумо мушовири сиёсати иҷтимоӣ дар як созмони байналмилалии минтақаи Осиёи Марказӣ ҳастед.

Вазифаи шумо таҳия намудани ёддошти таҳлилӣ барои барномаи дастгирии иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва динӣ бо риояи анъанаҳои маҳаллӣ ва бе нақзи онҳо, мебошад.. 

**Мушкилоти асосӣ**: Чӣ гуна байни эҳтиром ба ақидаҳои анъанавию динӣ дар бораи нақши зан дар оила ва ҷомеа, пешбурди баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои занон пайдо кардан мумкин аст?

**Саволҳо барои таҳлил:**

1. Занҳо дар ҳаёти динии минтақа чӣ гуна нақш доранд?
2. Оё онҳо дар таҳсилоти динӣ ширкат меварзанд? Маҳдудиятҳо чӣ гунаанд?
3. Дин ба тақсимоти нақшҳо дар оила чӣ гуна таъсир мерасонад?
4. То кадом андоза занон дар масъалаҳои издивоҷ, тарбияи фарзанд, молияв қарор қабул карда метавонанд?
5. Ин нақшҳо дар кишварҳои гуногуни Осиёи Марказӣ чӣ гуна фарқ мекунанд? Масалан, Қирғизистони озодтарро бо Туркманистони пӯшидатар муқоиса кунед.
6. Сиёсати шуравӣ ба вазъи занон чӣ гуна таъсир расондааст?
7. Оё он ба занон барои берун рафтан аз доираи оила кумак расондааст ё баръакс, муқовимат ба вуҷуд овардааст?
8. Имрӯзҳо занон бо кадом чолишҳо рӯ ба рӯ мешаванд?

Масалан: издивоҷи бармаҳал, хушунати хонаводагӣ, фишор аз ҷониби хонавода, имкон надоштани таҳсилоти динӣ.

**Вазифаи амалӣ**

Пешниҳод мекунед:

- тадбирҳои мушаххас дар бораи беҳтар намудани вазъи занон, ки дар заминаи динӣ ва фарҳангӣ мувофиқанд;
- маъракаи таълимӣ, ки онро ҷомеа, аз ҷумла пешвоёни динӣ, қабул карда метавонанд;
- таҳлили муқоисавии таҷрибаи ягон кишвари Осиёи Марказӣ бо кишвари дигари исломӣ (масалан, Индонезия ё Эрон).

Барои баррасии мавзуи «**Заминаҳои динӣ дар анъанаҳои муосири тӯёна дар Осиёи Марказӣ**» аз бозии ахлоқие истифода бурдан мумкин аст, ки барои дарк ва таҳлили таъсири мутақобилаи ҷанбаҳои динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии маросимҳои арӯсӣ нигаронида шудааст.

## БОЗИИ АХЛОҚӢ: «МОЗАИКАИ АНЪАНАҲО»

**Ҳадаф:** Ташаккул додани қобилияти иштирокдорон барои таҳлил ва муҳокимаи таъсири анъанаҳои динӣ ба маросимҳои тӯёна бо дарназардошти гуногунии шароитҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии Осиёи Марказӣ.

Гурӯҳи синну солӣ: наврасон ва калонсолон (15-35 сола).



Шумораи иштирокдорон: 6-12 нафар.

**Дарси иттилоотӣ**

**Мавод:**

- варақчаҳо бо тавсифи маросимҳои гуногуни арӯсӣ (масалан, қазоқӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ);
- варақчаҳо бо рамзҳои динӣ ва иқтибосҳо аз матнҳои муқаддас (Қуръон, ҳадис, анъанаҳои динии маҳаллӣ);
- порчаи коғаз ва маркерҳо барои эҷоди «мозаика».

**Қоидаҳои бозӣ:**

1. Ба ҳар як иштирокдор варақча дода мешавад, ки дар он тавсифи яке аз маросимҳои тӯёна ва рамзҳои динии мувофиқ дода шудааст.
2. Иштирокдорон бо навбат кортҳои худро ба гурӯҳ пешниҳод намуда, шарҳ медиҳанд, ки чӣ гуна унсурҳои динӣ ба анъанаҳои тӯёна дар фарҳанги онҳо таъсир мерасонанд.
3. Пас аз рӯнамоии ҳар як варақчаҳо гурӯҳ муҳокима мекунад:

Ҳамгирoии унсурҳои динӣ ба расму ойинҳои муосири тӯёна чӣ гуна аст? Онҳо кадом арзишҳо ва меъёрҳоро инъикос мекунанд? Ин анъанаҳо ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва дарки нақши занону мардон дар издивоҷ чӣ гуна таъсир мерасонанд?

Пас аз муҳокима иштирокдорон якҷоя бо истифода аз коғаз ва маркерҳо «мозаикаи анъанаҳо» – тасвири аёнии муносибатҳои байни рамзҳои динӣ ва маросими тӯёнаро эҷод мекунанд.

**Дар охири бозӣ худсанҷӣ гузаронида мешавад:**

- Кадом хусусиятҳо ва фарқиятҳои умумӣ муайян карда шуданд?
- Чӣ гуна дарки заминаҳои динӣ ба эҳтиром ва ҳифзи гуногунии фарҳангӣ мусоидат карда метавонанд?

**Тавсияҳо барои гузаронидани бозӣ:**

1. Ҳангоми омода кардани варақчаҳо аз сарчашмаҳои боэътимоде истифода баред, ки гуногунрангии анъанаҳои арӯсии Осиёи Марказиро инъикос мекунанд (матнҳо барои ин баст);
2. Муносибати эҳтиромона ба расму ойинҳои гуногуни динӣ ва фарҳангӣ таъмин карда шавад;
3. Иштирокдорон барои озодбаёнӣ ва омодагӣ ба муколама ҳавасманд шаванд.

Ин бозӣ ба тафаккури интиқодӣ, таваҷҷуҳ ба ҳамдигар ва эҳтиром ба гуногунии фарҳангӣ ва мазҳабӣ мусоидат намуда, ба иштирокдорон кумак мерасонад, ки нақши динро дар ташаккули анъанаҳои тӯёна дар Осиёи Марказӣ беҳтар дарк кунанд.

**Ба матни Елена Борисова ва Светлана Торно «Зан, издивоҷ ва ғамхорӣ: созмон додани оила ва такрористеҳсоли тартиботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон»**

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили таҷрибаи гендерӣ ва оилавӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нақши зан дар издивоҷ, нигоҳубин ва такрористеҳсоли сохтори иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Муаллифони он баррасӣ мекунанд, ки чӣ гуна таҷрибаҳои анъанавӣ ва муосири издивоҷу хонаводагӣ ба мавқеи занон дар ҷомеъаи Тоҷикистон таъсир мерасонад. Ба масъалаҳои нигоҳубин, рафтори тавлиди насл ва ҳаракати иҷтимоии занон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Таҳқиқот инчунин таъсири меъёрҳои динӣ ва фарҳангиро ба таҷрибаҳои оилавӣ ва нақшҳои гендерӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

**КЕЙС: «Нақшҳои гендерӣ ва таҷрибаи оилавӣ дар Тоҷикистон».**

**Ҳадафи омӯзиши кейс**: Таҳлили таъсири таҷрибаи анъанавӣ ва муосири никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ба мақоми зан дар ҷомеаи Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нақши нигоҳубин ва такрористеҳсоли сохтори иҷтимоӣ.

**Вазифа ба донишҷӯён**

Тасаввур кунед, ки шумо ҷомеашиносе ҳастед, ки дар як деҳаи тоҷикон таҳқиқот мегузаронед. Шумо бояд биомӯзед, ки чи гуна таҷрибаҳои анъанавӣ ва муосири издивоҷ ва оила ба мақоми зан дар ҷомеа таъсир мерасонанд.

Бо истифода аз маводи таҳқиқотии Борисова ва Торно, инчунин сарчашмаҳои иловагӣ, омода кунед:

- Таҳлили таҷрибаҳои анъанавии издивоҷ: Онҳо нақшҳои гендерӣ ва интизориҳои иҷтимоиро чӣ гуна ташаккул медиҳанд?
- Таҳлили таъсири меъёрҳои динӣ: Чӣ гуна арзишҳои исломӣ ба таҷрибаҳои оилавӣ ва мақоми зан таъсир мерасонанд?

**Тағйироти муосир**

Дар сохторҳои оилавӣ кадом навъи дигаргуниҳо ба амал меоянд ва онҳо таҳаввулоти иҷтимоиро чӣ гуна инъикос мекунанд?

Барои мақомоти маҳаллӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ тавсияҳо тайёр кунед:

- Чӣ гуна занонро дар ҳифзи ҳувияти фарҳангиашон ҳангоми пешбурди баробарии гендерӣ дастгирӣ кардан мумкин аст?
- Кадом барномаҳо ва ташаббусҳо барои беҳтар кардани вазъи занон дар деҳот самаранок буда метавонанд?

**Шакли муаррифии натиҷаҳо:**

- Рӯнамоӣ бо таҳлили вазъият ва пешниҳодҳо;
- Муҳокимаи гурӯҳӣ, ки ба роҳҳои ҳаллу фасли имконпазир ва оқибатҳои онҳо мутамарказ аст.

**Сарчашмаҳо барои омодагӣ:**

- таҳқиқоти Борисова ва Торно
- мақолаҳо ва гузоришҳо дар бораи нақшҳои гендерӣ ва таҷрибаи оилавӣ дар Осиёи Марказӣ
- мавод дар бораи ҷанбаҳои динӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон.

### КЕЙС: «Рамзҳои расму одатҳои тӯёна дар Тоҷикистон: таҳлил ва тафсир»

**Ҳадаф**: таҳлили рамзҳои маросимҳои тӯёна дар Тоҷикистон, муайян кардани ҷанбаҳои мазҳабӣ ва фарҳангии онҳо, инчунин, дарки аҳамияти онҳо дар шароити ҷомеаи муосир.

**Вазифа барои донишҷӯён**

**Таҳқиқоти маросимҳои анъанавии тӯёна:**

- Тавсифи расму одатҳои анъанавии тӯёнаро дар Тоҷикистон, аз ҷумла унсурҳое ба монанди омода кардани сӯзанӣ (чодари тӯёна), расму ойинҳои вобастаи дуою фотиҳа ва дастархондорӣ, инчунин, рамзҳои хоси ин таҷрибаҳоро таҳқиқ кунед;
- Рамзҳо ва расму ойинҳои динии марбут ба суннатҳои исломӣ, аз қабили қироати Қуръон, намози мулло ва нақши онҳо дар маросими тӯёнаро муайян кунед;
- Таҳлили рамзҳои фарҳангӣ, аз қабили истифодаи баъзе матоъҳо, нақшҳо ва расму ойинҳо ва маънои онҳоро дар заминаи фарҳанги тоҷикӣ муайян намоед.

**Тағйироти муосир ва таъсири онҳо:**

- Таҳқиқ намоед, ки чӣ гуна тамоюлҳои муосир, ба монанди ҷахонишавӣ ва шаҳргароии одамон ба расму ойинҳои анъанавии арӯсӣ таъсир мерасонанд.
- Муҳокима кунед, ки оё унсурҳои анъанавӣ дар тӯйҳои муосир нигоҳ дошта мешаванд ё дар гузаронидани онҳо тағйирот ба назар мерасанд.

**Тавсияҳо:**

- бо дарназардошти тағйироти муосири ҷомеа барои ҳифзи анъанаҳои динӣ ва фарҳангӣ дар маросими тӯёна пешниҳодҳоятонро пешкаш намоед;
- муҳокима кунед, ки чи гуна унсурҳои анъанавӣ ба тӯйҳои муосир ворид шуда метавонанд, то маъно ва эҳтироми мероси фарҳангии онҳоро нигоҳ доранд.

**Шакли пешкаш намудани натиҷаҳо:**

- Рӯнамоие омода кунед, ки дар он таҳлили рамзҳои маросимҳои арӯсӣ, ҷанбаҳои муайяншудаи динӣ ва фарҳангӣ, инчунин, тавсияҳо дар бораи ҳифзи анъанаҳо пешниҳод карда шавад.
- Муҳокимаи гурӯҳӣ ташкил кунед, ки дар он ҳар як донишҷӯ хулоса ва пешниҳодҳои худро манзур мекунад.

Ин кейс имкон медиҳад, ки донишҷӯён равобити ҷанбаҳои мазҳабӣ ва фарҳангиро дар маросими тӯёнаи Тоҷикистон амиқтар дарк намоянд ва, ҳамчунин, маҳорати таҳлил ва тафсири суннатҳоро дар шароити ҷомеъаи муосир ташаккул диҳанд.

**Барои матни Мадиёр Утебаев «Одоби анъанавии арӯси қарақалпоқӣ»** ба донишҷӯён кейсе пешниҳод кардан мумкин аст, ки ба онҳо кумак мерасонад то дарк кунанд, ки нақшҳои анъанавии гендерӣ ва таҷрибаҳои фарҳангӣ ба мустақилияти шахсӣ ва сафарбарии иҷтимоӣ дар ҷомеа чӣ гуна таъсир мерасонанд.

## КЕЙС: «Одоб ё маҳдудият? Меъёрҳои гендерӣ дар таҷрибаи арӯси қарақалпоқӣ»

**Вазъият**

Дар асоси матн таҳлилеро дар бораи он омода созед, ки меъёрҳои рафторе, ки ба арӯсҳои қорақалпоқӣ пешкаш карда мешаванд, ба ҳаёт ва вазъи иҷтимоии онҳо чӣ гуна таъсир мерасонад.

**Доираи мавзуъ**

Дар асоси матни М.Утебоев, таҳлил кунед:

- Ба мафҳуми «одоби арӯс» дар фарҳанги қарақалпоқӣ чӣ дохил мешавад?
- Пас аз издивоҷ ба зан чӣ гуна вазифаҳо, маҳрумиятҳо ва интизориҳо таҳмил карда мешаванд?
- Дар ташаккули ин меъёрҳо нақши оилаи шавҳар чӣ гуна аст?

**Вазифаҳо барои донишҷӯён**

**Вазифаи таҳлилӣ:**

- унсурҳои асосии одоби анъанавиро муайян кунед (имову ишора, гуфтор, рафтор, либос ва ғайра);
- таҳлил кунед, ки ин одоб дар робита ба нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангӣ ваё нигоҳ доштани иерархияи авлодӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунад.

**Супориши интиқодӣ**

**Арзёбӣ намоед, ки одоби анъанавӣ ба омилҳои зерин чӣ гуна таъсир мерасонад:**

- ҳолати равонии зан;
- сафарбарии иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои вай;
- тарбияи наслҳои оянда.

Ин меъёрҳоро бо таҷрибаҳои шабеҳ дар дигар ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ (бо интихоби донишҷӯён) муқоиса кунед.

**Мубоҳиса**

Муҳокимаронӣ дар мавзуи «Оё риояи одоби анъанавии занона интихоби ихтиёрӣ ва на зуҳури фишор аз ҷониби ҷомеа аст?»

**Супориши амалӣ:**

- «пулеро байни анъана ва ҳуқуқ» эҷод намоед;
- пешниҳод кунед, ки чи тавр нисбат ба фарҳанг эҳтиромро нигоҳ доштан ва дар баробари ин, оқибатҳои табъизи одоби занонро ба ҳадди пасттарин фуровардан мумкин аст.

**Ҳадафҳои кейс:**

- дарки аҳамияти таҷрибаҳои анъанавии фарҳангӣ дар ҳаёти занон;
- сарҳади байни фарҳанг ва маҳдудияти ҳуқуқҳоро аз нигоҳи интиқодӣ баррасӣ кунед;
- рушд додани малакаҳои таҳлили байнифарҳангӣ ва арзёбии ахлоқӣ.

**Саволҳои иловагӣ ба матни М.Утебаев:**

1. Анъанаи «гурез» чист?
2. Ба шарафи қадами аввалини арӯс ба хонаи домод кадом расму ойинҳоро иҷро мекунанд?
3. Дар байни қароқалпокҳо кадом намудҳои издивоҷ маъмуланд?



**КЕЙС: «Байни доғи нанг ва озодӣ: мушкилоти зани тоҷик»**

**Доираи мавзуъ**

Бар асоси мақолаи Фотима Шоҳзодамуҳаммадова шумо бояд ёддошти таҳлилиро барои маблағгузории барномаи дастгирии заноне, ки дар издивоҷи бӯҳронӣ қарор гирифтаанд, омода созед.

**Супоришҳо барои донишҷӯён**

**Таҳлили кейс:**

- Сабабҳои маъмултарине, ки заноии Тоҷикистонро аз тасмими ҷудошавӣ аз шавҳарашон бозмедоранд, кадомҳоянд?
- Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии талоқ барои зан чист?
- Нақши оила, ҷомеа, давлат ва меъёрҳои динӣ дар ин мушкилӣ чӣ гуна аст?

**Мушкилии ахлоқӣ**

Муҳокима кунед: «Сабр кай қувва аст ва кай шакли зулм аст?»

Аз матн мисолҳои воқеиро истифода баред.

Таҳияи консепсияи як созмони хурди иҷтимоӣ ё ташаббуси маҳаллу фаслиро, ки ба ҳадафҳои зерин мутаваҷҷеҳ аст, коркард намоед:

- баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии занон;
- фароҳам овардани механизмҳои дастгири (психологӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ)-и заноне, ки дар рӯ ба рӯи интихоби «сабр кардан ё ҷудо шудан аз шавҳар» қарор доранд;
- бартараф кардани доғи нанги марбут ба талоқ.

**Худсанҷӣ:**

- Ҳангоми татбиқи чунин ташаббус дар шароити Тоҷикистон кадом хатарҳо ва монеаҳо ба вуҷуд омада метавонанд?
- Ҳангоми ҷорӣ намудани равишҳои беруна (аз ҷумла ғарбӣ) аз нофаҳмиҳои фарҳангӣ чӣ гуна бояд канорагирӣ кард?

**Ҳадафҳои супориш:**

Дарки мушкилоти гендерӣ дар шароити ҷомеаи анъанавӣ;

Ташаккул додани малакаи истифодаи донишҳои назариявӣ дар ҳолатҳои воқеии иҷтимоӣ;

Ташаккул додани ҳисси ҳамдилӣ, тафаккури ахлоқӣ ва малакаҳои тарҳрезии аз ҷиҳати фарҳангӣ ҳассоси ташаббусҳо.

## VIII

**БОЗИИ АХЛОҚӢ ба матни Елена Борисова ва Светлана Торно «Зан, издивоҷ ва ғамхорӣ: созмон додани оила ва такрористеҳсоли тартиботи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон»**

Нақшбозии ахлоқӣ қолабест, ки дар он донишҷӯён метавонанд нақшҳои гуногуни иҷтимоиро нисбат ба худашон бисанҷанд ва бо мушкилиҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ оянд. 

Нақшбозии ахлоқии «Шурои оила: ояндаи арӯс»

**Ҳадафи бозӣ**: нишон додани он ки қарордодҳои марбут ба издивоҷ ва нигоҳубини оила на ба таври инфиродӣ, балки зери таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ, интизориҳо ва мавқеъҳои нақш ташаккул меёбанд.

**Тарҳрезии бозӣ**

Дар яке аз деҳаҳои қисмати ҷанубии тоҷикон дар як хонавода шӯрои оилавӣ баргузор мешавад. Арӯси ҷавон (20 сола) мехоҳад таҳсилашро идома диҳад ва ҷои кор пайдо кунад, аммо ӯҳдадориҳои рӯзгор, интизориҳои хушдоман ва фишор аз ҷониби шавҳару наздиконаш ӯро маҷбур мекунад, ки дар рӯ ба рӯи интихоб қарор гирад: ё «зани хуб» бошад ё истиқлолияти худро муҳофизат кунад.

**Нақшҳо барои донишҷӯён:**

Арӯс – мехоҳад рушд ёбад, аммо аз маҳрум шудани дастгирии оилаи шавҳараш метарсад.

Хушдоман – тарафдори анъанаҳо буда, нигоҳубини хона ва калонсолонро авлавият медонад.

Шавҳар – байни муҳаббат ба занаш ва садоқат ба модараш зери ранҷу азоб қарор дорад.

Падари шавҳар – воқеъбин буда, бештар бар он манфиатдор аст, ки оила «худро шарманда накунад».

Хоҳари арӯс – ҷавон ва пешрафтатар буда, хоҳарашро дастгирӣ мекунад.

Фаъоли деҳа/намояндаи созмони ғайриҳукуматӣ – ба зан кумакашро пешниҳод мекунад ва оиларо аз аҳамияти таҳсилоти занон ва баробарии онҳо бовар мекунонад.

Имом/мушовири динӣ (ихтиёрӣ) – аз нуқтаи назари шариат ва суннат сухан мегӯяд.

**Қоидаҳо ва рафти бозӣ:**

Омодагӣ (10 дақ): Ба ҳар як иштирокдор варақчаҳо дода мешавад, ки дар он мавқеъ, шавқу рағбат ва ангезаҳои пинҳонии ӯ тавсиф мешаванд.

Маслиҳат (20-30 дақ): Мубоҳисаи нақшбозӣ – арӯс хоҳиши худро баён мекунад ва баҳс оғоз мешавад. Ҳар як бозигар метавонад сухан гӯяд, далел оаварад, ҳилагарӣ кунад ва созишро пешниҳод намояд.

**Ҳаллу фасли масъала** (10 дақ): Оила бояд қарордод қабул кунад, ки ба арӯс иҷозати таҳсил ва кор дода шавад ё тарзи анъанавии зиндагиро нигоҳ дорад.

**Муҳокима ва худсанҷӣ:**

- Кадом роҳ интихоб карда шуд? Чаро?
- Кадом далелҳо қавӣ буданд?
- Шумо худатонро дар нақши бозидаатон чӣ гуна ҳис мекардед?
- Агар шумо дар ҳаёти воқеӣ чунин вазъият медоштед, чӣ гуна муносибат мекардед?



**Бозӣ чӣ натиҷа медиҳад:**

- Фаҳмиши гуногунии манфиатҳо дар дохили як оила.
- Аҳамият додан бар он ки чи гуна нақшҳои иҷтимоӣ озодии фаъолияти шахсро маҳдуд мекунанд.
- Дар таҷриба санҷидани далелсозиҳо барои баҳсҳои ахлоқии аз нигоҳи фарҳанг ҳассос.

## БОЗИИ АХЛОҚИИ 2

Дар асоси хулосаҳои муҳаққиқон нишон додани робитаи байни издивоҷ, иқтисоди маросим, суботи иҷтимоӣ ва кӯшишҳои ҳукумат барои танзими он муҳим аст. Бар пояи он бунёд намудани нақшбозии ахлоқӣ имконпазир мегардад, ки қабули қарордодро дар шароити фишори иҷтимоӣ ва нобаробарӣ ба қолаб меоварад.

**Бозии ахлоқӣ: «Тӯй ҳамчун қарз: шараф, имкониятҳо ва адолат»**

**Доираи мазмуни бозӣ**

Оилае аз ҷануби Тоҷикистон (Кӯлоб) барои духтарашон тӯй омода мекунад. Ин хонавода бо илҳом аз тӯйҳои хешовандони суғдиаш мехоҳанд дар тарабхона як маросими бо дабдаба барпо намуда, туҳфаҳои гаронарзиш биҳаранд ва «сатҳ»-и худро нишон бидиҳанд. Аммо даромади молиашон кифоя намекунад ва аз ин рӯ, қарз гирифта, қарздор мешаванд ва барои пардохти он ба хешу табор муроҷиат мекунанд. Дар байни аъзоёни оила ва намояндагони ҷамоати маҳаллӣ ихтилоф ба миён меояд: оё ба хотири нишон додани «чеҳраи иҷтимоӣ»-и хеш ба қурбониҳои иқтисодӣ даст задан меарзад? Чӣ тавр анъанаҳоро бидуни вайрон кардани оянда нигоҳ доштан мумкин аст?

**Нақшҳо:**

Падари арӯс – қарзи иҷтимоиро эҳсос мекунад ва мехоҳад «сарбаландиашро аз даст надиҳад», аммо мефаҳмад, ки маблағи зарурӣ надорад.

Модари арӯс – қарз боиси нигаронии ӯ аст, мехоҳад тӯи арӯсӣ муътадил бошад, аммо аз ғайбати ҳамсояҳо метарсад.

Арӯс – мехоҳад тӯйи хоксорона гузаронанд ва таҳсил кунад, аммо андешаи ӯ ба эътибор гирифта намешавад.

Бародар (ё амак) – пешниҳод мекунад, ки қарз гиранд ё заминашонро фурӯшанд, токи ки монанди «одамони солим» тӯйро гузаронанд.

Ҳамсоя/хешу табор аз Суғд – қисса мекунад, ки онҳо чӣ тавр ҳама чизро чӣ қадар зебо ва бодабдаба мегузаронанд, ба нигоҳ доштани «обрӯ» исрор мекунад.

Намояндаи ҳукумат/маҳалла – дар бораи сиёсати давлат бар зидди хароҷоти зиёдатӣ барои тӯйҳо (масалан, қонун дар бораи танзими маросимҳо)-ро хотиррасон мекунад.

Имом – дар бораи паҳлӯҳои маънавии издивоҷ ва хоксорӣ ҳарф мезанад, вале аз интиқоди мустақими анъанаи тӯйҳои пурдабдаба худдорӣ мекунад.

Рӯзноманигорзани маҳаллӣ/муҳаққиқ – мушоҳида мекунад ва саволҳои ногувор медиҳад: «Аз чунин тӯй ба кӣ фоида мерасад?».

**Ҳадафи бозӣ**

Дар бораи чӣ гуна гузаронидани тӯй қарордод қабул карда шавад:

- дабдабанок (қарздор, вале «бошарафона»);
- хоксорона (вале бо интиқоди эҳтимолии иҷтимоӣ);
- талош барои пайдо намудани созишкорӣ (як роҳи ҳаллу фасли ғайримуқаррариро бояд пайдо кард).

**Масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои баррасӣ:**

- Дар шароити камбизоатӣ «намоишкории истеъмолӣ» то кадом андоза дуруст аст?
- Барои нигоҳдории «сулҳи иҷтимоӣ» кӣ масъул аст – давлат, оила ё ҷомеа?
- Оё дар чунин вазъият дар бораи озодии интихоб сухан рондан мумкин аст?
- Кадом чиз муҳимтар аст: некӯаҳволии шахсӣ ё «нигоҳ доштани обрӯ»-и гурӯҳӣ?

**Муҳокимаи пас аз бозӣ:**

- Бозингарон дар нақшҳояшон худро чӣ гуна ҳис кардаанд?
- Кадом чиз қисмати душвортарини қабули қарордод буд?
- Тафовутҳои минтақавӣ ва омилҳои таърихӣ (саноатикунонӣ, дастрасӣ ба инфрасохтор) чӣ нақш доранд?
- Сиёсати давлатӣ кадом роҳи дигарро пешниҳод карда метавонад?

**Намунаҳо барои барои тавсеаи мазмун**

Ба донишҷӯён аксҳои воқеии тӯйҳои тоҷикиро аз минтақаҳои гуногун (масалан, аз ягон мақола ё домени иҷтимоӣ) нишон диҳед, то ки онҳо гуногунрангиро ҳарҷӣ беҳтар эҳсос кунанд.

Пас аз бозӣ овоздиҳӣ гузаронед: «Шумо кадом тӯйро интихоб мекунед ва чаро?»

# Боби IV
# Иншои академикӣ

## Нақшаи дарс

## «Сохторсозии эссеи муқоисавӣ-муқобилгузорӣ дар қолаби APA» (2 соат)

### Шарҳи умумии дарс

Ин дарси 90-дақиқагӣ ба донишҷӯён чӣ гуна эҷод кардани эссеи ба таври хуб сохторшудаи муқоисавӣ/муқобилгузориро дар бораи нақши занон дар Осиёи Марказӣ бо истифода аз шаклсозии қолабии APA таълим медиҳад. Дарс дар асоси машғулиятҳои қаблии доир ба навиштан асос ёфта, ба сохтори эссе ва қолабсозии академикӣ мутамарказ аст.

### Ҳадафҳои таълимӣ

Донишҷӯён эҷод кардани муқаддимаҳои муассиреро меомӯзанд, ки доираи мазмуни дарсро муқаррар намуда, фишурдаҳои дақиқро дар бар мегиранд. Онҳо навиштани сархатҳои қисмҳои асосии матнро, ки консепсияҳоро бо истифода аз исботҳо ва гузаришҳои мантиқии мувофиқ мавриди муқоиса ва муқобилгузорӣ қарор мегиранд, машқ мекунанд. Дарс, инчунин, усулҳои навиштани хулосаҳо, ки нуқтаҳои асосиро омезиш ва аҳамияти онҳоро нишон медиҳанд, дар бар мегирад. Илова бар ин, донишҷӯён қоидаҳои қолабии APA-ро барои иқтибосҳо, истинодҳо ва сохтори ҳуҷҷатҳо истифода хоҳанд кард.

### Маводи зарурӣ

Омӯзгорон бояд намунаҳои чунин эссеро омода созанд, ки онҳо муқаддимаҳои қавӣ, сархатҳои қисми асосӣ ва хулосаҳоро нишон диҳанд. Сарчашмаҳои муҳим иқтибосҳо аз таҳқиқоти Битикчӣ (2023) ва Хуршед (2023), дастур дар бораи услуби APA, маводи тақсимотӣ ва таҷҳизоти намоишӣ мебошанд. Донишҷӯён бояд абзор барои навишт ва дастрасӣ ба барномаҳои коркарди матнро дошта бошанд.

### Пайдарҳамии таълим

Дарс бо баррасии муқаддимаҳои намунавӣ ба муддати 15 дақиқа оғоз мешавад, ки дар он унсурҳои асосӣ муқаррар мегарданд: лаҳзаи муҳимми матн, маълумот ва фишурдаи иттилоотӣ. Пас аз он як таҷрибаомӯзӣ барои навиштани сархатҳои қисми асосии матн ба муддати 20 дақиқа гузаронида мешавад, ки дар он донишҷӯён бо истифода аз сарчашмаҳои пешниҳодшуда эҷод намудани сархатҳои муқоисавиро машқ мекунанд. 15 дақиқаи оянда ба усулҳои навиштани хулоса бахшида мешавад. Пас аз он донишҷӯён ба муддати 15 дақиқа барои ба қолаб овардани иқтибосҳо ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи APA машқ мекунанд. Дарс бо шарҳи умумӣ дар муддати 10 дақиқа ва эълони вазифаи хонагӣ анҷом меёбад.

### Усулҳои баҳодиҳӣ

Сатҳи азхудкунии мавод аз ҷониби донишҷӯён тавассути машқҳои хаттӣ дар синф баҳогузорӣ мешавад, ки дар он онҳо фаҳмиши сохтор тавассути нишонгузорӣ ва эҷоди унсурҳои эссе нишон дода мешавад. Машқҳои тақризи иншои ҳамдигар дар бораи бахшҳои лоиҳа худсанҷии ташаккулдиҳандаро таъмин менамоянд. Супоришҳои хонагӣ аз муқаддимаи пурра, як сархати асосӣ бо иқтибосҳо дар доираи талаботи APA ва хулоса иборатанд. Омӯзгорон ба дуруст тартиб додани саҳифаҳои унвонӣ ва рӯйхатҳои адабиёт тибқи талаботи APA таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

### Талабот ба вазифаи хонагӣ

Барои вазифаи хонагӣ донишҷӯён бояд муқаддимае нависанд, ки дар он ҳуқуқҳои занон дар ду ҷомеаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҳамаи унсурҳои сохтории зарурӣ мавриди муқоиса қарор мегирад. Онҳо як банди қисми асосиро таҳия мекунанд, ки вазъи ҳуқуқиро дар Қирғизистон ва Тоҷикистон таҳлил менамояд ва ҳадди ақал як иқтибоси мутобиқ ба меъёрҳои APA дуруст таҳияшударо дар бар мегирад. Хулосае зарур аст, ки натиҷаҳо ва аҳамияти онҳоро ҷамъбаст менамояд ва инчунин саҳифаи унвонӣ ва рӯйхати адабиёте, ки тибқи талаботи APA сохта шудаанд, низ талаб карда мешавад.

### Арзёбӣ ва худсанҷӣ

Пас аз дарс, омӯзгорон бояд баҳогузорӣ намоянд, ки донишҷӯён то кадом андоза дастурҳои сохториро дар мақолаҳои худ самаранок истифода мебаранд. Раванди худсанҷӣ барои муайян кардани машқҳои муфидтарин ва муқаррар намудани мушкилоти боқимонда дар қолабсозии матн аз рӯи APA кумак мерасонад. Мушоҳидаҳо муайян намудани онро имкон медиҳанд, ки оё қабл аз навиштани эссеҳои пурра дар дарсҳои оянда барои донишҷӯён таҷрибаи иловагӣ дар касби малакаҳои мушаххас лозим аст ё на. Таваҷҷуҳи махсус бояд ба донишҷӯёне дода шавад, ки дар қолабсозии иқтибосҳо ё ҳамоҳангии сархатҳо ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд.

### Донишҳои қаблӣ

Барои муваффақ идома ёфтани дарс донишҷӯён бояд малакаҳои асосиро дар таҳияи фишурдаҳои матн ва сохтори сархат дошта бошанд. Шиносоӣ бо тарзи навишти муқоисавӣ-муқобилгузорӣ ҳамчун як усули хитобавӣ ва, инчунин, фаҳмиши бунёдии қоидаҳои услуби APA аз машғулиятҳои қаблӣ талаб карда мешавад. Донишҷӯён бояд таҷрибаи қаблии навишти академикиро дар бораи занони Осиёи Марказӣ аз маводи машғулият дошта бошанд.

**Тақсимоти вақт:**

- муқаддима: 15 дақиқа;
- сохтани сархатҳои қисмати асосӣ: 20 дақиқа;
- хулосанависӣ : 15 дақиқа;
- таҷрибаи қолабсозӣ тибқи APA: 15 дақиқа;
- шарҳи умумӣ: 10 дақиқа;
- шарҳи вазифаи хонагӣ ва саволҳо: 15 дақ.

**Усулҳои таълим**



Дар дарс усулҳои гуногун истифода мешавад: таълими мустақим барои намоиши консепсияҳо, корбурди муштарак дар гурӯҳҳои хурд барои омӯзиш аз тариқи ҳамкории байниҳамдигарӣ, таҷрибаи инфиродии навишт барои рушди малакаҳо ва муҳокимаи тамоми синф барои таҳкими фаҳмиши он. Чунин муносибати гуногунқолабӣ услубҳои мухталифи таълимро дар бар мегирад ва мафҳумҳои калидиро тавассути такрори чандкарата ва истифодаи онҳо мустаҳкам мекунад.

## Фаъолиятҳои амалӣ ва вазифаи хонагӣ

### Қисми 1: Навиштани муқаддима

**Ҳадаф ва сохтори муқаддима**

**Ҳадаф:**

Муқаддима ба эссеи шумо оҳанги дигар мебахшад. Он мавзуъро муаррифӣ мекунад, доираи мазмуни матнро пешниҳод мекунад, таваҷҷуҳи хонандаро ба худ ҷалб мекунад ва фишурдаи матн ва ҳадафи шуморо ташаккул медиҳад. Муқаддимаи хуб сохташуда ба хонанда дар фаҳмиши он кумак мерасонад, ки ӯ бояд аз эссе чиро интизор шавад.

**Ҷузъҳои муқаддима:**

1. Тасдиқҳои умумӣ: сарсухани васеъ дар бораи мавзуъ.
2. Далелҳои тасдиққунандаи изҳороти умумӣ: далелҳо, оморҳо ё мушоҳидаҳое, ки муқаддимаро тасдиқ мекунанд.
3. Маълумоти заминавӣ: доираи мазмуни матн ё таърифҳое, ки барои фаҳмиши масъала кумак мерасонанд.
4. Гузариш ба мисолҳои мушаххас: мутамарказ сохтани таваҷҷуҳ ба нуқтаҳои асосии муқоиса.
5. Мисолҳои мушаххас: мухтасар пешкаш намудани ду ё зиёда масъалаҳои муқоисашаванда.
6. Тасдиқҳои фишурда: баёни аниқи ғояи асосӣ ё далели эссе.
7. Ҳадафи эссе: шарҳи он ки дар эссе чӣ бояд кард (масалан, муқоиса ва қиёси ду равиши таҳқиқ).
8. Хулосаи муқаддима: ҷумлае, ки мантиқан ба сархатҳо мегузарад.

**Тавсияҳо барои навиштани муқаддима:**

- бо тасдиқи васеи фикр оғоз кунед, то таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб кунад;
- далелҳо ё омори мувофиқро барои тасдиқи аҳамияти мавзуъ биёред;
- чаҳорчӯбаи пасизаминавиеро созед, то хонанда моҳияти мазмуни матнро дарк кунад;
- масъалаҳои муқоисашавандаро ба таври возеҳ муаррифӣ намоед;
- фишурдаи матн ва ҳадафи эссеро ташаккул диҳед;
- муқаддимаро бо гузариш ба матни асосии эссе анҷом диҳед.

**Намунаи муқаддима (дар асоси матни бобҳо)**

**Тасдиқи умумӣ**: Дар шаҳрҳои саросари ҷаҳон амнияти занон дар ҷойҳои иҷтимоӣ масъалаи мубрам боқӣ мемонад, ки ба ширкати онҳо дар ҷомеа таъсир мерасонад.

- **Далелҳои тасдиқкунанда:** Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки хатари озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ дастрасии занонро ба таҳсил, кор ва чорабиниҳои фарҳангӣ маҳдуд мекунад (Tleuken, 2023).
- **Маълумоти пасизаминавӣ**: Дар таърих муҳити шаҳрӣ бе назардошти эҳтиёҷоти занон тарҳрезӣ шудаанд, ки дар аксари ҳолатҳо ба эҷоди шароити хатарнок оварда мерасонанд.
- **Гузориш ба мисолҳои мушаххас**: Ин масъала, махсусан, дар Қазоқистон ба мушоҳида мерасад, ки дар он ҷо таҳқиқоти охирин ҳам чолишҳоеро, ки занон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва ҳам фаъолнокие муайян шудаанд, ки ба ҳаллу фасли онҳо самтгир мебошанд.
- **Мисолҳои мушаххас**: Дар ҳоле ки кишварҳое, ба монанди Канада ва Белгия барои беҳтар кардани амнияти занон тадбирҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ҷорӣ кардаанд, Қазоқистон танҳо ба таҳияи чунин ташаббусҳо оғоз намудааст.
- **Тезис:** Дар ин эссе рушди фаъолнокии ҳуқуқии занон ва вокунишҳои феминистиро ба масъалаҳои амнияти шаҳрӣ дар Қазоқистон ва кишварҳои дигар муқоиса ва қиёс мекунад.
- **Ҳадафи эссе:** Ҳадаф – таҳлили он масъала аст, ки ҷомеаҳои гуногун чи гуна масъалаҳои амнияти занонро ҳаллу фасл мекунанд ва барои фаъолияти ояндаи онҳо чи гуна таҷрибаҳоро андӯхтан мумкин аст.
- **Хулосаи муқаддима:** Бо баррасии равишҳои таҳқиқотии байналмилалӣ ва маҳаллӣ, мо мураккабии феминизми шаҳрро беҳтар дарк мекунем.

**Машқҳо дар синф (Муқаддима):**

1. Намунаи муқаддимаро хонед ва ҳар як ҷузъи онро муайян кунед.
2. Тасдиқномаи умумӣ ва далелҳои тасдиқкунандаро дар бораи амнияти занон дар шаҳрҳо нависед.
3. Дар дастаи ҷуфтҳо фишурдаи матн ва ҳадафро барои эссеи муқоисавӣ дар бораи ҳуқуқи занон эҷод кунед.

**Вазифаи хонагӣ (Муқаддима)**: Барои эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ дар мавзуи «Ташаббусҳо барои таъминии бехатарии занон: Қазоқистон бар зидди кишвари дигар» сарсухани мукаммал нависед, ки ҳамаи ҷузъҳои заруриро дар бар гирад.

## ҚИСМИ 2: Навиштани қисми асосии эссеи муқоисавӣ ва муқобилгузорӣ (услуби APA)

**Ҳадаф ва сохтори қисми асосии матн**

**Ҳадаф**: Қисми асосии матн далелҳои мушаххаси шуморо рушд медиҳад ва фишурдаеро, ки муқоисаҳо ва қиёсҳои муфассали масъалаҳои интихобшударо дар бар мегирад, дастгирӣ мекунад.

**Сохтор:**

- Ҳар як сархат ба ҷанба ё мавзуи мушаххасе дахл дорад, ки ба ҳардуи масъала мувофиқ аст.
- Бо ҷумлаи дақиқи инъикоскунандаи мавзуъ оғоз кунед.
- Ҷумлаҳои ёридиҳандаро бо далелҳо, мисолҳо ё омор пешниҳод кунед.
- Сархатро бо ҷумлаи хотимавӣ, ки таҳлилро ҷамъбаст мекунад ва ё дар атрофи он баҳс мекунад, хотима диҳед.

**Чаро маҳз ҳамин сохтор зарур аст?**

Он возеҳият, созмондиҳии мантиқӣ ва дастгирии қавии фишурдаи матнро таъмин мекунад. Ҳар як сархат бояд бевосита ба далели асосӣ пайвандӣ дошта бошад.

**Унсурҳои калидӣ:**

- Ҷумлаҳои мавзуӣ: ғояи асосии сархатро ташаккул дода, онро бо фишурдаи матн пайваст менамояд.
- Ҷумлаҳои ёридиҳанда: далелҳо, мисолҳо ё таҳлилро пешниҳод мекунанд.
- Ҷумлаҳои ҷамъбасткунанда: хулоса карда, аҳамияти онро таъкид мекунад.
- Ягонагӣ: ҳар як сархат ба як ғоя тамаркуз мекунад.
- Ҳамбастагӣ: барои ба ҳам пайваст кардани ғояҳо аз гузариши мантиқӣ истифода баред.
- Мантиқ: ғояҳоро возеҳ ва муташаккил баён кунед.

**Намунаи сохтори сархати қисми асосӣ.**

**БАНДИ 1. Асосҳои ҳуқуқии бехатарии занон**

**Ҷумлаи мавзуӣ:** Ҳимояи ҳуқуқии занон дар Қазоқистон нисбат ба чунин кишварҳое, ба мисли Белгия, хеле фарқ мекунад.

**Ҷумлаҳои ёридиҳанда:**

- Дар Белгия қонуни соли 2014 озори ҷинсиро дар ҷойҳои иҷтимоӣ ҷиноят мешуморад ва ҳимояи ҳуқуқии ҷабрдидагонро таъмин мекунад (Smith, 2019).
- Дар Қазоқистон қонунҳо танҳо ба наздикӣ озори ҷинсиро ҳамчун ҷинояти вазнин эътироф намудаанд ва иҷрои он суст боқӣ мемонад (Tleuken, 2023).

**Ҷумлаи ҷамъбасткунанда**: Ин тафовутҳо зарурати ислоҳоти ҳуқуқиро барои фароҳам овардани муҳити бехатари шаҳрӣ барои занон таъкид мекунанд.

**БАНДИ 2. Фаъолгароии иҷтимоӣ ва ташаббусҳои иҷтимоӣ**

**Пешниҳоди мазмуни мавзуъ**: Фаъолгароии иҷтимоӣ дар пешбурди ҳуқуқи занон ҳам дар Қазоқистон ва ҳам дар кишварҳои дигар нақши калидӣ дорад.

**Ҷумлаҳои ёридиҳанда:**

- Дар Қазоқистон ташаббуси «Мизи 99» ва платформаи Stopharass.kz ба занон дар бораи озори ҷинсӣ ва дастгирии онҳо кумак мерасонанд (Tleuken, 2023).
- Лоиҳаҳои шабеҳи онҳо дар Канада ва Русия, аз қабили METRAC ва «Ба Галя занг зан» фазои бехатар ва ёрии таъҷилиро таъмин мекунанд.

**Ҷумлаи ҷамъбасткунанда**: Ин ташаббусҳо қудрати тасмимҳоро, ки дар рафъи камбудиҳои расмии сиёсат ба ҷамоатҳо асос ёфтаанд, нишон медиҳанд.

**БАНДИ 3: Дарки ҷомеа ва иштирок**

**Ҷумлаи мавзуӣ**: Дарки иҷтимоии бехатарӣ ва омодагӣ ба фаъолгароӣ дар ҳар гуна заминаҳо фарқ мекунад.

**Ҷумлаҳои ёридиҳанда:**

- Пурсишҳо дар Қазоқистон нишон медиҳанд, ки бисёре аз занон дар ҷойҳои иҷтимоӣ худро таҳти хатар ҳис мекунанд, аммо танҳо шумораи ками онҳо аз сабаби тарс ва нобоварӣ дар бораи ҳодисаҳо ба полис хабар медиҳанд (Tleuken, 2023).

- Дар кишварҳое, ки низомҳои ҳуқуқиро пуштибонӣ мекунанд, сатҳи хабаррасонӣ баландтар аст ва он аҳамияти эътимод ба ниҳодҳоро нишон медиҳад.

**Ҷумлаи ҷамъбасткунанда**: Ташаккул додани эътимоди иҷтимоӣ калиди муваффақияти ҳам кӯшишҳои ҳуқуқӣ ва ҳам иҷтимоӣ барои ҳифзи ҳуқуқи занон мебошад.

**Истифодаи самараноки сарчашмаҳо (услуби APA):**

- Бозбаёни ифода: маълумотро бо суханони худ баён кунед ва сарчашмаи онро нишон диҳед. 
- Ҷамъ овардан: ғояи асосиро аз сарчашма ихтисор кунед ва онро иқтибос биёред.
- Иқтибос: калимаҳои дақиқи сарчашмаро дар нохунак бо нишон додани он дар поварақ истифода баред.
- Намунаи иқтибос дар дохили матн: (Tleuken, 2023).
- Намунаи қайд дар рӯйхати адабиёт (APA): Tleuken, A. (2023). Urban Feminism in Kazakhstan: How Safe Are Cities for Women? In Women and Rights: Activism and Feminism (pp. 873-878).

**Машқҳои синфӣ (сархатҳои қисми аввал).**

1. Ҷумлаҳои мавзуӣ, ёридиҳанда ва ҷамъбасткунандаро дар як сархати намунавӣ муайян намоед.
2. Аз матни пешниҳодшуда порчаеро бозбаён кунед ва иқтибосеро тибқи APA илова кунед.
3. Сархати қисми асосиро нависед, ки он равишҳои таҳқиқи ҳуқуқиро дар нисбати амнияти занон дар Қазоқистон ва кишвари дигар муқоиса мекунад.

**Вазифаи хонагӣ (сархатҳои қисми асосӣ):**

1. Барои эссеи муқоисавӣ ва қиёсиатон ду сархати қисми асосиро нависед, ки ҳар кадомашон ба ҷанбаи дигар мутаваҷҷеҳ аст (масалан, чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ, фаъолгароӣ, дарки ҷомеа).
2. Дар ҳар як параграф, ҳадди аққал як иқтибоси APA-ро истифода баред.

## ҚИСМИ 3: Навиштани хулоса. Ҳадаф ва сохтори хулоса

**Ҳадаф**: Хулоса ҷамъбасти умумии андешаҳоро ба ҳам меорад, фишурдаи матнро тақвият мебахшад ва эссеро анҷом медиҳад. Он инчунин оқибатҳои васеътар ё самтҳоро барои таҳқиқоти оянда пешниҳод карда метавонад.

**Сохтор:**

- фишурдаи худро бо калимаҳои нав бозшакл бахшед;
- нуктаҳои калидии қисматҳои асосиро ба таври мухтасар ҷамъбаст кунед;
- аҳамияти хулосаҳоятонро муҳокима кунед;
- бо андешаи ниҳоӣ ё даъват ба фаъолият онро анҷом диҳед.

**Намунаи хулоса**

Ҳарчанд ҳам Қазоқистон ва ҳам кишварҳои дигар аҳамияти амнияти занонро дар муҳити шаҳр эътироф мекунанд, равишҳои онҳо аз нигоҳи чаҳорчӯби ҳуқуқӣ, фаъолнокии ҷомеа ва дарки онҳо ба таври назаррас фарқ мекунанд. Муқоиса зарурати ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва ҷалби ҷомеаро барои эҷоди шаҳрҳои бехатартарро барои занон таъкид мекунад. Ба ҳадде, ки ҷомеаҳои бештар бо ин мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд,

мубодилаи таҷрибаҳои беҳтарин ва дастгирии ташаббусҳои маҳаллӣ калиди пешрафти ҳуқуқи занон ва феминизми шаҳрӣ дар саросари ҷаҳон хоҳад гардид.

**Машқҳои синфӣ (хулосаҳо):**

1. Намунаи хулосаро хонед ва муайян кунед, ки чи тавр дар он фишурдаи матн бозшакл мегирад ва нуктаҳои асосӣ ҷамъбаст мешаванд.
2. Ҷумлаи ҷамъбастие нависед, ки аҳамияти хулосаҳои эссеи шуморо инъикос кунад.



**Вазифаи хонагӣ (хулоса):**

- Барои эссеи муқоисавӣ ва қиёсии худ бо истифода аз сохтори пешниҳодшуда хулоса нависед.

## ҚИСМИ 4. Қолабсозии APA – рӯйхати адабиёт ва саҳифаи унвонии матн.

**Рӯйхати адабият аз рӯи услуби APA**

- Ҳамаи сарчашмаҳоеро, ки дар эссе оварда шудаанд, номбар кунед.
- Аз рӯи ҳарфҳои алифбо насабҳои муаллифонро ҷо ба ҷо гузоред.
- Барои ҳар як қайд фосилаи сарсатрро истифода баред.

**Мисол**: Tleuken, A. (2023). Urban Feminism in Kazakhstan: How Safe Are Cities for Women? In *Women and Rights: Activism and Feminism* (pp. 873-878).

**Саҳифаи унвонӣ аз рӯи услуби APA:**

1. Сарлавҳаи эссе.
2. Номи донишҷӯ.
3. Муассиса.
4. Ном ва рақами машғулият.
5. Номи омӯзгор.
6. Таърихи рӯз.

**Мисол:**

Сарлавҳа: Ташаббусҳо барои бехатарии занон: муқоисаи таҷрибаи Қазоқистон ва олам

Ном: [Номи Шумо]

Муассиса: [Донишгоҳи Шумо]

Машғулият: Занони Осиёи Марказӣ

Омӯзгор: [Номи омӯзгор]

Таърихи рӯз: [Таърихи рӯз]

**Машқҳои синфӣ (қолабсозии APA):**

1. Қайди рӯйхати адабиётро бо истифода аз услуби APA ба қолаб дароред.
2. Барои эссеи худ саҳифаи унвонӣ созед.

**Вазифаи хонагӣ (қолабсозии APA):**

Рӯйхати адабиёт ва саҳифаи унвониро бо услуби APA барои сиёҳнависи эссеи худ пешниҳод кунед.

### Ҷадвали ҷамъбастӣ: вазифаҳо ва машқҳо

| Фасл | Машқҳои синфӣ | Вазифаи хонагӣ |
|---|---|---|
| Муқаддима | Муайян кардани ҷузъҳо; навиштани фишурдаи матн: сиёҳнависи муқаддима | Навиштани муқаддимаи мукаммал |
| Қисми асосӣ | Таҳлили сохтор; бозтафсир кардан; навиштани сархат | Навиштани ду сархат бо иқтибосҳои аз рӯйи услуби APA |
| Хулоса | Муайян кардани ҷамъбасти ғояҳо ва аҳамияти онҳо; навиштани хулоса | Навиштани хулосаи мукаммал бо услуби APA |
| Қолабсозӣ | Ба қолаби муайян даровардани рӯйхати адабиёт; навиштани сарлавҳаи унвонӣ | Пешкаш намудани рӯйхати адабиёт ва сарлавҳаи унвонӣ |

### Истинодҳо:

Тлеукен, А. (2023). Городской феминизм в Казахстане: Насколько безопасны города для женщин? В книге Женщины и права: активизм и феминизм (с. 873-878). Смит, Дж. (2019). Правовые меры против публичных домогательств в Бельгии. Журнал гендерных исследований, 28(4), с. 512-526.

# Қисми IV
# Қолаби мубоҳисавии байни тарафҳо (ҚМТ)
# Нақши занон дар оила ва доираҳои динӣ (2 соат)



***Тавзеҳот***

Аз миёни ҳамаи қарордодҳо яке аз онҳоро барои мубоҳиса интихоб намоед. Дар ин боби антология мавзуъ бевосита ба шакли сохтори аввалӣ иртибот дорад, аммо худи мақолаҳои ин боб агар масъалаҳои дорои хусусияти ниҳодӣ дошта бошанд, қарордод ҳамчун шакли сохтории сеюм нақшбозӣ хоҳад гашт. Дар ин боб парадоксҳоро дарёфтан мумкин аст, аз ин рӯ мо ҳамаи шакли сохториро аз рӯи қарордодҳо ҷудо намудем.
Аммо ба ҳайси тавсия мо боварӣ дорем, ки агар шумо шакли сохтории 1-ро истифода баред, ин иштибоҳи калон нахоҳад буд, зеро мавзуъ ба фарҳанг ва дин иртибот дорад. Онро барои донишҷӯёне, ки нав ба бозӣ оғоз мекунанд, осонтар ба кор бурдан мумкин аст. Барои муайян кардани шакли сохторӣ, шумо бояд, асосан, ба нукоти зерин таваҷҷуҳ намоед:

- мавзуъ;
- далелҳое, ки дар мақолаҳои илмии пешниҳодшуда оварда шудаанд;
- қисмҳои бартаридошта дар мақола (баъзан мақола дар як мавзуъ навишта шуда, қисмҳои мавриди баррасӣ ба дигар ҷузъҳои иҷтимоӣ ва ниҳодӣ дахл доранд).

**ТАВАҶҶУҲ!** Барои мубоҳисакунандагони навкор беҳтар аст, ки аз мавзуи умумии боб ё мақола худашонро дар канор гиранд. Дар ин замина, ҳамаи қарордодҳое, ки мо дар ин боб додаем, метавонанд дар шакли сохтории аввал бозӣ кунад.

**Қарордодҳо барои интихоб аз ҷониби донишҷӯён:**

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки издивоҷи устувор ва хушбахтии оилавӣ бояд бар пояҳои зерин асос ёбад:**

- арзишҳои анъанавӣ-миллӣ;
- арзишҳои динӣ;
- интихоби озоди инфиродӣ.
- (шакли сохтории 1).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки институти «арӯс» дар Осиёи Марказӣ:**

- нақш иҷтимоии худро дар оила нигоҳ медорад;
- ба сабаби васеъ шудани доираи ҳуқуқи занон дар ҷомеа аз байн меравад;
- ба шакли дигари омезишёфтаи байни анъанавӣ ва муосир табдил меёбад.
  (шакли сохтории 3).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки нақши иҷтимоии арӯс дар оилаҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, аз рӯи нукоти зерин муайян карда мешавад:**

- меъёрҳои анъанавии иҷтимоии рафтори арӯс дар оилаи шавҳар;
- вазъи сиёсии падару модари ӯ;
- вазъи иқтисодӣ.
  - (шакли сохтории 1 ё 2).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки истифодаи маҳрумиятҳо дар соҳаи муошırати иҷтимоӣ, махсусан, байни занон ва мардон дар ҷомеаҳои суннатии Осиёи Марказӣ бо омилҳои зарин иртибот дорад:**

- низоми анъанавӣ, ки ба низоми мифологии қадимаи арзишҳо асос ёфтааст;
- омилҳои иқтисодӣ;
- низоми устувор намудани назорати иҷтимоӣ, ки ба низоми арзишҳои падаршоҳӣ нигаронида шудааст.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки ниҳоди бисёрзанӣ дар Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама ба сабаби зерин рушд меёбад:**

- афзоиши дингароӣ дар байни аҳолӣ;
- омилҳои иқтисодӣ;
- хеле паст шудани сатҳи маълумотнокӣ дар байни аҳолӣ.

(шакли сохтории 3).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки хушбахтӣ ва некӯаҳволии занони дар никоҳбудаи Осиёи Марказӣ аз омилҳои зерин вобаста аст:**

- маълумоти хуб доштан;
- риояи анъанаҳои арзишманди оила ва ҷомеа;
- қонунҳои давлатӣ.

(шакли сохтории 2).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки меҳмондории анъанавӣ барои гузаронидани тӯйҳо ва маросими дафн дар Осиёи Марказӣ бояд чунин бошанд:**

- барои ҳамаи созмондиҳандагони ин чорабиниҳо сарфакорона (хоксорона) бошанд;
- бо назардошти имкониятҳои молиявии одамон, оилае, ки ин чорабиниҳоро ташкил мекунанд, гузаронида шаванд;
- бо қонунҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда шаванд.

(шакли сохтории 2).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки кори хонагии занон дар Осиёи Марказӣ:**

- тибқи анъана аст;
- низоми падаршоҳии сохтмони иҷтимоӣ бо мақсади идора кардани захираю кувва аст;
- интихоби инфиродии худи зан аст.

(шакли сохтории 1).

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки нақш ва мақоми иҷтимоии арӯсҳоро дар оила ба тариқи зайл тағйир додан мумкин аст:**

- истифодабарии қоидаҳои қатъии анъанавӣ, ки мақоми иҷтимоиро барои арӯс фаъол месозанд;

- вазъи иқтисодӣ ва таҳсилоти худи арӯс;
- сифатҳои фардии арӯс.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки иштироки занон дар тариқатҳои суфӣ ба ҳайси пешво ё пайрав аз омилҳои зерин бармеояд:**

- табиати ибтидоии занонаи ирфонӣ;
- интихоби оқилонаи инфиродӣ аз роҳи руҳонии худ;
- сохтори муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки бо низоми падаршоҳии арзишҳо иртибот дорад.

(шакли сохтории 1).



**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки ба тағйирёбии анъанаҳои арӯсӣ дар Осиёи Маркази муосир омилҳои зерин таъсир мерасонанд:**

- дин;
- давлат;
- фардият.

(шакли сохтори 1).

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки беҳтарин фазое, ки тавассути он занон метавонанд аз мавқеъҳои иҷтимоӣ ва шаъну шарафи худ дар ҷомеа дифоъ кунанд, инҳоанд:**

- фазои давлатӣ-ниҳодӣ;
- фазои иқтисодӣ;
- фазои фарҳангӣ-динӣ.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки сабабҳои талоқҳои занон дар Осиёи Марказӣ, асосан, бо омилҳои зерин иртибот доранд:**

- бо низоми арзишҳои суннатии пешакӣ муайяншудаи оила;
- мушкилоти иқтисодӣ (камбизоатӣ);
- сатҳи пасти маълумот.

(шакли сохтории 1).

БОБИ V

# ЗАНОН ВА ҲУҚУҚ: АКТИВИЗМ ВА ФЕМИНИЗМ



## Айдана Тлеукен «Феминизми шаҳрӣ дар Қазоқистон: то кадом андоза шаҳрҳо барои занон бехатаранд?»

Матни Айдана Тлеукен ба масъалаи доғи амнияти занон дар муҳити шаҳрии Қазоқистон ба пойтахти ин кишвар – Остона бахшида шудааст. Муаллиф ҳамчун коршиноси соҳаи рушди устувори шаҳрҳо ва баробарии гендерӣ масъалаҳои муҳими марбут ба дарки бехатарӣ дар ҷойҳои иҷтимоиро аз ҷониби занон ба миён гузошта, барои беҳбуди ин вазъият тавсияҳо пешниҳод мекунад.

Шаҳрҳои Қазоқистон, монанди кишварҳои зиёди дигари Осиёи Марказӣ, асосан, аз ҷониби мардон тарҳрезӣ шудаанд, ки ин боиси пурра ба инобат нагирифтани талаботи занон мегардад. Он дар хатсайрҳои номусоиди нақлиёт, набудани рӯшноии баркӣ дар кӯчаҳо ва ҷанбаҳои дигаре, ки шаҳрҳоро барои занон ба ҳадди камтар бехатар месозанд, инъикос ёфтааст.

### I. КЕЙС: Бехатарии занон дар шаҳрҳои Қазоқистон

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Занони Қазоқистон (дар мисоли Остона) бехатарии худро дар фазои шаҳрӣ ва нақлиёти иҷтимоӣ чӣ гуна қабул мекунанд?
2. Кадом омилҳои муҳити шаҳрӣ ба ҳисси бехатарии занон мусоидат мекунанд ё монеъ мегарданд?
3. То кадом андоза қонунҳо ва ниҳодҳои интизомии мавҷуда занонро аз озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ дар шаҳрҳо ба таври муассир муҳофизат мекунанд?
4. Кадом ташаббусҳои иҷтимоӣ барои беҳтар кардани амнияти занон дар шаҳрҳои Қазоқистон нигаронида шудаанд?
5. Кадом тадбирҳои мушаххасро барои беҳтар кардани бехатарии занон дар фазои шаҳрии Қазоқистон дар сатҳи шаҳрсозӣ, қонунгузорӣ ва огоҳии ҷомеа пешниҳод кардан мумкин аст?

**Вазъият**

Дар Қазоқистон дарки мушкилоти муҳити хатарноки фазои шаҳрӣ барои занон афзоиш меёбад. Пажӯҳишҳо, аз қабили як назарсанҷии озмоишӣ дар Остона нишон медиҳад, ки бисёрии занон тарсу ҳарос эҳсос мекунанд ва дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва нақлиёт бо озори ҷинсӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Қонунҳои мавҷуда ва равишҳои шаҳрсозӣ дар аксари ҳолатҳо ҷанбаҳои гендерии бехатариро ба назар намегиранд. Ҳамзамон, ташаббусҳои иҷтимоие пайдо мешаванд, ки ба ҳаллу фасли ин масъала нигаронида шудаанд, аммо тағйироти систематикии

муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, ки кӯшишҳои мақомоти шаҳр, давлат ва ҷомеаро дар бар мегирад.

## II. Супоришҳо барои зергурӯҳҳои хурд

**Зергурӯҳи 1: «Муҳити шаҳр ва бехатарӣ»**

Дар асоси матн камбудиҳои мушаххаси муҳити шаҳрии Остонаро муайян ва таҳлил кунед, ки ба ақидаи занон ба эҳсоси бехатарӣ мусоидат мекунанд ва барои озори ҷинсӣ шароит фароҳам меоранд (масалан, рӯшноии кӯчаҳо, тарҳрезии шаҳр, набудани одамон дар ҷойҳои муайян). Ҳадди ақал, се тадбири амалӣ ва мушаххасро барои беҳбуди инфрасохтори шаҳрӣ пешниҳод кунед, ки метавонад амнияти занонро дар шаҳрҳои Қазоқистон баланд бардорад. Ҳар як пешниҳодро бо истифода аз маълумот аз матн ё далелҳои мантиқӣ асоснок кунед.

**Зергурӯҳи 2: «Қонунгузорӣ ва истифодаи ҳуқуқ»**

Вазъияти кунунии қонунгузорӣ Қазоқистонро доир ба озори ҷинсӣ дар асоси маълумоти матн таҳлил кунед. Камбудӣ ва нуқсонҳои асосиеро, ки ба ҳифзи самарабахши занон халал мерасонанд, муайян намоед. Барои такмил додани заминаи қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи мубориза бар зидди озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ дар шаҳрҳо, ҳадди аққал, се пешниҳоди мушаххасро таҳия намоед. Таҷрибаи ҷаҳонии дар матн овардашударо ба назар гиред

**Зергурӯҳи 3: «Ташаббусҳои иҷтимоӣ ва огоҳӣ»**

Намунаҳои ташаббусҳо ва тадбирҳои иҷтимоиро барои таъмини амнияти занон дар муҳити шаҳрии кишварҳои гуногун омӯзед ва ҷадвали зеринро пур кунед:

| № | Кишвар | Ташаббус/тадбир | Тавсиф |
|---|---|---|---|
| 1 | Россия | Лоиҳаи «Ба Галя занг зан» | Занон метавонанд бо истифода аз ибораи рамзии «Ба Галя занг зан» ба муассисаҳои шарик муроҷиат кунанд ва кумак гиранд (паноҳгоҳ, даъвати такси ё нишон додани баромадгоҳи эҳтиётӣ) |
| | | | |
| | | | |

**Зергурӯҳи 4: «Таъсир ба тарҳи шаҳрсозӣ ва қабули қарордодҳо»**

**Вазифа:** Асоснок кунед, ки чаро зиёд кардани шумораи намояндагии занон дар мақомоти қабули қарорҳо ва дар байни тарроҳони шаҳрсоз барои беҳтар намудани бехатарии муҳити шаҳр муҳим аст. Ҳадди аққал, ду тадбири мушаххасро пешниҳод кунед, ки барои зиёд кардани ширкати занон дар раванди тарҳи шаҳрсозӣ ва қабул кардани қарор дар Қазоқистон мусоидат мекунанд. Роҳҳои гуногунро, ба мисли квотаҷудокунӣ, барномаҳои таҳсилотӣ, гузоришҳои иҷтимоӣ ва шаклҳои дигари ҷалб намудани занонро баррасӣ намоед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Рӯйхати дақиқи мураттабшудаи мушкилоти вобаста ба бехатарии занон дар шаҳрҳои Қазоқистон, ки бо маълумоти таҳқиқоти озмоишӣ ва таҳлили вазъи мавҷуда тасдиқ шудаанд.
2. Маҷмуи тавсияҳои мушаххас ва асоснок дар бораи беҳтар намудани бехатарии занон дар муҳити шаҳр, ки ба қисматҳои зерин тақсим шудаанд:

- зиёд намудани шумораи намояндагии занон дар мақомоти қабули қарордодҳо ва шаҳрсозӣ;
- такмили инфрасохтори шаҳрӣ бо назардошти амнияти гендерӣ;
- таҳкими қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи қонун дар бораи озори ҷинсӣ ва зӯроварӣ;
- баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа ва бунёд намудани механизмҳои дастгирӣ барои ҷабрдидагон.



3. Таклифҳо дар бораи таҳқиқоти минбаъда ва ташаббусҳое, ки ба омӯзиши амиқи масъала ва татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда нигаронида шудаанд.

**III. Таъминоти методӣ (интихоб аз ҷониби омӯзгор):**

**Ҷадвали муқоисавии таҷрибаҳои байналмиллалӣ**
Ҷадвалеро тартиб диҳед, ки он ташаббусҳоро барои бехатарии занон аз дохили матн (масалан, Аудити METRAC дар Канада, Safetipin дар Ҳиндустон) бо вазъият дар Қазоқистон муқоиса намояд. Нишон диҳед, ки кадом тадбирҳо дар маҳалҳо бо назардошти омилҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ татбиқ мешаванд.

**Харитаи интерактивии бархӯрдҳо**
Бо истифода аз маълумоти дохили матн (расми 2) харитаи Остонаро бо ишораи маконҳои озори ҷинсӣ (масалан, дар Google Maps) мураттаб созед. Қисматҳои он (нақлиёт, ҷойҳои иҷтимоӣ) ва маълумотро аз пурсишнома илова кунед. Ин мушкилотро аёнӣ месозад ва зарурати тағйиротро дар инфрасохтор таъкид менамояд.

**«Харитаи ҳамдилӣ»**
Аз иштирокдорон хоҳиш карда мешавад, ки бар асоси маълумоти пурсишнома ва иқтибосҳои дорои хосияти ҳиссӣ аз дохили мақола худро ҳамчун зане тасаввур кунед, ки дар Остона зиндагӣ мекунад. Бигзор онҳо кӯшиш кунанд, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

- Ӯ дар шаҳр дар атрофи худ чиро мебинад?
- Ӯ чиро мешунавад (кадом сӯҳбатҳо, садоҳо)?
- Ӯ дар бораи чӣ фикр ва ҳис мекунад?
- Ӯ чӣ мегӯяд ва чӣ кор мекунад (чӣ гуна ӯ аз ҳолатҳои хатарнок канорагирӣ мекунад)?
- Тарсу умеди вай аз чист? (Чунин машқ барои дарки амиқтари ин масъала аз нуқтаи назари таҷрибаи шахсӣ кумак хоҳад кард.)

**«Коркарди маъракаи иттилоотӣ»**
Ҳар як гурӯҳ як маъракаи иттилоотии кӯтоҳ, вале муассирро дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия мекунад, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи амнияти занон дар шаҳрҳои Қазоқистон нигаронида шудааст. Ҳар як маърака бояд нукоти зеринро дар бар гирад:

- паёми дақиқ (дар асоси хулосаи асосии мақола);
- унсури аёнӣ (тасвири баннер ё видеои кӯтоҳмуддат);
- хэштегҳо барои мубодила;
- даъват ба фаъолият (шаҳрвандони оддӣ чӣ кор карда метавонанд?)

**Мизи мудаввар «Саҳми ман»**

Пас аз муҳокимаи умумӣ ба ҳар як иштирокдори гурӯҳи хурд пешниҳод намоед, ки ягон андешаи мушаххасро дар бораи он, ки ӯ барои бехатар кардани муҳити шаҳр баҳри занон (ҳатто хурдтарин) чи гуна саҳми шахсиашаро гузошта метавонад, мубодила кунад. Он метавонад чунин бошад: бештар таваҷҷуҳ додан ба дигарон дар нақлиёти иҷтимоӣ, дастгирии петитсия, ба дӯстони худ дар бораи ташаббуси «Мизи 99» иттиллоъ додан ва ғайра.



## Ксения Прилутская «Якҷоя мо ҳаво барои нафаскашӣ ҳастем»: занон ва фаъолияти экологии шаҳрӣ дар Алма-Ато ва Бишкек

Матни Ксения Прилутская «Якҷоя мо ҳаво барои нафаскашӣ ҳастем» ба нақши занон дар омӯзиши экологи шаҳри Алмаато ва Бишкек бахшида шудааст. Муаллиф, антрополог ва мутахассиси фаъоли шаҳрвандӣ ва экологӣ, таҳлил мекунад, ки чи гуна занон дар мубориза барои беҳтар кардани сифати ҳавои шаҳр, ангезаҳои онҳо, усулҳои кор ва ҳамкорӣ бо мақомот ширкат варзида метавонанд. Занҳо бештар дар ташкилоти ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ кор мекунанд ва вазифаҳои гуногун – аз ризокорӣ то менеҷериро ишғол менамоянд.

Фаъолияти онҳо на танҳо вазъи экологиро беҳтар мекунад, балки ба баробарии гендерӣ ва демократикунонии ҷомеа низ мусоидат мекунад. Фаъолияти экологӣ ба абзори муҳимми тағйир додани муҳити шаҳр ва баланд бардоштани иштироки шаҳрвандӣ табдил меёбад.

### I. КЕЙС: Занон ва фаъолияти экологии шаҳрӣ дар Алмаато ва Бишкек

**Саволҳои барои масъалагузорӣ:**

1. Хусусиятҳои асосӣ ва нақши занон дар фаъолияти экологии марбут ба сифати тозагии ҳаво дар Алмаато ва Бишкек кадомҳоянд?
2. Оё дар ҳавасмандкунӣ, бархӯрд ва мақоми байни занон ва мардоне, ки дар ин шаҳрҳо ба фаъолияти экологӣ машғуланд, фарқият вуҷуд дорад?
3. Заминаи сиёсии Қазоқистон ва Қирғизистон ба фаъолият ва аёнияти созмонҳои фаъолияти экологии занон ва роҳбарони онҳо чӣ гуна таъсир мерасонад?
4. Созмонҳои экологии занон (MoveGreen ва Almaty Urban Air) барои ҷалби таваҷҷуҳ ба мушкилоти ифлосшавии ҳаво ва ҳамкорӣ бо мақомот ва ҷомеа аз кадом стратегияҳо истифода мебаранд?
5. Дар шароити шаҳрии Алмаато ва Бишкек байни фаъолгароии экологӣ, фаъолгароии сиёсӣ ва феминизм чӣ гуна робита ҷой дорад?

**Вазъият**

Шумо як гурӯҳи муҳаққиқоне ҳастед, ки масъалаҳои фаъолгароии шаҳрвандӣ ва нақшҳои гендериро дар Осиёи Марказӣ меомӯзед. Дар асоси таҳлили мақолаи К. Прилутская шумо бояд дарки ҳамаҷонибаи нақши занонро дар фаъолияти экологии Алмаато ва Бишкек коркард намоед, масъалаҳои асосӣ ва фарқиятҳои

фаъолияти онҳо, стратегия ва омилҳои таъсиррасониро ба самаранокии онҳо муайян кунед.

**II. Супоришҳо**

**Гурӯҳи 1. «Тасвири фаъолгароии экологии занон»**: Бо истифода аз мисолҳои Мария аз «МувГрин» ва Асия аз Almaty Urban Air нақш ва хусусиятҳои занонеро, ки дар фаъолгароии экологӣ дар Алмаато ва Бишкек фаъолона иштирок мекунанд, тасвир кунед. Онҳо чӣ гуна супоришҳоро иҷро мекунанд, кадом сифатҳоро нишон медиҳанд ва ба созмонҳо ва ҷомеаҳои худ чӣ гуна таъсир мерасонанд? 

**Гурӯҳи 2. «Ҷанбаҳои гендерӣ ва ҳавасмандсозӣ»**: Ҳавасмандӣ ва равишҳои экологии занон ва мардонро, ки дар матн оварда шудаанд, муқоиса кунед. Кадом омилҳои гендерӣ ба ҷалб ва нақшҳои онҳо дар ин соҳа таъсир мерасонанд? Аз мақола мисолҳои мушаххас биёред.

**Гурӯҳи 3. «Заминаи сиёсӣ ва стратегияҳо»:** Таҳлил кунед, ки фазои сиёсии Қазоқистон ва Қирғизистон ба фаъолият ва таблиғи созмонҳои фаъоли вобаста ба муҳити зисти занон чи гуна таъсир мерасонад. Стратегияҳои MoveGreen ва Almaty Urban Air-ро дар ҳамкорӣ бо мақомот ва ҷомеа муқоиса кунед. Кадом омилҳо интихоби ин стратегияҳоро муайян мекунанд?

**Гурӯҳи 4. «Ҳамбастагии фаъолгароиҳо»:** Пайванди байни фаъолгароии экологӣ, фаъолгароии сиёсӣ ва феминизмро, ки дар фаъолияти занони фаъолгарои экологӣ дар Алмаато ва Бишкек инъикос ёфтаанд, таҳқиқ намоед. Ин шаклҳои гуногуни фаъолият чӣ тавр якдигарро пурра ва мустаҳкам карда метавонанд? Маънои ибораи «Якҷоя мо ҳаво барои нафаскашӣ ҳастем»-ро дар ин замина шарҳ диҳед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

1. Нақшҳо ва хусусиятҳои занони сарварро дар фаъолгароии экологӣ дар Алмаато ва Бишкек муфассал тавсиф кунед.
2. Ҷанбаҳои асосии гендерӣ ва тафовутҳоро дар ҳавасмандкунӣ ва равишҳо барои фаъолгароии экологӣ муайян намоед.
3. Таъсири заминаи сиёсиро барои фаъолияти созмонҳои занони фаъолгарои ҳифзи муҳити зист нишон диҳед ва стратегияҳои ҳамкории онҳоро муқоиса намоед. Дар бораи аҳамияти иштироки занон дар фаъолияти экологӣ хулосаҳо мураттаб сохта, омилҳоеро, ки ба самаранокии он мусоидат мекунанд, нишон диҳед.
4. Эҷоди харитаи доираи мазмуни мавзуъро бо таҳлили робитаҳои мутақобилаи экологӣ, фаъолгароии сиёсӣ ва феминизм дар минтақаи мавриди баррасишаванда тартиб диҳед.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Усули тақлид (монандсозӣ, тақлид намудан)**. Истифодаи усули тақлид ҳангоми машғулият ба иштирокдори он имкон медиҳад, ки дар ҳаллу фасли мушкилот худро озод ва мустақил ҳис кунад. Тақлид назар ба нақшбозӣ вақти камтарро мегирад. Дар нақшбозӣ барои омодагӣ вақт ҷудо карда, матни махсуси омодашуда пешниҳод карда мешавад, дар ҳоле ки дар тақлид танҳо вазъият пешниҳод

мегардад. Бо қолабсозии роҳи ҳаллу фасли вазъият дар доираи вазъияти дигар ба иштирокдорон имконият дода мешавад, ки маводро амиқ аз худ кунанд.

**Ба нақша гирифтани вақт**. Бо истифода аз ин усул дар баррасии умумии мавзуи баррасишаванда натиҷаҳои самарабахш ба даст овардан мумкин аст. Дар ин усул қобилияти худташаккул додани шахс аҳамияти махсус дорад. Маълум аст, ки чизи аз ҳама арзишманд дар ҳаёти инсон вақт аст, бинобар ин, ба воситаи ин усул вақтро барои банақшагирии дуруст истифода бурдан мумкин аст. Масалан, иштирокдорон нақша доранд, ки дар давоми 5 соат бо 5 нафар мулоқот намоянд. Дар ҳар вохӯрӣ як масъала муҳокима карда мешавад. Дар охир мубоҳисаи умумиро ташкил кардан мумкин аст.

## Купуева Нурзада «Занҳо, зӯроварии хонаводагӣ ва мушкилоти низоми судӣ дар Қирғизистон. Кейс-стади: Пасанова ва Чиртекова»

Матни Нурзада Купуева «Занон, зӯроварии хонаводагӣ ва мушкилоти низоми судӣ дар Қирғизистон» як кейс-стадие мебошад, ки ба ду саргузашти заноне бахшида шудааст, ки ба хушунати мунтазами хонаводагӣ дучор шуда, бо беадолатии низоми судӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Муаллиф, фаъолгарои феминизм ва пажӯҳишгар аз мисоли кейс-стадиҳои Чиртекова Айзат ва Пасанова Гулжан барои ошкор кардани мушкилоти ҷомеаи падаршоҳӣ, хушунати гендерӣ ва бесамар будани низоми ҳуқуқӣ дар Қирғизистон истифода мебарад. Низоми падаршоҳӣ занонро зери хушунат қарор дода, ба онҳо нақшҳои анъанавӣ (зан, модар, зани хонашин)-ро таҳмил намуда, имкониятҳои онҳоро дар ҳаёти иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсӣ маҳдуд месозад. Қолабҳои маъмулии гендерӣ аз кӯдакӣ ташаккул меёбанд, ки боиси нобаробарӣ ва хушунат нисбати занон мегардад.

Занони Қирғизистон аксаран қурбонии хушунати мунтазами хонаводагӣ мешаванд, аммо аз ҷониби давлат ҳимояи зарурӣро намегиранд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми судӣ аксар вақт ҳолатҳои зӯровариро нодида мегиранд ва ҷабрдидагон ба айбдоркунӣ ва фишори ҷомеа дучор мешаванд.

### I. КЕЙС-СТАДИ: Занон, хушунати хонаводагӣ ва мушкилоти низоми адлия дар Қирғизистон (Пасанова ва Чиртекова)

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Меъёрҳои падаршоҳӣ ва қолабҳои маъмулии гендерӣ дар ҷомеаи Қирғизистон чӣ гуна ба мустаҳкам намудани решаҳо ва мудовимати хушунати хонаводагӣ нисбати занон мусоидат мекунанд? (Таҳлили таъсири нақшҳои гендерӣ, мардонагии зараровар, афкори иҷтимоӣ ва анъанаҳои оилавӣ).
2. Камбудиҳо ва муғризии низоми судӣ дар Қирғизистон дар парвандаҳои хушунати хонаводагӣ чӣ гуна зуҳур мекунанд ва чаро занҳои ҷабрдида дар аксар вақтҳо ҳимояи муносиб ва муҳокимаи одилонаи судӣ надоранд? (Таҳлили фаъолияти мақомоти хифзи ҳуқуқ, судҳо, хулосаҳои ташхисгарон, нақши мудофеони давлатӣ ва таъсири афкори иҷтимоӣ).

3. Чаро ниҳодҳо ва созмонҳои мавҷуда, ки бояд ба занони ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила кумак расонанд, на ҳамеша дар дастгирии воқеии занон самаранок мебошанд? (Таҳлили дастрасӣ, захираҳо, тахассуси кормандон, ҳамкории байни созмонҳо ва эътимод аз ҷониби ҷабрдидагон).
4. Кадом омилҳо ба татбиқи тадбирҳое, монанди «фарҳанги бекор кардан» ё таҳримот алайҳи омилони хушунати хонаводагӣ дар ҷомеаи Қирғизистон монеъ мешаванд? (Таҳлили таъсири робитаҳои иҷтимоӣ, анъанаҳо, афкори иҷтимоӣ ва тарсу ҳарос).
5. Нақши ВАО дар инъикоси масъалаҳои хушунати хонаводагӣ дар Қирғизистон чӣ гуна аст? Оё онҳо ба ташаккули ҳамдилӣ нисбат ба ҷабрдидагон ва маҳкум кардани зӯроварӣ мусоидат мекунанд ё баръакс, қолабҳои маъмулӣ ва айбдоркунии ҷабрдидагонро тақвият медиҳанд? Таҳлили забони интишорот, интихоби далелҳо, шарҳу эзоҳҳо ва таъсир ба афкори ҷомеа.

**Зергурӯҳи 1. Вазъият**

Зане, ки аз ҷониби шавҳари никоҳиаш пайваста мавриди зӯроварии шадиди ҷисмонӣ ва равонӣ қарор дошт, дар ҳолати ноумедӣ, ҳамроҳи кӯдакаш худро аз тиреза ба берун партофт. Дар натиҷа, вай бо сӯиқасд ба қатли фарзанди худ муттаҳам шуда, ба маҳбасхонаи ислоҳотӣ интиқол ёфт. Низоми судӣ дар аввал ӯро ба 12 соли зиндон маҳкум намуда, хушунати дарозмуддатро ҳамчун як ҳолати сабуккунандаи гуноҳаш ба назар нагирифт (Чиртекова Айзат).

**Саволҳо барои таҳлил:**

1. Чаро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хушунати мунтазамро нисбати Чиртекова Айзат, сарфи назар аз муроҷиатҳои ӯ, дар давоми солҳои дарозмуддат боздошта натавонистанд?
2. Чӣ тавр ташхиси судӣ оқибатҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва равонии дарозмуддатро ошкор карда наметавонист?
3. Чаро дар қарори ибтидоии суд далели ба ҳолати ноумедӣ расонидани зан ба назар гирифта нашудааст?
4. Нақши ҳимоятгари давлатӣ дар ин ҳолат чӣ гуна буд?
5. Ба бозрасии парванда аз ҷониби Суди олӣ ва кам кардани муҳлати ҷазо кадом омил таъсир расонд? Оё паҳлӯҳои муҳимми қазия аз назар берун монданд?

**Зергурӯҳи 2. Вазъият**

Зане, ки модари ду фарзанди ноболиғ ва модари угайи ду фарзанди наврас аст, дар натиҷаи рашк дучори ҷанҷол ва эҳтимолан, хушунати шавҳари масташ қарор ёфтааст. Ҷузъиёти кейс дар матни пешниҳодшуда пурра ифшо нашудааст, вале «беадолатии махсус» ва нодида гирифтани паймонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар зикр шудааст (Гулжан Пасанова).

**Саволҳо барои таҳлил дар асоси маълумоти мавҷуда:**

- Беадолатӣ нисбати Гулжан Пасанова ба таври мушаххас дар чӣ ифода меёбад?
- Дар парвандаи вай кадом паймонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар поймол шудаанд?

- Низоми судӣ ба вазъи Гулжан Пасанова чӣ гуна муносибат кардааст? Оё вай бо ҳимоятгар таъмин гардид?
- Барои таҳлили пурраи ин парванда кадом тафсилоти иловагӣ лозим аст?

**II. Вазифаҳо**



**Таҳлили** нақши меъёрҳои падаршоҳӣ ва қолабҳои маъмулии гендерӣ дар ташаккули ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки дар парвандаҳои Чиртекова ва Пасанова тасвир ёфтаанд. Аз матн мисолҳои мушаххас биёред.

**Баҳодиҳии** фаъолияти низоми судии Қирғизистон дар нисбати Чиртекова Айзат дар марҳилаи аввал. Дар баррасии парвандаи вай камбудиҳо ва ғаразнокиро ошкор намоед.

**Пешниҳод намудани** тадбирҳое, ки аз ҷониби ҷомеа, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми судӣ барои самараноктар ҳифз намудани занони гирифтори зӯроварӣ дар оила андешида мешаванд, бо мисоли парвандаҳои Чиртекова ва Пасанова арзёбӣ намоед.

**Муқоисаи** инъикоси қазияи Чиртекова Айзат дар ВАО аз нигоҳи ҳассосияти гендерӣ. Таҳлили он, ки оё он ба фаҳмиши объективии вазъият ё тақвияти қолабҳои маъмулӣ мусоидат кардааст.

**Таҳияи** стратегияи маъракаи иттилоотӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи мушкилоти зӯроварӣ дар оила ва зарурати дастгирии ҷабрдидагон бо назардошти хусусиятҳои ҷомеаи Қирғизистон нигаронида шудааст.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Ташаккули назари интиқодӣ ба нақши ВАО дар инъикоси ҳамин гуна мушкилот. Таҳия ва паҳн кардани нишонаҳои махсус барои ҳифзи самараноки занон.
- Ташкили телефони боварӣ барои наҷоти занон.
- Таҳияи маводи иттилоотӣ ва барномаҳои иқдомот барои баргузор намудани раҳпаймоии осоишта.
- Таҳияи тавсияҳои амалӣ (ёддоштҳо) барои беҳбуди вазъ ва ҳифзи ҳуқуқҳои занони қурбони зӯроварии хонаводагӣ.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқотӣ аз рӯи салоҳдиди омӯзгор:**

1. **Зеҳнангезӣ**: Тавлиди ғояҳо барои ҳаллу фасли мушкилот ва таҳияи стратегияҳои муассир барои кумак ба ҷабрдидагон.
2. **Нақшбозӣ (барои ҳадафҳои таълимӣ истифода шуда метавонад)**: Ҳолатҳои ба бозӣ овардани вазъиятҳое, ки ба муроҷиат ба мақомоти судӣ ё ВАО барои беҳтар фаҳмидани дурнамои афкори тарафҳои гуногун иртибот дорад.
3. **Мубоҳисаҳо (барои ҳадафҳои таълимӣ истифода шуда метавонад):** Баррасии масъалаҳои баҳсбарангези марбут ба зӯроварии хонаводагӣ, падаршоҳӣ ва нақши ҷомеа.

## Савия Хасанова
## «Ба ҳар ҳолат ӯро мекуштам».
## «Таҳқиқот дар бораи куштори занон дар Қирғизистон»

Матни Савия Ҳасанова «Ба ҳар ҳолат ӯро мекуштам» нахустин пажӯҳиши густурдаи марбут ба куштори зан дар Қирғизистон аст. Муаллиф, рӯзноманигор ва пажӯҳишгари соҳаи хушунат алайҳи занон, ҳодисаҳои куштори занону духтаронро дар кишвар аз соли 2008 то соли 2022 мавриди таҳлил қарор додааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба кушторҳои дар заминаи масъалаи гендерӣ рухдода, сабабҳо, заминаҳо ва оқибатҳои он дода шудааст.

Куштори занон дар саросари ҷаҳон, ҳамчун як мушкили хоссае эътироф шудааст, бахусус, дар кишварҳои Америкои Лотинӣ, ки дар он ҷо қонунҳое қабул шудаанд, ки куштори занонро ҷиноят мешуморанд. Бо вуҷуди пайвастан ба паймонҳои байналмилалӣ, кишварҳои Осиёи Марказӣ барои пешгирии куштори занон тадбирҳо намеандешанд.

### I. КЕЙС: Куштори занон дар Қирғизистон – мушкилот ва ҳаллу фасли он

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Миқёс ва хусусиятҳои куштори занон дар Қирғизистон чӣ гуна аст?
2. Кадом омилҳо барои куштори занон дар кишвар мусоидат мекунанд?
3. Қонунгузорӣ ва низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Қирғизистон барои пешгирӣ ва муҷозот кардани куштори занон кадом чораҳоҳо бояд андешанд?

**Вазъият**

***Кейси 1.*** 19 майи соли 2021 шавҳар бо номи Э. барои он ки занаш говро ба оғил наовардааст ба ғазаб омада, ӯро латукӯб намуда, якчанд зарбаро ба сару баданаш фаровардааст. Наздикиҳои нисфишаб милтиқро гирифта ба сӯи занаш тир холӣ кард. Аз ҷароҳатҳои бардошта, зан дар ҷояш ҷон дод. Рӯзи дигар занашро ба хок супурда, ба ҳама эълон кард, ки вай бо сабаби бемории дил мурдааст.

Тибқи хулосаи ташхиси равонпизишкӣ Э. Аз нигоҳи равонӣ бемор шуморида шуд. Суди вилоятии Нарин қарор баровард, ки ӯ иҷборан ба касалхонаи бемориҳои равонии вилояти Ҷалолобод, барои табобат фиристода шавад.

***Кейси 2.*** Зан аз шавҳараш, ки ба сараш даст мебардошт, ба Талас фирор намуд. 23 сентябри соли 2018 Ж.Н.Ж. аз Бишкек ба Талас ба манзили зисти занаш омада, кордро гирифта ба ӯ чанд маротиба зарба зад. Аз ҷароҳатҳои бардошта зан ба ҳалокат расид. Ж.Н.Ж. аз ҷои ҳодиса фирор кард.

Суди вилоятии Талас он мардро ба муддати 12 сол аз озодӣ бо ҷазо дар маҳбасхонаи ислоҳотии ҷазояш сахт маҳрум намуд.

***Кейси 3.*** 20 сентябри соли 2019, тахминан соати 21:30, марди 20-солае дар ҳолати мастӣ дар яке аз кӯчаҳои шаҳри Кемин бо духтаре вохӯрд. Ӯ ба зӯрӣ ӯро ба иморати вайронае овард, то ки ба номусаш таҷовуз кунад, вале духтар ба ӯ муқовимат нишон дод. Он гоҳ мард ӯро латукӯб кард, ки дар натиҷаи он духтар ба ҳалокат расид.

Милиса мардро боздошт ва ӯро дар боздоштгоҳи муваққатии шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Кемин ҳабс кард.

***Кейси 4.*** 12 феврали соли 2020 шавҳар маст ба хона омада, аз занаш хоҳиш кард, ки барои ӯ хӯрок пазад. Дар ҳоле ки зан дар болои оташдон пухтупаз мекард, шавҳар аз занаш талаб кард, ки тезтар хурокро пазад ва ба хашм омада, ба болои сари занаш бензин рехт. Сипас, шавҳар талаб кард, ки хӯроки тайршавандаро ба болои оташдони газӣ гузорад ва вақте ки зан газро сар дод, оташ гирифт. Ӯ як рӯз пас бар асари сӯхтагиҳои зиёд дар шӯъбаи эҳёгарӣ фавтид.



Мард боздошт ва дар боздоштгоҳи муваққатӣ ҷойгир карда шуд.

***Кейси 5 ва 6***: Кушторҳои Бурулай ва Айзада Канатбекова. Ҳарду зан ҳангоми кӯшиши маҷбур кардани онҳо ба издивоҷ аз ҷониби рабудагони онҳо кушта шуданд.

**II. Супоришҳо (кор дар зергурӯҳҳои хурд)**

1. **Таҳлили маълумот:** Маълумоти оморӣ ва нақшаҳоеро, ки дар матни баёнкунандаи куштори занон дар Қирғизистон оварда шудаанд, таҳлил кунед. Тамоюлҳо ва қонуниятҳои асосиро муайян кунед.
2. **Сабабҳо ва оқибатҳо:** Омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқиеро, ки ба куштори занон мусоидат менамоянд, муайян кунед. Оқибатҳои куштори занонро барои ҷабрдидагон, оилаҳои онҳо ва умуман ҷомеа таҳлил кунед.
3. **Таҳлили муқоисавӣ**: Қонунгузории Қирғизистонро дар бораи мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон бо намунаҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар (масалан, Амрикои Лотинӣ) муқоиса кунед. Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи онро муайян созед.
4. **Таҳияи тавсияҳо**: Дар асоси таҳлил, тавсияҳои мушаххас ва амалан татбиқшавандаро барои мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба пешгирии куштори занон ва беҳтар кардани ҳифзи занон таҳия намоед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- фаҳмиши дақиқи миқёс ва хусусиятҳои куштори занон дар Қирғизистон;
- муайян намудани омилҳои асосие, ки ба куштори занон мусоидат мекунанд;
- арзёбии самаранокии тадбирҳои мавҷуда дар бораи мубориза бар зидди куштори занон;
- таҳияи тавсияҳои асоснок ва муассир барои ҳаллу фасли мушкилот.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Усули ҳаллу фасли созанда.** Ин усул ба ҳаллу фасли масъалаҳо, кори дастаҷамъона ва рушди қобилиятҳои эҷодиёти хонандагон асос ёфтааст. Он панҷ марҳиларо дар бар мегирад, аммо бар хилофи усулҳои дигар, он як раванде аз рӯи хатти мустақим нест, ки мувофиқи ниёзҳои донишҷӯён тағйир дода шавад. Ин панҷ марҳила чунинанд:

1. Ҳамдилӣ. Рушди ҳамдилӣ ва пайдоиши ниёз ба ҳаллу фасли онҳо.
2. Муайянкунӣ. Муайян кардани мушкилот ва имконоти ҳаллу фасли онҳо.
3. Ғоя. Корбарӣ аз рӯйи ғояҳои эҷодкоронаи нав.
4. Прототип. Сиёҳнавис ё намунаи ҳаллу фасли масъала барои коркарди минбаъдаи ғоя.
5. Санҷиш. Санҷиш ва арзёбии қарордодҳо, фикру мулоҳизаҳо дар бораи онҳо.

**Муҳокимаи гурӯҳӣ:** Мубодилаи афкор, тавлиди ғояҳо.

**Коркарди лоиҳа**: Таҳияи тавсияҳои мушаххас.

**Яке аз усулҳои навоваронаи таълим дар раванди таълим усули ассосатсионӣ аст.**

Ассотсиатсия – ин робитаи мутақобила байни мафҳумҳо, далелҳо, ашё ва падидаҳои ҷудогона мебошад, ки дар натиҷаи он зикри як мафҳум хотиррасонии мафҳуми дигареро, ки бо он вобаста аст, ба вуҷуд меорад.



**Умуман, се навъи ассотсиатсия маълум аст:**

1. аз рӯи ҳамбастгӣ, яъне аз рӯи қаробат, ҳамсоягӣ дар фазо ё замон, ҳангоме ки як тасаввурот дар шуур ба далели мувофиқати замонӣ ё фазоии худ дар зеҳн ақидаи дигарро бедор мекунад;
2. аз рӯи монандӣ, аз рӯи шабоҳати онҳо аз рӯи ягон аломат. Аз ҳаёти иҷтимоии кишвари худ дар бораи зӯроварӣ нисбати занон мисолҳо биёред;
3. ассотсиатсияҳо метавонанд содда бошанд, агар онҳо танҳо ду ғояро ба ҳам пайванд созанд ва метавонанд мураккаб бошанд, агар як ғоя бо бисёрии дигари онҳо муттаҳид шуда, маҷмуи ассотсиатсияро ташкил диҳад.

Таҳлили SWOT-и нашрияҳо дар матбуотро гузаронида, онро истифода баред.

## ГЕНДЕР ВА ТАҲСИЛОТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: БАЙНИ АНЪАНА, ФАЪОЛГАРОӢ ВА ТАҲАВВУЛИ НАҚШИ ЗАНОН

### Халилова Зилола «Таълими динии занони мусалмон дар Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир»

Таҳлили таҳқиқоти Зилола Халилова «Таълими динии занони мусалмон дар Ӯзбекистон таърих ва замони муосир» имкон медиҳад, ки таҳавули таҳсилоти занон дар заминаи замони муосири Ӯзбекистон амиқтар дарк карда шаванд. Таҳқиқот доираи васеи масъалаҳоро аз ҷанбаҳои таърихӣ то равияҳои муосир фаро гирифтааст, ки ин онро ба саҳми муҳими омӯзиши нақши занон дар ҷомеаи мусалмонӣ табдил додааст. Зилола Халилова нишон медиҳад, ки таҳсили занон дар Ӯзбекистон аз дастрасии маҳдуд ба дониш то имкониятҳои бештар дар ҷомеаи муосир роҳи тӯлониро тай намудааст. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои таърихӣ, занон ҳамеша роҳҳои гирифтани маълумот ва иштирок дар ҳаёти ҷомеаро пайдо кардаанд. Таҳқиқоти Халилова дар фаҳмиши нақши зан дар ҷомеаи мусалмонӣ саҳми муҳим буда, зарурати таҳқиқоти минбаъдаро дар ин самт таъкид мекунад.

**I. КЕЙС: Таълими динии занони мусалмон дар Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир**

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Анъанаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои фарҳангӣ ба рушди маърифати динии занон дар Ӯзбекистон чӣ гуна таъсир расонидаанд?

2. Дар давраҳои гуногун (асрҳои миёна, давраи мустамликавӣ, даврони шуравӣ, истиқлолият) дар ташкили таҳсилоти динии занон кадом мушкилот пеш омаданд?
3. Дар мадрасаҳои занонаи муосир усулҳои динӣ ва дунявӣ барои омода кардани мутахассисони рақобатпазир чӣ гуна бояд муттаҳид карда шаванд?
4. Дастрасӣ ва ҷолибияти таҳсилоти динии занонро дар давлати дунявӣ чӣ гуна афзун кардан мумкин аст?



**Вазъият**

Дар Ӯзбекистон соли 2025 Раёсати мусалмонони Ӯзбекистон (РМУ) ба тарҳрезии навоваронаи мадрасаҳои занона шуруъ кард. Ҳадафи лоиҳа баланд бардоштани сифати таълими динӣ, ҳамгироии фанҳои муосири башардӯстона ва касбӣ ва ҷалби занон- хатмкунандагон ба фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад. Аммо созмондиҳандагон бо чолишҳо рӯ ба рӯ ҳастанд: маҳдуд будани меъёри ҷудошуда барои таҳсилот, рақобати баланд, дастгирии нокифояи хатмкунандагон дар ҷойи кор ва зарурати таъмин кардани тавозуни байни фанҳои динӣ ва дунявӣ. Ба иштирокдорон зарур аст, ки барои ҳаллу фасли ин мушкилот пешниҳодҳо таҳия кунанд.

**II. Супоришҳо**

**Корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд**

**Зергурӯҳи 1. Заминаҳои таърихӣ ва анъанаҳо**

Хусусиятҳои таърихии таҳсилоти динии занонро дар Ӯзбекистон (асрҳои (IX–XIX, давраи мустамликавӣ, ҳаракати ҷадидия) таҳлил кунед. Муайян кунед, ки кадом расму ойинҳоро барои мадрасаҳои муосири занона мутобиқ кардан мумкин аст, то ҳувияти фарҳангӣ ҳифз ва сифати таълим беҳтар гардад.

**Зергурӯҳи 2. Давраи шуравӣ ва таъсири он**

Таъсири сиёсати шуравиро ба таълими динии занон (манъ кардани фанҳои динӣ, бастани вақфҳо, таҳсилоти пинҳонӣ) таҳқиқи кунед. Баҳо диҳед, ки ин маҳдудиятҳо ба ҳифзи анъанаҳо чи гуна таъсир расондаанд ва барои низоми муосири маориф чи гуна дарси ибрат гирифтан мумкин аст.

**Зергурӯҳи 3. Мушкилоти муосир ва ҳамгироӣ**

Мушкилоти муосири мадрасаҳои занона (меъёрҳои ҷудошудаи маҳдуд барои таҳсилот, такрори барномаҳои таҳсилот, ҷалби шумораи ками хатмкунандагон ба фаъолияти иҷтимоӣ)-ро таҳлил кунед. Тадбирҳои мушаххасро дар бораи ҳамгироии фанҳои дунявӣ ва динӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии касбии хатмкунандагон пешкаш намоед.

**Зергурӯҳи 4. Дастрасӣ ва нақши иҷтимоӣ**

Стратегияи баланд бардоштани дастрасии таҳсилоти динии занон (афзоиши меъёрҳои ҷудошуда барои таҳсилот, кам кардани рақобат) ва ҷалби духтарони хатмкунанда ба ҳаёти ҷомеа (масалан, дар ҳукуматҳо, кумитаҳои маҳалла)-ро коркард намоед. Зарурати таҳаммулпазирии байнимазҳабӣ ва фарҳангиро баррасӣ намоед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Ҳар як гурӯҳ барои беҳтар намудани низоми таълими динии занон пешниҳодҳои мушаххасро пешкаш менамояд.
- Иштирокдорон фаҳмиши заминаҳои таърихӣ, чолишҳои замони муосир ва роҳҳои ҳаллу фасли онҳоро нишон медиҳанд.
- Пешниҳодҳои ниҳоӣ тадбирҳои амалиеро аз қабили муроҷиат ба мақомоти давлатӣ барои навсозии барномаҳои таълимӣ, таъмини ҷои корӣ ва тавсеаи дастрасӣ ба таҳсилотро дар бар мегиранд.
- Қарорҳо принсипҳои таҳаммулпазирии байнимазҳабӣ, инсонпарварӣ ва мутобиқат ба талаботи муосирро ба назар мегиранд.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Таҳлили заминаи мавзуии сарчашмаҳои таърихӣ.**
Ба донишҷӯён пешниҳод карда шавад, ки барномаҳои таълимии пеш аз инқилобӣ, шуравӣ ва муосирро барои занон бо истифода аз маълумоти таҳқиқоти Халилова муқоиса кунанд. Намунаи вазифа: ҷадвали тағйироти дастрасии занон ба таҳсилро дар се давра (пеш аз асри XX, шуравӣ, пасошуравӣ) тартиб диҳед.

**Мубоҳисаҳо.** Дар мавзуи «Ҷадидон ва низоми шуравӣ: усулҳо кадоми онҳо барои тарбияи занон самараноктар буданд?» мубоҳиса ташкил кунед. Аз осори ҷадидиён (Беҳбудӣ, Авлонӣ) ва қарорҳои шуравӣ дар бораи барҳам додани бесаводӣ истифода баред.

**Мусоҳибаҳо**. Аз мусоҳиба ё ёддоштномаҳои заноне, ки дар мадрасаҳо таҳсили динӣ гирифтаанд, барои нишон додани фарқияти байни сиёсати расмӣ ва таҷрибаи воқеӣ истифода баред.

## Нодира Муҳамедҷон
## «Кори шахсӣ ҳамчун кори сиёсӣ: чи тавр мубоҳисаҳо дар бораи шарму ҳаё ва анъанаҳо ба таълими муносибати ҷинсӣ дар Қазоқистон монеа эҷод мекунанд»

Таҳқиқоти Нодира Муҳамедҷон дар бораи таъсири меъёрҳои анъанавӣ ва шарму ҳаё ба тарбияи муносибати ҷинсӣ дар Қазоқистон, инчунин, нақши давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо саволҳои муҳимро ба миён меоранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки барои беҳтар намудани вазъият тағйир додани равишҳо ба соҳаи маориф ва сиёсати вобаста ба саломатии репродуктивӣ зарур аст.

**I. КЕЙС: Таълими ҷинсӣ дар Қазоқистон: байни анъана ва муосир**

**Саволҳои проблемавӣ**:

1. Чӣ гуна мубоҳисаҳои анъанавӣ ва сиёсати давлатӣ ба таълими муносибати ҷинсӣ ва рафтори репродуктивии ҷавонон дар Қазоқистон таъсир мерасонанд?

2. Дар роҳи татбиқи самараноки таълими муносибати ҷинсӣ дар мактабҳо ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии солимии репродуктивӣ барои наврасон кадом монеаҳо ҷой доранд?
3. Нақши созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рафъи ин монеаҳо ва таълими муносибати ҷинсӣ ба ҷавонон чӣ гуна аст?
4. Тафовут дар равишҳо ва самаранокии таълими муносибати ҷинсӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ (масалан, шаҳр/деҳот, русӣ/қазоқӣ) дар чист?

**Вазъият**

Дар Қазоқистон дар масъалаи таълими муносибати ҷинсӣ вазъияти мутазод вуҷуд дорад. Аз як тараф, тасаввурот дар бораи хусусиятҳои занона ва покдоманӣ андешаҳои суннатӣ вуҷуд доранд, ки аҳамияти бакоратро пеш аз издивоҷ ва хоксориро дар рафтори онҳо таъкид мекунанд. Ин тасаввурот, ки аз фарҳанг реша мегиранд ва аз ҷониби сиёсати давлатӣ тақвият дода шудаанд, «мафҳумҳои гетеронормативии занон ва бузургии мардон» -ро ташаккул медиҳанд. Аз ҷониби дигар, Қазоқистон бо нишондоди баланди ҳомиладории наврасон рӯ ба рӯ аст, ки ин баёнгари ноқисии дониш ва дастрасӣ ба иттилоот дар бораи солимии муносибати ҷинсӣ ва репродуктивӣ дар байни ҷавонон аст.

**Супоришҳо (корбарӣ дар зергурӯҳҳои хурд)**

**Зергурӯҳи 1. Таҳлили сиёсати давлатӣ:**

- Қонунҳо ва стратегияҳои вобаста ба сиёсати ҷавонон, тандурустӣ ва маориф дар Қазоқистон омӯхта шавад.
- Муайян карда шавад, ки дар онҳо масъалаҳои солимии муносибати ҷинсӣ ва тавлидсозии наврасон чи тавр инъикос ёфтаанд.
- Арзёбӣ карда шавад, ки то кадом андоза сиёсати ҳукумат пешниҳоди таълими муносибати ҷинсро дастгирӣ мекунад ё ба он монеъ мешавад.

**Зергурӯҳи 2. Таҳқиқи фаъолияти созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ:**

- Фаъолияти Y-Peer Kazakhstan, «Не Табу» и «Уят эмес» дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкории онҳо бо ҷавонон таҳлил карда шавад.
- Самаранокии муносибатҳои онҳоро ба таълими муносибати ҷинсӣ ва рафъи доғи номус арзёбӣ намоед.
- Мушкилот ва чолишҳое, ки ин созмонҳо ба онҳо дучор мешаванд муайян кунед.

**Зергурӯҳи 3. Таҳлили мусоҳибаҳои ризокорон:**

Дар асоси иқтибосҳо аз мусоҳибаҳои ризокорони Y-Peer, мушкилоти асосиеро, ки ба онҳо ҳангоми кӯшиши пешбурди таълими муносибати ҷинсӣ дучор мешаванд, муайян кунед. Аз ҷониби ҳукумат, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа кадом монеаҳо эҷод карда мешаванд? Онҳо барои бартараф кардани ин монеаҳо кадом стратегияҳоро истифода мебаранд?

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Бо дарки равшан ва мудаллали вазъи кунунӣ дар соҳаи таълим дар бораи муносибати ҷинсӣ дар Қазоқистон рӯнамоиҳо омода кунед.
- Таҳияи тавсияҳои асоснок ва воқеан татбиқшаванда барои беҳбуди вазъият ва арзёбии нақши давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди тарбияи ҷинсӣ.

**Таъмини усулҳои таҳқиқ (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

- **Кори таҳқиқотӣ**: Ҷустуҷӯ ва таҳлили сарчашмаҳои иловагии иттилоот (қонунгузорӣ, гузоришҳо, маводҳо дар ВАО ва ғайра).
- **Муҳокимаи гурӯҳӣ**: Мубодилаи афкор, муҳокимаи масъалаҳои мушкилпазир ва таҳияи роҳҳои ҳаллу фасли муштараки онҳо.
- **Таҳлили навъи SWOT:** (истифода бурдан мумкин аст) барои арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои вобаста ба равишҳои гуногун ба таълими муносибати ҷинсӣ.
- **Ҳаракати «тарафдор» ва «зидди» ҳаракати ақрабаки соат**. Донишҷӯён ба 2 зергурӯҳ тақсим мешаванд. Шумораи донишҷӯён бояд бо ташкил намудани ҷуфтҳои мубоҳисавӣ баробар бошад. Зергурӯҳи 1 – доираи дарунӣ ва зергурӯҳи 2 – доираи берунӣ мебошад. Омӯзгор савол медиҳад. Донишҷӯёни доираи дохилӣ ва доираи берунӣ рӯ ба рӯи ҳамдигар қарор мегиранд. Баъдан бо кафкӯбӣ омӯзгор доираи берунӣ аз ҷониби як иштирокдор бо самти ақрабаки соат ҳаракат мекунад ба ҷониби ягон донишҷӯ ҷой иваз мекунад ва доираи дарунӣ дар ҷои худ боқӣ мемонад. Дар тӯли як дақиқа баррасии ҳамон масъала ба таври як ба як дар ҷуфтҳои нави иштирокчиён сурат мегирад. Истифодаи ин усул ҳангоми такрор ва мустаҳкам намудани мавзуъ натиҷаи мусбат медиҳад.
- **Ҷойивазкунӣ**. Муайян кардани дараҷаи дарки мавод (мушкилот), қобилияти фикр кардан дар бораи ягон мушкилот барои такмил додани қобилияти муқоиса ва баҳодиҳии он истифода мешавад. Дар ин сурат, иштирокдорон ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд. Вобаста ба шумораи гурӯҳҳо, ҷавобҳо дар коғази ватман ё флипчарт навишта мешаванд. Иштирокдорон масъаларо муҳокима карда, фикру мулоҳизаҳояшонро баён мекунанд ва дарки амиқи мазмуни тамоми маводи таълимиро ба даст меоранд.

## Наоми Нтакийиса
## «Сабр кунед, хоҳар… Маслиҳатҳои бибиотунҳои руҳонии мусалмон ба арӯсҳо ва кайнене (хушдоманҳо)»

Наоми Нтакийиса дар таҳқиқоташ бо номи «Сабр кунед, хоҳар ... Маслиҳатҳои устодони руҳонии мусалмон ба арӯсҳо ва кайнене (хушдоманҳо) сафарбарии мураккаби ҳамфикрии занон ва нақшҳои анъанавиро дар шароити ҷомеаи Қирғизистон таҳқиқ мекунад. Таваҷҷуҳи хосса ба мавқеи арӯсҳо ва муносибати онҳо бо кайнене (хушдоманҳо) дода мешавад, ки дар Қирғизистони муосир масъалаи мубрам аст. Асари Нтакийиса дар таҳқиқи диндории занон ва ҳуқуқи онҳо дар Осиёи Марказӣ саҳми муҳим дорад. Он нишон медиҳад, ки чи гуна нақшҳои анъанавиро тавассути доираи таълими динӣ ва ҳамфикрии занон таҷдиди назар ва роҳҳои навро барои беҳтар кардани мавқеи занон дар ҷомеа пешниҳод кардан мумкин аст.

**КЕЙС: Дастгирии арӯс ва кайнене дар Қирғизистон: нақши бибиотунҳо дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои оилавӣ**

Кейс бар маслиҳати бибиотунҳои мусалмон дар Қирғизистон асос меёбад, ки ба арӯсҳо ва хушдоманҳо дар бораи беҳтар намудани муносибатҳои оилавӣ дар доираи таҷрибаи анъанавии «рафтори арӯсҳо» маслиҳатҳояшонро пешниҳод менамоянд. Бибиотунҳо бо истифода аз сарчашмаҳои мазҳабӣ ва фарҳангӣ занонро бидуни рад кардани суннатҳо дастгирӣ мекунанд, аммо, инчунин, роҳҳои ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни онҳоро пешниҳод мекунанд. Иштирокдорони кейс бояд равишҳои бибиотунҳоро омӯхта, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи онҳоро муайян кунанд ва стратегияи баланд бардоштани нақши онҳоро барои дастгирии занон пешниҳод кунанд.

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Ба гуфтаи муаллифи мақола, бибиотунҳо суннатҳои қирғизӣ ва асили исломиро барои пуштибонӣ аз арӯсу кайнене чӣ гуна муттаҳид мекунанд?
2. Дар муносибатҳои бибиотунҳо кадом маҳдудиятҳо, махсусан, дар заминаи сабира (сабр) ва интизориҳои гендерӣ ҷой доранд?
3. Ба фикри шумо, дар ихтилофоти байни арӯс ва кайнене кӣ миёнаравӣ карда метавонад?

**Вазъият**

Дар соли 2025 як созмони иҷтимоии Қирғизистон, ки бо Раёсати мусалмонони Қирғизистон ҳамкорӣ мекунад, лоиҳаи «Мавзунӣ дар оила»-ро оғоз мекунад. Ҳадафи лоиҳа баланд бардоштани самаранокии маърузаҳо ва маслиҳатҳои бибиотунҳо барои арӯс ва кайнене (хушдоман) барои коҳиш додани муноқишаҳо ва беҳтар намудани некӯаҳволии занон мебошад. Мушкилот чунинанд: сарбории баланди эҳсосӣ бар дӯши арӯс, нокифоя будани муколама дар оилаҳо, таъсири маҳдуди бибиотунҳо ба аудиторияи дунявӣ ва баҳсҳо атрофи мафҳуми **сабира** (сабр), ки баъзан ҳамчун монеа барои ҳифзи ҳуқуқҳои занон дарк карда мешавад. Ба иштирокдорон зарур аст, ки дар бораи навсозии муносибатҳои бибиотунҳо ва тақвияти нақши онҳо таклифҳо таҳия намоянд.

**II. Супоришҳо (кор дар зергурӯҳҳои хурд)**

**Зергурӯҳи 1. Асосҳои динӣ ва фарҳангии муносибатҳои бибиотунҳо**
Таҳлил кунед, ки чи тавр бибиотунҳо принсипҳои исломӣ (ақида, сабр, сӯҳбат) ва анъанаҳои қирғизиро барои дастгирии арӯс ва кайнене истифода мебаранд. Ҷанбаҳои барҷастаи муносибатҳои онҳоро муайян намуда, пешниҳод кунед, ки чи гуна заминаи дунявии фарҳангии онро мустаҳкам кардан мумкин аст.

**Зергурӯҳи 2.** Консепсияи сабира (сабр)-ро дар мубоҳисаи бибиотун арзёбӣ намоед. Муайян кунед, ки он чи гуна ба ҳаллу фасли низоъҳои байни арӯс ва кайнене, махсусан, дар заминаи интизориҳои гендерӣ ва ҳуқуқи занон кумак мерасонад ё монеа эҷод мекунад. Роҳҳои мувозинати сабр бо ҳимояи фаъоли ҳуқуқи арӯсро пешниҳод кунед.

**Зергурӯҳи 3. Васеъ намудани дастрасӣ ва таъсири ҷомеа. Ҳамгироии муносибатҳои дунявӣ.**

Имкони интишор додани муносибатҳои дунявӣ (дастгирии равонӣ, тренингҳо барои омӯзиши муоширaт, ҳифзи ҳуқуқи занон)-ро дар ҳаллу фасли ҳолатҳои муноқиша таҳлил намоед. Барои баланд бардоштани самаранокии онҳо ва дастрас кардани шунавандагони дунявӣ тадбирҳои мушаххас пешниҳод кунед.

Барномаи мизи мудаввар ва тавсияҳои амалиро барои мақомоти маҳаллӣ (масалан, кумитаи кӯча, додгоҳии ақсақолҳо, парлумони муассисаи таълимӣ, шӯрои донишҷӯён ва ғайра)-ро дар бораи ҳамгироии муносибатҳои дунявӣ ба ҳаллу фасли вазъиятҳои низоии байни арӯс ва кайнене коркард намоед.

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**

- Ҳар як гурӯҳ дар бораи навсозии кори бибиотунҳо ва беҳбуди равобити арӯсу кайнене пешниҳодҳои мушаххасро манзур мекунанд.
- Иштирокдорон фаҳмиши ҷанбаҳои динӣ, фарҳангӣ ва гендерии мушкилотро нишон медиҳанд.
- Пешниҳодҳои ниҳоӣ тадбирҳои воқеӣ, аз қабили ҳамгироии равишҳои дунявӣ, бозсозии сабир (сабр) ва васеъ кардани дастрасӣ ба маърузаҳоро дар бар мегиранд.
- Қарорҳо принсипҳои таҳаммулпазирии байнифарҳангӣ ва мувозинати байни анъанаҳо ва ҳуқуқи занонро ба назар мегиранд.
- Мубоҳисаи гурӯҳӣ барои таҳияи тавсияҳо.

**III. Таъмини усули таҳқиқотӣ**

**Таҳлили навъи SWOT**: Арзёбии ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи фаъолияти ҷории бибиотунҳо.

**Нақшбозӣ:** Ба қолаб овардани роҳҳои ҳаллу фасли низоъҳои байни арӯс ва кайнене.

**Усули РАФТ** – стратегияи рушди тафаккури интиқодӣ барои навиштани матнҳои аслӣ мебошад. Ин усули педагогӣ имкон медиҳад, ки дар мавзуи интихобшуда матнҳои хаттӣ эҷод шаванд, ки аз ҷиҳати мавзуӣ хеле хуб мебошанд. Он қобилияти баррасии мавзуъро аз нуқтаи назари гуногун рушд медиҳад.

**Вазифаи омӯзгор барои таълими донишҷӯён:**

- нақшҳоро муайян ва интихоб намояд;
- аз номи персонажи худ гуфторҳои кӯтоҳ тартиб диҳад;
- барои шунавандагони мушаххас матнҳои хурд нависад;
- шакли матнии дилхоҳро интихоб намояд.

Ҳар як ҳарф дар номи технология маънои мушаххас дорад.

| R – Role (Нақш) | A – Audience (Шунавандагон) | F-Forma (Қолаб) | T-Topic (Мавзуъ) |
|---|---|---|---|
| Барои муайян кардани нақш, муайян кардан лозим аст, ки мавзуи додашударо ки фаро гирифта метавонад | Муайян карда шавад, ки матни додашуда барои ки пешбинӣ шудааст | Интихоби жанр, шакли нақли мавзуъ | Интихоби мавзуъ; таъриф; матн дар бораи чи хоҳад буд; дар он кадом ғояҳои асосӣ ошкор хоҳанд шуд |

## Рейна Артурова «Фаъолон – ҳирфаиён: роҳнамоӣ барои ҳувияти омехта»

Таҳлили мақолаи Рейна Артурова «Фаъолон – ҳирфаиён: роҳнамоӣ барои ҳувияти омехта» имкон медиҳад, ки якчанд ҷанбаҳои асосии нақши занони фаъол ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин, ҳамкории онҳо бо ниҳодҳои давлатӣ ва сарпарастҳои молиявии хориҷиро қайд кунем.

Дар мақола аҳамияти занони фаъол дар шароити шаклҳои падаршоҳии ҳокимият-дорӣ дар Осиёи Марказӣ, бахусус, дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон таъкид шудааст. Созмонҳои ғайриҳукуматии занон дар пешбурди ҳуқуқҳои занон ва баробарии гендерӣ нақши калидӣ мебозанд, вале онҳо барои ғайриҳукуматсозии созмонҳо ва ҳирфаку-нонии онҳо бо интиқод рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин метавонад қобилияти онҳоро дар амалӣ намудани тағйироти муҳими иҷтимоӣ коҳиш диҳад. Таҳлили нақши занон дар созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳамчун фаъолони ҳирфаӣ дар Осиёи Марказӣ, бахусус, дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон ҷанбаҳои мураккаб ва гуногуни фаъолияти онҳоро нишон медиҳад. Аз ибтидои солҳои 1990-ум, ҳангоме ки созмонҳои байналмилалӣ ба пешбур-ди фаъолонаи масъалаҳои гендерӣ шурӯъ намуданд, ҳирфагароии занони фаъол ба мушоҳида мерасад, ки ин боиси тағйири таваҷҷуҳ аз фаъолнокии оммавӣ ба ҷониби ниҳодгароии муносибатҳо гардид.

Артурова бар он мутаваҷҷеҳ аст, ки вобастагӣ аз маблағгузории сармоягузорони мо-лиявӣ боиси ғайрисиёсӣ гардидани фаъолият шуда метавонад. Созмонҳои ғайриҳуку-матии занон дар аксари ҳолатҳо маҷбур мешаванд, ки масъалаҳои сиёсишударо сар-фи назар намоянд, то ки ба талаботи сармоягузорон ҷавобгӯ бошанд, ки ин асолат ва самаранокии онҳоро зери шубҳа мегузорад. Он, инчунин, байни ниёзҳои воқеии ҷа-моатҳои маҳаллӣ ва талаботе, ки аз ҷониби созмонҳои ғайриҳукуматӣ пешбарӣ мегар-данд, ҷудоиро ба вуҷуд меорад.

Мақола назарияҳои пасомустамликавӣ ва феминистиро барои таҳлили фаъолгароии занон истифода бурда, зарурати ба назар гирифтани заминаҳои фарҳангӣ ва иҷтимои-ро таъкид мекунад. Артурова бар ин назар аст, ки занони фаъолгароро набояд ҳамчун як гурӯҳи яксон, балки ҳамчун афроди мухталифе баррасӣ кард, ки ҳувият ва стратеги-яи онҳо аз муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ вобаст аст.

Дар мақолаи Рейна Артурова аҳамияти дарки фаъъолияти занон дар Осиёи Марказӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрқабата таъкид шудааст. Вай ба таҳлили амиқтари шахсият ва воқеияти фаъолгароён ва, инчунин, дарки интиқодиии таъсири маблағгузо-рии сармоягузоронро ба кори онҳо даъват мекунад. Таҳқиқоти мазкур уфуқҳои навро барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи фаъолгароии гендерӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фазои пасошуравӣ мекушояд. Ҳамин тариқ, занони фаъолгаро дар созмонҳои ғайриҳу-куматии Осиёи Марказӣ, сарфи назар аз интиқод аз ҳирфаият ва вобастгӣ аз сармоя-гузорон, дар пешбурди барномаи гендерӣ нақши муҳим доранд. Қобилияти онҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва пайдо кардани тавозуни байни манфи-атҳои сармоягузорон, давлат ва ҷомеаҳои маҳаллӣ аз хусусияти чандирӣ ва устувории ҷомеаи шаҳрвандии занон дар шароити падаршоҳӣ ва таъқибот шаҳодат медиҳад. Дар ниҳояти кор, ҳирфагароӣ моҳияти фаъолияти шаҳрвандии онҳоро аз байн намебарад,

балки, баръакс, барои мутобиқшавӣ ва зинда мондан дар шароити мураккаби сиёсӣ имкониятҳои нав мекушоянд.

## I. КЕЙС: Хусусияти омехтагии ҳувияти занони фаъол дар Осиёи Марказӣ

**Саволҳои проблемавӣ:**

1. Дар робита ба ҳирфагароӣ ва фаъолият дар созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳувияти занони фаъолгаро чӣ гуна тағйир меёбад?
2. Кадом арзишҳо ва бартариятҳо дар фаъолияти онҳо бо ҳам бархӯрд доранд (талаботи маҳаллӣ, манфиатҳои сармоягузорон)?
3. Сармоягузорони хориҷӣ дар ташаккули талаботи рӯзмарраи созмонҳои ғайриҳукуматии занон чӣ гуна нақш доранд?
4. Созмонҳои ғайриҳукуматии ҳирфаии занон дар пешбурди ҳуқуқи занон дар муқоиса бо ташаббусҳои оммавӣ то чӣ андоза самаранокand?
5. Чӣ тавр устувории молиявии созмонҳои иҷтимоии занонро бо нигоҳ доштани мустақилияти онҳо бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои маҳаллӣ таъмин кардан мумкин аст?

**Вазъият**

Дар Осиёи Марказӣ занони фаъолгаро ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ сарфи назар аз анъанаҳои падаршоҳӣ, режимҳои худкома ва таъсири сармоягузорони беруна дар пешбурди ҳуқуқи занон нақши муҳим доранд. Аммо фаъолияти онҳо дар робита ба ғайриҳукуматгароии созмонҳои онҳо ва ҳирфаигароӣ мавриди интиқод қарор гирифтааст, ки ба гуфтаи мунаққидон, самаранокии тағйироти ҷомеаро коҳиш медиҳад. Дар байни зарурати ҷалби маблағ ва нигоҳ доштани «асолат»-и фаъолияте, ки ба ниёзҳои маҳаллӣ нигаронида шудааст, ихтилоф ба миён меояд.

## II. Супоришҳо (кор дар гурӯҳҳои хурд)

**Зергурӯҳи 1. «Зани фаъолгаро: ҳирфаӣ ё ҳаваскор?»**

Консепсияи «зани фаъолгаро-ҳирфаӣ»-ро таҳлил кунед ва далелҳои «тарафдор» ва «муқобил»-и ҳирфаигароии онҳоро муайян кунед.

Аз матн мисолҳое биёред, ки ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳирфаигароиро нишон медиҳанд.

**Зергурӯҳи 2.** «Давлат. Сармоягузорон: талаботи рӯзмарраро кӣ муқаррар менамояд?»

Таъсири давлат ва сармоягузорони хориҷиро ба фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматии занон дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон муқоиса кунед.

Муайян кунед, ки манфиати ки бартарӣ дорад ва он ба чи гуна оқибатҳо оварда мерасонад.

**Зергурӯҳи 3. «Кӯпрукҳои байни шаҳр ва деҳот»**

Масъалаи ҷудошавии созмонҳои ғайриҳукуматии занон аз ҷамоатҳои маҳаллӣ ва ниёзҳои оммавиро таҳқиқ кунед.

Стратегияҳоро барои таҳкими робитаҳои байни созмонҳои ғайриҳукуматии ҳирфаӣ ва занони сатҳи маҳаллӣ пешниҳод намоед.

**Зергурӯҳи 4.** «Ҳувияти омехта: чолиш ё захира?»
Консепсияи «ҳуввияти омехта»-и занони фаъолгароро ҳамчун маҷмуи мавқеҳои ҳирфаӣ ва шаҳрвандӣ баррасӣ намоед.
Арзёбӣ намоед, ки оё он монеа аст ва ё сарчашмаи расидан ба ҳадафҳои ҳаракати занон?

**Натиҷаҳои пешбинишаванда:**
- Ҳар як зергурӯҳ натиҷаҳои таҳлили худро дар шакли рӯнамоӣ ё муҳокима пешниҳод мекунад.
- Гурӯҳ дар нисбати душвориҳо ва зиддиятҳои фаъолияти занони фаъоли Осиёи Марказӣ ба фаҳмиши умумӣ мерасанд.
- Тавсияҳо дар бораи беҳтар гардонидани фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматии занон бо дарназардошти шароит ва манфиатҳои тарафҳои гуногун таҳия мегарданд.

**III. Таъмини усулҳои таҳқиқот (интихоб аз ҷониби омӯзгор)**

**Усули кейс-стади.** Таҳлили кейсҳои созмонҳои ғайриҳукуматӣ. Мисолҳои мушаххаси созмонҳои занони Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки дар мақола зикр шудааст, мавриди баррасӣ қарор дода шавад . Стратегияи кори онҳоро дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон муқоиса кунед.

**Бозии тиҷоратии «Сармоягузор ва фаъолгаро»**. Донишҷӯён музокиротро байни намояндагони як созмони байналмилалӣ ва як нафар фаъолгарои маҳаллӣ нақшбозӣ мекунанд:
- сармоягузор лоиҳаҳои «ғайрисёсӣ» талаб мекунад;
- фаъолгаро исрор мекунад, ки бо мавзуъҳои ҳассос (зӯроварӣ дар оила, ҳамҷинсгароён+ҳуқуқ) корбарӣ карда шавад.

**Мубоҳисаи «Ҳирфаигароӣ = ғайрисиёсишавӣ аст?»** Фишурдаи Артуроваро дар бораи он, ки вобастагӣ аз грантҳо ифроти фардгароиро коҳиш медиҳад, баррасӣ намоед. **Савол:** Оё ҳангоми кор бо сармоягузорон рӯзномаи кории сиёсиро нигоҳ доштан мумкин аст?

**Харитасозии ҳудуди фаъолият.**
Харитаи созмонҳои ғайриҳукуматии занонро дар Осиёи Марказӣ бо зикри нукоти зерин таҳия намоед:
- мавзуъҳои асосии фаъолияти онҳо;
- сарчашмаҳои маблағгузорӣ;
- дараҷаи муқовимат бо давлат.

Стратегияҳои умумиро барои зинда мондан дар шароити вазнин муайян намоед.

# Боби 5
# Иншои академикӣ

## Нақшаи машғулият

## Таҳияи рӯнамоиҳо аз рӯи услуби APA бо истифода аз PowerPoint (4 соат)

### Мавзуи машғулият

Ин дарс ба донишҷӯён тарзи таҳия намудани рӯнамоиҳои академикиро дар PowerPoint бо риояи талаботи услуби APA бо шумули қолабсозии дуруст, усулҳои иқтибосоварӣ ва дизайни ҳирфаии слайдҳо таълим медиҳад.

### Ҳадафҳои машғулият

Донишҷӯён бо талабот ба қолабсозӣ тибқи APA барои рӯнамоиҳо шинос мешаванд ва тарзи таҳияи самараноки слайдҳо, аз ҷумла слайдҳои унвондор, фаслҳо бо муҳтаво ва слайдҳо бо рӯйхати адабиётро меомӯзанд. Дарс ба рушди малакаҳои иқтибосоварӣ дар слайдҳо ва таҳияи рӯнамоиҳои дақиқкорона ва аз ҷиҳати илмӣ дуруст нигаронида шудааст.

### Мавод ва таҷҳизот

Маводи зарурӣ аз рӯнамоӣ бо услуби APA дар мавзуи «Нақшҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ», компютерҳо бо барномаи PowerPoint, проектор барои намоишҳо, дастурҳои табъу нашр барои қолабсозӣ аз рӯи APA, захираҳои онлайнии иқтибосҳо ва тахтаи синф барои намоиш иборатанд.

### Натиҷаҳои таълим

Пас аз ба итмом расидани дарс, донишҷӯён метавонанд слайдҳои унвониро мувофиқи услуби APA қолабсозӣ кунанд, слайдҳоро бо сарлавҳаҳо ва унсурҳои аёнии мувофиқ таҳия созанд, иқтибосҳои дохилии матниро дуруст истифода баранд, слайдҳои дақиқро бо рӯйхати адабиёт омода созанд, қолабсозӣ аз рӯи талаботи ягонаро пайваста нигоҳ доранд ва аз хатогиҳои маъмули рӯнамоӣ канорагирӣ кунанд.

### Усулҳои баҳодиҳӣ

Пешравии донишҷӯён тавассути мушоҳидаи ҷаласаҳои таҷрибавӣ, баррасии шаклҳои аввалии слайдҳо тибқи услуби APA, фикру мулоҳизаҳои ҳамкорон дар давоми рӯнамоиҳо, пешниҳоди рӯнамоиҳои анҷомёфта ва матнҳои кӯтоҳ аз рӯи дастурҳои қолабсозии APA арзёбӣ карда мешаванд.

### Нақшаи дарс:

- Муқаддима (10 дақ): Муҳокимаи таҷрибаҳои қаблии донишҷӯён бо PowerPoint ва услуби APA, бо таъкид ба эътимоднокии академикӣ.
- Намоиш (20 дақ): Баррасии қадам ба қадами намунаи рӯнамоӣ бо шарҳу эзоҳи ҳадафи ҳар як слайд ва унсурҳои APA.

- Шарҳи қоидаҳои APA (15 дақ): Баррасии талаботи калидӣ бо истифодаи шаклҳои ҳуруфҳо, тарҳрезӣ, иқтибосҳо ва унсурҳои аёнӣ.
- Фаъолияти амалӣ (30 дақиқа): Таҳияи слайдҳои намунавӣ тахти роҳбарии омӯзгор бо фикру мулоҳизаҳои инфиродии ҳамкорон.
- Хулоса (10 дақ): Такрори қоидаҳои асосӣ ва эълони дарси навбатӣ дар бораи рӯнамоиҳои шифоҳӣ.
- Шарҳи вазифаи хонагӣ (5 дақ).



**Худсанҷӣ**

Омӯзгор сатҳи ҷалби донишҷӯёнро арзёбӣ мекунад, мушкилоти маъмулии қолабсозӣ ва иқтибосовариро муайян, самаранокии усулҳои таълимро арзёбӣ мекунад ва зарурати машғулиятҳои иловагӣ ё маводи ёрирасонро барои дарсҳои оянда муайян менамояд.

**Донишҳои пешакӣ**

Донишҷӯён бояд малакаҳои асосии истифодаи PowerPoint, тасаввурот дар бораи услуби APA аз супоришҳои хаттӣ дошта, принсипҳои фазилати академикӣ дар мавриди иқтибосоварии дуруст дарк карда бошанд.

**Тақсими вақт:**

- муқаддима: 10 дақиқа;
- намоиш: 20 дақиқа;
- шарҳи қоидаҳои АПА: 15 дақиқа;
- амалия: 30 дақиқа;
- хулоса: 10 дақиқа;
- шарҳу эзоҳи вазифа: 5 дақиқа.

**Ташкили дарс**

Таълим аз маърузаҳо барои ҳамаи синф бо намоишҳо; бо кори инфиродӣ ё ҷуфтӣ барои таҳияи слайдҳо; бо мубоҳисаҳои гурӯҳӣ барои фикру мулоҳизаҳо дар бораи он; бо машғулияти амалӣ бо роҳбарии омӯзгор мегузарад.

**Супориш**

Донишҷӯён рӯнамоии мукаммалро дар услуби APA аз рӯи мавзуи дарс, масалан «Занон дар Осиёи Марказӣ» бо шумули ҳамаи слайдҳои зарурӣ бо қолабсозии дуруст, иқтибосҳо ва рӯйхати адабиёт таҳия мекунанд. Рӯнамоиҳои омодашуда бояд барои баҳогузорӣ пешниҳод ва барои намоиши шифоҳӣ дар синф омода карда шаванд.

**Машқҳои амалӣ ва вазифаи хонагӣ**

1. **Слайди аввал (унвонӣ, сарлавҳагӣ)**
   - Сарлавҳа: «Нақшҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ: занони туркман ва қазоқ»
   - Донишҷӯ: Ном ва насаб
   - Дарс: Занони Осиёи Марказӣ
   - Омӯзгор: Ному насаб
   - Таърихи баргузоршавӣ: Рӯз, моҳ, сол

2. **Слайд. Муқаддима**
   - Манбаи ибтидоии баҳс: «72% занони қазоқ дар шаҳрҳо дар муқобили маросими гӯшанишинии арӯсҳои туркман (Tleuken, 2023; Clement, 2018) худро ноамн ҳис мекунанд»
   - Фишурда: Занони қазоқ барои ноил шудан ба мустақилият аз таҳсилот ва шаҳргароӣ истифода мебаранд; занони туркман ба низомҳои анъанавӣ пайваста боқӣ мемонад.
   - Нақша: Низомҳои иқтисодӣ → Соҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ → Стратегияҳои муқовимат.

3. **Слайди «Методология»**
   - Равиш: Муқоиса аз рӯи бандҳои масъала (низомҳои иқтисодӣ → туркманӣ ва қазоқӣ).
   - Асоснок намудан: Барои фаҳмиши беҳтари шунавандагон гуногуншаклии масъаларо равшан нишон додан зарур аст.

4. **Низомҳои иқтисодӣ ва арзиши занон**
   - Туркманистон: Қалин (маҳр барои арӯс) занонро ба манбаи тиҷорат табдил медиҳад (пардохтҳои зиёда аз $3000) (Clement, 2018).
   - Қазоқистон: Маориф ҳамчун «қалини муосир» (Aguzzi, 2022); шумораи донишҷӯён аз соли 1991 инҷониб се маротиба афзоиш ёфтааст (World Bank, 2021).
   - Намоиши аёнӣ: Гистограммаи муқоисаи қалин барои арӯс ва дохилшавӣ ба донишгоҳ.

5. **Соҳаҳои иҷтимоӣ ва хусусӣ**
   - Туркманистон: Маросимҳои яшмак нақшҳои хонаводагиро тақвият мебахшанд (Clement, 2018).
   - Қазоқистон: Фаъолгароии феминистӣ (масалан, фазои бехатар, «Мизи 99») шаҳрҳоро барои занон ҷо медиҳад (Tleuken, 2023).
   - Намоиши аёнӣ: Диаграммаи Венн – дастрасӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва хусусӣ.

6. **Муқовимат ва мутобиқшавӣ**
   - Туркманистон: гуфтушунидҳои хусусӣ (масалан, ба таъхир андохтани таваллуди кӯдак) (Clement, 2018).
   - Қазоқистон: маъракаҳои иҷтимоӣ (масалан, Stopharass.kz) (Tleuken, 2023).
   - Намоиши аёнӣ: Аксҳои паҳлӯ ба паҳлӯ гузоштаи арӯси туркман ва маъракаи эътирозии қазоқҳо.

7. **Слайди «Хулоса»**
   - Ҷамъбаст: занони қазоқ ба меъёрҳо муқобилият нишон медиҳанд; занони туркман дар низомҳои сахт мутобиқатҷӯӣ мекунанд.
   - Оқибатҳо: заруратҳои сиёсат – ҳифзи ниҳодӣ (Қазоқистон) ба муқобили ислоҳоти иқтисодӣ (Туркманистон).

8. **Слайди «Иқтибосҳо»**
   - Қолаби APA: Аз рӯи тартиби алифбо, фосилагузорӣ, шрифти Times New Roman, 12 pt.
   - Aguzzi, T. (2022). Дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи арӯси Осиёи Марказӣ [Фотоэссе].

- Clement, V. (2018). Хусусияти занона дар маросимҳои арӯсии туркманӣ. *Занони Осиёи Марказӣ*.
- Tleuken, A. (2023). Феминизми шаҳрӣ дар Қазоқистон. Маҷаллаи таҳқиқотии Осиёи Марказӣ, 12(2), 45-60.
- World Bank. Омори маориф дар Осиёи Марказӣ. [Сарчашмаи электронӣ] https://data.worldbank.org



| Рақами слайд | Тавсифи муҳтаво |
|---|---|
| 1 | Слайди унвонӣ (қолаби APA бо ҳамаи унсурҳои ҳатмӣ) |
| 2 | Муқаддима (манбаи аввалии баҳс, фишурда, нақша) |
| 3 | Методология (шарҳи равишҳои таҳқиқ аз рӯи бандҳои он) |
| 4 | Низомҳои иқтисодӣ ва арзиши занон (муқоиса) |
| 5 | Соҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ (муқоиса) |
| 6 | Муқовимат ва мутобиқшавӣ (муқоиса) |
| 7 | Хулоса (натиҷаҳо ва оқибатҳо) |
| 8 | Иқтибосҳо (қолаби APA, аз рӯи алифбо) |

# Қисми V

# Қолаби мубоҳисаҳои байни тарафҳо

# Занон ва ҳуқуқ: фаъолгарой ва феминизм (4 соат – 2 машғулият)

**Тавзеҳот**

*Бо дарназардошти он, ки бо ин фаъолият машғулиятҳо ба анҷом мерасанд, муҳим аст, ки донишҷӯён қарордодҳои худро барои баррасии умум пешакӣ омода созанд. Дар ин ҳолат омӯзгор метавонад ба донишҷӯён супориш диҳад, ки ҳар ҳафта пешакӣ як қарордод омода кунанд. Дар машғулиятҳо ҳангоми интихоб қарордодҳои дар зер пешниҳодшударо ба кор набаранд ва танҳо қотеан ба пешниҳоди донишҷӯён асос ёбанд. Ин корро қаблан ҳам ба ҷо овардан мумкин аст, ба шарте ки, агар донишҷӯён омода бошанд ва агар омӯзгор тасмим гирад, ки он зарур аст.*

Дар асоси таҳлили мундариҷаи матнҳои қисми 5, қарордодҳои зеринро барои донишҷӯён пешниҳод кардан мумкин аст:

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки зӯроварӣ нисбат ба занон бештар дар ҷойҳои зерин рух медиҳад:**
- дар муҳити шаҳрӣ (иҷтимоӣ);
- дар маҳаллаҳои ҷамъиятии деҳот;
- дар оила.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба хушунати гендерӣ ё беадолатии гендерӣ тадбирҳои зерин заруранд:**
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа;

- тағйир додани қонунҳои давлатӣ, ки ба таҳаммули ниҳоӣ нисбат ба зӯроварии гендерӣ ва беадолатӣ алайҳи занон ва духтарон нигаронида шудаанд;
- корбурд бо сарварони динӣ ва ҷамоатҳо барои рафъи сабабҳои зӯроварӣ ва беадолатӣ дар ҷомеа бар асоси гендерӣ.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки ҳаллу фасли масъалаҳои гендерӣ пеш аз ҳама ба нақши ниҳодҳои зерин вобаста аст:**

- ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- ниҳодҳои давлатӣ;
- фардият ва иродаи зан.

**Гурӯҳи мо боварӣ дорад, ки фаъолгароёни гендерӣ ва экологӣ, асосан, дар соҳаҳои зерин кор мекунанд:**

- соҳаи шаҳрвандӣ;
- соҳаи давлатӣ;
- созмонҳои байналмилалӣ.

**Гурӯҳи мо бар ин назар аст, ки беҳтарин муносибат ба тахрибсозии мустамликагароии доираи гендерӣ дар Осиёи Марказии муосир бо нукоти зерин иртибот дорад:**

- эҳёи қиссаҳо ва навиштаҳо аз давраҳои таърихӣ (усули таҳлилии равонӣ);
- пазируфтани таърих ба он шакле, ки вуҷуд дорад;
- эҷод намудани нарративҳои нав ва саргузаштҳо бо мақсади рафъи гузаштаи мустамликавии мубоҳиса.

**Гурӯҳи мо чунин мешуморад, ки муносибати мутаносиби арӯс ва хушдоман бояд дар асоси нукоти зерин сурат гирад:**

- риояи анъанаҳои хонаводагии мизбон;
- худтарбиякунии арӯс;
- дар асоси динӣ.

## Гузаронидани мусобиқаи ҚМТ аз ҷониби худи донишҷӯён (2 соат)

***Тавзеҳот***

*Донишҷӯён бояд пешакӣ барои ҳамаи қисматҳои антология қарордодашонро омода кунанд, вале танҳо ба яке аз онҳо мутаваҷҷеҳ бошанд, ки онро иштирокдорон тавассути овоздиҳии умумӣ интихоб мекунанд. Дар рафти мусобиқа худи донишҷӯён доварон ва қарордодро интихоб намуда, тамоми масъалаҳои заруриро барои омода намудани мубоҳиса ба иҷро мерасонанд. Ба мақсад мувофиқ аст, агар қарордоде интихоб шавад, ки барои тамоми антология умумӣ бошад ва дар он мубоҳисакунандагон ба ҳамаи маводи таълимии «Занони Осиёи Марказӣ» такя карда тавонанд. Хуб мешуд, агар тамоми мусобиқаи мубоҳисавӣ ба навор гирифта шавад ва бо ризоияти ҳамаи ширкаткунандагон онро дар сомонаи донишгоҳ ё саҳифаи шахсии донишҷӯ нашр кардан мумкин аст. Онро, инчунин дар канали YouTube пурра ё қисман ҷойгир кардан мумкин аст.*

**Андозагирӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии ҚМТ аз ҷониби донишҷӯён**

Пас аз анҷоми ҳар як машғулият донишҷӯён бояд саволномаи муқаррариро барои арзёбии он аз рӯи якчанд нишондиҳандаи калидӣ пур кунанд. Он на танҳо барои омӯзгорон, балки барои худи донишҷӯён низ муҳим аст. Саволнома, инчунин, дар шакли онлайн ҳам пешкаш шуда метавонад.



Муҳокима дар атрофи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки дар дарси «Занони Осиёи Марказӣ» фаро гирифта шудаанд, мавзуи баҳс дар платформаи онлайнии Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғохон шуда метавонад ва дар он донишҷӯён ва омӯзгорон метавонанд шарҳҳои худро дар бораи тамоми ҷузъҳои мавзуи баҳс, аз ҷумла ҚМТ гузоранд.

# ЗАММИМА



## Намунаҳои силлабус барои бобҳои 2, 3 ва 4 бо салоҳдиди омӯзгорон

▼

## Силлабус

## БОБИ II

## ЗАНОН ВА СИМОИ ОНҲО ДАР ФАРҲАНГ ВА ҲУНАРҲОИ ЗЕБО

### Басти 1. ФОЛКЛОР (4 соат – 2 синф)

**Мавзуъ**

«Архетипи гендерӣ ва нақши иҷтимоии занон дар эҷодиёти шифоҳии халқии Осиёи Марказӣ»

**Саволҳои калидӣ:**

1. Фолклор қолабҳои падаршоҳӣ ва баробарҳуқуқии занонро чӣ гуна инъикос менамояд?
2. Симои зан дар достонҳои қаҳрамонӣ, зарбулмасалҳо ва матнҳои маросимӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
3. Тафсирҳои муосири фолклор ба баробарии гендерӣ чӣ гуна мусоидат карда метавонанд?

**Мавод:**

1. **Элмира Кочумкулова** «Таҳлили зарбулмасалҳои қирғизӣ дар бораи зан».
2. **Айтпаева Гулнора** «Низои гендерӣ дар достони «Жанил Мирза».
3. **Курбонхонова Нуриҷаҳон** «Симои қаҳрамонона ва хирадмандонаи занона дар фолклори тоҷик».
4. **Абдулҳамидова Парвина** «Таҳаввули нақшҳои занона дар лексикаи шуғнонӣ».

**Шаклҳои кор:**

**Кейс-стади (таҳлили зарбулмасал, достонҳои қаҳрамонӣ).**

- **Ҷадвалҳои муқоисавӣ** (симои анъанавӣ ва муосир).
- **Мубоҳисаҳои ахлоқӣ** (масалан, муҳокимаи маҳрумиятҳо барои духтарон дар зарбулмасалҳо).

**Супоришҳои ҷамъбастӣ:**
- Рӯнамоӣ: «Фолклор қолабҳои гендериро чӣ гуна ташаккул медиҳад?».
- Эссе: «Зан дар фолклор: ҷабрдида ё қаҳрамон?

**БАСТИ 2. КИНО (4 соат – 2 машғулият)**



**Мавзуъ**
«Намоиши занон дар кинематографияи Осиёи Марказӣ: аз ормонҳои шуравӣ то мушкилоти замони ҳозира».

**Саволҳои асосӣ:**
1. Дар синамои тоҷику ӯзбек симои зан чӣ гуна тағйир ёфтааст?
2. Оё киноматограф ба қолабҳои маъмулии гендерӣ таъсир мерасонад?
3. Занони коргардон (масалан, Маргарита Қосимова) монеаҳоро чӣ гуна бартараф мекарданд?

**Мавод:**
1. **Усмонова Зулайҳо** «Симои зан дар кинои тоҷик».
2. **Хан Олга** «Сӯҳбати модарон дар кинои ӯзбек».
3. **Тилло Неккадам** «Эҷодиёти аввалин коргардонзани Тоҷикистон».

**Шаклҳои корбарӣ:**
- **Таҳлили филмҳо** («Зумрад», «Бори масъулият»).
- **Нақшбозӣ** (масалан, «Гурӯҳи наворбардор: чӣ тавр дар бораи қаҳрамонзани қавиирода филм бардоштан мумкин аст?»).
- **Эҷод намудани тарҳи филм** – лоиҳаи филми кӯтоҳмуддат дар бораи зани муосир.

**Супоришҳои ҷамъбастӣ:**
- Рӯнамоӣ: «Занон дар синамои Осиёи Марказӣ: пешрафт ё қафомонӣ?».
- Видеоэссе: «Ман қаҳрамони ормонии кинои миллиро чӣ гуна мебинам?»

**БАСТИ 3. МУСИҚӢ (4 соат – 2 машғулият)**

**Мавзуъ:**
«Овози зан: аз расму ойинҳои анъанавӣ то саҳна».

**Саволҳои асосӣ:**
1. Чӣ тавр занон мусиқиро барои ибрози худбаёнӣ ва муқовимат истифода мебаранд?
2. Чаро дуторро асбоби мусиқии «занона» мешуморанд?
3. Сурудҳо чӣ гуна ба санадҳои таърихӣ табдил меёбанд?

**Мавод:**
1. **Саида Даукеева** «Навҳаҳои маросими дафни қазоққҳои Муғулистон».
2. **Таня Мерчант «Дутор ҳамчун рамзи ҳувияти занона».**
3. **Баҳринисо Қобилова, Руҳаё Каримова** «Сурудҳои занони тоҷик ҳамчун таърихи шифоҳӣ».

**Шаклҳои кор:**
- **Таҳлили матнҳои сурудҳо** (мавзуъҳо: ишқ, талафот, эътироз).
- **Дарси намунавӣ** дар бораи навохтани дутор (ё тасвири рамзии он).
- **Таҳияи рӯйхати иҷрокунандагони** «Садои занони Осиёи Марказӣ».

**Супоришҳои ҷамъбастӣ:**

- Маърӯза: «Мусиқӣ ҳамчун асбоби эмансипатсияи занон».
- Лоиҳаи эҷодӣ: сабти подкаст дар бораи қаҳрамони фарҳанги мусиқӣ (масалан, Тамара Хонум).

### БАСТИ 4. ГЕНДЕР (4 соат – 2 машғулият)



**Мавзуъ**

«Занони сарвар: байни анъана ва навсозӣ».

**Саволҳои асосӣ:**

1. Чӣ гуна шахсиятҳои таърихӣ (Курманжан Датка, Бопай Хонум) ба ҳуқуқи занон таъсир расониданд?
2. Дар эпоси «Манас» кадом архетипҳои занона бартарӣ доранд?
3. Соҳибкории занон чӣ гуна меъёрҳои гендериро тағйир медиҳад?

**Мавод:**

1. **Дина Ҷунсқалиева** «Курманжан Датка ва Бопай Хонум».
2. **Калия Кулалиева** «Симои зан дар Манас».
3. **Ева Леннартс** – «Занон дар саноати эҷодкории Қазоқистон».

**Шаклҳои корбарӣ:**

- **Мубоҳиса:** Оё Курманжан Датка аз қатли писараш даст кашида метавонист?
- **Таҳлили муқоисавии** қаҳрамонзанони ҳамосавӣ ва сарварони муосир.
- **Кейси тиҷоратӣ**: Таҳияи лоиҳа барои дастгирии занони соҳибкор.

**Супоришҳои ниҳоӣ:**

- Рӯнамоӣ: «Дарсҳо дар бораи сарварии занон аз таърих».
- Эссе: «Барои занони Осиёи Марказӣ имрӯзҳо кадом хислатҳои сарварӣ заруранд?»

**Методология**

- **Равиши таҳқиқоти байнифаннӣ**: омезиши антропология, фарҳангшиносӣ ва гендершиносӣ.
- **Усулҳои интерактивӣ**: кейсҳо, мубоҳисаҳо, аёният (харитаҳои зеҳнӣ, диаграммаҳои Венн).
- **Бозиҳои ахлоқӣ:** найрангҳо дар нақшбозӣ (масалан, «Шурои куҳансолон сарнавишти сарварзанонро ҳаллу фасл мекунад»).

**Меъёрҳои арзёбӣ**

- Иштирок дар мубоҳисаҳо (20%).
- Корҳои таҳлилӣ (эссе, ҷадвалҳо – 30%).
- Лоиҳаҳои эҷодӣ (рӯнамоиҳо, видеоҳо – 30%).
- Санҷиши ниҳоӣ (20%).

**Ҳадафи боб**: Нишон дода шавад, ки фарҳанг ва ҳунарҳои зебо дар Осиёи Марказӣ чи гуна нақшҳои гендериро ташаккул, интиқод ё тағйир медиҳанд.

***Тавзеҳ:***

*Силлабус метавонад ба завқи шунавандагон (донишҷӯён, муҳаққиқон, фаъолон) бо таваҷҷуҳ ба ҷузъи назариявӣ ё амалии он мутобиқ карда шавад.*

# Силлабус

## БОБИ III

## Занон ва фаъолияти иқтисодӣ



**БАСТИ 1. Мавқеъ ва нақши занони Осиёи Марказӣ дар фаъолияти иқтисодӣ (4 соат – 2 машғулият)**

**Матнҳо**

**Кейс-стади**: Натан Лайт. Ҷаҳонишавии маркетинги шабакавӣ: занон дар Қирғизистон мутахассиси маркетинги шабакавӣ мегарданд.

**Матнҳои асосӣ:**

1. **Адамбусинова З.** «Аз зани савдогар то бонуи соҳибкор: Тасвири тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон дар моношаҳрҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ».
2. **Колесова Е.** «Дар ҷустуҷӯи хеш: соҳибкорзан дар саноати эҷодкории Қирғизистон».

**Машғулияти 1. Аз зани савдогар то бонуи соҳибкор**

**Матни Адамбусинова З.**

**Ҳадафҳои машғулият:**

- Мушоҳидаи таҳаввулоти мақоми зан аз коргари шуравӣ то соҳибкор.
- Баррасии стратегияҳои зинда мондани занон дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ.
- Таҳлили консепсияи тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон (ТҲИЗ).

**Саволҳои асосӣ:**

- Барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба фаъолияти иқтисодии занон дар моно-шаҳрҳо чӣ гуна таъсир расонд?
- Барои мутобиқ шудан ба шароити нави иқтисодӣ занон кадом стратегияҳоро истифода мебурданд?
- Чӣ тавр тиҷорат бо қарзгирӣ ҳамчун намунаи тиҷорат барои занон табдил ёфт?
- Ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва равонии ТҲИЗ дар чӣ ифода меёбанд?

**Усулҳои корбарӣ:**

- Муҳокимаи гурӯҳии ғояҳои консептуалии матн.
- Таҳлили муқоисавии маркетинги тиҷоратӣ ва шабакавӣ.
- Корбарӣ бо кейс-стадии Натан Лайт.

**Нақшаи машғулият:**

**Муқаддима (10 дақиқа.) – Гузориши масъала.**

1. **Таҳлили матн** (30 дақиқа.) – Кор дар гурӯҳҳо аз рӯи фаслҳои зерин:
   - Моношаҳрҳо ва бӯҳрони иқтисодӣ.
   - Савдо бо қарзгирӣ ҳамчун намунаи тиҷорат.
   - Консепсияи ТҲИЗ (қудрат, захираҳо, дастовардҳо).
2. **Муқоиса бо кейс-стади** (20 дақиқа) – Фарқи байни тиҷорат ва маркетинги шабакавӣ дар чист?

3. **Хулоса** (10 дақиқа.) – Ҷавоб ба саволи асосӣ: «Чӣ тавр занҳо ба бонуи соҳибкор табдил ёфтанд?».

**Машғулияти 2. Занон дар саноати эҷодкорӣ**

**Матни Э. Колесова**

**Ҳадафҳои машғулият:**

1. Омӯзиши нақши занон дар ҳунарҳои мардумӣ (ширдак).
2. Таҳлил карда шавад, ки фазои созанда ба истиқлолияти иқтисодӣ чӣ гуна мусоидат мекунад.
3. Баррасии қолабҳои маъмулии гендерӣ дар соҳибкорӣ.

**Саволҳои асосӣ:**

1. Чаро ширдак рамзи фаъолнокии иқтисодии занон гардид?
2. Чӣ тавр занон монеаҳои падаршоҳиро дар тиҷорат паси сар мекунанд?
3. Фарқи байни соҳибкории мард ва зан дар чӣ аст?
4. Шабакаҳои иҷтимоӣ ва созмонҳои байналмилалӣ (ЮНЕСКО) дар рушди тиҷорати занон чӣ нақш доранд?

**Усули корбарӣ:**

- Таҳлили таърихи шифоҳии занони ҳунарманд.
- Муқоиса бо кейси маркетинги шабакавӣ.
- Мубоҳисаҳо дар бораи нақшҳои гендерӣ дар тиҷорат.

**Нақшаи машғулият:**

1. **Муқаддима** (10 дақиқа.) – Саноати созанда ҳамчун роҳи озодии занон.
2. **Таҳлили матн** (40 дақиқа.) – Корбариҳо дар гурӯҳҳо:
   - Ширдак: арзиши иқтисодӣ ва рамзӣ.
   - Сармояи иҷтимоӣ ва инсонии занон.
   - Қолабҳои маъмулии гендерӣ дар соҳибкорӣ.
3. **Муқоиса бо кейс-стади** (20 дақиқа) – Чаро баъзеҳо ҳунармандӣ ва баъзеи дигарашон маркетинги шабакавиро интихоб мекунанд?
4. **Хулоса** (10 дақиқа.) – Ҷавоб ба саволи асосӣ: «Чӣ гуна занон фазои эҷодии худро созмон медиҳанд?»

**БАСТИ 2. Муборизаи занон барои баробарии иқтисодӣ (4 соат – 2 машғулият) Матнҳо:**

1. **Нурдинова Ш.** «Мардикорбозор дар Истанбул ҳамчун чеҳраи ноаёни муҳоҷирони ӯзбек».
2. **Мидинова Б.** «Ҷамъоварандаи пахта ва барги тамоку».

**Идомаи силлабус барои Басти 2-ро низ ҳамин тавр таҳия кардан мумкин аст.**

**Баҳогузорӣ:**

- Иштирок дар муҳокимаҳо (30%).
- Рӯнамоии таҳлили гурӯҳии матн (30%).
- Эссе дар мавзуи: «Фаъолияти иқтисодӣ нақшҳои гендериро дар Осиёи Марказӣ чӣ гуна тағйир медиҳад?» (40%).

**Маводи иловагии тавсияшаванда:**

- Филмҳои мустанад дар бораи соҳибкории занони Осиёи Марказӣ.
- Мақолаҳо дар бораи қарзҳои хурд ва таъсири он ба шуғли занон.

Ин силлабус ба соатҳои мушаххаси синф ва афзалиятҳои омӯзгор мутобиқ шуда метавонад.



## Силлабус

## Боби IV

## Нақши занон дар шароити хонаводагӣ ва динӣ

**Муқаддима**

Қисми чоруми антология ба таҳлили нақши зан дар оила ва сохторҳои динии Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар он таҷрибаҳои анъанавӣ ва муосир, таъсири ислом ва мероси шуравӣ, инчунин, қудрати занон дар заминаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегарданд.

**БАСТИ 1. Ойинҳои тӯёна ва динӣ**

**Мавзуъ:**
«Заминаҳои динӣ дар анъанаҳои муосири тӯёнаи Осиёи Марказӣ» (4 соат ё 2 машғулият)

**Матнҳои асосӣ:**

1. **Виктория Клемент** «Хусусиятҳои занона дар маросимҳои тӯёна ва арзишҳои хонаводагии туркманӣ»:
   - Таҳлили рамзи маросимҳои тӯёна, робита бо ислом ва ҳаёти кӯчигароӣ.
   - Нақши занон дар ҳифзи анъанаҳо (масалан, садақаи тӯёна – маросими қурбонии пеш аз тӯйӣ ).
2. **Утебаев Мадияр** «Одоби анъанавии арӯси қарақалпоқӣ»:
   - Таҷрибаи худдорӣ намудан, ӯҳдадориҳои арӯс дар оилаи анъанавӣ.
   - Одоби тобеият ва шаклҳои «муқовимати муътадил».
3. **Чолпон Турдалиева**, «Тӯйи қирғизҳо тавассути ҷанбаҳои гендерӣ»:
   - Таҳаввулоти ҷашнҳои тӯёна (той) дар заминаи шаҳргароӣ.
   - Нақшҳои гендерӣ дар маросимҳо (масалан, ҷудо кардани фазоҳои марду зан).

**Супоришҳо:**

- **Таҳлили муқоисавӣ**. Маросими тӯёнаи Туркманистон, Қароқалпоқистон ва Қирғизистонро муқоиса кунед. Унсурҳои умумии исломӣ ва фарқиятҳои маҳаллиро муайян кунед.
- **Бозии ахлоқии «Гуногунрангии анъанаҳо».** Иштирокдорон баҳс мекунанд, ки меъёрҳои динӣ ба нақшҳои гендерӣ дар тӯйҳо чӣ гуна таъсир мерасонанд.

**БАСТИ 2. Занон дар ҷомеаи муосир**

**Мавзуъ**: «Қудрати занон дар иқтисод, оила ва дин» (4 соат ё 2 машғулият)

**Матнҳои асосӣ:**

1. **Раъно Тӯраева** «Зан ҳамчун қудрати тағйирот»:
   - Таҳаввулоти пасошуравӣ: соҳибкории зан, муҳоҷират, таҷдиди назари нақшҳои гендерӣ.
   - Кейс-стади: саргузашти занони соҳибкор (масалан, Мерал аз Туркманистон).
2. **Аксана Исмоилбекова** «Зан, хешутаборӣ, ислом ва моликият»:
   - Ҳуқуқи зан ба мерос (*маҳр*), таъсири меъёрҳои исломӣ ба муносибатҳои моликиятдорӣ.
   - Издивоҷ ҳамчун стратегияи наҷот пас аз низоъҳо (мисоли низои Ӯш дар соли 2010).
3. **Томмасо Агуззӣ** – Фотоэссе дар бораи арӯсҳо:
   - Таҳлили аёнии ҳаёти ҳаррӯзаи занон дар оилаҳои анъанавӣ.

**Супоришҳо:**

- **Муҳокимаи гурӯҳӣ**: «Оё диндорӣ зарфият аст ва ё маҳдудият барои занон?»
- **Таҳлили кейсҳо**: Донишҷӯён саргузаштҳои занонро аз матнҳо таҳлил карда, қобилияти онҳоро арзёбӣ мекунанд (масалан, тавассути фаъолияти иқтисодӣ ё амалияи динӣ).

**БАСТИ 3. Оила, маълумотнокӣ ва тағйироти иҷтимоӣ (4 соат ё 2 машғулият)**

**Мавзуъ**
«Таъсири таҳсилот ва муҳоҷират ба нақшҳои гендерӣ»

**Матнҳои асосӣ: 1.**

1. **Наҷиба Темиршоева** «Занҳои бо маълумоти олӣ ва таъсири онҳо ба оила»:
   - Нақши модарони соҳибмаълумот дар иҷтимоисозии фарзандон. Бархӯрди интизориҳои анъанавӣ ва дар амал татбиқшавии касбият.
2. **Фотима Шоҳзодамуҳаммадова** «Мушкилоти занони тоҷик: таҳаммул кардан ё ҷудошавӣ аз шавҳар?»:
   - Доғи иҷтимоии ҷудошавӣ аз шавҳар, монеаҳои иқтисодӣ. Кейс-бозии «Байни доғи номус ва озодӣ».
3. **Светлана Торно** «Зан, издивоҷ ва нигоҳубини фарзандон дар Тоҷикистон»:
   - Муносибатҳои байни наслҳо, нигоҳубини фарзандон дар шароити муҳоҷирати меҳнатии мардон.

**Супоришҳо:**

- Нақшбозии «Шӯрои хонаводагӣ»
- Иштирокдорон бо назардошти мавқеи хушдоман, шавҳар ва созмони ғайриҳукуматӣ мубоҳисаро дар бораи тасмимгирӣ барои ҷудошавӣ ё таҳсили арӯс қолабгузорӣ мекунанд.
- Эссе «Сиёсати эмансипастсияи шуравӣ (масалан, маъракаи Ҳуҷум) ба нақшҳои гендерии муосир чӣ гуна таъсир расондааст?»

**Тавсияҳои методӣ**

**Арзёбӣ:**

- иштирок дар муҳокимаҳо (30%);
- супоришҳои таҳлилӣ (40%);
- лоиҳаи ниҳоӣ (эссе ё рӯнамоӣ, 30%).



**Робитаҳои байнифаннӣ: Антропология, ҷомеашиносӣ, исломшиносӣ.**

- **Сарчашмаҳо**: бойгонии аксҳо, мусоҳибаҳо бо занони муҳоҷир, маълумот дар бораи соҳибкории занон.

**Хулоса:** Силлабус таҳлили назариявиро бо усулҳои интерактивӣ муттаҳид намуда, гуногунрангии таҷрибаи занонро дар минтақа нишон медиҳад. Ба ғайримустамликавӣ сохтани таҳқиқоти гендерӣ ва боздиди консепсияҳои ғарбӣ дода мешавад.

*Маводи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар доираи лоиҳаи «Пешбурди баробарии гендерӣ тавассути ҷомеаи шаҳрвандӣ» (AGECS), ки ҷузъи барномаи Фонди саломатӣ ва тавонмандӣ (F4HE) мебошад, бо ташаббуси Бунёди Оғохони Канада бо дастгирии молиявии Ҳукумати Канада омода шудааст.*

In **partnership** with Canada

ФОНД АГА ХАНА

ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
МАКТАБИ ОЛИИ РУШД

# ЗАНОН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ: НАҚШ, МАҚОМ, СИМО ВА ЧОЛИШҲО ДАР ҶАҲОНИ ТАҒЙИРЁБАНДА

## РОҲНАМО БАРОИ ОМӮЗГОРОН

*Муҳаррир Моҳира Сангмамадова*
*Тарроҳ Айгул Алдашева*

Барои чоп 09.03.2026 имзо шудааст. Формат: 60x84 1/16.
Коғази офсетӣ. Чопи рақамӣ.
Ҳарф: DT Helvetica Neue. Ҳаҷм: 13,0 варақ.

ISBN 978-601-382-317-1

9 786013 823171